ISSN 2790-7198

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ
ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО

НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ
СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ

NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN
INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS
OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№ 3 (15), 2023**

**Душанбе - 2023**

**Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо;
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир;
**Одинаев Нурмуҳаммад** – муҳаррири масъул;
**Ҳабибов Абдураҳмон** – котиби масъул.

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**Фарҳод Раҳимӣ** – академик, Президенти АМИТ;
**Муҳаммад Абдурраҳмон** – ноиби Президенти АМИТ;
**Акбар Турсон** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Шодимуҳаммад Суфизода** – доктори илмҳои филологӣ;
**Ҳабибулло Раҷабов** – доктори илмҳои филологӣ;
**Тоҷиддин Мардонӣ** – доктори илмҳои филологӣ;
**Санавбар Воҳидова** – доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо Искандаров** – доктори илмҳои таърих;
**Ниёз Мирзоев** – доктори илмҳои таърих;
**Шамсиддин Каримов** – доктори илмҳои сиёсӣ;
**Раҳмон Улмасов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҳисайн Исайнов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Баҳовиддин Ҷумъаев** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Фирдавс Муқаддасзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ғиёсиддин Қодиров -** номзади илмҳои филологӣ;
**Ҳусенбой Қиёмидинов -** номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Муҳаммадамин Оймаҳмадов** – номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Субҳиддин Зиёев -** номзади илмҳои филологӣ.

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати беруна, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, забон ва адабиёти кишварҳои хориҷа ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 305/МҶ – 97 санаи 26 июли соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**
**Индекси обунавӣ: 77731**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72. Сомонаи мо: **https://www.osiyoavrupo.tj/majalla.**

Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2023 – № 3 (15). ISSN 2790-7198.

**Ниёзи Ёрмахмад Бобо** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Рахмонзода Азимджони Шерали** – заместитель главного редактора;
**Одинаев Нурмухаммад** – ответственный редактор;
**Хабибов Абдурахмон** – ответственный секретарь.

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**

**Фарход Рахими** – академик, Президент НАНТ;
**Мухаммад Абдуррахмон** – вице-президент НАНТ;
**Акбар Турсон** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Шодимухаммад Суфизода** – доктор филологических наук;
**Хабибулло Раджабов** – доктор филологических наук;
**Тоджиддин Мардони** – доктор филологических наук;
**Санавбар Вохидова** – доктор исторических наук;
**Косимшо Искандаров** – доктор исторических наук;
**Ниёз Мирзоев -** доктор исторических наук;
**Шамсиддин Каримов**– доктор политических наук;
**Рахмон Ульмасов** – доктор экономических наук;
**Хисайн Исайнов** – доктор экономических наук;
**Баховиддин Джумъаев** – доктор экономических наук;
**Фирдавс Мукаддасзода** – доктор экономических наук;
**Гиёсиддин Кодиров** – кандидат филологических наук;
**Хусенбой Киемидинов** – кандидат экономических наук;
**Махмадамин Оймамадов** – кандидат экономических наук;
**Субхиддин Зиёев -** кандидат филологических наук.

**Niyozi Yarmahmad Bobo** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief Editor;
**Odinaev Nurmuhammad** – Executive Editor;
**Habibov Abdurahmon** – Executive Secretary.

**EDITORIAL TEAM**

**Farhod Rahimi** – President of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST);
**Muhammad Abdurahmon** – Vice-President of the NAST;
**Akbar Turson** – Academician of the NAST, doctor of philosophy sciences;
**Shodimuhammad Sufizoda** – doctor of philology sciences;
**Habibullo Rajabov** – doctor of philology sciences;
**Tojiddin Mardoni**– doctor of philology sciences;
**Sanavbar Vohidova** – doctor of historical sciences;
**Qosimsho Iskandarov** – doctor of historical sciences;
**Niyoz Mirzoev** – doctor of historical sciences;
**Shamsiddin Karimov -** doctor of political sciences;
**Rahmon Ulmasov** – doctor of economic sciences;
**Hisain Isainov** – doctor of economic sciences;
**Bahoviddin Jumaev** – doctor of economic sciences;
**Firdavs Muqaddaszoda** – doctor of economic sciences;
**Giyosiddin Qodirov** – candidate of philology sciences;
**Husenboy Qiyomidinov** – candidate of economic sciences;
**Mahmadamin Oymahmadov** – candidate of economic sciences;
**Ziyoev Subhiddin** - candidate of philology sciences.

# МУНДАРИҶА

**Аҳмадов С.** «Ихвон-ул-муслимин»: идеология ва амалияи сиёсӣ 7

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

**Мирзоев Н.М., Мирзоев Ҳ.Т.** Таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва шаклгирии низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ дар минтақа 26

**Турсунов Т.Х., Хоҷаев М.П.** Муносибати дипломатии давлати Темуриён ва Ҳиндустон дар асари Абдураззоқи Самарқандӣ «Матла-и саъдайн ва маҷмаи баҳрайн» 32

**Воҳидова С., Турсунова Ш.Ш.** Муносибатҳои Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон 39

**Юсуфи Шодипур.** Таҳаввули робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна бо Русияи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX 48

**Қудратзода К.А., Ҳамидова С.Ф.** Фароминтақавият - падидаи нав дар сиёсати ҷаҳонӣ 57

**Турсунов Т.Х., Хоҷаев М.П.** Нигоҳе ба муносибати байни Темур ва кишварҳои Ғарб 67

**Салимов А.Ҳ.** Шарҳи муносибатҳои Туркия ва Иттиҳоди Аврупо дар давраи Ҳизби адолат ва рушд 76

**Қамаров А.З.** Тоҷикистон ва Миср: 30-соли ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ 86

**Махфирати Д.** Масъалаи амнияти Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Федератсияи Русия 95

**Маҳмадаминов М**. Нақши Моҳандас Карамчанд Гандӣ дар рушди маорифи Ҳиндустон (солҳои 1900-1930) 102

**Ҳамидова С.Ф.** “Нерӯи нарм” – и Ҳиндустон ва татбиқи он дар равобит бо Ҷумҳурии Тоҷикистон 110

## ШАРҚШИНОСӢ

**Назаров У.** Ҳабибуллои Калаконӣ - эҳёгари анъанаи давлатдории тоҷикон дар Хуросони таърихӣ 120

**Бойзода Ҷ.Ҷ. Гадозода М.Д.** Тасвири вожаҳои ҳарбиён дар осори мутафаккирони тоҷику форс 128

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

**Ҳабибов А.Ҳ.** Модели муосири рушди иҷтимоию иқтисодии Чин 134

**Қудратзода К., Соҳиби Б.** Омилҳои рушди минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ 141

**Баротов Л.** Муҳити сармоягузорӣ ва аҳамияти он дар бунёди як давлати қудратманд 149

## ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ

**Каримов Ш., Садуллоев О.** Ислом ва терроризм 156

**Ғаффорӣ З.А.** «Панчатантра» – ганҷинаи панду андарзи ҳиндӣ ва тарҷумаи форсии он – «Панчакяна» 162

**Одинаев А.** Бухрони Саҳрои ғарбӣ, ҷанги фаромӯшшуда дар Африқо 173

**Ҷурахонзода С.Ш.** Санъат ҳамчун падидаи эстетикӣ 182

**Саъдуллоев О.** Институти лоббизм дар ШМА 186

**Самадова О.М.** Нақши давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон 192

**Азизов С.Ҷ., Ҳакимова З.Ф.** Дипломатияи об дар самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 197

**Мурувватиён С.Ш.** Нақши шартнома ва созишномаҳои сулҳ дар сиёсати иҷтимоӣ 205

# СОДЕРЖАНИЕ

**Ахмедов С.** “Ихвон-ул-муслимин”: идеология и политическая практика 7

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

**Мирзоев Н.М., Мирзоев Х.Т.** Создание Союза независимых государств и формирование новой системы международных отношений в регионе 26

**Турсунов Т.Х., Ходжаев М.П.** Дипломатические отношения между государством Тимуридов и Индией в труде Абдураззака Самарканди «Матла-и садайн ва маджмаъ-и бахрайн» 32

**Вохидова С., Турсунова Ш.Ш.** Взаимоотношения Европейского союза и Республики Таджикистан 39

**Юсуфи Шодипур.** Эволюция экономических и торговых связей Средней Азии с Россией во второй половине XIX - начале XX века 48

**Кудратзода К.А., Хамидова С.Ф.** Трансрегионализм - новое явление в мировой политике 57

**Турсунов Т.Х., Ходжаев М.П.** Взгляд на отношения между Тимуром и западнымы странами 67

**Салимов А.Х.** Обзор отношений Турции и ЕС в период Партии справедливости и развития 76

**Камаров А.З.** Таджикистан и Египет: 30 лет научно-культурного сотрудничества 86

**Махфирати Д.** Проблемы региональной безопасности в Центральной Азии во внешней политике Российской Федерации 95

**Махмадаминов М**. Роль Мохандаса Карамчанда Ганди в развитии образования в Индии (1900-1930-е гг.) 102

**Хамидова С.Ф.** «Мягкая сила» Индии и ее применение в отношениях с Республикой Таджикистан 110

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

**Назаров У.** Хабибулла Калакони – возродитель традиций таджикской государственности в историческом Хорасане 120

**Бойзода Дж.Дж. Гадозода М.Д.** Описание военных слов в произведениях таджикских и персидских мыслителей 128

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

**Хабибов А.Х.** Современная модель социально-экономического развития Китая 134

**Кудратзода К., Сохиби Б.** Факторы развития региона Юго-Восточной Азии 141

**Баротов Л.** Инвестиционный климат и ее значение в построении сильного государства 149

## РЕЦЕНЗИИ, БИБЛИОГРАФИЯ, ПЕРЕВОД И РАЗРАБОТКА

**Каримов Ш., Садуллоев О.** Ислам и терроризм 156

**Гаффори З.А.** «Панчатантра" – памятник санскритской дидактической литературы и его персидский перевод – "Панчакяна" 162

**Одинаев А.** Кризис в Западной Сахаре, забытая война в Африке 173

**Ҷурахонзода С.Ш.** Искусство как эстетический феномен 182

**Саъдуллоев О.** Институт лоббирования в США 186

**Самадова О.М.** Роль стран Евросоюза во внешней политике Таджикистана 192

**Азизов С.Дж., Хакимова З.Ф.** Водная дипломатия во внешнеполитическом приоритете Республики Таджикистан 197

**Мурувватиён С.Ш.** Роль мирных договоров и соглашений в соц-политике 205

# CONTENTS

**Ahmadov S.** “Ikhvon-ul-muslimin”: ideology and political practice **7**

**INTERNATIONAL RELATIONS**

**Mirzoev N.M., Mirzoev H.T.** Creation of the Union of independent states and formation of a new system of international relations in the region **26**

**Tursunov T.Kh., Khojaev M.P.** Diplomatic relations between the Timurids state and India in the work Abdurazak Samarkandi «Matla-us sadain wa majma-ul bahrain» **32**

**Vohidova S., Tursunova Sh.** Relationship of Tajikistan with European Union **39**

**Yusufi Shodipur.** Economic and commercial relations of Central Asia with Russia in the second half of the 19th century and the beginning of the 20th century **48**

**Kudratzoda K.A., Hamidova S.F.** Transregionalism - a new phenomenon in world politics **57**

**Tursunov T.Kh., Khojaev M.P.** A view at relations between Timur and western countries **67**

**Salimov A.H.** The Justice and development party period’s overview to Turkey-EU relations **76**

**Kamarov A.Z.** Tajikistan and Egypt: 30 years of scientific and cultural cooperation **86**

**Makhfirati D.** Problems of regional security in Central Asia in the foreign policy of the Russian Federation **95**

**Mahmadaminov M.** The role of Mohandas Karamchand Gandhi in the develjpment of education in Indian (1900-1930) **102**

**Hamidova S.F.** "Soft power" - India and its applications in relations with the Republic of Tajikistan **110**

**ORIENTAL STUDIES**

**Nazarov U.** Habibullah Kalakoni - the reviver of the tradition of Tajik statehood in historical Khorasan **120**

**Boyzoda J.J. Gadozoda M.D.** Description of military words in the works of Tajik and Persian thinkers **128**

**WORLD ECONOMY**

**Habibov A.H.** Modern model of socio-economic development of China **134**

**Kudratzoda K.A., Sohibi B.** Factors of development of the region of South-East Asia **141**

**Barotov L.** Investment climate and its importance in building a strong state **149**

**REVIEWS, BIBLIOGRAPHY, TRANSLATION AND DEVELOPMENT**

**Karimov Sh., Sadulloev O.** Islam and terrorism **156**

**Ghaffori Z.A.** “Panchatantra” being monument of sanskrit didactic literature and its persian translation – “Panchakyan” **162**

**Odinaev A.** The Western Sahara crisis, Africa's forgotten war **173**

**Dzhurakhonzoda S.Sh.** Art as an aesthetic phenomenon **182**

**Sadulloev O.** The institute of lobbying in the USA **186**

**Samadova O.** The role of the European Union countries in the foreign policy of Tajikistan **192**

**Azizov S.J., Hakimova Z.F.** Water diplomacy in the foreigh policy priority of the Republic of Tajikistan **197**

**Muruvvatiyon S.Sh.** The role of peace treaties and agreements in social politics **205**

# «ИХВОН-УЛ – МУСЛИМИН»: ИДЕОЛОГИЯ ВА АМАЛИЯИ СИЁСӢ

**АҲМАДОВ САИД**
доктори илмҳои фалсафа, профессор

*Мақола масъалаи муҳими ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои минтақаи исломро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор додааст. Дар таърихи вуҷудияти худ ин созмон таҳаввулотеро дар идеология ва амалияи сиёсии худ аз сар гузаронидааст, ки аз созмони ифротӣ буданаш шаҳодат медиҳад. Дар ибтидои фаъолияташ, бо вуҷуди хусусияти иртиҷоӣ доштанаш як андоза дар муборизаи зидди мустамликавӣ иштирок дошта, бар алайҳи мустамликадорони англис баромад мекарданд. Баъди бунёди давлати миллии Миср он ба неруи зидди давлати миллӣ табдил меёбад. Азбаски ислом хусусияти фаромиллӣ дорад, ин нукта ба идеология ихвониҳо таъсири худро гузоштааст, ҳарчанд зери шиорҳои исломгароёнаи афзалият додан ба арабгароӣ ниҳон аст. Онҳо ҳамаи низомҳои миллиро мардуд шуморида, ҷиҳодро зидди онҳо раво медонанд. Назарияи ихвониҳо ба тавҳид: тавҳиди Аллоҳ, тавҳиди рубубият, тавҳиди сифоти Аллоҳ, тавҳиди ҳукумат дар ислом бунёд шуда. татбиқи онҳоро ба воситаи такфир, ҷиҳод имконпазир медонанд. Пас, ҷиҳод барои уммати исломӣ фарзи айн аст. Ҷиҳодро ягона воситаи бақои ислом дар олам ва паҳншавии доираи нуфузи он медонанд. Бунёди давлати исломиро танҳо ба ҷиҳод алоқаманд месозанд. Таҷрибаи солҳои охир хаёлӣ будани ин ақидаро нишон дода, маълум сохт, ки ҳеҷ як низоми исломӣ агар танҳо ба таълимоти он маҳдуд шавад, пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишварро ва ҳаёти осудаҳолонаи мардуми онро таъмин карда наметавонад.*

***Калидвожаҳо**: Ҷамъияти "ихвон-ул-муслимин, радикализм, бунёдгароӣ, хилофат, тавҳид, тавҳиди рубубият, тавҳиди ҳакимия, хулафои рошидин, такфир, ҷиҳод, тобеин, саҳоба.*

«Ихвон-ул-муслимин» яке аз қадимтарин ва паҳншудатарин созмони радикалии исломи муосир мебошад. Он ибтидо дар Миср соли 1928 бо ташаббуси муаллими мактаби миёна Ҳасан ал-Банно ташкил шудааст. Дар аввал ба як навъ маҳфили дӯстдорони ислом монанд буд, ки аз ҳаёти гуногунранги шаҳрӣ канораҷӯӣ мекард. Ба маҷлиси суфиён монандӣ дошт, ки ба хамин сабаб онҳоро аз аҳли тасаввуф хондаанд. Азбаски Ҳасан ал-Банно дар оилаи диндори мутаассиб ба воя расида буд, таассубу ифрот бароящ хос буд. Илова бар ин, ӯ дар руҳияи ҳанбалияи ифротӣ тарбия ёфта, муътақид бар фармудаҳои фиқҳи имом Ҳанбал мешавад ва падару худаш ордени суфиёнаи ханафия пайравӣ мекарданд. Ӯ вақте аз Александрия ба Коҳира меояд, дар ин чо якбора ба се созмони ифротгаро, мисли созмони «Пешгирӣ аз амалҳои гунаҳкорӣ», «Созмони омилҳои савоб» аъзо мешавад. Ин ташкилотҳо, хусусан «Созмони амалҳои савоб» зидди мустамликадорон амал мекарданд ва барои истиқлоли Миср мубориза мебурданд[1]. Дар давраи тахсил дар «Дор-ул-улум» дар Коҳира ва баъди хатми он низ дар фаъолияти ҳаракату ҷунбишҳое, ки бар зидди мустамликадорон мубориза мебурданд, иштирок доштааст. Дар Қоҳира норасоиҳои у вестернизатсияи ҷомеаро мушоҳида карда, бо ин раванд бо нафрат назар карда, дар фикри он мешавад, ки

[1] Микульский А.В. «Вопросы научного атеизма» :ВЫП.№31 М.: «Мысль», 1987. С.125-126

ҳамватанонашро бар зидди ғарбишавии кишвар ва пок нигоҳ доштани ислом даъват намояд. Дар Қоҳира қаҳвахонаҳои зиёд буданд ва Ҳасан ал-Банно ҷавонони бо худ ҳамфикрро даъват менамояд, ки ба қаҳвахонаҳо наравaнд. Чандин гурӯҳ аз ҷавонон пайдо шуданд, ки аз рафтан ба қаҳвахонаҳои аврупоӣ худдорӣ мекарданд. Ӯ ба «Ҷомеаи мусулмонии ҷавон» дохил шуда, як гуруҳ уламои иртиҷоиро атрофи худ ҷамъ мекунад. Ин ҷомеа маҷаллае бо номи «ал-Фатҳ» нашр мекард, ки исломи давраи аввалро васф менамуд. Баъди хатми «Дор-ул-улум» ба шаҳри Исмоилия ба кор меравад ва ҳузури сарбозони англисро дар минтақаи канали Суетс мебинад ва ба натиҷаи катъие мерасад, ки бояд ба «исломи ибтидоӣ» баргашт, то аз мустамликадорони бадахлоқи Ғарб кишварро озод кард. Албатта, ӯ озодиро аз рӯи андешаи исломгароёна ва таассуби динии худ мефаҳмид ва соли 1928 бо ҳамфикрони худ «Ҷомеаи ихвон-ул-муслимин»-ро ташкил мекунад. Ин ҷомеа аз аввал мавқеи зиддиғарбӣ, зидди ҷомеаи дунявӣ, зидди сохти сармоядориро ишғол мекунад ва бо шиори «Аллоҳу акбар» баромад менамояд. Дар марҳилаи аввал ҷомеаи мазкур бо тарғибу ташвиқи исломи давраи халифаҳои рошидин ва сохтмони мактабу бемористонҳо машғул мешавад. «Ҷомеаи ихвон-ул-муслимин» ҳар чи бештар талош ба харҷ медиҳад, ки нуфузи худро дар байни аҳолии шаҳри Исмоилия бештар созад. Ҳарчанд муқобили истифодаи арзишҳои ғарбӣ бошад ҳам, барои ташкили чамъомади бузургтар аз микрофон истифода мекарданд. Ҳасан ал-Банно ва пайравонаш нафакат барои зиёд кардани обурӯ ва нуфузи созмон талош карданд, ҳамчунин барои шуҳрати роҳбари созмон Ҳасан ал-Бано кӯшиш намуданд. Ҳасан Банно дар масҷидҳо баромад мекард ва бештари мавъизаҳои ӯ ба тарғиби «исломи ноб»-и давраи пайғамбар ва хулафои рошидин равона шуда буд. Вале фаъолияти Ҳасан ал-Банно ва ташкилоти ӯ фақат ба хутба ва мавъиза маҳдуд намешавад, балки онҳо нашрияи худро бино мекунанд. Ба ғайр аз матбааи « Шарик ал-илоҳият ал-аубия» боз маҷаллаи «Ад-даъва»-ро доштанд. Маҳз дар даҳсолаи аввали вуҷудияти худ ин ташкилот сохтори худро бо низом даровaрда интизоми қатъиро дар байни аъзоёнаш ҷорӣ намудааст ва дар сохтори он мақоми роҳбарии бо ном « ал-муршид-ул-омм»-ро мегирад. Маркази созмон «дор» ва қисматҳои он шуъба номида мешавад. Дар шуъбаҳо мактабҳои «шабона барои бародарон»-и бесавод ташкил шуда, онҳо ба омӯзиши илмҳо ва саводомӯзӣ ташкил меёбанд. Интизоми дохили ҷамъият тарзе ба роҳ монда шуда буд, ки аъзоён бе каму кост ба пешвою роҳбарашон итоат мекарданд, ба мисли ташкилотҳои тариқат. Муносибати байни пир дар онҳо ҷорӣ буд ва роҳбари ташкилот ҳокими мутлақ ба шумор мерафт[2]. Таълимоти муассисаро мазмуни асосии мавъизаҳои Ҳасан ал-Банно, тарғиби фиқҳи ҳанбалия ташкил медиҳад. Пайваста ташкилот қувват мегирад ва дар оғози ҷанги дуюми ҷаҳон ба созмони пурқувват дар Миср мубаддал мешавад. Олмони фашистӣ бо ин созмон робита барқарор месозад, ки он ба манфиати мустамликадорони англис, ки дар Миср нуфузи зиёд доштанд, ихтилоф дошт. Дар натиҷа хукумати Миср чун дастнишондодаи Британияи Кабир фаъолияти « Ихвон-ул муслимин»-ро қатъ мекунад. То поёни ҷанг дигар онҳо фаъолияти ошкор надоштанд ва танҳо баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон онҳо дубора фаъолияти худро аз сар гирифтанд.

То давраи ҷанги дуюми ҷаҳонро метавон марҳилаи аввали фаъолияти ҷамъияти «Ихвон-ул-муслимин» донист, ки дар ин давра онҳо ба созмондиҳӣ ва ташаккули

[2] Милославская Т.П.Деятельность « братьев –мусульман» в странах Востока // Ислам в странах Ближного и Среднего Востока. М. Ш,И.1982 С.19-20

созмони худ, ҳамчунин фаъолияти тарғиботи ва маърифатӣ машғул буданд. Мазмуни тарғиботи онҳо масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсиро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, масъалаи барҳамхӯрдани хилофат, баъди хилофати арабӣ дар давраи Аббосиҳо, гузариши хилофат ба туркҳо, аз байн рафтани давлати мусулмонон дар шароити ҳозира, таҳрифи ислом ва омехташавии он ба ҳаргуна ақидаҳои ботил ва ғайра ташкил додаанд[3]. Ҳарчанд салтанати султон Сулаймон ал-Қонуниро (1520-15) то андозае динӣ ва мутобиқ ба ахлоқи динӣ донистаанд, бо вуҷуди ин салтанати туркҳои усмониро пурра давлатдории исломӣ намешуморанд. Ба қавли Ҳасан ал-Банно барҳамхурии хилофати Усмонӣ ва эълони ҷумҳурӣ аз ҷониби Ота- Турк шикасти қатии давлати исломӣ буд, ки мустамликадорони ғарбӣ ва сионизм кишварҳои исломиро ишғол намуданд. Ба ақидаи ӯ ғарбиҳо боигариҳои асосии кишварҳои исломиро, махсусан Мисрро аз худ карда ва мардуми маҳаллиро аз ин боигариҳо маҳрум сохтанд[4]. Шароити Миср бисёр фоиҷабор аст, ҳатто заминҳо дар байни аҳолӣ нодуруст тақсим шудааст. Ибтидои шикасти мусулмонон аз давраи хилофати аббосиён гӯё шурӯъ мешавад. Зеро, ки аббосиҳо дар давлатдорӣ ба эрониҳо ва туркҳо такя карданд. Руҳи арабӣ шикаста шуд, зеро дар он давра маҳз арабҳо метавонистан омили руҳияи воқеии арабӣ бошанд. Маълум аст, ки ин нуқтаи назар фақат ба арабгароии ихвониҳо ва хусусан худи ал-Банно тааллуқ дорад. Зеро, дар амал маҳз дар ҳамин давра фарҳангу тамаддун дар ислом бо кӯшиши аббосиҳо, хусусан бо талошҳои халифа Маъмун, хеле рушд ёфт. Ва ҳамаи муҳаққиқон, чи арабу ва чӣ ғайриараб ин давраро давраи тиллоии рушди тамаддун дар хилофати араб медонанд. Вале назари ал-Банно фақат ба шикасти арабгароии хилофати умавиҳо метавонад таалуқ дошта бошад, ки байни арабу аҷам мубориза давом дошт. Ва ҳаракатҳои зиёди миллатгароӣ сурат гирифта буданд. Арабҳо мардуми ғайри арабро, аз ҷумла эрониёнро мардуми пасттар аз араб дониста, худро ба онҳо афзал медонистанд ва ҳаракати шуубияю асабия хилофатро фаро гирифта буд. Арабҳо ба мардуми ғайри араб, ки дар ҳадди мавлӣ онҳоро мешинохтанд ба назари таҳқир менигаристанд. Маҳз ҳамин андеша дар таълимоти ал-Банно роҳ ёфтааст ва рӯҳи миллатгароии ӯро ифода мекунад ва ин миллатгароӣ бо исломгароӣ зич алоқаманд шудааст[5]. Ӯ ислому миллатро айният медиҳад. Аз ҳамин мавқеи исломгароӣ ӯ зидди ҳаракати миллӣ дар Миср баромад мекунад, зеро миллатгароён ба арзишҳои миллӣ эътибор дода, исломро чандон ба назар намегирифтанд. Азбаски миллатгароён ба миллат такя доштанд, умумияти миллиро аз умумияти исломӣ ҷудо мекарданд. Ҳасан ал-Банно инро дассисаи мустамликадорон дониста чунин мешуморад, к и бо ин роҳ мустамликадорон мусулмононро аз ҳам ҷудо сохта, барои ҳукумронии худ шароити мусоид фароҳам месозанд[6]. Вале бояд гуфт, ки бо пайдоишу рушди миллатҳо умумияти исломӣ дар ин давра заиф гашта буд. Ва ҳодисаҳои охири Миср нишон доданд, ки маҳз ҳаракатҳои миллӣ ба истиқлолияти давлатӣ оварда метавонад. Аммо Ҳасан ал-Банно панисломизмро гарави пешравии давлатҳои исломӣ медонад ва иттиҳоди мусулмононро асос мешуморад. Вобаста ба ин Ҳасан ал-Банно пешниҳод дошт, ки бояд кишварҳои исломӣ дар муқобили ғарбиҳо сиёсати ягонаи худро дар асоси шариати исломӣ бино созанд. Соли 1950 ба ихвониҳо иҷозат дода шуд, ки озодона фаъолият намоянд. Шоҳ ҳатто пешниҳод кард, ки пешвои нави «Ихвон –ул муслимин» пас аз

---

[3] Ҳасан ал-Банно. Рисолат ад-даъва, Қоҳира.1978,с.12
[4] Ҳамон ҷо, с.14
[5] Hexworth-Qunne J. Op .cit. p. 59
[6] С. Ахмедов. Ислам и общество в учении Сайида Кутба и других идеологов «Братьев- мусульман // Современный ислам: идеология и политика. М.1985.3-ое изд. Т.1.с. 142.

марги Ҳасан ал-Банно Ҳасан ал- Ҳудейбӣ шавад. Дар соли 1945-1952 онҳо китобҳои зиёде нашр карданд, ки аз байни онҳо китоби М.Ғаззолӣ «Аз онҷо, ки мо медонем» мавриди баҳс қарор мегирад . Дар ин асараш М. Ғаззолӣ дар ҷавоб ба Холед, ки давлати исломиро дар шароити имрӯза номумкин мешуморид , баръакс даъво мекунад, ки роҳи ягона бунёди давлати исломӣ аст. Ӯ давлати исломиро ҳаматарафа, танҳо аз мавқеи майдабуржуазӣ ва дар шакли хаёлӣ асоснок карда, дар он давлати демократия, баробарӣ адли иҷтимоиро имконпазир мешуморад[7].

Мураккабшавии вазъи сиёсӣ ояндаи номуайяну торик, зиндагии душвори майдабуржуазӣ, бенавоӣ онҳоро водор месохт, ки роҳи наҷотро аз ин вазъияти мушкилу ногувор пайдо кунанд ва ин роҳро онҳо ба сабаби диндориашон дар дин медиданд. Ва чунин роҳро ихвониҳо дар бунёдидавлати исломӣ медиданд, давлати теократии хаёлӣ, ки ихвониҳои пешниҳод мекарданд ба онҳо умед мебахшид. Дар асл давлати пениҳоднамудаи ихвониҳо ба ҷуз давлати феодалии теократӣ чизи дигаре набуд. Идеяи М. Ғаззолӣ доир ба давлат мисли рисолаи Ҳасан ал-Банно идеяи эклектикӣ ва хаёлӣ буд. Даъватҳои Ғаззолӣба ҷиҳод ихвониҳо ва пайравони онҳоро ба фаъолияти бештар даъват мекард. Дар натиҷа ба мисли пештара ихвониҳо ба намоишҳо, террор, амалиётҳои гуногуни террористӣ бештар машғул шуданд, аз ҷумла кӯштори Аҳмад Моҳир -сарвазири онвақтаи Миср, сардори полиси Қоҳира ва ғайра. Дар ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта нуфузи созмони «афсарони озод» дар баробари ихвониҳо хеле зиёд шуд. «Афсарони озод» барномаи мушаххас: сарнагун кардани ҳукумати шоҳигарӣ, хориҷ кардани англисҳо аз Миср, аз байн бурдани порахӯрӣ, (коррупсия), истифодаи боигариҳои кишвар ба нафъи миллат доштанд, ки таваҷҷуҳи мардуми зиёдеро ба худ ҷалб мекард. Ин ҳадафҳо қисман бо шиорҳои ихвониҳо мувофиқ меомад. Бинобар ин дар байни онҳо ҳамкорӣ ба вуҷуд омад. Соли 1950 ба ин гурӯҳ подполковник Ҷамол Абдуносир роҳбарӣ мекард. Вале ҳамкории «Афсарони озод» ва ихвониҳо чандон мустаҳкам набуд ва бисёр вақт ихвониҳо шартномаи бастаашонро риоя намекарданд. Масалан, дар мавриди якҷоя бар зидди шоҳ Форуқ бархостан ихвониҳо отрядҳои худро аз иштирок дар ин чорабинӣ манъ карданд ва нақшаи сарнагунии шоҳигарӣ, ки “Афсарони озод” кашида буданд, амалӣ нашуд. Дар соли 1951-1952 ҳаракати миллӣ озодихоҳӣ дар Миср хеле авҷ гирифт. Мавҷи мубориза҇о хеле боло рафт, ҳатто дар канали Суэтс задухурди неруҳои Миср бо англисҳо ба вуҷуд омад. 26-уми январи соли 1952 сӯхтори Қоҳира ба вуқуъ пайваст, ки бисёриҳо ин амалро амали дасти ихвониҳо медонистанд. Баъди ин ҳодиса «Афсарони озод» ба корҳои омодагӣ ба табодуллот машғул шуданд. Роҳбарони «Афсарони озод» бо роҳбари ихвониҳо барои фаъолияти якҷоя ба як қарор омаданд. Вале баъдтар роҳбарияти «афсарони озод» аз амалиёти якҷоя даст кашид ва моҳи июли 1952 ҳукумати подшоҳии Миср сарнагун карда шуд. Сари қудрат «Афсарони озод» омаданд, ки роҳи бунёди ҷумхурии дунявӣ ва демократиро пеш гирифтанд ва ба тақсими ҳукумат ва аз ҳамкорӣ бо ихвониҳо даст кашиданд. Вале вазъияти бухронӣ ва ҷангҳое, ки Миср ба онҳо кашида шуд, аз ҷумла хуҷуми Англия, Франсия ба Миср соли 1956, ҷанги Яман, ҳуҷуми Исроил ба Миср боиси он гардид, ки вазъияти иҷтимоии мамлакат мураккабтар шуд ва диндории омма хеле боло рафт ва таъсири омили миллӣ дар Миср афзуд. Ба гуфти В.И.Ленин ҷанг ҳолати муқарарии психикии хобрафтаро халалдор сохта, эҳсоси қавиро ба ваҳму ноумедӣ ба вуҷуд меоварад. Аз ин ҷо дин бештар қувват мегирад[8]. Илова бар ин, «Афсарони озод», ки аз табақаи майдабуржуазӣ буданд, ҷаҳонбинии

[7] Борисов А. М. Роль ислама во внутренней и внешней политике.Египта(ХХвек) М. 1991. С. 66
[8] Ленин В.И. Доир ба шикасти ҳукумати худ дар ҷанги империалистӣ/Асарҳо.ҷ. 26. С. 290-291.

асосиашон ҷаҳонбинии динӣ буд. Роҳбарони ин ҳаракат мисли Анвар Содот, Абдулҳаким Амир, Абдурауф Абдулатиф ва ғайра пайрави назҳати миллӣ -динӣ буданд. Онҳо дину миллатро ба ҳам пайваста хаёл доштанд, ки ба воситаи дин ҳаракати умумимиллиро барои пешрафти демократикунонии кишвар ба вуҷуд биёранд. Чуноне ки санадҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ин ақида фаҳмиши ғалат будааст. Масалан, инқилоби Эрон, табадуллоти солҳои 80-уми Афғонистон, ҳодисаҳои Ироқ ва ғайра. Ислом ва миллат ду мафҳуми аз ҳам ҷудо буда, пайванди онҳо натиҷае ба бор намеоварад. Аз эҳсоси динии мардум ба нафъи миллат истифода кардан дар марҳилаи аввали ҳаракати миллӣ шояд оммаҳои васеъро ба ин ҳаракат ҷалб кунад, аммо баъди ба сари қудрат омадани ин ҳаракат он бояд худро то ҳадде аз дингароён дур гирад. Ба ҳамин маънӣ К. Маркс гуфта буд, ки Кромвел ва англисҳо барои инқилоби буржуазии худ замоне иллюзияро, ки аз аҳди қадим гирифта буданд, истифода карданд[9].

Дар байни онҳое, ки сари қудрат омада буданд, Ҷ. Абдуносир бо ватандӯстӣ ва миллатдӯстиаш фарқ мекард. Ӯ дину давлатро аз ҳам ҷудо медонист, ҳарчанд барои иззати раҳбари кишвари исломӣ баъзе маросимҳои диниро иҷро мекард, вале дар давладорӣ роҳи дунявият ва демократиро афзал мешуморид. Ӯ ба модернистони исломӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекард. Носир тарафдори назарияи «Сотсиализми исломӣ» буд. Хусусияти сотсиализми пешниҳод кардаи ӯ иборат буд аз моликияти хусусии ба истисмор вобаста набуда, ташкили ҳукумати миллӣ на диктатураи пролетарият, эътиқод ба Худо ва пайғамбар. Хартияи миллии қабулшуда маҳз ҳамин ғояи сотсиализми исломиро фаро гирифта буд. Руҳи асосии ин назарияро панарабизм ташкил медод. Албатта, панарабизми хартияро набояд бо панарабизми арабгаро айният дод. Вале  мақоми миллати араб дар таърих васф карда мешуд ва дар асоси умумияти арабӣ ба вуҷуд овардани иттиҳодро тақозо мекард. Ба сабаби мнсубияти иҷтимоӣ ва шароити таърихии Миср роҳбарияти «Афсарони озод» баъзан дар муроҷиат ба дин барномаи иҷтимоӣ ва сиёсии худро сохтаанд. Муроҷиат ба ислом яке аз аслҳои ғоявии ислоҳоти иҷтимоии онҳоро ташки кардааст. Аммо онҳо ба ислом мазмуни тоза, мазмуни ба ссзамони нав мувофиқ бо дар назардошти орзую омолҳои мардум изофа мекарданд. Ин амали онҳо, албатта, ҳодисаи нав дар таърихи ислом набуд. Ҳамаи ҷунбишҳои мардумӣ ва инқилобҳои иҷтимоӣ таҳти ҳамингуна шиорҳо ба амал омадаанд. Алалхусус, ки барномаҳои иҷтимоии ихвониҳо, барномаи бунёди ҷомеаи сотсиалистӣ мисли таълимоти Абӯало ал-Мавдудӣ ва ғайра ба онҳо маълум ва шинос буд. Агар равияҳои тундрави исломӣ эгалитаризми иртиҷоӣ доштанд эгалитаризми «афсарони озод» эгалитаризми меҳнаткашон буд. Қариб дар ҳамаи кишварҳои исломӣ эгалитаризми неруҳои чап заминаи ислоҳоти майдабуржуазиро бо андозаи каму беши иртиҷоипарастӣ ва фундаменталистӣ ташкил додаанд. Назарияи «сотсиализми исломӣ» ё «сотсиализми арабӣ» низ аз ҷумлаи ҳамин гуна назарияҳо мебошад. Ин ҷо бояд як чизро таъкид сохт, ки эгалитаризми  гурӯҳҳои рости буржуазӣ ва табақаҳои иртиҷоии ҷомеа як навъи эгалитаризманд, эгалитаризми гурӯҳҳои чапу демократӣ  дигар навъи он ва эгалитаризми равияҳои ифротии исломӣ навъи сеюми он мебошад, ки аз ҳамдигар фарқ доранд. Эгалитаризми равияҳои тундрави исломӣ эгалитаризмест, ки ба садақаю фондҳои иҷтимоӣ такя мекунад, эгалитаризми руҳонияти иртиҷоӣ ва табақаҳои ҳукмрон: буржуазию феодалӣ ба саховатмандии онҳо, ба таълимоте, ки заминаи иҷтимоӣ надорад, ва инсофу ахлоқи соҳибдавлатон, ки дар таърих ҳеҷ гоҳ амалӣ нашудааст ва шуда ҳам наметавонад, алоқаманд буда,  таълимоти

[9] Маркс. К. Восемнадцатое брюмера Луи Бонопарта/К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч.т.8.С. 119-120.

ихвониҳо, сарфи назар аз даъвоҳои онҳо, дар бораи адолати иҷтимоӣ дар воқеъ бо таълимоти панисломизми феодалӣ ва иртиҷоӣ пайваст мегардад. Тасаввуроти ифротгароёни исломӣ аз ҷумла ихвониҳо бо аслҳои абстрактии иҷтимоие, ки дар Қуръону суннат баён шудаанд, наметавонанд заминаи устувори барномаи тағйир додани ҷомеа ба манфиати меҳнаткашон бошанд, ҳарчанд ислоҳоти ихвониҳо дар байни гуруҳҳои майдабуржуазӣ, қисме аз донишҷуён ва интелигенсия тарафдориро ба вуҷуд оварда бошад  ҳам, аммо барномаи онҳо мутобиқ ба орзую омоли ҳамаи меҳнаткашон, ба ҷуз гуруҳҳои майдабуржуазӣ  набуда, шиорҳои онҳо тамоми меҳнаткашонро муттаҳид кардан наметавонист. Ҳатто, иттиҳоди ҷомеаро ҳам таъмин намекард. Бинобар ин ихвониҳо иттиҳоди арабҳоро ҳеҷгоҳ таъмин кардан наметавонанд, балки дар байни онҳо ҷудоӣ меандозанд.

Дар солҳои 70-уми асри гузашта насли нави ихвониҳо ба арсаи сиёсат меоянд, ки онҳо дигар, ҳатто, ақидаҳои Ҳасан ал-Банно ва ихвониҳои пештараро пайравӣ намекунанд, ба ҷои онҳо идеологҳои нав, мисли Саид Қутб, Абӯ Аъло ал-Мавдудӣ-роҳбари «ҷамоаи исломӣ»-и Покистон эътибор пайдо мекунанд. Ба қавли баъзе муҳаққиқон ихвониҳо аз Мавдудӣ ғояи такфир, аз Саид Қутб оштинопазирии пайравони ислом бо ғайримусулмононро қабул мекунанд ва гуруҳҳои тоза дар байни ихвониҳо ба вуҷуд меоянд. Мисли «Ҷиҳоди муқаддас»,  «Ҷамоаи муслимин», ки дар соли 1988 номи «Такфир ва ҳиҷра»-ро ба худ мегирад.  Дар ин гурӯҳҳо таассуб ва ифрот боз ҳам бештар мешавад. Инҳо чандон ба  барномаҳои дигар сохтани ҷомеа камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда, аслан ба танқиди сохторҳои мавҷуда ва роҳҳои мубориза бо онҳоро эътибор додаанд. «Ҷиҳод» ба тарғиби ҷанги муқаддас-ҷиҳод диққати асосӣ додааст.  Ҳамчунин гурӯҳи «Такфир ва ҳиҷра» ба ҷуз ҷиҳод,  ба такфири мухолифонашон эътибори  хос додааст.

Азбаски фаолияти ихвониҳо ба ҳукумати вақт мухолиф буд, Хасан ал-Банно чанд бор ба маҳбас кашида шуд. Соил 1948 Ихвониҳо бар зидди нахуствазири Миср Нуқраши Пошо сӯиқасд ташкил карданд ва ӯро ба қатл расониданд. Баъди марги Нуқраши  Пошо худи Ҳасан ал- Банно аз ҷониби мухолифонаш кушта шуд ва роҳбарии ҷомеаи «Ихвон-ул-муслимин»-ро Ҳасан –ал-Ҳудайбӣ ба уҳда гирифт[10].

Баъди инқилоби «Афсарони озод» соли 1952 ихвониҳо умед доштанд, ки бо ҳукумат ҳамкорӣ карда, ғояҳои худро дар Миср паҳн кунанд, ҳатто Ҳудайбӣ умед дошт, ки ӯ пири «Афсарони озод» мешавад вале ҳукумат бо роҳбарии Ҷамол Абдуносир фаъолияти ихвонимҳоро манъ кард. Соли 1954 26 -уми октябр яке аз шохаҳои ҷамъияти «Ихвону-л-муслимин» ба ҳаёти президент Абдуносир сӯиқасд ташкил карданд. Баъди ин ҳукумат нисбати ихвониҳо чораҳои боз ҳам сахттар дида, бисёре аз аъзоёни ин созмон ба ҳабс гирифта шуда, баъзеяшон ба қатл маҳкум шуданд. Соли 1965 ихвониён хостанд зидди ҳукумат хуруҷ кунанд, вале ба даст афтоданд ва ба пешвоёни онҳо бародарон Қутб ба қатл расонида шуданд.

Баъди Ҷамол Абдуносир Анвар Содот сари қудрат омад, муносибат ба ихвониҳо тағйир ёфт. Анвар Содот як андоза ба таълимоти ихвониҳо қаробат дошт. Аз дигар тараф, бо ин роҳ хост, ки ихвоиҳоро ба ҷониби худ кашида, ҳукумати худро тақвият бахшад ва таъсири тарафдорони Носирро  дар Миср хотима диҳад. Ӯ  дар ҳукумат ва парлумони вақт чанд вазифа ба ихвониҳо дод ва ба ривоҷи таълимоти ихвониҳо мусоидат кард. Ин ҳодиса баъди ҷанги шашрӯза, ки Исроил дар он пирӯзӣ ба даст

[10] Милославская Т.Б. Деятельность «братыв мусульман» в странах Вастока// Ислам в страннах Ближнего в Среднего Востока. Москва- 1982. С.20.

овард, рӯх дод. Ихвониҳо шикаст дар ҷангро ба таври худ таъбир карданд. Сабаби шикастро дар он диданд, ки мисриҳо на  дар асоси Қуръон, балки дар асоси Хартия ҳукумати худро ташкил доданд ва бо СССР-и бехудо муоҳида баста, дӯстӣ намуданд. Дар ҳар сурат оммаи мардум, ки  диндор буданд, таълимоти ихвониҳо таълимоти ба онҳо фаҳмо ва ба андешаи онҳо мувофиқ буд, бадин сабаб бисёриҳо ба ихвониҳо пайвастанд. Дар натиҷа нуфузи онҳо дар байни аҳолӣ хеле зиёд шуд.[11] Душвориҳое, ки дар  ҳукумати кишвар вуҷуд доштанд, онҳоро  ҳукумат мехост аз тақдири илоҳӣ донистa мардумро ором созад.

А. Содот ба ихвониҳо дӯстӣ барқарор карда, изҳор намуд, ки ӯ ба ихвониҳо доир ба масъали мубориза  бо комуннистони атеист ҳамфикр аст ва як навъ дастгирии худро аз ихвониҳо пешниҳод намуд. Дар Миср дар солҳои 80-ум ғояҳои ихвониҳо ба таври васеъ тарғиб карда мешавад, китобҳои Сайди Қутб, Муҳамад ал-Баҳо, Абдулкарим ал-Хатиб ба миқдори зиёд нашр мешаванд, ки дар онҳо ғояи бунёдии «ҷомеаи исломӣ» тарғиб шуда, ба матириализм ва сотсиализм муқобил гузошта мешавад. Соли 1972 «Ҷамъияти мусалмомнон» бунёд мешавад, ки роҳбараш ихвонии машҳур Шукри Мустафо интихоб мегардад. Анвар Содот иқдомҳои ихвониёнро дастгирӣ карда, дар артиш чорабиниҳоеро татбиқ мекунад, ки таъсири исломро ба артиши бештар созад. Ин амалҳо барои Содот пеш аз ҳама барои он лозим буд, ки таъсири «носирчигӣ»-ро, ки дар Миср нуфузи зиёд дошт, аз байн барад. Содот Мисрро бо кишварҳои Ғарбӣ, пеш аз ҳама ИМА надик сохта, дар симои онҳо такягоҳи худро ҷустуҷӯ менамуд ва ҳар чӣ бештар аз Иттиҳоди Шӯравӣ худро канор мегирифт ва чуноне ки маълум гарид, ин кор ба Содот пурра муяссар мешавад ва Содот мехост, ки Миср  ҷойи Исроилро чун такягоҳи ИМА дар Шарқи Наздик гирад. Ҳарчанд муносибаташ ба Америка хеле беҳтар шуда бошад ҳам,  Содат хост, ки қудрати худро ба Америка нишон диҳад. Содот 6 октяри соли 1973 аз канали Суетс гузашта,  ба Исроил ҳуҷум мекунад ва дар он сӯи соҳил мавқеъ гирифта меистад. Исроил ин фурсатро муносиб донистa, артиши худро аз ҳар ҷиҳат омода сохта, артиши Мисрро иҳота мекунад. Аммо ин талошҳои он ба муқобилияти Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба рӯ мешавад ва баъди таъкидҳои пай дар пай Иттиҳоди Шӯравӣ маҷбур мешавад, амалиёти ҳарбии худро қатъ кунад. Аммо ҷанги «моҳи ноябр» ба Содот имконият медиҳад, ки мавқеи худро дар дохили кившар мустаҳкамтар сохта, мубориза бар зидди гурӯҳҳои чапро тақвият бахшад ва курси либерализатсияи иқтисодиро самаранок созад. Ин курс ба фоидаи сармоядорони Миср буд ва онро онҳо ҳамаҷониба дастгирӣ мекарданд. Баъди ҷанг байни Мисру Исроил аҳдномаи «КЕМП-Девид» имзо мешавад, сафари расмии Содот ба Исроил баргузор мегардад, ки Мисрро бо Исроил наздиктар месозад. Аммо ҷиҳатҳои манфии ин сиёсати Содот ба зудӣ ошкор мегарданд. Аввалан, обрӯи Содот дар байни кишварҳои арабӣ коҳиш меёбад, сониян, капитализатсияи Миср зиндагии аксари мардуми Мисрро, ки бенаво буданд, боз ҳам бенавотар месозад.

Содот ба ислом рӯ меоварад, соли 1977 дар Миср тағйиротҳо дар конститутсия қабул мешаванд, ки талаботҳои шариати исломӣ мисли ба кори давалатӣ, роҳбарии кооперативҳо, органҳои иттилоотӣ қабул накардани онҳоеро, ки қонуни илоҳиро эътироф надоранд ва ғояҳои зиддиисломиро тарғиб мекунанд, ҳамчунин ҷазоҳои асримиёнагӣ барои дуздӣ, буридани даст, барои истеъмоли шароб, дарра задан, қатл кардани касоне, ки ба дин эътиқод надоранд ва ғайра ба ҳукми қонун дароварда мешаванд. Ин чорабиниҳо мавқеъи президентро чун шахси диндор тақвият бахшида

[11] Асари  номбурда.с. 20

бошад ҳам, инчунин муборизаро бар зиддди чапгароёну коммунистҳо тақвият дод, аммо бо курси либерализатсияи иқтисодӣ ва рушди сармоядорӣ дар Миср, ки озодии бештарро хостор буд ва ба ин маҳдудиятҳо созгор набуд , сармоядорони бузургро норозӣ месохт. Аз дигар тараф, исломгароёни ифротиро ҳам, ки аксаран аз унсурҳои майдабуржуазӣ иборат буданд ва рушди сармояи калон онҳоро хонасалот месохт, аз молу мулкашон маҳрум мекунонд, сафи коргарону бекоронро зиёд мекард ва аз режими Содот, сиёсати ӯ комилан онҳоро норозӣ месохт. Ба қавли Ҳайкал ифротгароёни исломӣ яъне (ихвониҳо) «дар байни мардум тарафдор ёфтанд, зеро барои онҳо шароит мусоидат фароҳам оварда... Дин ягона воситаи барои баёни эътироз ба он чӣ дар кишвар рух медод, гардид».[12] Аммо ихвониҳо, бо вуҷуди ҳамаи ин дастгирии васеъи аҳолиро ба даст наоварданд, зеро таълимоти онҳо ба аксари мардуми бенаво чизе дода наметавонист ва илова бар он тезиси идеологи онҳо Саиди Қутб «Афзалият ба беҳтаринҳо- на ба оммаи мардум ва мақоми асосӣ ба шахсони худованд интихобкарда, на ба уммат дода мешавад», онҳоро аз ихвониҳо як андоза дур сохт.

Сиёсати Содот оид ба исломкунонии ҷомеа ва қонунҳои он коптҳоро, ки масеҳӣ буданд, ба ташвиш овард ва ҷиҳоди мазҳабиро дар байни мисриҳо қувват бахшид. Наздикшавии Миср ба Исроил эътирози кишварҳои дигари исломӣ ва арабиро ба вуҷуд оварда, Мисрро аз узвияти Лигаи кишварҳои арабӣ ва Конфоронси умумиҷаҳонии исломӣ (ОИК) маҳрум сохт. Қариб ҳамаи давлатҳои араб муносибаташонро бо Миср қатъ карданд. Дар ҳар сурат исломикунонии ҷомеаи Миср аз ҷониби Содот ба ӯ ҳеҷ гуна нуфузи сиёсӣ ва эътибор набахшид. Ба қавли Ҳайкал Содот «Таъкид кард, ки ӯ бо забони ислом сӯҳбат дорад, вале онҳое, ки муқобили ӯ буданд, даъво мекарданд, ки онҳо ба ислом наздиктаранд.[13]

Чуноне ки мушоҳида мешавад, аз нимаи дуюми солҳои ҳафтодум муносибати Содот бо ихвониҳо ба мушкилӣ дучор мегардад. Ихвониҳоро ҳамаи он ислоҳоте, ки Содот дар Миср гузаронид, ба ҳеҷ ваҷҳ қаноатманд намесохт, алалхусус ислоҳоти иқтисодӣ, ки бар зарари табақае буданд, ки ихвониҳо ба он марбут буданд. Онҳо бунёди давлати теократиро мехостанд. Илова бар ин сулҳи Кемп-девид ба исломгароён ҳеҷ мувофиқат надошт, зеро онҳо онро гузашти зиёде ба Исроил ва бар зидди пуштибонӣ аз озодии Фаластин медонистанд. Бинобар ин ихвониҳо А. Содотро душмани ислом эълон карда, ӯро ба қатл маҳкум намуданд.

Аз дигар тараф, худи А. Содот низ аз наздикӣ бо ихвониҳо дилсард шуда буд. Алалхусус, баъди инқилоби исломии Эрон, ки шоҳи Эрон дӯсташ буд, фаҳмид, ки ихвониҳо наметавонанд такягоҳи давлати миллӣ, чунон ки ӯ орзу дошт, бошанд.

Дар соли 1981 буҳрони иқтисодию сиёсӣ ба дараҷаи олӣ расид. Тарафдорони Содот фақат буржуазияи компромадорӣ буду халос. Талошҳои ихвониён ва амалҳои онҳо барои ба даст гирифтани қудрати сиёсӣ афзуд.

Ихвониҳо Содотро ҳамчун душмани ислом дар паради ҳарбии 6-уми октябри соли 1981 (аз ҷониби созмони «Ҷиҳод» яке аз ташкилотҳои ихвониҳҳо) ба қатл расониданд. Ба ғайр аз ӯ ҳафт нафари дигар низ қурбони ин сӯиқасд шуданд. Ба гуфти Ҳайкал «Бори аввал мардуми Миср фиръавни худро куштанд»[14]

[12] Ҳайкал М. Осень гнева. Расказ о начале и концепции Анвар Содота. Бейрут, 1983. С.447
[13] Ҳамон ҷо. С.463-464.
[14] Ҳамон ҷо. С.463.

Ихвониҳо кӯшиш карданд, ки намоиши оммавиро ташкил карда зимоми ҳукуматро ба даст гиранд, вале ин барояшон муяссар нашуда, шуриши онҳо дар Асиют пахш карда шуд.[15]

Баъди ба сари қудрат омадани президент Ҳусни Муборак ҳам, ихвониҳо мавқеъи худро дигар накарданд. Ҳамон тавре, ки пеш амал мекарданд, онро идома доданд. Аз идеалҳои стратегии худ «Бунёни ҷомеаи исломӣ», «Давлати исломӣ» баргаштан ба сохти давраи аввали ислом, исломи «пок»-и беолоиш, усулҳои мубориза барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо даст накашиданд. Вале вобаста ба шароити нав ва имкониятҳо онҳо хостанд чун ҳизби парламентӣ дар Миср амал намоянд. Дар давраи Муборак нисбати ихвониҳо чораҳои сахт пеш гирифта шуд. Вале онҳо аз фаъолияти террористӣ ва ошубгарии худ даст накашиданд. Масан соли 1987 сӯиқасд ба ҷони вазири корҳои дохилӣ М. Исмоил, муҳаррири маҷаллаи «ал-Мусаввaф» ташкил намуданд. Соли 1988 ба идораи полиси шаҳрчаи назди Қоҳира Абузабил ҳуҷум карданд ва ҳамин гуна ҳама солҳо ихвониҳо ин ё он моҷаро ё суиқасдҳоро роҳандозӣ кардаанд.

Дар давраи Ҳуснӣ Муборак ихвониҳо фаъолияти худро хеле ривоҷ дода, нуфузи худро дар байни аҳолӣ зиёд намуданд, масалан дар интихоботи 2000-ум ихвониҳо 17 ҷой дар парламенти Миср ишғол карданд. Дар соли 2005 бошад, 88 ҷой, ки тақрибан 20% -ро дар парламент ташкил медиҳад, гирифтанд.[16]

Дар натиҷа Мурсӣ намояндаи ихвониҳо бо аксарияти овозҳо президенти Миср интихоб мешавад, вале намоишҳо бар зидди ӯ аз байн намеравад ва апрели 2013 Муҳаммад Мурсӣ аз вазифааш дур карда мешавад. 30-юми июл барои холӣ кардани майдони «Таҳрир» нерӯҳои ҳарбӣ истифода мешаванд. Фармондеҳи ин нерӯҳо Абдулфаттоҳ Сисӣ ҳукуматро ба дасти худ мегирад. Ихвониҳо қарор нанишаста, намоиш мекунанд. 14 август дар Миср вазъияти фавқулодда эълон мешавад. 15 апрели соли 2014 суди Миср ширкати ихвониҳоро дар интихобот манъ карда, онҳоро ташкилоти террористӣ эълон мекунад. 3-юми июли соли 2013 А. Сисӣ президент Мурсиро аз вазифа дур сохта, амали қонуни асосиро муваққатан боз дошт. 14 август пешвои рӯҳонии ихвониҳо Ҳомеъ Бадеъро ба ҳабс гирифт.

Дар соли 2015 байни ихвониҳои собиқадор, ки аз истифодаи қувва тарс доштанд ва роҳбарияти нави ихвониҳо дар муносибат ба низоми ҳарбии Миср ҷудоӣ ба амал омад. Дар ин бора Муршиди аршади собиқи ихвонӣ Маҳмуди Ҳусейн изҳорот дод. Дар айни замон гурӯҳи дигари ихвониҳо изҳорот доданд, ки бар зидди ҳукумати ҳарбиҳо муборизаро идома медиҳанд.

Идеология ва назарияи сиёсии ихвониҳо ҳам дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҳам дар изҳороту оиномаҳои онҳо, инчунин дар осори идеологҳои онҳо равшан баён шудааст. Аз ҷумла, дар фармоиши сиёсии онҳо қайд шудааст, ки шариати исломиро асоси қонунгузории давлат ва зиндагии ҷомеа қарор медиҳанд ва кишварҳои исломиро (асосан арабиро) аз империализми хориҷӣ озод мекунанд. Шурои руҳониён барои иҷрои меъёрҳои шариат аз ҷониби ҳукумат бояд назорат намояд ва амали президентро дар ин асоси маҳдуд созад. Дар изҳороти онҳо омадааст, ки дар кишвари исломӣ зан наметавонад президент интихоб шавад, зеро иҷрои ин вазифа ба табиати зан мувофиқат намекунад. Ҳоло ихвониҳо дар назди худ вазифа гузоштанд, ки низоми ҳарбии Мисрро фош намоянд ва обурӯи президантро байни мардум паст кунанд ва майли мардумро ба сӯи худ бештар сохта, ташкилоти худро ба нерӯи асосии сиёсии Миср чун

[15] Борисов. Роль ислам в внутренней и внешней политике Египта (XX века). М. 1991. С. 147.

[16] Said Ali A. M. Wennter M. Modern Islamic Reform Molerents.:The Muslim Brothtr in Contemporary Egipt// Middle East Jornol. 1982 vol. 36.№3. p.344

тағйирдиҳандаи вазъияти сиёсӣ табдил диҳанд. Созмони «Ихвон-ул-муслимин» шакли созмони сиёсию ҳарбиро ба худ гирифтааст . Сохтори он тарзе бунёд шудааст, ки дар он интизоми қатъӣ ҳукмрон аст. Муршиди ом роҳбари умумии мактаби иршод (роҳбари созмон иборат аз 15 нафар) мебошад, маҷлиси шуро, аъзоён ба дараҷаҳо ҷудо карда шуданд: муҳиб, ахи арраъй, муайяд, мунтасиб, ахи ал-амал, ки ҳар кадом вазифаи муайян дошта, ба якдигар тобеанд. Занҳо низ дар созмон вазифаҳои хоси худро доранд.

Бародарони мусалмон таъсири муайяне қариб ба ҳамаи кишварҳои исломӣ доранд. Ин таъсир ҳам ғоявӣ, ҳам дар сурати бунёди ташкилоти ба ихвоҳино монанд мушоҳида мешавад, аз ҷумла дар Урдун таъсири онҳо зиёд аст, зеро вақте вазъияти ихвониҳо дар Миср дар давраи президент Носир бад шуд, онҳо ба Урдун муҳоҷират карданд. Як гурӯҳ идеологҳои он дар ин кишвар макон ёфта, ҳатто дар донишгоҳҳои он то ба дараҷаи устодӣ кор карданд, аз ҷумла М. Ғаззолӣ. Онҳо дар ин ҷо ба нерӯи пурқувати сиёсӣ табдил ёфтанд. Роҳбари онҳо Ҳамза Мансур дар соли 2011 аз номи ихвоҳино талаб кард, ки сарвазири Урдун аз тарафи шоҳ пешниҳод карда нашавад, балки интихобӣ бошад. Онҳо ба аъзоёни парламенти ин кишвар низ таъсир доранд. Миқдори онҳо аз рӯи баъзе маълумотҳо то ба 15 ҳазор мерасид.

Дар Сурия солҳои 70-уми асри гузашта ихвониҳо ба созмони пурқудрат табдил ёфтанд. Онҳо дар ин кишвар хеле фаъол буда, амалётҳои ҳарбӣ мегузаронанд. Ташкилоти онҳо бо номи «Пешоҳанги ҳарбӣ» машҳур шудааст. Дар соли 1980 роҳбарии ихвониҳои Сурияро Саид Хава ба уҳда дошт. Ба гуруҳи роҳбарони он чунин идеологҳои ифротгаро, ба монанди Аднон Саид ад-дин, Алӣ ал-Боякунӣ, Аднон Оқла ва ғ. дохил буданд. Аднон Оқла роҳбари гуруҳи ташкилоти зикршуда «Ат-талиъа ал-муқотила» буд. Ихвониҳои Сурия дар мубориза бар зидди Асад бо дигар созмонҳои муқобили Асад ҳамкорӣ мекарданд. Гуруҳи «Ат-Талиа ал- муқотила» сӯиқасд нисбати шахсони шинохтаи сиёсии Сурияро ташкил карданд. Дар соли 1972 аз ҷониби онҳо ректори донишгоҳи Димишқ Муҳаммад Фадел кушта шуд. Терор рӯз ба рӯз афзуда мешавад. Соли 1978 прокрори Димишқ Адел Минӣ ба қатл расонида мешавад. Соли 1979 курсантҳои омӯзишгоҳи артилерии Алепо ( 2-юми август) кушта шуданд. Дар ин ду зудухӯрди охир бештар аз сад нафар кушта шуда буданд. Экстрремистҳои ихвонӣ ҳар соле зуд- зуд ягон ҳодисаи террористӣ анҷом медоданд. 31-уми соли 1980 Шайх Муҳаммад Солеҳ Оқла кушта шуда, соли 1981 дар Ал-Аҷталил (Димишқ) таркиш ба вуҷуд омад, ки 90 кас ба ҳалокат расонида шуд ва 155 нафар захмдор шуданд. 2-юми феврали соли 1982 шуриш дар хеле минтақаҳо ба вуҷуд омад, ва ин шуриш аз тарафи нерӯҳои ҳукуматӣ пахш карда шуд, ки дар ин задухӯрд 25 ҳазор кушта шуданд. Дар ҳодисаҳои Сурия ихвониҳо нақши муҳим доштанд. Ташкилоти асосии онҳо дар ин давра «Фелак аш-Шом» буд. Ҳоло ҳам дар Сурия ихвониҳо созмонҳои худро доранд.

Дар Фаластин ташкилоти «Ҳаммос» ба ихвониҳо таалуқ дорад. Созмони ихвониҳо дар Тунис, Либия, Яману Баҳрайн ташкилоти пурқудрати худро доранд. Маслан, ҳизби «Эҳё» дар Тунис, «Ислоҳ» дар Яман.* Баъди фоҷеа дар Амрико дар байни исломгароён обурӯи Шайх Абдурраҳмон роҳбари «Ҷамоаи исломӣ», ки яке аз шуъбаҳои «Ихвон-ул-муслимин» ба шумор меравад, хеле зиёд шуд. Ӯдар амал роҳбари маънавии исломгароён гардид. Мазмуни асосии ин шайхи нобино он буд, ки мусулмонон ҳар ҷо, ки душманони Аллоҳро дарёбанд, онҳоро бикушанд. Бо вуҷуди нуфузи ин шайх минбаъд роҳбари маънавии ихвониҳо на ӯ, балки Ҳасан ат-Туробӣ файласуд аз Судон шуд, яъне маркази ҷунбиши ихвония аз Миср ба Хартум интиқол ёфт. Туробӣ «Созмони ихво-ул-муслимини Судон»-ро роҳбарӣ намуд. Ӯ бо роҳбари ихвониҳои Тунис Рашид ал-Ганучӣ шартнома баста, ҳамкории зич бо онҳо барқарор кард.

Ин созмонҳо бо Эрон ҳамкорӣ доранд ва аз ӯ кумак мегиранд, ҳарчанд ки Эрон расман вуҷуди ин фактро инкор мекунад. Дар воқеъ наметавон гуфт, ки неруи онҳо танҳо аз Эрон вобаста аст, балки тавоноии онҳо дар он аст, ки кишварҳои мазкур гирифтори буҳронҳои сиёсӣ, ноорамии иҷтимоӣ, фақру бекорӣ, на будани озодӣ, беҳуқуқии оммаҳои васеи мардум мебошанд ки заминаи иҷтимоии ифротгароёни исломиро ташкил медиҳанд. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди шуравӣ ҳамаи онҳое, ки ба коммунизм эътиқодманд буданд, ояндаи некро дигар интизор нестанд, ба ноумедию навмедӣ гирифтор шуда, роҳи наҷотро пайдо накарда, гирфторидаъватҳои ихвониҳо дар бораи ҷомеаи хаёлии онҳо шуданд ва иллати бадбахтии худ Ғарбро мешумурданд, вале норасоиҳои ҷомеаи худро дида наметавонистанд. Албатта ақидаи зидди ҷомеаи исломӣ нав нест. Он ҳатто, дар асрҳои миёна вуҷуд дошт, вале ба ин ақида ихвониҳо пардози нав додаанд. Бешубҳа , ғояи он ки Ғарб сабаби хамаи бадбахтиҳои мусулмонон аст, беҳуда ба вуҷуд наёмадааст, вале ҳама чизро ба Ғарб вобаста кардан ҳеҷ маънӣ надорад. Аз ин ҷиҳат бисёр муҳақиқони исломӣ чунин мешуморанд, ки на Ғарб сабаби бадбахтиҳои мусулмонон мебошанд, балки аксари бадбахтиҳои онҳо аз худи мусулмонон ва аз бесаводию бефаҳмии худи онҳост. Онҳо решаҳои амиқи ин бадбахтиҳоро дуруст таҳлилу баррасӣ намекунанд, ба шиорҳои авомона бовар мекунанд, шиор медиҳанд, ба ҷои он ки сабабҳоро дар ҷомеаашон ҷустуҷӯ кунанд, сабаби онро аз берун мебинанд. Дар назди кишварҳои исломӣ мушкилиҳои зиёди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ истодааст, ки ҳалли онҳо брояшон душвор аст. Модернизвцияи ҷомеа бошад натиҷаи дуруст надода истодааст. Вале он роҳе, ки исломгароён пешниҳод мекунанд, на фақат натиҷаи хуб намедиҳад, балки вазъи ин кишварҳоро боз ҳам мушкилтар месозад, чуноне ки мо онро дар мисоли Ҷумҳурии исломии Эрон мебинем. Иқилоби исломӣ на танҳо ягон масъалаи иқтисодию иҷтимоии кишварро ҳал карда натавонист, балки ҳалли онҳоро хеле мушкилтар сохт. Пас, маълум мешавад, ки мақсади ифротгароёни исломӣ, на баровардани мамлакат аз ҳолати буҳронӣ аст , балки ба сари қудрат омадани худи онҳост.

Дар Осиёи Миёна низ аз солҳои 70-ум шуруъ карда, ғояҳои усулгароёнаи ихвонӣ ба воситаи матбуоту нашрияҳои он вақта як андоза паҳн мешаванд. Хусусан дар байни руҳониён, аллакай дар солҳои 80-ум ҷудоии муллоҳои суннатӣ ва нав ба вуҷуд меояд. Муллоҳои нав асли тавҳиди ихвониҳоро истифода карда, ба баъзе расму одатҳои ананавӣ мухолифат мекунанд. Аз ҷумла, дар маросими дафн, муоширати пиру мурид, зиёрати ҷойҳои муқаддас ва ғайра. Дар тафсири оятҳои қуръонӣ низ дар байнашон ҷудоӣ ҳис карда мешавад. Муллоҳои навбаромад ба тафсири тасаввуфӣ камтар эътибор медиҳанд. Баръкс, ба қироати дурусти оёт таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамоянд. Ғояи эҳёи давлати исломӣ ва шариат баъзе муллоҳоро фаро мегирад, ки маҳз зери таъсири ихвониҳо ба миён омада буд. Китобҳо ва наворҳои сабти овозии пешвоёни ихвониҳо, мисли рисолаи «Ад-даъват», ки даъватҳои Ҳасан Ал-Банноро дар худ доштанд ва асарҳои Саид Қутб «Маолим фӣ тариқ», «Адолат иҷтимоӣ дар ислом». Осори М. Қутб ва М. Ғаззолӣ дар шакли ксерекопияҳо дастраси як гурӯҳ муллоҳо гардиданд, ки дар натиҷа ғояҳои ихвониҳо доир ба «Исломи ноб»-и давраи пайғамбари ислом ва хулафои рошидин, ихвони мусалмонон, мубориза бар зидди ҷоҳилия, ки ба он ҳамаи низомҳои дунявӣ ва онҳое, ки бо Ғарб ҳамкорӣ мекунанд, дохил мешуданд, дар байни як қисм рӯҳониён паҳн гардиданд. Дар ҷумҳурии мо то андозае ғояи ҷиҳод бар зидди кофирон, аз ҷумла комунистон нуфуз пайдо мекунад. Ҳамаи ин ҳолат аз ҷониби прократураи вилояти Хатлон дар соли 1984, ки адабиёти ин гурӯҳҳоро ба даст оварда буд, ошно буд ва чанд тан аз ин муллоҳо ба ҷавобгарӣ кашида шуданд. Баъде, ки ҳизби наҳзати

исломии Тоҷикистон ба таври ошкоро дар давлат ба фаъолият пардохт, ин мавод аз ҷониби онҳо ба таври васеъ истифода мешуд. Дар шарҳу тафсири Қуръон низ муллоҳои навбаромад ба тафсири Саиди Қутб фи «Зилолал Қуръон» бештар мурочиат мекарданд. Дар охирҳои солҳои 80-ум мавқеи усулгароёни наҳзатӣ хело равшан буд, ки ин зиддияти байни онҳо ва муллоҳои суннатиро хеле зиёд кард. Аз заъфи ҳукумати он вақата истифода карда, наҳзатиён муборизаро бар зидди ҳукумати бо ном «ҳукумати комунустӣ» тақвият бахшиданд. Дар ин давра мавқеи наҳазтиҳо танҳо ифодаи мавқеи ихвониҳо набуд, бакли як шакли омехтаи исломи сиёсӣ ба вуҷуд омода буд. Азбаски таҳлили илмии наҳзат мавзӯи ин мақола нест, аз баёни минбаъдаи он худдорӣ карда, баён карданием, ки дар ташаккули наҳзати исломии Тоҷикистон таъсири ғоявии «ихвон-ул-мусимин» хеле зиёд аст. Ҳамчунон ки маъум аст, идеологияи ихвониҳо ҳам аз унсурҳои динӣ, ҳам сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ иборат аст, ки он унсурҳои мухталифро бо ҳам пайваста, бо ҳам омехтааст. Дар таълимоти худ ба исломи ибтидоӣ, давраи пайғамбари ислом ва хулафои рошиддин мурочиат карда, онро исломи ҳақиқӣ ва пок мешуморанд. Ингуна амал дар таърихи ислом ҳодисаи нав нест, алакай дар давраи хулафои аббосӣ барои пешгирӣ аз баддинӣ аз ҷониби усулгароён ё худ салафи солеҳ кӯшишҳое ба амал омада буданд. Ибни Халдун давраи аввали пайдоиши динро тасвир карда, онро равиши истидлоли ҷадид хонда, сабаби пайдоиши бидъат дар асри 8 ва ибтидои асри 9 медонад ва таъкид месозад, ки ин бидъатро баддинӣ ном мебояд бурд ва аҳли салаф ин номро ба онҳо ниҳода буданд[17]. Онҷо, ки Ибни Халдун аз тафсири оятҳои «ғайри мушобеҳа чун шакли антропоморфизм ёд мекунад, чунин мерасад, ки ӯ дар ин маврид баддинӣ гуфта тарафи муқобилро дар назар дорад[18]. Аз ҷумлаи баддинӣ эътиқод ба қудрати Худо аст, ки муътазилиҳо ихтиёрро дар баробари он интихоб кардаанд ва баддинии дигар он буд, ки сифатҳои Худо ба унвони чизҳои воқеъӣ аз қадим вуҷудддошта тасаввур мешуданд. Эътиқод ба сифати азалӣ чун эътиқоди ростии шинохта мешуд[19].

Ихвониҳо ин суннат, яъне гунаҳгоркунӣ ба баддиниро истифода карда, заъфу баддиниҳои давраҳои минбаъдаро нишон доданӣ мешуданд. Агар як андоза эҳтироми ихвониҳо ба уммавиҳо, ки бунёдаш арабгароӣ, яъне миллатпарастии арабӣ буд, вуҷуд дошта бошад, хилофати Аббосиҳоро онҳо нафақат ба баддинӣ, балкӣ ба дуршавӣ аз сифати давлатдории исломӣ, ки асосаш интихоби халиф буд, медонанд Ба қавли онҳо ҷои онро асли гузариши ҳукумат ба фарзандон ва хешу таборони наздик, яъне ирсӣ (ворисият), ки хосси шиъа мебошад, гирифтааст. Дар натиҷаи шуриши халқӣ ва ҳаракати зидди хилофати мардуми ғайриараб Абу Муслими Хуросонӣ сулолаи умавиҳоро сарнагун кард ва ба сари қудрат сулолаи Аббосиҳо оварад, ки ба фикри ихвониҳо давлатии исломӣро хеле заиф кард. Сабаби муҳими заиф шудани он аз исломи давраи аввал дур шудани он, такя карданаш ба мардуми турку эронӣ ва мебошад. Дар ин давра ҳар гуна равияҳо дар ислом пайдо шуданд исломро ба ҳар гуна ақидаҳои ғайри исломӣ олуда сохтанд. Фалсафа, адабиёти бадеӣ дигар унсурҳои маданият хусусияти ғайриисломӣ пайдо карданд, ки онҳо унсурҳои давраи ҷоҳилият ва эллинистиро фаро гирифтанд. Зарбаи дигар ба пайкараи ҷомеаи исломӣ ,ба қавли ихвониҳо, аз он иборат буд, ки аббосиҳо аз асли арабӣ дур шуда ба корҳои давлатӣ турку эрониҳоро ҷалб намуданд, ҳол онки фақат арабҳо, ки руҳияи исломи ҳақиқиро ифода мекарданд, дар канор монданд. Бо ҳуҷуми муғулҳо ва салибдорон бошад, боз

[17] Ибни Халдун. Муқаддима.э Теҳрон.1340(1561)Ҷ.3. С.10-11.
[18] Ҳамон ҷо. С.44.
[19] Волфсон Ҳ. У. Фалсафаи илми калом. Теҳрон- 1376. С.321.

ҳам вазъияти ислом аз пештара бадтар шуд. Агар туркҳои усмонӣ баъзе кӯшишҳоро барои раҳоии исломи «ҳақиқӣ» карда бошанд ҳам, аммо ин кор ба онҳо муяссар нагардид. Ҳарчанд Ҳасан ал-Банно султонҳои аввалаи туркро шахсони баландахлоқ ва диндори воқеӣ медонад. Дар давраи охир, ба қавли ӯ, олами араб мавриди истилои ғарбиҳо ва сионизм қарор гирифт ва ба мустамликаи онҳо табдил ёфт. Таҳлили таърихие, ки Ҳасан ал-Банно ва дигар ихвониҳо мекунанд, ба воқеияти таърихӣ ҳеҷ муносибат надорад, онҳо ҷомеа, тамаддуни онро дар мавриди таҳлил ҳеҷ ба инобат намегиранд, балки фақат исломро ва он ҳам исломи давраи аввалро ба назар гирифта, чигуна воқеъият доштани (ба қавли худашон) «исломи ноб»-ро дар назар доштаанд. Ҳоло он ки тамаддун дар давраи Аббосиҳо хеле пеш рафт ва он давраро аксари муҳақиқон давраи ъхтиллоии инкишофи тамаддуни исломӣ медонанд. Пас, ҳеҷ ҷои шубҳа нест, ки гуфтаҳои онҳо, фақат изҳори ақидаи исломгароёни мутаассиб асту халос.

Назарияи ихвониҳо доир ба давлат идомаи таҳлили таърихии онҳо буда, назари хаёлӣ, ғайриилмию ғайри мантиқии онҳоро нишон медиҳад. Албатта, ба ихвониҳо илму мантиқро нисбат додан нашояд чун онҳо илмро инкор мекунанд ва бад мебинанд. Аз ҳамин ҷиҳат ҳам онҳо чунин ҳисоб мекуанд, ки ҷорӣ намудани низоми европоии таълим зарбаи сахт ба ислом аст. Чун донишгоҳҳо ақли ҷавонони донишҷӯро захролуд менамоянд. Аз ҷумла донишгоҳи бузурги Ал-Азҳарро ба он гунаҳкор медонистанд, ки уламои он ба фишори таҳсили аврупоӣ тоб наёварданд ва ҷавононро аз ислом дур сохтанд, донишгоҳ на рӯҳонӣ балки шахси саводнокро омода мекунад.

Ҳасан ал-Банно ва дигар идеологҳои ихвонӣ ба низоми муосири ғарбӣ низоми исломиро муқобил гузоштаанд. Ба фикри онҳо, ҷомеаи ояндаи исломӣ бояд низоми маорифи худро дар асоси шариат ба вуҷуд биёрад.

Ба фикри Ҳасан ал-Банно ва Саид Қутб давлати исломӣ бар се асл бунёд мешавад: Қуръон, суннат, ҳукумати коллегиалӣ, яъне шуро , ки бо иродаи халқ интихоб шудааст. Раҳбари давлати исломӣ метавонад халифа, имом, малик, ҳоким бошад, зеро ҳамаи ин номҳо номҳои қуръониянд. Дар Қуръон ин мансабҳо зикр шудаанд, вале ҳоким бояд мусулмон, мард, ба балоғат расида ва дорои саломати ҷисмони ва рӯҳӣ бошад, аз фиқҳи исломӣ хуб хабардор буда, қобилияти роҳбарӣ дошта, бо диндорию накукориаш аз дигарон фарқ кунад. Ҳар мусулмони дорои ин сифатҳо метавонад ҳокими мусулмонон бошад ва ҳеҷ вақт набояд ҳокимият меросӣ шавад. Дар мавриди интихоби роҳбари олӣ ду фикр дар асарҳои ихвониҳо оварда шуданд, як қисм таъкид мекунанд, ки роҳбар бояд аз ҷониби тамоми уммат интихоб шавад, дигарон бошанд, чунин мешуморанд, ки онро бояд шуро интихоб кунад, ҳоким дар сурати номувофиқ омаданаш ва ё камбудиҳо содир карданаш аз тарафи уммат аз сари қудрат дур ва ба каси дигар иваз карда мешавад. Дар шуро бошад, шахсони маълумоти исломӣ дошта, пешвоёни қабилаҳо, дигар иттиҳодияҳои ҷамиятӣ метавонанд интихоб шаванд, судҳо- қозиёнро бояд роҳбари давлат таъин намояд ва аз тафсиру шарҳи шариат пурра огоҳ бошанд, шариат бошад, асоси қонунгузори қарор гирад[20]. Дар давлати хаёлии исломӣ бояд корхонаҳо милли гардонида шаванд ва ислоҳоти аграрӣ амалӣ гардад. Низоми меросият, ки дар шариати исломӣ аст, гуё мутамарказ шудани сарватро дар дасти як нафар намегузорад ва воситаи муҳими тақсими сарват ба манфиати камбағалон закот мебошад. Закот имконият медиҳад, ки дар ҷомеаи исломӣ пеши роҳи камбағалию бенавоӣ гирифта шавад. Инчунин барои пешгирии аз ҳад зиёд ба даст даровардани сарват қонуни манъи

[20] Ҳайкал.М.Х .Тирамоҳи ғазаб.( ба забони араби. Берут.1983.с. 271

рибо кӯмак мекунад. Дар айни замон ихвониҳо низоми бонкии муосирро низоми ғайри инсони ва ғайри- исломӣ шуморида, аз байн бурдани онро таъкид менамоянд. Бояд андозҳо дар давлати исломӣ одилона бошанд, пайравони динҳои дигар (аҳли китоб) ҷизя диҳанд ва низоми таълими кишвар исломӣ буда, бояд имкон диҳад, ки мардум тавонанд қарзашонро дар назди Худо иҷро намоянд.

Назарияи ихвониҳо дар масъалаҳои иҷтимоӣ, ҷаҳонбинию ҷахонфаҳмӣ, ташаккули шахс, муносибат дар оила ва ҷомеа муносибати байни халқу миллатҳо комилан аз ақидаи тавҳиди исломӣ бармеояд. Мусулмон малакаҳои зиндагӣ, таҷрибаю ақли худро ба кор гирифта, дар илм, саноат, кишоварзӣ, идоракунӣ, ҷангу набард бояд иштирок кунад, ҳамаи онҳо мусулмононро ба суи Худованди якто ҳидоят мекунанд[21]. Ғояи тавҳид, ки ғояи уммати исломӣ аст, дар назарияи ихвониҳо тобиши нав пайдо мекунад. Дар назарияи ихвониҳо пайвастани назария бо амалияи динӣ имконият медиҳад, ки фиқҳу калом ва унсурҳои назариявиро бо ҳам мувофиқ созанд, дар «фалсафаи тавхиди» -и худ низоми ягонаро ба вуҷуд биёранд. Он пиринсипи унверсалиеро ташкил медиҳад, ки дин сиёсат, давлат, фарҳанг, тарзи ҳаётро бо ҳам муттаҳид месозад ва назарияи унверсализми исломиро ба вуҷуд меорад[22]. Аммо дар воқеъ, ин назария ба ҷуз синкретизми дорои унсурҳои аз ҳам ҷудо ва аз ҳам фарққунанда чизеи дигаре нест. Ба назари мо Ю.А. Кимилев хусусияти унверсализми онҳоро дуруст муаян карда, онро ғайримантиқӣ пайвасти муносибатҳои аз ҳам ҷудои динӣ донистааст[23]. Албатта, набояд пиндошт, ки онҳо ба таҳлили илми масъалаҳо машғул шудаанд, чун илм барои онҳо ба он қадре мавриди писанд аст, ки ба дин хизмат намояд. Бинобар ин онҳо на методи илмӣ, балки усули интуитивӣ, эзотрикиро истифода мекунанд ва ҳақиқатро танҳо ба воситаи усулҳои маърифати динӣ тасдиқ менамоянд. Барои ҳамин ҳам С. Қутб чунин мешуморад, ки муҳим на сохтани конструксияи назариявӣ, балки ягонагии ҷиҳатҳои гуногун-хоҳиш, ақида, ба дил ҷой додани ислом лозим аст, то ин ки ақл онҳоро идора кунад. Ба қавли ӯ, агар хоҳед, ки аз ислоpremi имрӯз низоми иҷтимоӣ ( қаволибу низом,) сохта, ҳаётро ба тартиб дароред, пас барои он дар замони ҳозира, ҷамъияте, ки шариати Аллоҳро таҳким бахшад, вуҷуд надорад[24]. Пас бояд барои ташкили чунин низом бояд талош кард. Ӯ барои ҳалли дурусти масъала албата, аз мавқеи усулгароии худ даъват мекунад, ки ба исломи ибтидоӣ муроҷиат шавад, ки чӣ тавр масъалаи ҷаҳонбинӣ дар он вақт ҳал карда шудааст. Аз ҳамин сабаб ҳам каломро илми тавҳид мегуянд[25]. Пас муҳим таълимоти ислом дар бораи инсон, ҳадафу мазмуни он мебошад, ки он назария нест, балки замина барои назария, шакли хос барои худошиносӣ, мантиқу ақлгароӣ мебошад[26]. Ҳарчанд мухолифати ихвониҳо ба илми дунявӣ ва ақлгароӣ дар осорашон ошкор аст, Бо вуҷуди ин онҳо, наметавонанд аз илм сарфи назар кунанд. Онҳо ҳамаи ҷиҳати ҷомеа: илм, «ақлгароӣ» (ратсионализм)-ро бо ҷиҳатҳои парастиши ҳаёти ҳаррӯзаи диндорон муттаҳид сохта, тобеи назарияи унверсализми худ месозанд. Барои ин кор онҳо усулҳои ақлигароёнаи маърифати оламро тобеи усулҳои динии маърифат мисли илҳом, кашф, ваҳӣ месозанд. Маърифатро тобеи эътиқод, илмро тобеи дин сохта ҳодисаи нав дар таърихи инсоният нест. Дар тӯли асрҳои миёна назариётчиёни дин, чи ислом, чи масеҳӣ, махсусан дар масеҳият то асри 15, илм хизматгори илоҳиёт шуда буд ва дин

21 С . Қутб..Маъолим фи-т- тариқ Димишқ,1978.с.180
22 Сайид Қутб.Маъолим фи ат- тариқ Бейрут.1978. С.49
23 Кимилев Ю.А Современая западноя философия религии.М.1989. С 200
24 Сайид Кутб.Маъолим фи ат-тариқ.Бейрут.1978.С.45
25 Ҳамон ҷо. С. 48
26 Ҳамон ҷо. С. 50

ақидаи ҳукмрон дар ҳаёти маънави олами Ғарб гардида буд. Азбаски дар байни донишу эътиқод ҷудоӣ вуҷуд дорад, чун пешгузаштагони худ усулгароёни муосир донишро ба кори дунё ва фикрро ба кори охират марбут медонад. Вале ин ҷудоиро тавре баён мекунанд, ки кори дунё тобеъи кори охират ва дониши олам тобеи эътиқоди динӣ бошад. Агар чунин набошад, назарияҳои универсалии онҳо халалдор мешавад. Пас, бояд дониши инсон ба ваҳй тобеъ ва аз он сарчашма гирад ва асрори офариниш, мазҳари эътиқодро асоснок намояд, пас гуфтаи он ки ихвониҳо илмро маҳдуд месозанд, маънии маҳдуд кардани онро дар доираи таълимоти ислом дорад, ва ба ғайри ин наметавонад таҳқиқи табиат, ҷомеа ва инсонро аз ҷониби илм ба назар нагиранд. Онҳо бо роҳҳои гуногун ҳақиқати таълимоти динро исбот кардан мехоҳанд. Дар натиҷа як назарияи эклектикӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он унсурҳои мухталиф ва ба ҳам зид муттаҳид карда мешаванд ва шинохти Худо сутуни асосии ин назария, натиҷаи он мебошад. Ин амалро метавон чунин маънидод кард, ки шинохти Худо аз дараҷаҳои гуногун ва имконияти маърифати олам вобаста аст. «Чи қадаре, ки маърифати олам дар дараҷаи баланд бошад, ба ҳамон андоза эътиқод ба Худо бештар аст»[27].

Ҳарчанд ҷаҳонбинӣ асосу заминаи динӣ, унсури асосии он аст, аммо дар ҷаҳони пурталотум ва зиддияноки муосир, кӯшиши давлатҳо барои рушду инкишофи иқтисодию иҷтимоии худ, барои истиқлолияти сиёсӣ ва мавқеъ пайдо намудан дар ҷомеаи муосир масъалаҳои ҳаётӣ мебошанд. Бинобар ин, таълимоти иҷтимоию сиёсӣ барои ихвониҳо мавқеъи асосиро ишғол мекунад, пас дар таълимоти онҳо роҳи минбаъдаи инкишофи кишварҳои исломӣ, низоми иҷтимоӣ, аслҳое, ки таваҷҷӯҳи одамонро ба худ ҷалб кунанд, мисли баробарӣ, адли иҷтимоӣ, аз байн бурдани истисмори дигарон, озодӣ, демократия, масъалаҳои муҳим мебошанд. Дар низоми исломии пешниҳодкардаи онҳо адолати иҷтимоӣ яке аз аслҳои асосӣ аст. Ҳатто китоби муҳими С. Қутб «Адолати иҷтимоӣ дар ислом» ном дорад. Дар он аслҳои муҳиме, ки дар асоси таълимоти ислом адолати иҷтимоиро таъмин кардан имкон дорад, зикр шудаанд. Ба қавли С. Қутб ғояи адолати иҷтимоӣ аз эътиқод ба баробарии одамон дар назди Худо сарчашма мегирад. Ӯ дар ин маврид таъкид мекунад, танҳо дар ҷомеаи исломӣ адолати иҷтимоӣ вуҷуд дошта метавонад, зеро маҳз дар ин ҷомеа адли илоҳӣ татбиқ мегардад. Ба назари ихвониҳо мусулмонон бар зидди ҳар гуна зулм дар ҷомеа мубориза бурда, ҳастии нопокро(ал-каён)-ро аз байн бурда, бо розигии Худованд, давлати боадолат бунёд месозанд.[28] Низоми исломӣ метавонад барои татбиқи адолат хам заминаҳои моддӣ ва ҳам маънавӣ ба вуҷуд биоварад, дар сурате, ки дигар низомҳо то ин вақт ин корро анҷом дода натавонистанд, яъне агар онҳо заминаҳои моддиро ба вуҷуд оварда бошанд ҳам, заминаҳои маънавиро ба вуҷуд оварда натавонистанд.[29] Ихвониҳо заминаҳои маънавӣ, гуфта фақат исломро дар назар доранд, на маънавиёти воқеӣ-илму фалсафа, санъат, ахлоқ ва ғайра. Аз ин ҷиҳат назарияи ихвониҳо хеле маҳдуд аст, ҳатто нисбати таълимоти аксари мазҳабу равияҳои исломӣ, ки ба фарҳанги маънави як андоза таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Ихвониҳо фақат дину диндориро асоси маънавиёт мешуморанд. Мустақилияти фарҳанги дунявӣ барои онҳо ба ҳамон андоза эътибор дорад, ки ҳастии воқеӣ, моддиро ба асос нагирад ва он вобастаи нерӯи фавқуттабиӣ, махлуқи он бошад.[30] Ин ақидаи умумӣ барои ҳамаи дингароён аст, вале

---

[27] Кямилев Ю.А. Современная западная философия религии. М. 1987. С.102.

[28] Маҷмӯаи «Тариқ ад-даъва». –Қоҳира. 1979. С -28-29.

[29] Ҳамон ҷо. –С. 28.

[30] С. Қутб. Маъолим фӣ ат-тариқ. –Бейрут.1969 –С. 44

ифротгароён доир ба ин масъала ҳам мавқеи ифротӣ ишғол мекунанд, онро вобастаи сарчашмаи фаъоли холиқ медонанд.

Дар назарияи иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ ихвониҳо ҳама дигаргуниҳоро вобаста аз иродаи илоҳӣ медонанд, вале ин ақидаи худро бо субъекти дигаргуниҳои иҷтимоӣ алоқаманд мешуморанд. Агар аз исломи имрӯза низоми иҷтимоиро бунёд кардан лозим бошад, он чун қолабҳои низом истифода шавад, пас ҳоло чунин ҷомеа, ки ин корро анҷом диҳад, вуҷуд надорад, ки шаритаи Аллоҳро таҳким бахшад. Пас, чунин ҷомеаро бунёд кардан лозим аст.

Принсипи универсализм, ки онҳо нисбати ислом истифода мебаранд, ҳама ҳолатҳо, ба назарашон, фаро мегирад. Ин принсип ба онҳо имкон медиҳад, ки ислом саҳнае тасаввур шавад,ки ҳама чиз дар он метавонад пайдо шуда, ривоҷ ёбад: илм, илоҳиёт, мантиқ, ақлгароӣ, санъат ва ғайра ва ниҳоят робитаи холиқ ва махлуқи ӯ, табиату инсон ва ҷомеаро нишон диҳанд. Бо вуҷуди ин гуна васеъ сохтани ислом, Сайид Қутб исломро ғояи абстрактӣ намедонад, онро танҳо ҷаҳонбинӣ ва эътиқод намешуморад, балки онро ба низомдороварандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсон мешуморад. Аз ин нигоҳ ҷамъияти исломӣ қоидаҳо ва қонунҳоеро фаро мегирад, ки бе риояи онҳо мусулмон будан имкон надорад. Ин ҷомеа пештар аз он ки эътиқод ба Худои ягона дар ҷомеа тасдиқ шавад, вуҷуд надорад.

Ихвониҳо кӯшиш мекунанд, ки афзалиятҳои «ҷомеаи исломиро» нишон диҳанд ва барои ин ҳама гуна имкониятҳоро истифода мебаранд ва ҷомеаи ғайри исломиро ҷомеаи «ҷоҳилия» ном мебаранд. Мафҳуми «ҷоҳилия» мафҳумест барои ифода кардани ҷомеаи тоисломӣ дар Нимҷазираи Арабистон чун, ки ин мафҳум дар ибтидои ислом истифода мешуд ва он ба ду маъно буд, яке барои ифодаи ҷомеаи авлодӣ- қабилавӣ, кӯчӣ, ки бо мафҳуми «барбарҳо» (варварҳо) мушобеҳ аст, дигар барои бутпарастони арабҳои то исломӣ, ки онҳо тавҳидро эътироф надоштанд ва онро намефаҳмиданд. Яъне ифротгароёни исломӣ ҳамон мафҳуми қадимаро мазмуни тоза бахшида, онро нисбати «аҳли китоб» ва ҳамчунин муттаҳидони онҳо истифода мебаранд. Азбаски ба гуфтаи онҳо давраи пайғамбар ва хулафои рошидин давраи тиллоии мусулмонон аст ва дар он давра ислом ба таври расмӣ ҳукмрон буд, пас вазифаи мусулмонон ҷомеаи худро дар партави он бино кардан аст. Ҳикмати таърих ва даврабандии он барои ифротгароёни исломӣ мушкилотро ба вуҷуд овардааст, аз яктараф онҳо фақат хоҳиши одамонро дар дигаргуниҳои таърихӣ ба инобат мегиранд, ки ҳеҷ ба таърихфаҳмии илмӣ наздикӣ надорад, аз дигар тараф, хоҳиши одамонро бо инкишофи нерӯҳои истеҳсолӣ алоқаманд месозанд, ки дарҳамбарҳамиро дар фаҳмиши таърих боз ҳам бештар месозад. Аз ҷумла, ихвониҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки муаррихони таърих на фақат истеҳсолот, нерӯҳо ва муносибатҳои истеҳсолӣ ба шумор меравaнд, балки он нерӯҳо ва муносибатҳо ба сабаби он муҳаррики таърих мешаванд, ки ба хоҳиши одамон табдил меёбанд[31]. Чунин бесуботӣ ва акси воқеиятро дар назар гирифтани ихвониҳо ба он сабаб аст, ки онҳо тарихро зуҳури иродаи илоҳӣ медонанд, ки он ба воситаи амали субъективӣ дар амал татбиқ мешавад, зеро Худованд, ба фикри онҳо, руҳи худро ба инсон мегузорад ва инсон дар амалӣ шудани он талош мекунад. Бо вуҷуди он ки ихвониҳо фатализми исломиро ба инсон бор мекунанд, дар айни замон онҳо ноилоҷанд эътироф кунанд, ки амали инсон қисман аз руи иродаи худи ӯ амалӣ мешавад ва инсон барои амалаш масъул аст. Дар ин гуфтаҳои ихвониҳо, чунонки мо дар муносибати онҳо ба моликият мушоҳида кардем, бесуботии ақидаи онҳо равшан аст. Ин бори дигар

[31] М. Қутб. Шубаҳот ҳавла-л-ислом. Қоҳира, 1978. Саҳ. 27

хусусияти эклектикӣ доштани назарияи онҳоро, ки ба буржуазияи хурд ва гурӯҳҳои маргеналӣ хос аст, исбот мекунад. Дар ин маврид гуфтаи К. Маркс бори дигар пеши назар меояд, ки гуфта буд «инсон ботинан бо олами маънавӣ пайвандӣ дорад ва зоҳиран бо муҳити атрофи худаш. Аз инҷо айният донистани ҳаёти маънавӣ бо моҳияти инсон маънои бегонагии инсон аз моҳияти худашро дорад, ки худшиносии инсон, ки аз хислати инсон аст, ба субъекти мустаъқил табдил меёбад».[32] Аз таҳлили осори ихвониҳо бармеояд, ки таълимоти онҳо дар асоси аслҳои антропологияи динӣ, худомеҳварӣ, моҳияти гунаҳгор будани инсон ва эҳтиёҷ ба наҷот доштан, дугонагии ҷону ҷисм бунёд шудааст ва ин мафҳумҳо хоси эътиқоди динӣ буда, ба илм ҳеҷ мансубият надоранд. Онҳо на фақат ҳоло қимати илмии худро дар назди намояндагони илм аз даст додаанд, балки дар назди бисёр мутафаккирони исломӣ ҳам чандон эътибор надоранд ва наметавонанд хусусияти ҳақиқии инсонро ифода кунанд. Мутафаккирони исломӣ ба ғайр аз аҳли тақлид, ки ба фикри Муҳаммад Иқбол, ба карахтии фикр роҳ додаанд[33] дигарон бештар дар бораи фаъол будании инсон, соҳибихтиёри иродаи худ будан ва масъули амалҳои худ будани инсон ҳарф мезаданд, пас дар ин маврид ҳам маҳдуд будани ақидаи ифротгароён ва хусусияти иртиҷоӣ доштани мавқеи онҳо бараъло намудор аст. Ба қавли баъзе аз муаллифон, ихвониҳо низоми мураккаби эклектикӣ ва метафизикиро ба вуҷуд овардаанд, гарчи ба таҳлили фалсафӣ онҳо чандон эътибор намедиҳанд, вале дар вақти зарурӣ ба он муроҷиат мекунанд. Аз ҷумла, аз нигоҳи фалсафӣ исбот карданӣ мешаванд, ки инсон дар маркази офариниши олам қарор дошта, субъекту натиҷаи ниҳоӣ ва ҳадафи Худованд аст ва дар ин маврид ба назарияи илоҳиёти исломӣ доир ба муносибати инсону Худо, инсону табиат, ки масъалаҳои сирф фалсафӣ мебошанд, муроҷиат мекунанд. Ихвониҳо аксиологияи хоси исломиро дар пояи ақидаи ифротии худ ба вуҷуд овардаанд, ки арзишҳои воқеии инсонӣ дар он тафсири динӣ пайдо кардаанд. Мисли чунин арзишҳо: демократия, адолат, гуманизм ва ғайра моҳияти динӣ ба худ гирифта, дар доираи назарияи ифротии онҳо шарҳу баён пайдо кардаанд, ки ба гуманизму демократияи воқеӣ ҳеҷ алоқа надоранд, зеро вуҷуди онҳо бо сарчашмаи трансендентӣ алоқаманд гардидааст.

Маълум гардидааст, ки назарияи ихвониҳо чун дигар назарияҳои исломгароён дар асоси дихотомияи дину дунё, инсону Худо, инсону табиат бунёд шудаанд, ки дар ҳар ҷониб дихотоми тарафҳои муқобилу зид вуҷуд дорад. Дихотомияи давлатҳои дунявӣ, демократӣ ва исломӣ ҳам намунаи чунин фаҳмии дихотомӣ аст. Ҷустҷӯи зиддияту ихтилоф, дӯсту душман ҳамеша ба ҷудоӣ ва ихтилоф меанҷомад. Чунин фаҳмиш ба синтези ҷонибҳои зид имкон намедиҳад ва ҷомеаҳои исломиро аз пешрафти иқтисодӣ, фарҳангию сиёсӣ маҳрум месозад, ҳол он ки пешрафти ин кишварҳо дар синтези тарафҳои муқобил, синтези ҷомеаи анъанавӣ бо ҷомеаи муосир мебошад. Набояд зиддиятро дар диндории кишварҳои исломӣ ва дунявигароии Ғарб ҷустуҷӯ кард, ҳарчанд ин амал ҳам таъсир дорад, балки дар назарияю таълимоти ифротгароёни исломӣ ҷустуҷӯ намуд. Ҳамаи ин муқобилгузориҳо, оштиноназариҳо фақат заминаи сиёсӣ доранд ва ин андешаи сиёсиашонро онҳо бо либоси аз ҳад исломӣ буданашон пӯшонидан мехоҳанд. Ба эҳсоси динии мардум таъсир расонида, худро ғамхори дин намудор месозанд ва бо ин роҳ дар байни мардуми оддӣ, мардуми бекору мазлум, аксаран бемаълумот, ин гурӯҳи мансабталошу қудратталаб мехоҳанд нуфуз пайдо кунанд. Аммо то ҳол дар таърих нашудааст, ки идеологияи қишрҳои маргиналӣ ба

[32] К. Маркс и Ф. Энгелс. Том 2. Саҳ. 153.
[33] М. Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Душанбе. 1999 Саҳ. 44.

қудрати сиёсӣ расида, пешрафти ягон кишварро таъмин карда бошанд. Пас, ҳар чӣ дур будан аз ин таълимот, пешгирӣ аз нуфузи он дар фазои маънавии ҷомеа ба манфиати пешрафти кишварҳои исломӣ он аст. Онҳо мехоҳанд кишварҳои ислмоӣ симоии махсуси худро дошта бошанд ва ин махусусиятро фақат дар дин мебинанд, на дар пешрафти илм, фарҳанг, иқтисод, ҳоло он ки бе пешрафти чунин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ҳеҷ кишвар мақоми арзандаро дар ҷаҳони муосир пайдо намекунад. Илова бар ин пойбандии ин кишварҳо фақат ба дин дар асл гирфтани пеши роҳи инкишофи онҳост ва дар натиҷа тобеияти доимии иқтисодӣ, технологӣ ва ҳатто фарҳангӣ ба кишварҳои пуриқтидори Ғарб боқӣ хоҳад монд. Ифротгароёни исломӣ хоҳанд ва ё нахоҳанд, дар ниҳоят ба кишварҳои соҳибқудрат, ки ҳоло ҳамаашон кишварҳои ғайриисломианд, хизмат мекунанд, кишварҳои худро ба бозори молҳои саноатию технологии онҳо табдил медиҳанд ва онҳоро чун кишварҳои вобаста боқӣ мегузоранд.

Дар байни созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ ихвон-ул-муслимин мақоми хоси худро дорад, аввал ин ки созмони сернуфузтарин ва паҳншудатар дар аксари кишварҳои исломӣ мебошад, яъне ҷуғрофияи фаъолияти он хеле васеъ аст; он созмонест, ки таълимоташ заминаи аксари созмонҳои ифротӣ гардидааст. Идеологҳои он Ҳасан ал-Банно, Саид Қутб, М. Ғаззолӣ, М. Қутб, Х. Ал-Баҳо ва дигарон эътибору нуфузи зиёд байни созмонҳои ифротӣ пайдо кардаанд. Аксари нуктаҳои назариявиро доир ба “исломи пок”, “баргаштани ба асри тиллоии ислом”, “исломи ибтидоӣ”, “назарияи давлати исломӣ”, “роҳи исломии тараққиёт” ва ғайра аз ҷониби онҳо асоснок карда шудаанд, ки дигарон онҳоро бо баъзе тағйиротҳо қабул кардаанд. Абатта худи ин созмон низ аз таълимоти дигарон низ бебаҳра нест, мисли таълимоти Абӯаъло ал-Мавдудии Покистонӣ. Вале нуктаҳои асосии таълимоти ифротгароён аз ҷониби идеологҳои “ихвону-л-мусимин” асоснок шудаанд, аз ҷумла назарияи муосири “такфир”, “ҳакамия”, “адолати исломӣ” ва ғайра.

Бояд зикр кард, ки тарзи сохтори созмон низ аз ҷониби бисёр созмонҳои ифротӣ дастгирӣ ёфтааст. Мақсаду ҳадафҳои муборизаи созмонҳои ифротӣ дар пешгирӣ аз бозсозии ҷомеаи анъанавӣ дар кишварҳои исломӣ, ҳимоя аз истеҳсолоти хурди молӣ ва вобаста ба ин ҳимояи манфиатҳои табақи буржуазияи хурд аст, ки зимни пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ногузир мақоми худро дар ҷомеа аз даст медиҳанд ва дар натиҷа эътирозҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад. Эътирози созмонҳои ифротии исломӣ дар асл, эътирози стихиявии майдабуруазӣ доир ба навсозии ҷомеаи анъанавӣ буда, ҳаргуна амалҳои ифротиро ба вуҷуд меоварад.

## АДАБИЁТ:


1. Милославская Т.Б. Деятельность «братыв мусульман» в странах Востока// Ислам в страннах Ближнего в Среднего Востока. Москва- 1982. С. 20.
2. Ҳасан ал-Банно. Рисолат ад-даъва, Қоҳира.1978. С.12
3. Hexworth-Qunne J. Op .cit. p. 59
4. Ахмедов С. Ислам и общество в учении Сайида Кутба и других идеологов «Братьев- мусульман/Современный ислам: идеология и политика. М.1985. 3-ое изд. Т.1. С. 142.
5. Борисов А. М. Роль ислама во внутренней и внешней политике:Египта(XXвек) М. 1991. С. 212
6. В. И.Ленин. Доир ба шикасти ҳукумати худ дар ҷанги империалистӣ/Асарҳо.ҷ. 26. С. 290-291.

7. К. Маркс. Восемнадцатое брюмера Луи Бонопарта/К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч.т.8. С. 119-120.

8. Милославская Т.Б. Деятельность «братыв мусульман» в странах Вастока// Ислам в страннах Ближнего в Среднего Востока. Москва- 1982. С. 20.

9. Ҳайкал М. Осень гнева. Расказ о начале и концепции Анвар Содота. Бейрут, 1983. С.447

10. Said Ali A. M. Wenntr M. Modern Islamic Reform Molerents.:The Muslim Brothte in Contemporary Egipt// Middle East Jornol 1982. Vol. 36. №3. p.344.

11. Волфсон Ҳ. У. Фалсафаи илми калом. Теҳрон- 1376. С. 321.

12. Ибни Халдун. Муқаддима. Ҷ.3. Теҳрон.1368. С.10-11.

13. Маҷмӯаи «Тариқ ад-даъва». Қоҳира. 1979. С -28-29.

14. С. Қутб. Маолим фӣ ат-тариқ. Бейрут.1969 – С. 44

15. М. Қутб. Шубаҳот ҳавла-л-ислом. Қоҳира. 1978. С.27.

16. К. Маркс и Ф. Энгелс. Том 2.С.153

17. М. Икбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. Душабе. 1999 С. 44

## "ИХВОН-УЛ- МУСЛИМИН": ИДЕОЛОГИЯ И ПОЛИТИЧЕСКАЯ ПРАКТИКА

*В статье рассматривается процесс становления идеологии этой организации через её участие в политической борьбе, начиная с 20-х годов прошлого столетия до наших дней. Если в первоначальном периоде данное движение сыграло определённую роль в борьбе пртив английских колнизаторов в Египте, то впоследующие периоды, после освобождения Египта от колониализма, создания независимого нациoнльного государства Египта превратилось в реакционную радикально-исламистскую силу, провостоящую развитию национальных и демократатических преобразований. Ихванисты идеализируют период первоначального ислама, создаёт утопическое представление об исламском государстве и на этой основе противопоставляет идею "чистого ислама" периода пророка и праведных халифов национально- освободительным движениям инациональным государств. Их цель является создание исламского государства на основе шариата. Они обновывают свою позицию идеями ханбализма о тавхиде: тавхид-ур-рубубия, тавхид-ул-улухия, тавхид-ул-асмоъ-ус- сифат, тавхид-ул- хакимия. Сайид Котб последний пункт считает очень важным для создания исламского государства. Ихванисты для достижения этой цели используют джихад и такфир. По их мнению только"джихад меча"может обеспечить прихода к власти исламистам и победу ислама во всем мире. Осуществление социальной справедливости становится возможным при исламском государстве.*

***Ключевые слова**: Ассоциация "братьев-мусульман", радикализм, фундаментализм, возрожденчество, исламское государство, тавхид, рубубият, шариат, джихад, такфир, хакамия, традиционализм .*

***МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

# ТАЪСИСИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ ВА ШАКЛГИРИИ НИЗОМИ НАВИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР МИНТАҚА

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**
доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии Институти Омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Рӯдакӣ,33. Тел: +992 919160029. E-mail: Diplomat.ti94@mail.ru

**МИРЗОЕВ ҲАБИБҶОН ТАБРИКҶОНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, ходими илмии Институти Омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Рӯдакӣ,33. Тел: +992 933609494. E-mail: Diplomat.ti94@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллифон фаъолияти сисолаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро мавриди таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷониба қарор доданнд. Муаллифон ба он ишора мекунанд, ки муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳукукии Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар заминаи рушду инкишоф қарор дорад. Бояд қайд кард, ки барои таҳлили ҳаматарафаи муносибатҳои байналхалқии хозира ҳама ҷанбаҳои хоси ин мамлакатҳоро таҳлил кард. Хусусияти амалии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аҳамияти назариявӣ ва илмиро имрӯз доро мебошад. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои амнияти минтақа ва баланд гардонидани иқтисодиёти мамлакат ва рушду тақвияти илму фарҳангии халқҳо мусоидат менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, муносибатҳои дипломатӣ, стратегияҳо, вохуриҳо, нишастҳо, тавзеҳот, пасошӯравӣ, заминаҳо ва рушди он.*

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ин ташкилот ва созмони минтақавию байналхалқии калонтарин дар минтақаи пасошуравӣ ба ҳисоб меравад. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил моҳи декабри соли 1991 бо мақсади мусоидат ба раванди ҳалли масъалаҳои муҳимтарин дар марҳилаи ташаккули давлатҳои мустақил ва ҳифзи робитаҳои таърихии кишварҳои аъзо таъсис дода шуд. Иттиҳод (ИДМ) дар марҳилаи кунунӣ ба сифати фазои мусоид ҷиҳати таҳкими муколамаҳо байни кишварҳои узв, роҷеъ ба муҳокимаю баррасии масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ фаъолият мекунад. 8 декабри 1991 дар Вискул, иқоматгоҳи Ҳукумати Беларус дар «Бешазори Беловежская» роҳбарони давлатҳои Беларус, Русия ва Украина Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба имзо расониданд. 21 декабри 1991 дар Алмаато (Қазоқистон) ба ғайр аз Гурҷистон ва кишварҳои соҳили Балтик, роҳбарони 11 давлати соҳибистиқлол Протоколи Созишномаи мазкурро ба имзо расониданд, ки дар он таъкид гардидааст: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Узбекистон ва Украина «бар мабнои баробарҳуқуқӣ ва ҳамчун Тарафҳои Мувофиқ Иттиҳоди давлатҳои мустақилро таъсис медиҳанд». Дар он марҳила ҳамчунин Эъломияи Алмато қабул гардид [7].

ИДМ дар асоси Оинномаи аз ҷониби Шурои сарони давлатҳо 22-юми январи соли 1993 қабул гардида, амал менамояд. Давлатҳои аъзои Иттиҳод субъектҳои мустақил ва баробарҳуқуқи байналмилмилалӣ мебошаднд. Иттиҳод пеш аз ҳама ба равнақу ривоҷ ва

пойдории муносибатҳои дӯстӣ, ҳамҷаворӣ, ризоияти байни миллатҳо, боварӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамкории муфиди байни давлатҳо хизмат мекунад ва ваколати фавқулмиллӣ надорад.

Моҳи сентябри соли 1993 сарони кишварҳои ИДМ дар бораи таъсис додани Иттиҳоди иқтисодӣ Шартнома имзо карданд, ки он ба консепсияи тағйири шакли ҳамкории хоҷагӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо дарназардошти дигаргуниҳои воқеӣ асос ҷой дода шудааст. Асоси Шартнома аз тарафи иштироккунандагонаш дарк кардани зарурати ташаккули фазои умумии иқтисодиест, ки ба интиқоли озоди мол, хизматрасонӣ, қувваи корӣ, сармоя; таҳия кардани сиёсати мувофиқашудаи пулию қарзӣ; наздик кардани усулҳои танзими фаъолияти хоҷагидорӣ, муҳаё намудани шароитҳои мусоид барои инкишофи равобити мустақими истеҳсолӣ бунёд меёбад [6, с.57].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мову шумо бояд дар мафҳуми Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил минбаъд ташкилоти байналхалқиеро дар назардошта бошем, ки он бо назардошти талаби замона, бе истифода аз зӯроварӣ, бо риояи талабу дархостҳои меъёрҳои байналмилалӣ ва тасмими мустақилонаи давлатҳои аъзо, дар алоҳидагӣ бунёд гардидааст ва ҳамчун сохтори олимақом, ба сиёсати дохилии давлатҳои аъзо дахолат накарда, муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳои аъзои онро танзим менамояд.

Иттиҳодияҳои минтақавии интегратсионӣ ба монанди созмонҳои байналмилалии давлатҳо дастгоҳҳои умумии идоракуниро аз қабили машваратӣ, иҷроия, маъмурӣ, судӣ доранд, ки фаъолияти онҳо барои ташкили иттиҳодияи сиёсӣ мусоидат менамояд. Яке аз тамоилҳои навтарини рушди созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавии байналмилалӣ ин бунёди мақомотҳои байнипарлумонӣ мебошад, ки онҳо вазифаҳои машваратиро иҷро карда, омили демократикониии муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд. Айнан чунин мақом Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ мебошад.

Ҳанӯз дар даҳсолаи аввали мавҷудияти ИДМ асоси меъёрӣ-ҳуқуқии аъзои он ба вуҷуд оварда шуд. Якчанд ҳуҷҷатҳо ба истифодаи потенсиали иқтисодии мамлакатҳои аъзои иттиҳод равона шудаанд. Бо вуҷуди ин як қатор созишномаҳо қисман ё ҳатто пурра иҷро намешуданд. Аз ҷумла, он амалиёти ҳуқуқие, ки бе онҳо ҳуҷҷатҳои имзошуда эътибори ҳуқуқии байналмилалӣ надоранд, иҷро намешд. Ин пеш аз ҳама аз тарафи парлумонҳо ва ҳукуматҳои миллӣ тасдиқ шудани созишномаю шартномаҳо буда, боиси он мегардад, ки баъзе аз давлатҳои аъзои ИДМ ӯҳдадориҳои гирифтаашонро иҷро намекарданд.

Дар солҳои охир як қатор давлатҳои аъзои ИДМ ва Иттиҳоди Аврупо алоқаҳои байниҳамдигариро бо ба роҳ мондани муколамаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мустаҳкам намуданд. Дар ин ҷода созишномаҳо дар бораи шарикӣ ва ҳамкории дутарафа байни Русия, Украина ва дигар давлатҳои ИДМ бо Иттиҳоди Аврупо, ҳамчунин фаъолияти сохторҳои байнипарлумонӣ ва байниҳукуматӣ манфиатнок буданд. Қарори Иттиҳоди Аврупо аз 27 апрели соли 1998 дар бораи эътирофи мақоми бозории корхонаҳои Русия, ки ба бозорҳои Аврупо маҳсулот содир мекунанд, дар ин самт хеле муҳим буд.

Дар ҳамон шароит ИДМ барои нигоҳ доштани алоқаҳо, содироту воридоти маҳсулот тамоми имкониятҳоро истифода бурд ва ин барои ҳалли масъалаҳои баҳснок тамоми шароитҳои заруриро ба вуҷуд овард.

Аз ин хотир ин давра барои мамлакатҳои аъзои ИДМ аз ҷиҳати рушд ва навшавии раванди интегратсияи мамлакатҳои аъзои иттиҳод самаранок буд. Раванди эҷоди қонунҳо муносибати мамлакатҳои аъзои ИДМ-ро ба иттиҳод тағъир дод.

Дар шароити имрӯза дар дохили ИДМ якчанд иттиҳодҳои сиёсӣ ва иқтисодии минтақавӣ ба вуҷуд омадаанд. Иттифоқи Белоруссия ва Русия, Иттифоқи Белоруссия,

Қазоқистон, Қирғизистон ва Русия, иттиҳоди дохилии Осиёи Марказӣ (Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон) ва шарқиаврупоӣ (Украина, Молдавия) аз ҷумлаи онҳо мебошад.

5-уми октябри соли 2007 дар рафти саммити ИДМ дар шаҳри Душанбе Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ ва Нақшаи чорабиниҳои асосии амалӣ гардонидани он қабул карда шуданд. Кишварҳо дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба воситаи мақомоти зерини асосии ҳамоҳангсоз-Шурои сарони давлатҳо, Шурои сарони ҳукуматҳо, Ассамблеяи Байнипарлумонӣ, Кумитаи Иҷроия ва Кумитаи Байнидавлатии иқтисодии Иттиҳоди иқтисодӣ ҳамкорӣ мекунанд [2, с. 49-62].

24-уми марти соли 1994 тибқи қатъномаи 48/237 Ассамблеяи генералии СММ Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба ҳайси нозир пазируфта шуда, 3-юми августи соли 1994 мувофиқи моддаи 102 Оинномаи СММ, Оинномаи ИДМ ҳамчун созишномаи байналмилаии бисёрҷониба дар Котиботи СММ ба қайд гирифта шуд. Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамчун созмони минтақавии байналмилалӣ эътироф гардида, дар ҳамоишҳои бузурги сатҳи байналмилалӣ иштироки фаъол дорад.

Дар тӯли зиёда аз 30  соли фаъолияти якҷояи иқтисодӣ ва сиёсии кишварҳои иштирокчии Иттиҳод пойгоҳи мустаҳками ташкилию ҳуқуқиро бунёд карданд, ки имконият дод дар муддати кӯтоҳ бухрони системавӣ паси сар гардад, суръати пешрафти иқтисодӣ баланд шуда,ҳаҷми савдои байниҳамдигари афзояд. Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ дар давраи то соли 2020, ки кишварҳои иштирокчии Иттиҳод  маъқул донистаанд, соли ҷавонони ИДМ эълон кардани соли 2009 ва ҳамчунин муайян кардани ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика ҳамчун соҳаи асосии ҳамкории кишварҳои иштирокчии ИДМ барои равандҳои ҳамгироӣ, тавсеаи ҳамкории мутақобилан судманд, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии халқҳои давлатҳо омили муҳими иловаги мегарданд ва минбаъд ба иттиҳоди тавонои минтақавӣ ва объекти муқтадири системаи хоҷагидории ҷаҳонӣ табдил ёфтани Иттиҳод мусоидат хоҳад кард. [5, с.33-37].

Ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод тавассути мақомоти оинномавии он, аз ҷумла, мақомоти олии Шурои сарони давлатҳо, Шурои сарони ҳукуматҳо ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Қароргоҳи Кумитаи иҷроияи ИДМ дар ш.Минск ва шӯъбааш дар ш. Москва ҷойгир шудаанд. Дар қатори мақомоти дар боло зикр гардида, дар ИДМ зиёда аз 70 сохтори соҳавӣ вуҷуд доранд, ки робитаҳои муштараки давлатҳои узвро дар соҳаҳои муҳими фаъолияти ИДМ ҳамоҳанг менамоянд. Мувофиқи Оинномаи ИДМ ҷаласаҳои мақомоти олии Иттиҳод - шуроҳои сарони давлатҳо, сарони ҳукуматҳо ва шурои вазирони корҳои хориҷӣ мунтазам на камтар аз ду маротиба дар як сол баргузор мегарданд. [2, с.33].

Дар давоми 30-соли фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаи аввали таъсисёбии, узви комилҳуқуқи он буда, усул ва санадҳои появии онро эътироф менамояд ва мушорики фаъоли равандҳои ҳамгироӣ мебошад. Дар сиёсати хориҷии хеш, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои узви ИДМ аҳамияти вижа медиҳад. Аз замони таъсиси Иттиҳод, давлатҳои узв пояи устувори ҳуқуқи ташкил додаанд, ки имкони дар фосилаи кӯтоҳ аз бӯҳрони системавӣ баромадан ва сабаби рушди иқтисод ва тавсеаи савдои мутақобиларо фароҳам намуд.Дар доираи ИДМ Тоҷикистон тақрибан 2 ҳазор санади қабулшударо ба имзо расонидааст, ки шумораи умумии он то имрӯз қариб 3 ҳазорро ташкил медиҳад. Аз он санадҳо қарорҳои Шурои сарони давлатҳо - 400, Шурои сарони ҳукуматҳо - зиёда аз 1000 ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ - 200 ададро ташкил медиҳад.Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи таъсисёбии (20

июни с.2000) Шурои намояндагони доимии давлатҳои узви ИДМ, дар кори он иштироки фаъол менамояд.

Нақши муҳимро дар ҳамшарикии гуногунҷанбаи давлатҳои ИДМ, ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ мебозад. Тоҷикистон яке аз иштирокдорони фаъол дар соҳаи ҳамкории гуманитарии давлатҳои узви ИДМ мебошад. Дар ин самт Тоҷикистон аз 88 санади мавҷуда, 53 адади онро ба имзо расонидааст. Моҳи майи соли 2006 дар Душанбе зимни нишасти Сарони ҳукуматҳо фонди байнидавлатии ҳамкорихои гуманитарӣ бунёд карда шуд. Тоҷикистон фаъолияти Шуро оид ба ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои узви ИДМ ва Раёсати фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои ИДМ-ро ҷонибдорӣ менамояд. Шаҳри Душанбе мизбони ду нишасти муштараки Шурои гуманитарии ҳамкорӣ ва Раёсати Фонди байнидавлатии гуманитарии ҳамкорӣ буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусгари пешниҳод ҷиҳати эълон намудани соли 2008 ҳамчун Соли хониш ва адабиёт дар ИДМ мебошад. Бо дастгирии Раёсати фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои ИДМ дар доираи ҷашнвораи 1150-солагии асосгузори адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ, асарҳои безаволи ӯ бо се забон нашр ва дар китобхонаҳои давлатҳои ИДМ тақсим гардид. Ғайр аз ин, китобҳои дарсии забони русӣ барои мактаббачагони давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба табъ расид. Раёсати фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои ИДМ аз силсилаи “Адабёти классики ИДМ” (Классика литератур СНГ), ду ҷилди онро дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кард. [3, с.74].

Соли 2011 барои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаромушнашаванда буд, зеро 20 сол аз таъсисёбии Иттиҳод қайд гардид. Боиси рамзи фараҳмандист, ки дар он сол раисии ИДМ ба Тоҷикистон гузашт. Тоҷикистон ба сифати раисикунанда дар ИДМ, Консепсияи раисии худро матраҳ намуд, ки татбиқи амалии мақсадҳои консептуалӣ ва стратегии рушди ИДМ-ро, ки дар санадҳои қабулшуда дарҷ гардидаанд, ба инобат гирифта буд. Дар Консепсияи раисӣ чунин меъёрҳои муҳим, чун мубориза бар зидди Ғояҳои ифротгароӣ, терроризм, экстремизм ва таҳаммулнопазирӣ ва андешидани чораҳои муштарак барои бартарфсозии оқибатҳои буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ҷой дода шуд. Дар маҷмуъ Консепсияи раисии Тоҷикистон бо тавозунии мавқеъҳо ва рафтори пайгирона зимни ҳалли масъалаҳои мавҷуда аз дигар консепсияҳо фарқ мекард. Дар ҷаласаи Шурои сарони ҳукуматҳо (19 майи с.2011, Минск), ки онро Сарвазири Тоҷикистон раисӣ мекард, нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати гузаронидани Соли амнияти саноатӣ тасдиқ гардида, тарҳи пешакии Барномаи байнидавлатии ҳамкориҳои иноватсионии давлатҳои узви ИДМ барои соли 2020 маъқул дониста шуда, қадами муҳим ҷиҳати баимзорасонии Аҳднома дар бораи минтақаи савдои озод гузошта шуд. [4, с.61].

Сентябри соли 2011 дар Душанбе ҷаласаи навбатии Сарони давлатҳои ИДМ таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд. Зимни он ҷаласа ба муносибати 20-солагии таъсисёбии ИДМ изҳороти Сарони давлатҳо қабул гардида, маърӯзаи таҳлилии “Ҷамъбасти фаъолияти ИДМ дар 20 сол ва вазифаҳо барои оянда” ва нақшаи байнидавлатии “Пойтахти фарҳангии Иттиҳод” муҳокима карда шуд.

Санаи 21.03.2021 дар Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо иштироки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе мӯҳтарам Рустами Эмомалӣ маросими ифтитоҳи расмии эълон гардидани “Душанбе-пойтахти фарҳангии Иттиҳод-2021” баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи расмии эълон гардидани “Душанбе-пойтахти фарҳангии Иттиҳод-2021” намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бародаршаҳрҳо, корпуси дипломатӣ, созмонҳои

байналмилалӣ ва минтақавии муқими шаҳри Душанбе, роҳбарияти вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, раёсату идораҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, коршиносон, ширкатҳои сайёҳӣ ва намояндагони васоити ахбори омма иштирок намуданд. Дар оғози барнома муовини Раиси Кумитаи иҷроия - котиби иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Бекетжан Жумангулов ва директори иҷроияи Бунёди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии кишварҳои аъзои ИДМ Анатолий Иксанов дар бораи таърих ва аҳамияти барномаи байнидавлатии “Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод” суханронӣ намуда, Сертификати эълон гардидани “Душанбе-пойтахти фарҳангии Иттиҳод-2021”-ро ба Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ супориданд. Баъд аз қабули Сертификат Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ суханронӣ намуда, намояндагони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бародаршаҳрҳо, намояндагиҳои корпуси дипломатӣ, созмонҳои байналмилалии муқими шаҳри Душанбе ва меҳмонону иштирокдорони барномаи мазкурро барои ташрифашон ба пойтахти азизу маҳбуби Тоҷикистон- шаҳри Душанбе хайрамақдам гуфта, барои интихобу эълон намудани “Душанбе-пойтахти фарҳангии Иттиҳод-2021” ба роҳбарону масъулини барномаи байнидавлатии “Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод” сипосгузорӣ намуданд. Маврид ба зикр аст, ки Барномаи байнидавлатии “Пойтахтҳои фарҳангии Иттиҳод”, бо мақсади муаррифии фарҳангу тамаддун, имкониятҳои сайёҳӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди давлатҳои мазкур роҳандозӣ карда шудааст. Имрӯз муносибатҳои байналхалқӣ дар фазои пасошӯравӣ хислатҳои гуногунро ба роҳ монда истодааст, ки мамлакатҳои дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил буда бо ҳамдигар муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда ба рушду инкишофи ҳама гуна соҳаҳо дастгири якдигар мебошанд.

Бо мурури замон ҷаҳон дар тағйирот аст бинобар ҳамин муносибатҳо дар фазои пасошӯравӣ низ дар тағйирот аст ва бинобар ҳамин кишварҳо кушиш аз он менамоянд, ки дар баробари мамлакатҳои пешрафта худро муаррифи намуда бо ин гуна кишварҳо муносибатҳои ҳасанаро ба роҳ монанд.

Дар марҳилаи кунунӣ Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо фаъолияти воқеии худ, аҳамиятнокӣ ва устувориашро собит менамояд. Пояи ҳуқуқию меъёрии пурмазмун таҳия гардида, механизми ҳамкориҳо ва низоми равобити муштарак дар иқтисод, соҳаи фарҳанг ва таҳкими суботу амният роҳандозӣ шудааст. Бо назардошти ин метавон фаъолияти ИДМ ро ҳамчун созмони муваффақ ва нақши онро дар густариши равандҳои ҳамгироӣ, пешгирии таҳдидҳо ба амнияти милливу минтақавӣ, рушди иқтисоду сармоягузорӣ, илму фарҳанг байни кишварҳои аъзо мусби арзёби кард.

## АДАБИЁТ:

1. Дурнамои рушди Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар остонаи асри XXI // Ҷаласаҳои Санкт-Петербург Форуми иқтисодии -98 / таҳлили Ахбори Шурои Федератсия. - Соли 1998 - № 14 (81).
2. Зиёдуллоев Н. ИДМ: таҷриба ва натиҷаҳои даҳсола. Андешаи холии асри - XXI. - Соли 2002 - N 4. –саҳ-49-62
3. Зиёдуллоев Н. ИДМ: таҷриба ва натиҷаҳои даҳсола. Андешаи холии асри - XXI. - Соли 2002 - N 4. С-74
4. Зиёдуллоев Н. ИДМ: таҷриба ва натиҷаҳои даҳсола. Андешаи холии асри - XXI. - Соли 2002 - N 4. с-61
5. Сатирян С. Интеграция стран СНГ: трудности и перспективы взаимодействия XXI век [текст]: // Проблемы теории и практики управления. – 2001. – № 3. – С. 33-37

6. Содружество Независимых Государств. Документы. Соглашение о создании СНГ от 8 декабря 1991 г. [Электронный ресурс] // Исполнительный комитет СНГ.

7. Шушкевич С.С. Об образовании Содружества Независимых Государств -СПб, 1993.

## СОЗДАНИЕ СОЮЗА НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ И ФОРМИРОВАНИЕ НОВОЙ СИСТЕМЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ В РЕГИОНЕ

**МИРЗОЕВ НИЁЗ МИРЗОБАДАЛОВИЧ**

доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник Института изучения стран Азии и Европы НАНТ Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 33. Тел: + 992 919160029 E-mail: diplomat .ti94@mail.ru

**МИРЗОЕВ ХАБИБЖОН ТАБРИДЖОНОВИЧ**

кандидат исторических наук, научный сотрудник Института изучения стран Азии и Европы АМИТ Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки, 33. Тел: +992 933609494. E-mail: E-mail: diplomat .ti94@mail.ru

*В данной статье авторы проанализировали Союз Независимых Государств. Авторы указывают на то, что социальные, экономические, политические и правовые отношения Союза Независимых Государств находятся в основе развития. Следует отметить, что для всестороннего анализа современных международных отношений он проанализировал все специфические аспекты этих стран. Практический характер Союза Независимых Государств сегодня имеет теоретическое и научное значение. Союз Независимых Государств способствует безопасности региона и улучшению экономики страны, развитию и укреплению науки и культуры народов.*

***Ключевые слова:*** *Содружество Независимых Государств, дипломатические отношения, стратегии, основы и его развитие.*

## CREATION OF THE UNION OF INDEPENDENT STATES AND FORMATION OF A NEW SYSTEM OF INTERNATIONAL RELATIONS IN THE REGION

**MIRZOEV NIYAZ MIRZOBADALOVICH**

Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher of the Institute for the Study of Asian and European Countries of the NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street, 33. Tel: + 992 919160029 E-mail: diplomat .ti94 @mail.ru

крупными державами, становится уникальной. При таком раскладе они выступают в качестве посредников и их роль незаменима. И выдвижение каких-либо инициатив малыми странами, касательно перспектив развития, могут позитивно рассматриваться, так как такие страны не выступают в глазах других, как пресле дователи глобальных целей. Именно таким образом Бельгия все чаще играла роль универсального посредника, чьи усилия в принятии решений являлись необходимостью. Имея столицу, обладающую определенным статусом в мировой системе международных отношений, страна также надеется получить соответствующий Брюсселю статус. Для этого страна намерена продолжать внешнеполитическую деятельность, основываясь на демократических принципах, толерантности, концепции защиты слабых и принципах человечности [6: 49].

Именно Бельгия выдвинула в рамках партнерства со странами, входящими в Бенилюкс, концепцию «продвинутой кооперации», подраз умевающую под собой возможность для малых стран сформировывать небольшие группы для развития совместных проектов.

Исходя из этого, по мнению бельгийцев, основа европейской без опасности должна закладываться согласно принципу «взаимодействия и взаимодополняемости» таких институтов, как Совет Европы, ОБСЕ, НАТО, ЗЕС, Евросоюза. Каждый из этих институтов должен имеющимися механизмами укреплять стабильность не допускать расколов в ЕС. Но все же отмечается отрицание главенствующей роли ОБСЕ, которая, не смотря на все, может занимать центральное место, при этом, исключая выполнение координирующих функций. Также в Бельгии основываются на мнении о том, что в силу существования разнообразности угроз на со временном этапе, модель европейской безопасности не должна в абсолютной степени опираться на юридическую платформу. При этом подразумевается некое подведение определенной правовой базы под эту модель.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Байзакова К. И. Центр Европейской документации «Европейский диалог» // Казахстан. – 2005. №4.

2. Борко Ю.А., Каргалова М.А., Юмашев Ю.М. Десять уроков Европы.- М.,1994.

3. Вайденфельд В. Новый порядок в Европе: Европейский Союз перед. лицом новых вызовов / Актуальные проблемы Европы: Сборник статей. М., 2002. № 1.- с.50.

4. Европейская Комиссия: Программа ТАСИС. Годовой отчет за 1997г. - Брюссель, 1997.- с.27.

5. Саидов Зафар. Внешняя политика Рахмонова.- Душанбе, 2006.

6. Партнёры по развитию: Сборник статей.- Душанбе, 2005.

7. Назаров Талбак. Таджикистан: экономика, политика и международное сотрудничество. – Душанбе, 2001.

8. Deutschland Irina: Die Zentralasiatische Gus-Republiken, Kirgistan, Usbekistan, Tadschikistan // Ausgangssituation und Ansatzpunete für die Entwicklungszusammenarbeit, - Berlin, 1993, - S.39.

9. Pander K. Zentralasien Usbekistan, Kirgstan, Tadschikistan, Turkmenistan, Kasachstan // Kunst Reisefuhrer, Dumont, 1996. - S.46.

**Электронные сайты:**

1. http://www.delkaz.cec.eu.int (дата обращения: 12 декабря 2022 г.)

2. http://www.dvv-international.de (дата обращения: 7 января 2023 г.)

3. www.mid/tjhttp://www.osce.org (дата обращения: 21 марта 2023 г.)

## МУНОСИБАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО БО ТОҶИКИСТОН

**ВОХИДОВА САНАВБАР**
доктори илмхои таърих, профессор, сарходими илмии ИОМДОА АМИТ. Сурога: 734025, ш. Душанбе, х. Рудаки 33, тел: +992 93-500-87-32

**ТУРСУНОВА ШАХНОЗА ШУХРАТОВНА**
магистранти соли 2-юми ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 33, тел: +992 92-880-62-64; mail: tusunowa.sch@.mail.ru

*Дар мақолаи мазкур равобити Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар мавриди таҳлил ва таҳқиқ карор гирифтааст. Дар айни ҳоли равобити сиёсии Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар асоси "Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ"-и дуҷониба ва стратегияи нави Иттиҳодияи Аврупо барои Осиёи Марказӣ "Имкониятҳои нави шарикии қавитар", ки соли 2019 қабул шудааст, роҳандозӣ мешавад. Тоҷикистон Иттиҳодияи Аврупоро, ки ба рушди самтҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, яке аз шарикони муҳими иқтисодии худ медонад ва минбаъд низ барои тавсеа ва амиқсозии ҳамкориҳои устувори дарозмуддат бо ин иттиҳодияи бонуфузи байнидавлатӣ, ки дар асоси принсипи ҳамкории мутақобила мебошад, саъй хоҳад кард.*

***Калидвожаҳо:*** *Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, геополитика, иқтисод, амният, сиёсати хориҷӣ.*

## RELATIONSHIP OF TAJIKISTAN WITH EUROPEAN UNION

**VOHIDOVA SANAVBAR**
Doctor of historical Sciences, Professor, chief Researcher of the ISPAEC NAST. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Phone: +992 93-500-87-32.

**TURSUNOVA SHAHNOZA**
2nd year undergratuate student at the ISPAEC NAST. Adress: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Phone: +992 92-880-62-64, Email: tursunowa.sch@mail.ru.

*This article analyzes and explores the relationship between the European Union and Tajikistan. Currently, political relations between the EU and Tajikistan are guided by the bilateral "Partnership and Cooperation Agreement" and the new EU strategy for Central Asia "New Opportunities for a Stronger Partnership", adopted in 2019. Tajikistan considers the European Union, which promotes the development of priority areas of the national economy, as one of its important economic partners and will continue to strive to expand and deepen long-term stable cooperation with this influential interstate association based on the principle of mutual benefit.*

***Key words****: European Union, Central Asia, international relations, geopolitics, economics, security, foreign policy.*

# ТАҲАВВУЛИ РОБИТАҲОИ ИҚТИСОДИВУ ТИҶОРАТИИ ОСИЁИ МИЁНА БО РУСИЯИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**ЮСУФИ ШОДИПУР**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел. 901112401. E–mail: Shodipur 1954@ mail.ru.

*Зимни омӯзишу баррасӣ, муқоисаву таҳлил ва ҷамъбасту хулосаи маводу санадҳои маъхазу сарчашмаҳои хаттӣ ва матолиби гуногуни таърихӣ роҷеъ ба ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна бо Русия дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX ба чунин хулосаҳои илмӣ расидан мувофиқи матлаб аст:* ***аввалан,*** *дар кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро кишти пахтаи амеркоӣ вусъати тоза пайдо намуда, аз он ҳосили баланд рӯёнида мешуд. Дар натиҷа, пахтакорӣ, дар хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна торафт мавқеи муҳим ва устуворро соҳиб гардида, на танҳо талаботи мардуми маҳаллӣ, балки инчунин ба содироти Русия ва берун аз он равона карда шуд;* ***баъдан****, бунёди роҳҳои оҳан дар Осиёи Миёна боиси афзудани содироти ашёи хоми ин минтақа, хусусан пахта, пӯст, пашм, абрешим, меваи хушк ва ғайра ба шаҳрҳои марказии Русия гардиданд. Баръакс, воридоти молҳо ва маснуоти фабрикию заводии Русия ба Осиёи Миёна куллан афзоиш ёфтанд, ки дар ин бора асноди зиёди ҳуҷҷатҳои бойгониҳои маҳаллӣ ва рус шаҳодат медиҳанд;* ***сониян,*** *дар қаламрави Осиёи Миёна, аз ҷумла: музофоти Хуҷанд ва Аморати Бухоро муомилоти молию пулӣ доираи нисбатан васеъро фаро гирифта, робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна, на танҳо бо кишварҳои ҳамҷавор, балки шаҳрҳои марказии Русия рушду такомул ёфта, ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасанд.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳаввул, робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, Осиёи Миёна, Русия, шаҳр, пахтакорӣ, чорводорӣ, истеҳсол, пахта, пӯст, пашм, абрешим, меваи хушк, муомилоти молию пулӣ, боркашонӣ, мусофиркашонӣ.*

Воқеан, мавзуи робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна бо **Р**усияи подшоҳӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX васеъ ва доманадори илмию таҳқиқотӣ буда, яке аз мавзӯъҳои мубрам ва таҳқиқписанди таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ин гузориш танҳо ба рушду такомули пахтакорӣ, чорводорӣ, хусусан, истеҳсоли пахта, пӯст, пашм, абрешим, меваи хушк ва интиқоли онҳо ба шаҳрҳои Русия, ҳамзамон, боркашонӣ, мусофиркашонӣ ба шаҳрҳои марказии Русия ва баръакс, ба Осиёи Миёна эътибори бештар равона мегарданд.

Хосатан, бунёди роҳи оҳан дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Миёна дорои аҳамияти бузурги илмию амалӣ мебошад. Дар охири асри XIX хати роҳи оҳан тавассути қаламрави Осиёи Миёна, аз ҷумла, Аморати Бухоро ва ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон [ҳоло вилояти Суғд] убур намуда, ин минтақаро ба доираи муомилоти молию пулӣ ва иртиботи тиҷоратӣ ҷалб менамояд. Ба тариқе аён мегардад, ки хати роҳи оҳани Осиёи Миёна ба воситаи ҳудуди вилояти Чорҷӯй, шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд убур намуда, ин минтақаро ба доираи муомилоти сармоядорӣ ҷалб карда, ба тараққиёти унсурҳои капиталистӣ роҳи васеъ мекушояд. Пас аз кашида шудани хатҳои роҳи оҳан дар Осиёи Миёна, дар ин минтақа дигаргуниҳои куллӣ, ба монанди беҳбуди ҳолати роҳҳои маҳаллӣ, вазъи нақлиёт, бунёди пулҳо, иморатҳои ёрирасони роҳдорӣ, шаҳрҳои нав ва ғайра ба

майдон омаданд, ки онҳо комилан бебаҳс буда, тамоили мусбӣ ва ибтикори арзишманди даврони сармоядорӣ маҳсуб меёбанд.

Яке аз бузургтарин дастовардҳои замони нави сармоядорӣ, қабл аз ҳама, сохтмони роҳи оҳан дар Осиёи Миёна [солҳои 1880-1899] ба ҳисоб мерафт. Ба истилоҳи академик Б. Ғафуров, «дар соли 1885 роҳи оҳан то Ашқобод, дар соли 1888 то Самарқанд ва дар соли 1898 то Тошканд кашида шуд». Дар ҳақиқат ҳам, ба ноҳияҳои пахтакори водии Фарғона – шаҳрҳои Хуқанду Андиҷону Марғелон расонидани роҳи оҳан кори ниҳоят бузург ба ҳисоб мерафт. Роҳи оҳан тавассути ҳудуди ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон мегузашт ва бо ҳамин маҳсулоти деҳқонон ва косибони тоҷик ба тамоми бозорҳои генерал-губернатории Туркистон ва шаҳрҳои империяи Русия робитатаи наздик пайдо намуд [12,с.193]. Бесабаб муҳаққиқон таъкид намекунанд, ки ин хати роҳ бо ҷалб гардидани ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон ба маҷрои муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии кишвари Туркистон ва умуман империяи Русия мусоидат намуда, дар ташаккул ва инкишофи муомилоти молию пулӣ ва муносибатҳои сармоядорӣ такони азиме медиҳанд [24,с.46]. Зимнан, бунёди роҳи оҳан ба мардуми Осиёи Миёна, хусусан Тоҷикистони тоинқилобӣ манфиату ибтикори назмию созанда ва бунёдкорӣ ато карда, баҳри инкишофу такомули ҳаёти иқтисодию тиҷоратӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мусоидат менамуд. Мавқеи бандарҳо ба истгоҳҳои роҳи оҳан ва нақлиёти дарёӣ дар интиқоли борҳои гуногуни хоҷагии халқ ба шаҳрҳои марказии Русия, хусусан содироти пахта, пӯсти қароқӯлӣ, пашм, абрешим, меваҳои хушк ва амсоли он афзуда, мавқеи намоён касб намуданд. Зикри он ҷойиз аст, ки молу маҳсулоти содиротӣ ва воридотӣ тавассути роҳи оҳан ба шаҳрҳои марказии Русия ва баръакс, ба Осиёи Миёна кашонида мешуданд. Маҳз дар ин давра, дар Осиёи Миёна ва Русия ширкатҳои зиёди тиҷоратӣ ва боркашонӣ ташкил ёфта, матлабу дархостҳои худро дар амал тадбиқ мекарданд. Дар соли 1905 дар Саройкамар ширкати тиҷоратӣ таҳти унвони «Ҷамъияти Шарқӣ» ташкил ёфт, ки дар ҳайати он 22 нафар русҳо ва 35 нафар тоҷикон шомил мешуданд. Ин ширкат дар самти мавзеъҳои Осиёи Миёна ва Русия тиҷорат мекард: маснуоти кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, саноати маҳаллӣ, аз ҷумла пахта, пӯсту пашм, абрешим, меваи хушк ва дигар молҳои сермасрифро харида, ба шаҳрҳои марказии Русия содир менамуд. Боркашонӣ тавассути роҳҳои хокӣ ва дарёи Ому, инчунин минбаъд ба воситаи хати роҳи оҳан ба роҳ монда мешуд. Чуноне муҳаққиқон таъкид месозанд, ки то кашида шудани роҳи оҳани Осиёи Миёна, аслан, то анҷоми сохтмони нахустин роҳи оҳани Закаспӣ [то соли 1888], дар як шабонарӯз аз Бухоро то шаҳрҳои Русия бо 50 ҳазор сар уштур молу маҳсулот содир гардида, баръакс, аз Русия то Бухоро бо 40 ҳазор сар уштур молу маҳснуоти марказ ворид мешуд, зимнан, ҳайати қофилаи тиҷоратӣ корҳои муҳими савдоӣ ва хоҷагиро анҷом медоданд[15,с.269].

Яке аз омилҳои мусбии забт ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Русия ташаккул ва тавсеаи муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Осиёи Миёна бо шаҳрҳои марказиРусия ба ҳисоб мерафт. Маҳз дар ин давра дар аксар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар - кишоварзӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ ва саноати маҳаллӣ муомилоти молию пулӣ ривоҷу равнақ ёфта, маҳсулоти ин соҳаҳо дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла: Русия ва дигар кишварҳо ба муомилот бароварда мешуданд.

Хосатан, дар аҳди мустмаликадорӣ, **пахтакорӣ** ба яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна, аз ҷумла Аморати Бухоро табдил меёбад. Соҳибкорон ва

сармоядорони рус ба Осиёи Миёна ҳамчун манбаи моли хоми арзон назар мекарданд. Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Русия доир ба «Пахтакорӣ дар Осиёи Миёна» китобҳои зиёде нашр гардиданд. Дар ин асарҳо пешомадҳо ва оянадаи пахтакорӣ дар Осиёи Марказӣ пешгӯӣ карда мешуд: «Дар оянда пахта ба мисли нафт ва гандум ҷаҳонро идора мекунад»[7,с.18]. Чуноне баъдтар муҳаққиқи тоинқилобии рус В. Масалский тасдиқ мекард, ки «…инкишофи пахтакорӣ, қабл аз ҳама, дар натиҷаи васеъ гардидани майдонҳои кишти пахта аз ҳисоби кишти зироатҳои дигар ба даст дароварда мешуд»[19,с.74]. Хусусан, дар ибтидои асри XX дар кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро кишти пахта ҳамчун маҳсулоти афзалиятноки саноатӣ бартарӣ пайдо намуда, доираи масоҳати кишти он дучанд зиёд мегардад. Чунончӣ, агар дар соли 1889 дар музофоти Хуҷанд ба кишти пахтаи амеркоӣ ҳамагӣ 133 деятина замин ҷудо карда шуда бошад, пас дар соли 1916 майдони кишти пахта 8 баробар афзуда, ба 9319 десятина мерасад[8,с.8]. Ҳудуди Тоҷикистони тоинқилобӣ чун тамоми Осиёи Миёна ба манбаи асосии хоҷагии пахтакорӣ табдил ёфта, дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқро танг месозад ва содироти пахта ба шаҳрҳои Русияи подшоҳӣ мавқеи асосӣ касб менамояд. Чуноне академик З. Раҷабов бо боварӣ изҳор медорад, ки дар охири асри X1X -ибтидои асри XX дар иртиботи иқтисодиву тиҷоратӣ бо Русия барориши пахта мавқеи аввалро ишғол менамуд. Ҳукумати подшоҳӣ, хусусан соҳибони фабрику заводҳо ва соҳибкорон талош бар он мекарданд, ки майдонҳои кишти пахтаро дучанд афзун намоянд, то ки саноати бофандагии мустамлика бо ашёи хоми арзони метрополия таъмин карда шуда, ҳарчӣ бештар воридоти пахтаро аз хориҷа маҳдуд намоянд. Дар натиҷа, дар тӯли солҳои 1886-1915 содироти пахтаи кишвари Туркистон 55 маротиба зиёд мегардад [21,с.41].

Ҳамзамон, дар Аморати Бухоро, аз ҷумла: аксар бекиҳои Бухорои Шарқӣ бештар кишти пахтаи навъи амеркоӣ ривоҷу равнақ ёфта, талаботи замони навро қонеъ мегардонд. Аз рӯи шаҳодати абёти бойгонӣ ва осори муҳаққиқони тоинқилобии рус, аз охири асри XIX дар бекиҳои Бухорои Шарқӣ аҳолӣ бештар ба кишти пахтаи маҳаллӣ ва амеркоӣ машғул шуда, аз он фоидаи басанда ба даст меоварданд. Воқеан, пахтакорӣ дар хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна торафт мавқеи устувор касб карда, он на танҳо ба таъмини талаботи мардуми маҳаллӣ, балки инчунин ба содироти Русия ва берун аз он равона мегардад. Чуноне санадҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки кишти пахта дар радифи Бухорои Ғарбӣ, инчунин дар Бухорои Шарқӣ, ба монанди ноҳияҳои Шаҳрисабзу Китоб, Шерobod, водиҳои Сурхону Кофарниҳон ва амсоли он бештар ривоҷу равнақ меёфтанд. Пас аз тобеъияти Бухорои Шарқӣ ба Русия, пахтакорӣ дар ин минтақа ба яке аз нишондиҳандаи асосии зироат табдил меёбад. Зеро он ашёи хоми пахтае, ки соҳибкорони Русия аз Бухорои Шарқӣ харида мебурданд, он нисбат ба дигар мавзеъҳо бо нархи хеле арзон дастрас мешуд. Соҳибкорони рус ба воситаи ҷаллобони маҳаллӣ ва деҳқонони тоҷик пахтаро даҳҳо маротиба арзон харида, ба ноҳияҳои марказии Русия интиқол медоданд. Полковники штаби генералии рус Матвеев, ки дар соли 1887 ба Бухорои Шарқӣ сафар карда буд, оид ба рушди пахтакорӣ дар ин минтақа ахбори ҷолибе ироа месозад: маҳз «… соҳаи аз ҳама асосии кишоварзӣ дар ин минтақа пахтакорӣ ба шумор мерафт ва онро дар соҳаи саноати маҳаллӣ ва содирот истифода мебурданд. Солисан, қисми зиёди он ба Русия содир карда мешуд...» [20,с.21]. Хуллас, дар натиҷаи андешидани чораҳои фаврӣ ва тадбирҳои амалӣ робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Аморати Бухоро бо Русия боз ҳам қавитар ва мустаҳкамтар мегардид. Ин омили муҳимро И. А. Ремез дар асараш «Тиҷорати берунии Бухоро то ҷанги якуми ҷаҳонӣ» бо боварӣ изҳор медорад, ки агар дар солҳои 1880-1881 аз Аморати Бухоро ба Русия, ҳар сол 410 ҳазор пуд пахта фиристода шуда бошанд, пас дар соли 1915 ин нишондиҳанда ба 2 милёну 624 ҳазор пуд мерасанд[23,С.49].

Аз тавзеҳи санадҳои воқеӣ ба назар мерасанд, ки дар ин муддат содироти пахта аз Аморати Бухоро қариб 6 маротиба меафзояд[21,с.68]. Хулласи калом, агар ҳиссаи пахати Осиёи Миёна дар саноати бофандагии Русия дар соли 1890 тақрибан 30 фоиз ва пахтаи хориҷӣ 70 фоизро ташкил намоянд, пас дар соли 1914 ҳиссаи пахтаи осиёимиёнагӣ тақрибан ба 70 фоиз ва хориҷӣ бошад, танҳо 30 фоизро ташкил медоду халос [26, с. 239].

Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Аморати Бухоро яке аз соҳаҳои сердаромади **чорводорӣ – истеҳсоли пӯст ва пашм** нуфузи бештар пайдо менамоянд. Дар натиҷа, дар Осиёи Миёна, аз ҷумла Аморати Бухоро нисбат ба пӯсти қароқӯлӣ талабот зиёд мегардад. Аз рӯи ахбори Д. Логофет, пӯсти барра ба ном қароқӯлӣ, дар маҷмӯъ, маҳсулоти сермасриф буда, воқеан, онро ҳангоми аз барра ҷудо карда гирифтани пӯст амалӣ менамуданд, ки «…пас аз 4-5 рӯзи баъди таваллуд…» мекуштанд [18,с.99]. Маркази асосии пӯсти бухороӣ амлокдо-рии Қарокӯл ба ҳисоб мерафт, ки дар ин ҷо Ӯрта Чӯл [Дашти Миёна], дар байни Амударё, Қаршӣ ва Қарокӯл ҷойгир шуда буд, ҳамчун чарогоҳи асосии нигоҳубини гӯсфандон хизмат мекард [18,с.98]. Дар аҳди мустамликавӣ, дар беки Қаршӣ парвариш ва истеҳсоли пӯсти қароқӯлӣ ба дастоварди калон ноил мегардад [5,в.75]. Зеро дар ин минтақа, дашти Қаршӣ чарогоҳи асосии нигоҳубини чорво ба ҳисоб мерафт, зеро дар ин мавзеъ «…аксар чоҳҳо мавҷуд буда, тамоми ин минтақа бо об таъмин карда мешуд…»[5,в.75]. Хуллас, парвариш ва истеҳсоли пӯст дар амлокдории Қарокӯл, бекиҳои Қаршӣ, Каркӣ ва Калифи Бухорои Ғарбӣ, инчунин беки Қӯрғонтеппаи Бухорои Шарқӣ бештарривоҷу равнақ ёфта буданд [11,с.215]. Масалан, амири Бухоро пӯсти қароқӯлиро бо ҳар роҳ бо теъдоди хеле зиёд мехарид, ҳар сол ба Маскав ба маблағи то 15 милён сӯм пӯсти қароқӯлиро содир мекард[25,с.76]. Аз рӯи маълумоти П. Гаевский, танҳо аз ду деҳаи беки Қӯрғонтеппа - Ҷиликӯл ва Қара Туркман ҳар сол қариб 21 ҳазор дона пӯсти қароқӯлӣ содир карда мешуданд[10,с.56-57]. Ахбори маъхазҳо бозгӯйи онанд, ки дар ибтидои асри XX содироти пӯсти қароқӯлӣ миқдоран зиёд гардида, на танҳо талаботи бозори Русия, балки бозори ҷаҳониро низ таъмин менамуд. Аз рӯйи маълумоти Бонки русию хитойӣ, агар дар соли 1909 аз Бухоро ба Русия ба миқдори 1 милёну 800 дона пӯст содир карда шуда бошад [3,в. 112-119], пас он дар соли 1912 ба 2 милён дона мерасад[4,в.12-17]. Бар замми он, аз Бухоро ба Русия афзудани содироти пашм ва ғайра аз рушду такомули чорводорӣ шаҳодат медиҳад. Масалан, агар дар соли 1883 аз Бухоро ба Русия 10 ҳазор пуд пашм содир карда шуда бошад, пас он дар соли 1914 ба 350 ҳазор пуд мерасад, яъне, дар аҳди мустамликавӣ аз Аморати Бухоро ба Русия содироти пашм 35 маротиба афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар тӯли солҳои протекторати Бухоро содироти пӯсти қароқӯлӣ аз 30-40 ҳазор то 180 ҳазор дона , содироти пашм бошад, ба ҷои 150 ҳазор пуд ба 250 ҳазор пуд мерасанд. Санадҳои воқеӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар солҳои баъдӣ теъдоди барориши пӯсти қароқӯлӣ аз Аморати Бухоро феълан зиёд мегарданд [23,С.68]. Ба ибораи образнок ва муҳими устод Садриддин Айнӣ, «дар олами тиҷорат номи Бухорои Шарифро пӯсти бара дар мартабаи эътибор ниҳодааст» [1,с.41]. Хусусан, миллионерҳои бухорӣ, ба монанди бародарон Қосимхоҷаевҳо ва бародарон Арабовҳо маҳз дар соҳаи тиҷорати пӯсти қароқӯлӣ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуданд. Чунончӣ, мувофиқи маълумоти соли 1911, тоҷири шӯҳратёри бухороӣ Латифхоҷа Қосимхоҷаев дар амалиёти тиҷоратӣ 250 ҳазор сӯм сармояи худро гузошта буд, вале гардиши солонаи маблағҳои ӯ дар корҳои тиҷоратӣ қариб 3 милён сӯмро ташкил медод[26,с.239].

Мавқеъ ва аҳамияти бузурги роҳи оҳанро дар хоҷагии халқи кишвари Туркистон, аз ҷумла: ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон аз рӯи интиқоли борҳои гуногун ва рафтуомади

мусофирон дарк кардан душвор нест. Бино бар маълумоти маъхазҳои таърихӣ, танҳо дар соли 1900 аз истгоҳҳои роҳи оҳани музофоти Хуҷанд чунин борҳо ва молу маноли хоҷагии халқ кашонида мешуданд: аз истгоҳҳои Хуҷанд 377 ҳазору 310 пуд [аз ҷумла: пахта - 102 ҳазору 120 пуд, мавиз - 78 ҳазор, меваи хушк - 76 ҳазору 766 пуд, шоҳӣ ва абрешим - 1356 пуд ва ғ.], Дирагомир [ҳудуди ноҳияи Нови Ҷумҳурии Тоҷикистон] 232 ҳазору 768 пуд [аз ҷумла: гандум - 52 ҳазору 245 пуд, ангишт - 149 ҳазору 204 пуд ва ғ.], Урсатевск [асосан аз мулки Ӯротеппа бору молҳо содир карда мешуд] 332 ҳазору 919 пуд [аз ҷумла: гандум - 134 ҳазору 934 пуд, мавиз - 96 ҳазору 286 пуд ва меваи хушк - 10 ҳазору 719 пуд] содир карда шуданд [13,с.344]. Ҳамзамон, аз шаҳрҳои Русия ба музофоти Хуҷанд молу маҳсулоти гуногун ворид мешуданд: ба истгоҳҳои Хуҷанд 124 ҳазору 930 пуд, Драгомир 8 ҳазору 596 пуд, Урсатевск 89 ҳазору 830 пуд ва монанди он [9,с.123-124]. Зикр кардани он мусаллам аст, ки содироти борҳо аз ҳар истгоҳ нисбат ба воридот зиёд буда, аз хусуси он шаҳодат медиҳанд, ки ҳар ноҳия ба истеҳсоли ягон навъи маҳсулот махсус гардонида шудааст. Бар замми он, номгӯйи молҳои содиршаванда нишон медиҳанд, ки Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистони Шимолӣ ва Бухорои Шарқӣ ба Русияи подшоҳӣ ва сармоядорони рус чун манбаи моли хом хизмат мекарданд [9,с.123-124].

Хусусан, дар охири асри XIX робитаҳои иқтисодию савдоии музофоти Хуҷанд ва Аморати Бухоро бо империяи Русия рушду такомул ёфтанд. Масалан, дар ибтидои асри XX барориши молу маҳсулоти гуногун аз музофоти Хуҷанд ба шаҳрҳои Русия ва баръакс, афзоиш ёфтанд. Мувофиқи маълумоти адабиёти таърихӣ, агар дар соли 1903 ширкатҳои гуногун ба Русия беш аз 66 ҳазор пуд пахта бурда бошанд, пас дар соли 1907 миқдори пахтаи аз музофоти Хуҷанд содиркардашуда ба 197 ҳазор пуд мерасиданд[22,с.17]. Чуноне маъхазҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар соли 1909 аз музофоти Хуҷанд ба ҳудуди Русия ва берун аз он пахта, шоҳӣ, абрешим ва дигар молу маснуот ба миқдори 6 ҳазору 510 сомонӣ содир гардиданд. Солисан, миқдори умумии гардиши тиҷорат дар соли 1910 беш аз 230 ҳазор сумро ташкил менамуд, ки аз теъдоди умумии молҳои содиротии Хуҷанд ба Русия қариб 54 фоизашро ташкил медод. Аз рӯйи ахбори асноди бойгонӣ, дар соли 1910 аз Русия, Кавказ ва Сибир ба Хуҷанд газвори фабрикӣ ва молу маҳсулоти гуногун ворид шуданд. Дар ин муддат ширкатҳои гуногуни тиҷоратӣ ва соҳибкорону тоҷирон аз Хуҷанд ба Русия, Кавказ ва Сибир ва берун аз ҳудуди он пахта, абрешим, меваи хушк, равғни растанӣ ва амсоли онро содир мекарданд. Миқдори умумии муомилоти тиҷоратӣ аз музофоти Хуҷанд беш аз 2 милёну 728 ҳазор сӯмро ташкил медоданд[2, в.24].

Қаблан, дар хусуси муайян намудани ҳаҷму миқёс ва дараҷаи рушду густариши муомилоти молию пулӣ ва робитаҳои савдоӣ омори шабакаи роҳи оҳан ва истгоҳҳои он дар Осиёи Миёна ва нақлиёти киштигардӣ ба воситаи дарёи Ому сарчашмаи ягона ва маъхази боэътимод ба шумор мераванд. Дар шабакаи роҳҳои оҳани Аморати Бухоро 16 истгоҳ мавҷуд буда, дар байни онҳо - бештар истгоҳҳои Бухоро, Когон, Чорҷӯй, Қаршӣ ва монанди он дар ҳаёти иқтисодию тиҷоратии на танҳо Аморати Бухоро, балки Осиёи Миёна, Русия ва дигар кишварҳо низ нақши муассир мегузоштанд. Тазаккури он ҷойиз аст, ки иртиботи иқтисодию тиҷоратии Бухорои Шарқӣ тавассути бандарҳо ва истгоҳҳои роҳи оҳани Осиёи Миёна - Чорҷӯй, Когон, Бухоро, Қаршӣ ва ғайра бо Осиёи Марказӣ ва шаҳрҳои марказии Русия пайваст мегардид. Танҳо ҳаминро қайд кардан кифоят мекунад, ки дар соли 1911 тавассути истгоҳҳои роҳи оҳани ҳудуди Аморати Бухоро, дар маҷмӯъ, 7 милёну 468 ҳазор пуд борҳои гуногун содир карда шуданд, ки мутаносибан ба истгоҳҳои роҳи оҳани Чорҷӯй 2 милёну 730 ҳазор, Когон 1 милёну 410 ҳазор пуд, Бухоро беш аз 400 ҳазор пуд ва ғайра рост

меомаданд [11,с.224]. Тавзеҳи ин бурҳон аз он иборат аст, ки молҳои асосии содиршаванда: пахта -2 милёну 478 ҳазор пуд, ғӯза-717 ҳазор пуд, ғалладона - 390 ҳазор пуд, пӯсти қароқӯлӣ - қариб 32 ҳазор пуд ва ғайра ба шумор мерафтанд. Инчунин, содироти ғалладона, меваи хушк ва ғайра тавассути истгоҳҳои роҳи оҳани Аморати Бухоро амалӣ мегардиданд. Чунончӣ, дар ин муддат аз истгоҳи Чорҷӯй -146,7 ҳазор пуд, Когон - 472 ҳазор пуд, Бухоро - 31,2 ҳазор пуд, ҳамагӣ дар маҷмӯъ қариб 388,4 ҳазор пуд борҳои гуногун содир карда шуданд[11,с.286-287].

Дар ибтидои XX дар муомилоти тиҷоратии Хуҷанд бо Русия барориши меваҳои хушк мавқеи асосиро ишғол мекарданд. Чунончӣ, тибқи маълумоти В. И. Масалский ҳар сол аз Хуҷанд ба Русия беш аз 159 ҳазор пуд меваи хушк содир карда мешуданд [11,с.286-287]. Ҳамзамон, аз Аморати Бухоро низ меваи хушк, ба монанди: мавиз, ғулинг, себқоқ ва ғайра ба шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ва Русия содир карда мешуданд. Мувофиқи ахбори С.И. Гулишамбаров, аз истгоҳҳои роҳи оҳани ҳудуди Аморати Бухоро, аз ҷумла Бухоро - 88,7 ҳазор пуд, Когон - 26,6 ҳазор пуд, Чорҷӯй - 13,2 ҳазор пуд, ҳамагӣ: 245,8 ҳазор пуд, аз ҷумла: меваҳои хушк ва мавиз беш аз 127 ҳазор пуд ва шаҳрҳои Осиёи Миёна ва Русия содир карда шуданд[11,с.286-287]. Аз ин далелҳо меъёр ва дараҷаи афзоиши содироти музофоти Хуҷанд ва Аморати Бухороро ба шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ва империяи Руссия мушоҳида кардан душвор нест. Аз маҷмӯаи молҳои содиротии Аморати Бухоро тавассути наклиёти роҳи оҳан, хусусан пахта, пӯсти қароқӯлӣ, пашм, меваи хушк ва амсоли он мавқеи мухимро ишғол намуда, бартарии зиёдро соҳиб буданд.

Қаблан, Аморати Бухоро дар охири асри XIX - ибтидои асри XX ба манбаи асосии моли хоми мустамлика мубаддал гардида, робитаҳои тиҷоратии он мустаҳкам ва тақвият ёфтанд. Чунончӣ, агар дар ибтидои солҳои 80 асри XIX аз Бухоро ба Руссия ба миқдори 15 милён сӯм, аз ҷумла пахта, пӯсти қароқӯлӣ, пашм ва дигар маҳсулоти бозоргир содир карда шуда бошанд, пас дар соли 1900 барориши молҳои гуногун ба Руссия ба 23 милёну 700 ҳазор сӯм ва дар соли 1913 бошад, ин нишондиҳанда ба 35 милёну 385 ҳазор сӯм мерасанд [23,с.14]. Зимнан тазаккури он басанда аст, ки дар ибтидои асри XX аз Аморати Бухоро таҷорати пӯсту пашм, абрешим, қолин ва амсоли он содироти муҳиммаи мамлакатро ташкил медоданд. Ба тариқе манбаъҳо далолат мекунанд, ки содироти ҳарсолаи молу маҳсулоти гуногун аз Аморати Бухоро ба Руссия, аз ҷумла, гилем (қолин) тақрибан 50 ҳазор адад, абрешими хом ва пилла - қариб 25 ҳазор пуд, меваи хушк ва мавиз - қариб 250 ҳазор пудро ташкил медоданд [21,с.141].

Дар ибтидои асри XX воридоти воқеии молу маснуоти фабрикию заводӣ ва саноатии Русия ба кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро куллан афзоиш ёфтанд. Чунончӣ, агар дар соли 1907 ба аморат ба миқдори 21 милён сӯм молу маснуот оварда шуда бошанд, пас он дар соли 1909 ба 25 милён сӯм мерасанд [6,в.81]. Бино бар иттилои манбаъҳо, дар соли 1913 аз Русия ба Аморати Бухоро теъдоди мануфактураи гуногун 264 ҳазор пуд, ба миқдори 15 милёну 974 сӯм, аз ҷумла оҳан ва маснуоти оҳанӣ - 235 ҳазор пуд ба миқдори 12 милён 940 ҳазор сӯм, зарфҳои гуногун - 45 ҳазор пуд, ба миқдори 1 милёну 39 ҳазор сӯм ва ғайра дохил гардиданд, ки 96 фоизи кулли воридотро ташкил медоданд [21,с.142].

Воқеан, ҳар як навгонӣ, чӣ иҷтимоию фарҳангӣ ва чӣ иқтисодию техникӣ, қабл аз ҳама, ба ин қишри бонуфузи ҷомеаи сармоядорӣ - соҳибкорону бозаргон ва тоҷирон узван ҳамбастагӣ доштанд. Зимнан, интишори навгониҳои гуногун ба бунёди хати роҳи оҳан дар Осиёи Миёна зич алоқаманд буда, ба тадбиқи амалӣ ва рушду нумӯи соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ такони азиме медиҳанд. Бешак, бунёди хатҳои роҳи оҳан на танҳо дар Аморати

Бухоро, балки кишвари Туркистон, аз ҷумла: водии Фарғона дар инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва интиқоли ашёи хоми арзон ба корхонахои саноатии Русияи подшоҳӣ аҳамияти бағоят калонро доро буданд. Зеро то сохтмони роҳи оҳан дар шаҳрҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон, аллакай соҳибкорону савдогарони рус ва маҳаллӣ чандин корхонахои хусусӣ бунёд карда буданд, Санадҳои воқеӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки дар соли 1882 дар Шуроб Потеляхев ном соҳибкори рус ва дар соли 1906 дар Селроҳа [қасабаи имрӯзаи КИМ] Владимир Алексеев ном шахси корчаллон истеҳсоли ангишту нафтро ба роҳ монда буданд. Акнун минбаъд нафт, ангишт, пахта, меваи хушк ва амсоли он вагон-вагон аз ин музофот ба шаҳрҳои марказии Русия содир карда мешуданд [16,с.90-91].

Дар ибтидои асри XX молҳои фабрикии рус дар Осиёи Миёна, аз ҷумла: ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони Аморати Бухоро роҳ ёфта, ба истифодаи мардуми маҳаллӣ ворид мешуданд. Аз рӯи шаҳодати маъхазҳо ва гуфтори шоҳидон, ноҳияҳои ҳамвори Тоҷикистон ва хусусан, шаҳри Ҳисор дар фурӯшу мубодилаи молҳои дурдасти Тоҷикистони кунунӣ нақши муассир ва аввалиндараҷа мебозиданд. Бесабаб саёҳатчии машҳури рус В. Липский иттило намедиҳад, ки «Қаратоғ деҳаи фароху калон буда, дар ин ҷо теъдоди мағозаҳо хеле зиёд мебошанд, ки аз онҳо маснуоти гуногун, ба мисли собун, шамъ, гӯгирд ва қабл аз ҳама, маснуоти маскавиро харидан мумкин буд»[17,с.106;14,75]. Вале минбаъд доираи фаъолияти соҳибкорону тоҷирони рус ва маҳаллӣ боз ҳам фарроху густурда мегарданд. Бино бар ахбори адабиёти таърихӣ, дар солҳои 90 асри XIX тоҷирони рус ба тамоми гӯшаю канорҳои Бухорои Шарқӣ, аз ҷумла Кӯлоб, Балҷувон, Фархор, Сарой Камар, Қӯрғонтеппа ва дигар мавзеъҳо шоҳӣ, собун, карасин, маснуоти чинию фулузии истеҳсолии рус, инчунин атриётҳои гуногунро ворид менамуданд[27,с.170]. Бесабаб нест, ки академик Бобоҷон Ғафуров дар шоҳасари «Тоҷикон», дар фасли «Сохтмони роҳҳои оҳан дар Осиёи Марказӣ» ба омилҳои асосии равобити иқтисодию тиҷоратӣ дахл намуда, иброз медорад, ки кӯҳистониён бо рағбати тамом молҳои арзони фабрикиро мехариданд. Тоҷирони абҷир, ки молҳои русиро ба ин ҷо интиқол медоданд, онҳоро бо нархи беҳад баланд мефурӯхтанд. Инчунин, молу маҳсулоти тамоман нав - шамъ, гӯгирд, собун, карасин ва монанди онро, ки мардум пештар қариб истеъмол намекард, акнун бештар ба фурӯш мерафтанд[12,С.194]. Хулласи калом, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон муомилоти молию пулӣ ва иртиботи тиҷоратӣ ташаккул ва тақвият ёфтанд, ки он аз ривоҷу равнақи муомилоти молию пулӣ, васеъ гардидани робитаҳои тиҷоратии музофоти Хуҷанд ва Аморати Бухоро бо Русияи подшоҳӣ шаҳодат медоданд.

Ҳамин тариқ, зимни омӯзишу баррасӣ, муқоисаву таҳлил ва хулосаву ҷамъбасти маводу санадҳои маъхазу сарчашмаҳои хаттӣ ва матолиби гуногуни таърихӣ роҷеъ ба ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна бо Русия дар нимаи дуюми асри X1X ва ибтидои асри XX ба чунин хулосаҳои мантиқӣ расидан мувофиқи матлаб аст: **аввалан,** дар кишвари Туркистон ва Аморати Бухоро кишти пахтаи амеркоӣ вусъати тоза пайдо намуда, аз он ҳосили баланд рӯёнида мешуд. Дар натиҷа, пахтакорӣ, дар хоҷагии қишлоқи Осиёи Миёна торафт мавқеи устувор касб карда, он на танҳо ба талаботи мардуми маҳаллӣ, балки инчунин ба содироти Русия ва берун аз он равона мегардад; **баъдан,** бунёди роҳҳои оҳан дар Осиёи Миёна боиси афзудани содироти ашёи хоми ин минтақа, хусусан пахта, пӯст, пашм, абрешим, меваи хушк ва ғайра ба шаҳрҳои марказии Русия гардиданд. Баръакс, воридоти молҳо ва маснуоти фабрикию заводии Русия ба Осиёи Миёна куллан афзоиш ёфтанд, ки дар ин бора асноди зиёди ҳуҷҷатҳои бойгониҳои маҳаллӣ ва рус шаҳодат медиҳанд; **сониян,** дар қаламрави Осиёи Миёна, аз ҷумла: музофоти Хуҷанд

ва Аморати Бухоро муомилоти молию пулӣ доираи нисбатан васеъро фаро гирифта, робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии Осиёи Миёна, на танҳо бо кишварҳои ҳамҷавор, балки шаҳрҳои марказии Русия рушду такомул ёфта, ба дараҷаи баланди тараққиёти худ мерасиданд.

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Таҳсиб-ус-сибён // Илм ва ҳаёт.- 1990.- № 3. - С. 39- 43.

2. АМД ҶТ – Архиви марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – З. Т. 6.– Р. 1. – Д. 30. – В. 24.

3. АМД ҶӮ - Архиви марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. - З. 2. - Р. 1. -Д. 251. - В. 112-119.

4. АМД ҶӮ - Архиви марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. - З. 2. - Р. 1. - Д. 303. - В. 12-17.

5. АМД ҶӮ - Архиви марказии давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон. - З. 3. - Р. 1. - Д. 368. - В. 78; 122-123; Д. 553. - В. 75.

6. АМДҲТ ФР – Архиви марказии давлатии ҳарбию таърихии Федератсияи Русия. – З. 400. – Р. 262/912 – 915. – 1909 г.св., 293. – Д. 90/77. – В. 81.

7. Березиков Е. Бухорои Сурх: Роман / Тарҷ. Ш. Ҳаниф. - Душанбе: Адиб, 1988.- 240 с.

8. Бобохонов М. Бедории сиёсии омма дар арафаи Револютсияи Октябир.– Душанбе: Ирфон, 1966.- 80 с.

9. Вазъияти иқтисодии ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон баъди ба Руссия ҳамроҳ шудани он // Хрестоматияи таърихи ҶШС Тоҷикистон.- Душанбе: Маориф, 1967.- С.121-140.

10. Гаевский П. Курган-Тюбинское бекство // Изв. РГО. -Т. 55. -Вып. 2.- Пг., 1919-1923. - С. 14- 67.

11. Гулишамбаров С. И. Экономический обзор Туркестанского района, обслуживае-мого Среднеазиатской железной дорогой. - Асхабад, 1914. - Т. 1-3. - 90, 184, 293 сс.

12. Ғафуров Б. Тоҷикон: Охирҳои асри миёна ва давраи нав. - Кит. дуюм. - Душанбе: Ирфон, 1985.– 416 с.

13. Дмитриев-Мамонов Д. И. Путеводитель по Туркестану и Средне-Азиатской железной дороге / Под ред. Д. И. Дмитриева-Мамонова-Спб.,1903.- 454 с.

14. Искандаров Б. Из истории проникновения капиталистических отношений в экономику дореволюционного Таджикистана.–Душанбе: Дониш, 1976.–144 с.

15. Исоматов Б., Фақеров Ҳ. Таърихи тиҷорат. -Душанбе: Паёми ошно, 2004.–360

16. Қаҳҳорӣ А. Конибодом: [Очерк] // Садои Шарқ. -1989. - № 10. - С. 72 - 93.

17. Липский В. Горная Бухара: Гиссарская экспедиция 1896 г. - Спб., 1902.- 318 с.

18. Логофет Д. Н. В забытой стране. - М., 1912.–152 с.

19. Масальский В. И. Туркестанский край: Россия: Полное географии описание нашего отечества. - Т.19. - Спб.,1913.– 861 с.

20. Матвеев П. П. Поездка ген. штаба полковника - Матвеева по Бухарским и Афганским владениям в феврале 1877 г. // Сб. геогр. топогр. и стат. материалов по Азии. - Спб., 1883. - Вып. 5. - С. 21-28.

21. Раҷабов З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ - сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX - ибтидои асри XX. - Сталинобод, 1959. - 459 с.

22. Раҷабов З. Одамони пешқадами Осиёи Миёна дар бораи Руссия ва маданияти рус. - Сталинобод, 1951.- 95 с.

23. Ремез И.А. Внешняя торговля Бухары до первой мировой войны. - Ташкент, 1922. - 68 с.

24. Саъдуллоева Г. А. Русские поселения в Бухарском эмирате // Из истории таджикского народа: Сборник научных статей. - Душанбе, 1992.- С.41-49.

25.Тухтаметов Т. Г. Русско-бухарские отношения в конце XIX - начале XX в. - Ташкент: Фан, 1966. - 190 с.

26. Ҳотамов Н. Халқи тоҷик дар замони ҳукуматдории мустамликавии Русияи подшоҳӣ дар Осиёи Миёна [солҳои 1867-1917] // Ҳотамов Н., Довудӣ Д. ва дигарон. Таърихи халқи тоҷик. - Душанбе: Эр-граф, 2011. - С. 218 -254

27. Шарифов Д. Таърихи мухтасари Балҷувон.- Душанбе, 1994. – 240 с.

## ЭВОЛЮЦИЯ ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ТОРГОВЫХ СВЯЗЕЙ СРЕДНЕЙ АЗИИ С РОССИЕЙ ВО ВТОРОЙ ПОЛОВИНЕ XIX - НАЧАЛЕ XX ВЕКА

**ЮСУФИ ШОДИПУР**

Таджикский национальный университет, кандидат исторический наук, доцент кафедры историии таджикского народа. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел. 901112401. E–mail: Shodipur 1954@ mail.ru.

*При изучении, рассмотрении, сравнении, анализе, обобщении и выводе материалов и документов письменных источников и различных исторических материалов, касающихся становления и развития торгово-экономических отношений между Средней Азией и Россию во второй половине XIX и XX века уместно прийти к следующим логическим выводам: во-первых, в Туркестанском крае и Бухарском эмирате быстро росло выращивание американского хлопка, и от него росла высокая урожайность. В результате хлопководство становится все более важной и стабильной позицией в сельском хозяйстве Центральной Азии не только для нужд местного населения, но и для экспорта в Россию и за ее пределы;* ***позднее,*** *строительство железных дорог в Средней Азии привело к увеличению вывоза сырья из этого района, особенно хлопка, кожи, шерсти, шелка, сухофруктов и т. д. в центральные города России. Наоборот, ввоз товаров и промышленных изделий России в Среднюю Азию резко увеличился, о чем свидетельствуют многие документы местных и российских архивов;* ***во-третых,*** *на территории Средней Азии, в частности: Ходжентского уезда и Бухарского эмирата, финансово-денежные операции охватывают относительно широкий круг экономических и торговых связей Средней Азии не только с соседними странами, но и с центральными городами России, развиваются и совершенствуются, достигая высокого уровня развития.*

***Ключевые слова****: эволюция, экономические и торговие связи, Средняя Азия, Россия, город, хлопководство, животноводство, производство, хлопок, кожа, шерсть, шелк, сухофрукты, финансово-денежные операции, транспортировка грузов, пассажирские перевозки.*

## ECONOMIC AND COMMERCIAL RELATIONS OF CENTRAL ASIA WITH RUSSIA IN THE SECOND HALF OF THE 19TH CENTURY AND THE BEGINNING OF THE 20TH CENTURY

**YUSUFI SHODIPUR**
Tajik National University, dotsent of historics. Address :734025, Republic of Tajikistan, Dushaanbe, Rudaki Avenue 17. Telefon:901112401. E–mail: Shodipur1954@mail.ru.

*During the study, review, comparison, analysis, summarization and conclusion of materials and documents of written sources and various historical materials regarding the formation and development of economic and trade relations between Central Asia and Russia in the second half of the 19th century and the beginning of the 20th century, it is appropriate to reach the following logical conclusions: firstly, in the country of Turkestan and the Emirate of Bukhara, the cultivation of American cotton was growing rapidly, and a high yield was growing from it. As a result, cotton growing has become an increasingly important and stable position in Central Asian agriculture, not only for the needs of local people, but also for export to Russia and beyond; secondly, the construction of railways in Central Asia led to an increase in the export of raw materials from this region, especially cotton, leather, wool, silk, dried fruit, etc. to the central cities of Russia. On the contrary, the import of goods and manufactured products of Russia to Central Asia increased radically, as evidenced by many documents from local and Russian archives; thirdly, in the territory of Central Asia, in particular: Khujand Province and Bukhara Emirate, financial and monetary transactions cover a relatively wide range, economic and commercial relations of Central Asia, not only with neighboring countries, but also with the central cities of Russia, are developing and improving, reaching a high level of development. .*

***Keywords:*** *economic and trade relations, Central Asia, Russia, city, cotton cultivation, animal husbandry, production, cotton, leather, wool, silk, dried fruit, financial and monetary transactions, transportation, passenger transportation.*

## ФАРОМИНТАҚАВИЯТ - ПАДИДАИ НАВ ДАР СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
н.и.т., ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

**ҲАМИДОВА САРВИНОЗ ФАРРУХОВНА**
ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 98868 32 22. E-mail: sarafarukh11@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур тамоюли марбут ба рушди падидаи фароминтақавият дар сиёсати муосири ҷаҳонӣ баррасӣ шудааст. Бо амиқтар шудани равандҳои ҷаҳонишавӣ, густариши таҷрибаҳои ҳамгироӣ ва тамоюли демократикунонии ҷаҳон барои рушди раванди фароминтақавият заминаи мусоид фароҳам овардааст. Фароминтақавият дар натиҷаи ба вуҷуд омадани ниҳодҳои нав дар сиёсати ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадааст. Фаъолшавии субъектҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, густариши таъйини сарҳадҳо ва соҳибихтиёрии давлатҳо дар натиҷаи шиддат гирифтани ҷараёни фаромиллӣ, вазъи буҳронии ниҳодҳои кӯҳна ва форматҳои ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои сиёсии ҷаҳонӣ, ҷустуҷӯи ангезаҳои нави рушд аз ҷониби давлатҳои миллӣ ва иттиҳодияҳои минтақавӣ*

*боиси рушди падидаи фароминтақавият гардидаанд. Дар ин таҳқиқоти мазкур се навъи падидаи фароминтақавият баррасӣ гардидааст: 1) ҳамкории иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ; 2) форумҳои фароминтақавӣ бо иштироки давлатҳои аъзо аз минтақаҳои гуногун; 3) фароминтақавияти шабакавӣ, ки нистабан мураккаб буда, дар доираи он иттиҳодияҳои ҳамгиро, давлатҳои алоҳида ва гурӯҳи давлатҳо ҳамкорӣ мекунанд. Муаллифон дар ин таҳқиқот мафҳуми фароминтақавиятро шарҳ дода, вазифаҳои онро таъкид намуда, сенарияи дурнамои рушди онро нишон додаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *фароминтақавият, ҳамгироӣ, ҷаҳонишавӣ, фаромиллӣ, низоми сиёсии ҷаҳон, сиёсати ҷаҳонӣ, АСЕАН, АПЕК, ТТП, ТТИП, БРИКС, МИКТА*

Дар илми муносибатҳои байналхалқӣ хамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳониро ба таври анъанавӣ бо таваҷҷуҳ ба муносибатҳои байнидавлатӣ баррасӣ мекунанд. Дар навбати худ, дар доираи сиёсати ҷаҳонӣ тадқиқотҳо дар сатҳи маҳаллӣ, ғайридавлатӣ ва акторҳои “гибридӣ” гузаронида мешаванд, ки табиати давлатӣ ва ғайридавлатиро доранд. Сатҳи фароминтақавӣ нисбатан нав пайдо шудааст. Густариши робитаҳои фароминтақавӣ муҳаққиқони байналмилалиро водор мекунад, ки ба омӯзиши падидаи макзур, акторҳои ба он дохилшуда, дараҷаи ниҳодинакунонии иттиҳодияҳои фароминтақавӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва таъсири фароминтақавият ба таҳаввулоти низоми ҷаҳонии муосир машғул шаванд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши падидаи фароминтақавӣ ба як самти воқъеии таҳқиқоти сиёсӣ табдил ёфтааст. Дар солҳои охир корҳои илмӣ оид ба падидаҳои фароминтақавӣ анҷом шудаанд, вале то ҳол саволҳои фароминтақавият чист, он ба кадом шаклҳо ва намудҳо зоҳир мегардад, кадом омилҳо боиси инкишофи фароминтақавият мегарданд, оқибатҳои эҳтимолии фароминтақавият чӣ хоҳанд буд, ҷавоби худро наёфтаанд.

Инкишофи муносибатҳои фароминтақавият на танҳо ба шарофати пешрафти илму техника, ташаккули иқтисодӣ ҷаҳонӣ ва тақсимоти умумиҷаҳонии меҳнат, инчунин ба туфайли тараққиёти якҷояи се падидаи ҷаҳони муоссир – ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ ва демократикунонӣ сурат гирифта аст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ омили ҷуғрофӣ хусусияти муайянкунандаи худро аз даст дод ва рушди тиҷорати ҷаҳонӣ, технология ва логистика ҳамкории давлатҳо ва минтақаҳои аз ҳамдигар дурро осон гардонид. Раванди ҷаҳонишавӣ шароити инкишофи муносибатҳои байниминтақавӣ ва фароминтақавиро фароҳам овард, ки шиддати он аз иттиҳодияҳои минтақавӣ кам нест.

Дар мафҳуми фароминтақавият омили ҷуғрофӣ ҳузур надорад ва ин ҳамчун «интиҳои ҷуғрофӣ» ба мушоҳида мерасад. Вале бояд қайд намуд, ки «интиҳои ҷуғрофӣ» на ҳамаи падидаҳои сиёсати ҷаҳониро фаро мегирад (ҳамин тавр, вилоятҳо ва шаҳрҳои дохилиминтақавӣ ҳангоми ворид шудан ба арсаи байналхалқӣ кӯшиш мекунанд, ки қаламрави худро дақиқ муайян намоянд) [9, с. 9].

Аз ҷониби иттиҳодияҳои ҳамгирои минтақавӣ (ба монанди ЕС, АСЕАН, ЕАЭС ва ғайра) ба роҳ мондани сиёсати кушоди ҳамгироӣ бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳо омили таъсирбахш ва боиси густариши таҷрибаи ҳамкории фароминтақавӣ гардид.

Ниҳоят, фароминтақавият дар давраи демократикунонии сиёсати ҷаҳонӣ, пайдоиши полисентризм ва дифференсиатсияи идомадори фазоии ҷаҳонӣ имконпазир гардид.

Густариши раванди ҷаҳонишавӣ ҳамкории пуршиддати байни давлатҳо ва субъектҳои ғайридавлатиро таъмин намуда, дар минтақаҳо ва қиътаҳои гуногун боиси ташкилиёбии муҳити мураккаби шабакавии робитаҳои фаромиллӣ ва савдои байналхалқӣ гардид,

ҳамзамон ба ташаккули иқтисоди ҷаҳонӣ, бунёди низомҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, такмили инфрасохтори логистикӣ ва инкишофи минбаъдаи техникӣ мусоидат намудааст. Ҳамаи ин барои ташкили иттиҳодияҳои фароминтақавӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Илова бар ин, рушди таҷрибаҳои ҳамгироӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва самаранокии моделҳои копаративии ҳамкориҳо ба ниҳодишавии ҳамкориҳоро (institutionalization) роҳ кушод.

Барои давлатҳои узви иттиҳодияҳои минтақавӣ, ки марҳалаи ҳамгироиро аз сар гузаронидаанд, фароминтақавият имкониятҳои нави иштирок дар сиёсати ҷаҳонӣ фароҳам овард. Барои инкишофи ин гуна муносибатҳо шароити мусоиди байналмилалӣ зери таъсири тамоили демократикунонӣ ташаккул ёфта буд, ки дар натиҷаи он на танҳо ба саҳнаи минтақавӣ дохил шудани иширокдорони ғайриминткавӣ, инчунин ташаккули робитаҳои фароминтақавии гуногун имконпазир гардид.

Корҳои илмие, ки дар онҳо падидаи фароминтақаият мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ба он таърифҳои гуногун додаанд. Агар ба маънои маҳдуд ишора кунем, зери мафҳуми фароминтақаият муносибатҳои расмии байни иттиҳодияҳои минтақавӣ ва ё гурӯҳи давлатҳое аз як ё якчанд минтақаро мефаҳманд, ба маънои васеъ бошад, ҳама намуди муносибатҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фаҳмида мешавад.

Умунан, фароминтақавиятро метавон ҳамчун марҳилаи нави ҷаҳонишавӣ фаҳмид, ки аз ташаккули кластерҳои бузурги функсионалии байналмилалӣ, ки дар натиҷаи таҳкими робитаҳои фаромиллӣ, байниминтақавӣ ва вобастагии мутақобила, инчунин сиёати мақсадноки давлатҳо ва иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ барои ташкили фазои умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ иборат аст [8, с. 24]. Фароминтақавият ин раванди ниҳодинакунонии ҳамкориҳои байни иттиҳодияҳои минтақавӣ ва давлатҳои минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мебошад.

Дар айни замон бо назардошти иштирокчиён ва навъҳои ҳамкориҳои мутақобилаи дар раванди мазкур дохилшаванда, метавон дар бораи ташаккули якчанд навъи ассосии муносибатҳои фароминтақавӣ, ки бе шубҳа имконияти истифодаи имкониятҳои пурраи фароминтақавиятро надоранд сухан ронд.

Шакли якумро метавон фароминтақавият, ё тавре ки онро дар адабиёти илмӣ тавсиф мекунанд, байниминтақавӣ номид, ки муносибати байни ду иттиҳодияи ҳамгиро ё ташаккули ҳамгироӣ бо давлатҳои алоҳидаро дар бар мегирад. Дар шакли аввал мо метавонем дар бораи ҳамкориҳои «байниминтақавии ҳақиқӣ» ва дар шакли дуюм дар бораи ҳамкориҳои "гибридӣ" сухан ронем.

Шакли беҳтарини муносибатҳои фароминтақавиро дар мисоли Иттиҳоди Аврупо нишон додан мумкин аст, ки аллакай дар атрофи худ муносибатҳои байниминтақавиро дар натиҷаи дарҷ намудани меёрҳои хуқуқии худ дар шартномаи Лисабон ташаккул дода, кӯшиши ташкили сиёсати ягонаи хориҷӣ ва амниятиро дорад.

Мисоли аз ҳама равшани муносибатҳои ИА бо дигар иттиҳодияҳои ҳамгиро ин муносибатҳои ИА бо АСЕАН шуда метавонанд. Мувофиқи стратегияи соли 2015 «ИА ва АСЕАН: шарикии стратегӣ» инкишофи муносибатҳои дутарафаи байни блокҳои ҳамгиро дар доираи васъеи соҳаҳо аз қабили: мусоидат ба ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, тиҷорат, муколама оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳамкорӣ барои тараққиёти уствор дар соҳаҳои илм, маориф, мубодилаи фарҳангӣ, масъалаҳои амният ва ғайра амалӣ карда мешавад [4]. Бояд қайд намоем, ки ҳамкории ИА бо АСЕАН асоси ташкили Форуми Осиё ва Аврупо гардидааст, ки ба он бештар аз 50 кишвари Авруосиё дохил мешаванд. Вале бо як қатор сабабҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ муносибатҳои ИА ва АСЕАН аз доираи муколама берун

нарафта ва ба ҷонибҳо ташкили минтақаи озоди тиҷоратӣ муяссар нагардидааст. Веле ин робитаҳо гувоҳи онанд, ки иттиҳодияҳои ҳамгирои минтақавӣ кӯшиши дарёфти манъбаҳои афзоиш аз берунро дороанд, инчунин мустаҳкам намудани робитаҳои, ба истилоҳ, сегонаи иқтисоди ҷаҳонӣ - Амрикои Шимолӣ, Аврупо ва Осиёи Шарқӣ, ки дар доираи он ИА мехоҳад нақши пайвандкунандаро дошта бошад. Ҳамкории ИА бо бозори умумии Амрикои Ҷанубӣ (MERCOSUR) фаъолона, гарчанде камтар муваффақ бошад ҳам, идома дорад.

ИА бо давлатҳои алоҳидаи минтақаҳои ҷаҳон низ муносибатҳои хуро ба роҳ мондааст. Соли 2017 байни Иттиҳоди Аврупо ва Канада созишнома дар бораи шарикии ҳамаҷонибаи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (CETA) ба имзо расид. Музокирот бо Иёлоти Муттаҳида дар бораи таъсиси шарикии тиҷоратӣ ва сармоягузории фароантлантикӣ, ки бо мақсади амиқтар намудани муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Атлантикаи Шимолӣ пешбинӣ карда шудааст. (TTIP) душвортар ҷараён дорад.

Бо Президенти ИМА таъин шудани Доналд Трамп лоиҳа муваққатан боздошта шуд, аммо ин маънои тарки пурраи онро надорад. Гуфтушунидҳо дар бораи ташкили иттиҳоди иқтисодии байни ИМА ва ИА, ки пеш аз лоиҳаи TTIP низ гузаронида буданд, метавонад лоиҳаи Минтақаи озоди тиҷоратии фароатлантикиро (TAFTA) ба хотир оварад. Бо бунёди як шабакаи мураккаби робитаҳои фароминтақавӣ Иттиҳоди Аврупо на танҳо сарчашмаҳои нави рушдро пайдо мекунад, балки ҳувийяти минтақавии худро низ таҳким медиҳад, зеро он дар доираи гуфтушунидҳо ҳамчун блоки ягона баромад карда, муттаҳидиро дар масъалаҳои фаъолияти берунӣ талаб мекунад.

Ин гуна муносибатҳо на танҳо дар доираи ИА ва дигар созмонҳо фаъолона инкишоф меёбанд, дар мисоли ИДМ ва МЕРКОСУР, АСЕАН+6, АСЕАН ва Русия, ИА ва Миср ва ғайра. Чунин формат дараҷаи муайяни муттаҳидиро дар доираи иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ талаб мекунад ва ҳамзамон ҳамчун омиле ба таҳкими иттиҳодияи минтақавӣ мусоидат ва баромад менамояд.

Шакли дуюми муносибатҳои байниминтақавӣ муносибатҳои байни давлатҳои алоҳида аз кластерҳои гуногуни минтақавии ҷаҳон ва ё роҳбарони минтақа мебошад.

Шартан ин намуди муносибатҳои фароминтақавиро форумҳои фароминтақавӣ низ номидан мумкин аст, зеро аксаран дар онҳо санади таъсис, котиби доимӣ ва дигар нишонаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ба назар намерасад. Одатан қарорҳои дар доираи чунин ташкилотҳо қабулгардида характери эъломиявӣ дошта, раванди ниҳодинакунонии онҳо хусусияти дуру дароз ва тадриҷиро дорост. Мисоли равшани ин намуди муносибатҳо БРИКС (Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин, Африқои Ҷанубӣ) ва MIKTA (Мексика, Индонезия, Ҷумҳурии Корея, Туркия ва Австралия) шуда метавонанд.

5-6 октября 2009 года на международном симпозиуме «Наследие Абуханифы и ее роль в меж цивилизационном дискурсе», доктор Мохаммед Саид Тантови шейх Аль-Азхар, шейх Али Абдулбаки, Генеральный секретарь Академии исламских исследований университета Аль – Азхара, Ахмад Тайиб-ректор университета Аль-Азхар, шейх чтецов Корана доктор Ахмед аль-Маасрови из Египта.

Шейх Аль-Азхар М.С. Тантови встретился с лидером нации-Эмомали Рахмоном в рамках симпозиума и провел конструктивную беседу о научно-культурном и образовательном сотрудничестве. Шейх отметил, что руководство университета готовится к сотрудничеству с дружественной страной Таджикистана. [3, с. 121, 186]

В 2010-2011 гг. Мустафа Салах из Египта преподавал студентам арабский язык и литературу на факультете востоковедения ТНУ.

В 2012-2013 учебном году другой гражданин Республики Египет Валид Мухаммед работал преподавателем арабского языка и литературы на факультете языков Азии и Европы ТНУ.

8 февраля 2010 года генеральный секретарь египетского Фонда технического сотрудничества со странами СНГ и Посол Республики Египет в Таджикистане (штаб-квартира в Москве) Аззат Саад аль-Саид посетили Душанбе для встречи с официальными лицами республики.

В процессе двусторонних отношений роль данного фонда высоко ценится, так как за 19 лет деятельности он организовал более 170 краткосрочных учебных курсов для около 1200 специалистов Таджикистана и внес достойный вклад в подготовку и повышение уровня знаний и навыков работы национальных кадров Таджикистана. [10, с. 92]

11 марта 2010 года Лидер нации-Эмомали Рахмон отправил телеграмму соболезнование Президенту Египта в связи со смертью великого Имама шейха университета аль-Азхар доктора Мухаммеда Саида Тантови. [4, с. 26]

3 января 2011 года Лидер нации-Эмомали Рахмон отправил сочувствующую телеграмму Президенту Египта в связи с взрывом, произошедшим при Александрийской Сиддисской церкви, в который погибли мирные жители. [5, с. 13]

С начала 2011 года политическая ситуация в Египте из-за народных протестов страны в различных городах стала кризисной, что в конечном итоге привело к отстранению от должности Президента Республики Египет Мухаммеда Хусни Мубарака того времени.

Это событие в новейшей истории Египта известно, как революция 25 января 2011 года.

В связи с этой революцией с января по июль 2011 года в отношениях между Таджикистаном и Египтом наблюдается разрыв на правительственном уровне. Несмотря на эти события, граждане Таджикистана, многие из которых составляли студенты, находились на территории Египта, что свидетельствует о продолжении научно-культурного сотрудничества обеих стран.

8 сентября 2011 года в Каире Посольством Республики Таджикистан в честь 20-летия Независимости Республики Таджикистан с участием руководителей и представителей министерств и институтов Египта состоялось официальное собрание, которое было снято телеканалом Каира с интервью Н. Назаров был показан в течение 10 минут. [5, с. 151, 212]

В начале 2012 года в городе Каир был проведен период обучения «Дипломатии», для участия в котором был приглашен десятистраничный состав Таджикистана, состоящий из представителей Национальной академии наук Республики Таджикистан, министерств и комитетов страны. [14]

В январе 2013 года 15 человек из Академии наук Таджикистана и ТНУ были приглашены для участия в курсе изучения арабского языка, проводимом египетским Фондом технического сотрудничества со странами СНГ в Египте. [15]

19-25 апреля 2013 года в городе Каир, Египет, прошел международный культурный фестиваль под названием «Звук барабанов ради мира», который был регламентирован Министерством культуры и Фондом развития культуры – иностранных культурных связей под эгидой министерства туризма и древнего наследия Арабской Республики Египет. Также с 17 июля по 2 августа 2013 года в Египте состоялся 6-й по величине международный фестиваль духовной музыки и религиозных песен. В связи с этим для участия в этих фестивалях была приглашена делегация Республики Таджикистан до 15 человек. [14, №1782. 08.11.12.]

В 2013 году египетский фонд технического сотрудничества со странами СНГ организовал период краткосрочного обучения и стажировки для сотрудников и специалистов Национальной библиотеки Таджикистана и других центральных библиотек Республики в Египте, который длился две недели и регулировался для 15-25 человек. [12, №2/8/5/ (176). 22.01.13.]

9 сентября 2014 года секретарь офиса президента Египта Ахмад Миниси в день нашего национального праздника посетил посольство Таджикистана в Каире и вручил поздравительное письмо Абдулфатто Ас-Сиси Лидеру нации-Эмомали Рахмону в честь 23-летия независимости Таджикистана. [6, с. 63, 120]

В 2014 году 739 граждан Таджикистана учились в университетах Аль-Азхара и Айнуш-Шамса. [12, №3/10-13(8777) 27.10.2015.]

В 2015-2016 учебном году 154 гражданина Таджикистана учились в университетах Египта. [13, №02.295. 20.06.16.]

В Министерстве культуры Республики Египет с 18 по 25 апреля 2015 года в городе Каир состоялась 3-я сессия Международного фестиваля традиционных барабанов и ремесел, в которой были приглашены культурные группы Таджикистана из 13 человек. [12, 22.12.14. №3/10-14(9457).]

20 июня 2016 года группа артистов таджикского цирка была приглашена на презентацию таджикского цирка для участия в цирковом фестивале Республики Египет. [14, 27.09.16. №2329]

С 8 июля по 8 октября 2016 года два артиста таджикского цирка М. Абдуллаева и А. Турсунов были приглашены в город Александрии, Египет, чтобы на высоком уровне представлять таджикский цирк. [14]

В 2015 году была принята новая Концепция внешней политики Республики Таджикистан, в которой говорится о взаимоотношениях с Арабской Республикой Египет: “Республика Таджикистан связана с расширением отношений сотрудничества с ней, уделяя особое внимание международному авторитету Арабской Республики Египет в политике региона и мира.” [8]

Согласно официальным данным, в последующие годы граждане Таджикистана получали формальное и неформальное образование в египетских университетах, но отношения между правительствами обеих стран с 2014 по 2022 годах находились на уровне дипломатической переписки.

После ослабления волны вируса COVID-19, который также оказал глубокое влияние на сферу международных отношений, мир постепенно возвращается к своему естественному состоянию.

9 марта 2022 года президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон с официальным визитом, посетил Арабскую Республику Египет, в рамках которой посетил Национальный музей цивилизации и промышленные предприятия “Джипто фарма” и “T&C Garments” в городе Аль-Ханка Арабской Республики Египет и ознакомился с их работой и деятельностью.

Также Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в рамках официального визита, посетил Каирский университет и выступил перед преподавателями и студентами.

Решением Совета по науке и образованию Каирского университета за достойный вклад в укрепление отношений дружбы и сотрудничества между Таджикистаном и Египтом, развитие и расширение научных связей, безопасности, гуманитарных и культурных связей и

особенно глобальных инициатив в области воды и климата, президент страны уважаемый Эмомали Рахмон получил звание “Почетный доктор”.

Напомним, что Каирский университет является важнейшим учебно-исследовательским учреждением Египта и был основан 21 декабря 1908 года. Университет является вторым старейшим университетом Египта и третьим по величине в арабском мире после университета Аль-Азхара и Университета Аль-Карави. Его различные факультеты были основаны во времена Мухаммеда Али, как и Аль-Мухандис (около 1820 года). Современная система образования была одним из важнейших событий, свидетелями которых стал Египет в первой половине девятнадцатого века.

Каирский университет, признанный лучшим учебным и исследовательским учреждением Египта в мире, играет важную роль в обучении, воспитании и подготовке высококвалифицированных специалистов и ученых. Ежегодно более 155 000 студентов заканчивают Каирский университет, и трое из его выпускников получили мировую Нобелевскую премию. [9]

10 марта состоялось заседание широких переговоров по важным вопросам двусторонних и многосторонних отношений Таджикистана и Египта, было подчеркнуто, что достигнутые сегодня договоренности создадут благоприятную основу для вывода связей двух стран на качественно новый уровень в торгово-экономической, научно-технической, гуманитарной и культурной сфере.

Таджикистан и Египет заявили о готовности к плодотворному сотрудничеству в вопросах региональной безопасности, борьбы с угрозами и опасностями современного мира, а также в других сферах, представляющих взаимный интерес.

Было признано необходимым дальнейшее расширение сотрудничества для борьбы с международным терроризмом, экстремизмом, контрабандой оружия и наркотиков, киберпреступностью, транснациональной организованной преступностью и другими опасностями, угрожающими международной и региональной безопасности.

В связи с вопросами безопасности состоялся подробный обмен мнениями о том, как быстро заканчиваются конфликты в странах Ближнего Востока, Северной Африки, а также в Афганистане.

В ходе встречи особое внимание было уделено глобальным вопросам, связанным с водой и изменением климата.

После переговоров высокого уровня между Таджикистаном и Египтом было подписано 5 новых документов, регулирующих отношения сотрудничества двух стран:

- Меморандум о взаимопонимании между Министерством сельского хозяйства Республики Таджикистан и Министерством сельского хозяйства и улучшения земель Арабской Республики Египет о сотрудничестве в области сельского хозяйства;
- Меморандум о взаимопонимании между Комитетом по делам молодежи и спорта при Правительстве Республики Таджикистан и Министерством молодежи и спорта Арабской Республики Египет;
- Соглашение о сотрудничестве между Министерством образования и науки Республики Таджикистан и Министерством высшего образования Арабской Республики Египет;
- Соглашение о братстве и дружбе между Хатлонской областью Республики Таджикистан и Южной Синайской областью Арабской Республики Египет;

- Меморандум о сотрудничестве между государственным учреждением «Национальная библиотека Таджикистана» и Центром письменного наследия при президенте Академии наук Республики Таджикистан и Национальной библиотекой, и архивами Египта. [9]

Одним из важных вопросов в отношениях между Таджикистаном и Египтом является отсутствие посольства Египта в Таджикистане, что, на наш взгляд, является проблемой во взаимодействии сторон.

Таким образом, с анализом научно-культурных отношений Таджикистана и Египта за последние 30 лет можно прийти к этим выводам:

- Египет с самого начала независимости уделял особое внимание Таджикистану и предпринял твердые шаги в установлении связей и их укреплении;
- назначение посла в Таджикистане Египтом, финансовая поддержка в подготовке кадров в сотрудничестве обоих государств дали серьезный импульс и создали соответствующие условия для этого;
- в этот период таджикские студенты и преподаватели прошли языковые курсы в Египте и сотни обучались в его университетах;
- на этом этапе для обучения студентов были привлечены специалисты по арабскому языку и литературе из Египта.
- официальный визит Лидера нации-Эмомали Рахмона в Египет дал серьезный импульс в двусторонних отношениях между странами;
- научно-культурное сотрудничество между сторонами в этот период значительно улучшилось, и таджикские артисты неоднократно участвовали в мероприятиях, проводимых в Египте;
- в этот период таджикские студенты и преподаватели прошли языковые курсы в Египте через египетский фонд технического сотрудничества со странами СНГ и сотни обучались в его университетах;
- в направлении развития двусторонних отношений Таджикистана и Египта и практической реализации нового этапа сотрудничества Арабской Республике Египет необходимо открыть свое посольство и официальное представительство в городе Душанбе.

## ЛИТЕРАТУРА:


1. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня. В двух томах. Том 1. [Текст] / (Под общей редакцией Х. Зарифи). Душанбе: «Ирфон», 2009, 296 с. илл.
2. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2007 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. Под общей редакцией [Текст] / Под общей редакцией Х. Зарифи./Составители Д. Назриев и др. – Душанбе: “Ирфон”, 2010, 324 с.
3. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник-2009 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы [Текст] / Под общей редакцией Х. Зарифи /Составители: Д. Назриев и др. – Душанбе: “Ирфон”, 2011, 370 с.
4. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2010 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы [Текст] / Под общей редакцией Х. Зарифи / Составители: Д. Назриев и др. – Душанбе: “Ирфон”, 2011, 370 с.
5. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2011 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. [Текст] / Под общей редакцией Х. Зарифи. (Составители: Д.Назриев и др.) Душанбе, “Ирфон”, 2012, 600 с.

6. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2014 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы [Текст] / Под общей редакцией С. Аслова. - Душанбе: “Ирфон”, 2015, С. 63 - 120.

7. Имомзода, М. От порог до зрелости. [Матн] / М. Имомзода, С. Сафармамадов, Қ. Расулиён, Ҳ. Раҳмон, С. Қосимов. – Душанбе: Эр-граф, 2018. 416 с.

8. Камаров, А.З. Восстановление научно-культурных отношений Республики Таджикистан с арабскими странами (1991-2006 гг.) [Текст] / Х.Д. Самиев, А.З. Камаров // Государственное управление. 2021 / №3 (52). С. 231-244.

9. Концепция внешней политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента РТ от 27 января 2015 года №332. [Текст].

10. Назаров, Н. Аспекты внешней политики Египта после революции 25 января. [Текст] / Н. Назаров. // Внешняя политика: (научно-теоретический и информационный журнал Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). № 1, 2011. С. 92.

11. Саидов, З.Ш. (Сайидзода Зафари Шерали). Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. – 3-е издание. [Текст] / З.Ш. Саидов. – Душанбе: ООО «Контраст», 2012. С. 56.

12. Текущий архив МИД Республики Таджикистан. Управление стран Азии и Европы. Папка Египет.

13. Текущий архив Министерство образовании и науки Республики Таджикистан. Отдел международных отношений. Папка Египет. №02.295. 20.06.16.

14. Текущий архив Министерство культуры Республики Таджикистан. Отдел международных отношений. Папка Египет. 27.09.16. №2329.

15. Текущий архив Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан. Отдел социального развития и связей с общественностью. № 18/10-7. 21.01.13.

16. Шарипов, А. Эмомали. Рахмонов: Год культуры мира. (Внутренняя и внешняя политика Президента Таджикистана в 2005 г.). [Текст] / А. Шарипов, З. Сироджов. - Душанбе, «Деваштич», 2006. С. 40-363.

## ТОҶИКИСТОН ВА МИСР: 30-СОЛИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГӢ

**ҚАМАРОВ АСЛИДДИН ЗАЙНИТДИНОВИЧ**
муаллими калони кафедраи мутолиоти шарқи факултети муносибатҳои байналхалқии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Тел.: (+992) 915-15-02-55. Email: asluddin89@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таърихи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мисри Араб дар сӣ соли сипаригашта (1993-2023) таҳлилу баррасӣ гардидааст.*

*Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллиф марҳилаҳои барқароршавӣ, ташаккул ва инкишофи муносибатҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мисри Араб мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошта шуда маълумотҳои лозима дар мақола ироа намудааст.*

*Дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудааст, ки дар ин марҳилаи таърихӣ ҳамкориҳо миёни ҷонибҳо дар соҳаҳои фарҳанг, маориф ва илм ба роҳ монда шудааст. Дар ин давра миёни Тоҷикистону Миср табодули донишҷӯёну устодон ва ҳунармандону санъаткорон зиёд сурат гирифтааст.*

*Метавон гуфт, ки дар ташаккули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мисри нақши Бунёди мисрӣ барои ҳамкориҳои техникӣ бо кишварҳои*

*Иттиҳоди давлатҳои мустақил чашмгир мебошад. Бояд ёдовар шуд, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то соли 2016 дар самти забономӯзӣ ва такмили ихтисос вобаста ба равияи дипломатия тавассути Бунёди мазкур ва дигар барномаҳои байнидавлатӣ фаъолона бо муассисаҳои мисрӣ ҳамкорӣ менамуд.*

*Муаллиф масъалаи набуднаи сафорати Миср дар Тоҷикистонро яке аз монеаҳои рушди ҳамкориҳои мутақобил миёни ҷонибҳо медонад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Миср, фарҳанг, ҳамкориҳо, сафир, сафорат, донишгоҳ, вазорат, президент, сафари расмӣ, созишнома, робитаҳо, баррасӣ, таҳлил, таърих.*

## TAJIKISTAN AND EGYPT: 30 YEARS OF SCIENTIFIC AND CULTURAL COOPERATION

**KAMAROV ASLIDDIN ZAINITDINOVICH**
senior teacher department of oriental studies, faculty of international relations, Tajik National University, 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17, Rudaki ave.
Phone: (+992) 915-15-02-55. E-mail: asluddin89@mail.ru

*This article discusses the history of scientific and cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and the Arab Republic of Egypt over the past thirty years (1993-2023).*

*It should be noted that the author analyzed and considered the stages of restoration, formation and development of scientific and cultural relations between the Republic of Tajikistan and the Arab Republic of Egypt, provided the necessary information in the article to achieve the goals.*

*In this study, it was shown that at this historical stage, cooperation has been established between the parties in the field of culture, education and science. During this period, a large exchange of students, teachers, artisans took place between Tajikistan and Egypt.*

*It can be said that in the formation of scientific and cultural cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Egypt, the role of the Egyptian Fund in technical cooperation with the countries of the Commonwealth of Independent States is very noticeable. It should be noted that until 2016, the Tajik National University actively cooperated with Egyptian universities in the field of studying Arabic and advanced training in diplomacy through this fund and other interstate programs.*

*The author considers the issue of the absence of the Egyptian embassy in Tajikistan as one of the obstacles to the development of mutual cooperation between the parties.*

***Key words:*** *Tajikistan, Egypt, culture, cooperation, ambassador, embassy, university, ministry, president, official visit, agreement, connections, review, analysis, history.*

## МАСЪАЛАИ АМНИЯТИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО**
муаллими калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Саид Носир 33. тел: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

*Дар мақола мушкилоти амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ, таҳдидҳо ва чолишҳои муосир, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар сиёсати хориҷии Федератсияи Русия ва дурнамои он таҳлил карда шудааст. "Буҳрони Афғонистон", ки то ҳол ҳалли худро наёфтааст, дар робита ба амнияти Осиёи Марказӣ, таҳдидҳо, хатарҳо ва мушкилоте, ки аз Афғонистон ба вуҷуд меоянд, бо таваҷҷуҳ ба ҷузъи динии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Масъалаи интиқол ва паҳншавии маводи мухаддир аз Афғонистон дар саросари ҷаҳон, аҳамияти СҲШ, СААД, ИДМ дар таъмини амнияти Осиёи Марказӣ ва чораҳои ба эътидол овардани вазъ дар минтақа таҳлил карда мешаванд. Таваҷҷуҳи хос ба таҳдидҳое, ки дар низоми мавҷудаи геополитикии муосир ва тартиботи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меоянд ва тавсияҳо оид ба ташкили низоми минтақавии амният дар амалия дода мешавад. Масъалаи исломисозии Осиёи Марказӣ як бахши назаррасро ишғол мекунад. Дар мақола инчунин чораҳои имконпазир оид ба муътадилсозии вазъ дар ин масъала баррасӣ карда мешаванд ва тавсияҳо барои сиёсати Русия дар ин минтақа оварда шудаанд. Ҳамаи ин ва масъалаҳои дигар дар заминаи сиёсати хориҷии Федератсияи Русия нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи Марказӣ, Федератсияи Русия, сиёсати хориҷӣ, амнияти минтақавӣ, СҲШ, СААД, ИДМ, ҳамкорӣ, таҳдид ва чолишҳо, терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, мубориза бар зидди маводи мухаддир.*

Тавре маълум аст, сулҳ равандест, ки дар он ҳеҷ гуна низоъ вуҷуд надорад. Дар он субот ва мавҷудияти робитаҳои устувори аҳолӣ, ҷомеа ва давлатҳо дар мадди аввал меистад. Ба ин муносибат илмҳои ҷомеашиносӣ ин ҳолати ҳаёти инсонро на танҳо сулҳи мутлақ, балки ҳамчун раванде муайян мекунанд, ки дар мустаҳкам намудан ва инкишофи мазмуну мавҷудияти инсоният нақши ҳалкунанда мебозад [7, с.157]. Амният бо роҳи ба даст овардани сулҳ таъмин мегардад. Аз ин рӯ, сулҳу амният дар ҳаёти инсоният ҳамеша масъалаи муҳим буда, дар оянда низ боқӣ хоҳад монд.

Таъмини сулҳу амният на танҳо дар як давлат, балки дар минтақаҳои алоҳида ва умуман дар миқёси ҷаҳон татбиқ намудани онро дар назар дорад. Ба андешаи мо, муҳимтарин таҳқиқоти амниятӣ, мушкилоти таъмини амният дар минтақаи муайян аст, зеро амнияти минтақавӣ дар ниҳояти кор метавонад ба бахши муҳимтарин амният дар миқёси ҷаҳонӣ табдил ёбад [3].

Солҳои охир яке аз минтақаҳое, ки бо сабабҳои объективӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро вобаста ба таъмини амният ҷалб намудааст, минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Ин минтақа дар маркази таваҷҷуҳи нерӯҳои мухталифи геополитикӣ қарор дорад, ки дар он нақши асосӣ ба бозигарони бузургтарини муносибатҳои байналмилалӣ – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Федератсияи Русия дода мешавад, ки омӯзиши сиёсати хориҷии онҳо дар робита ба масъалаҳои таъхирнопазири кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ раванди рақобати геополитикии кишварҳои абарқудратро дар Осиёи Марказӣ тезутунд намуд. Осиёи Марказӣ имрӯз аз минтақаи каноравии сиёсати ҷаҳонӣ ба минтақае табдил ёфтааст, ки мавқеъҳои калидиро дар системаи ҳамоҳангсозии геополитикии Авруосиё ишғол менамояд. Маълум аст, ки вобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ, сарватҳои табиӣ, захираҳои меҳнатию инсонӣ, таъмини

амният ва сулҳ, иқтидори транзитӣ, минтақаи мазкур дар сиёсати ҷаҳонӣ мавқеи калидиро ишғол менамояд. Вобаста ба ин, кишварҳои алоҳида кӯшиш намуданд, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ ва ғайраро ба роҳ монанд ва бо ин роҳ дар минтақа мавқеи худро пайдо намоянд [6].

Аҳамияти рӯзафзуни минтақа бо назардошти омилҳои зерин алоқамандии зич дорад, ки нақши геополитикии онро муайян месозанд:

- мавқеъгирии минтақа дар маркази қитъа аз нуқтаи назари таъсири он ба амният ва суботи қисмати аъзами Авруосиё хеле муҳим мебошад;
- инкишофи вазъи ҳар як кишвари минтақа ва Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ метавонад ба тавозуни қувва дар қитъаи Авруосиё таъсир амиқи худро расонад;
- мавҷудияти захираҳои табиии аҳамияти ҷаҳонидошта дар минтақа, ки кишварҳои абарқудрат бахри коркарди онҳо таваҷҷуҳи зиёд доранд [9];
- Осиёи Марказӣ дар маҳали пайваст шудани долонҳои нақлиётии авруосиёӣ қарор дошта, дорои шабакаи васеи коммуникатсионӣ-нақлиётӣ мебошад. Кишварҳои минтақа тавассути Эрон ба халиҷи Форс ва ба воситаи Афғонистон ва Покистон ба уқёнуси Ҳинд ва тавассути Ҷумҳурии Мардумии Чин ба минтақаи Осиёии – уқёнуси Ором роҳи баромад доранд[8].

Низоми навини муносибатҳои байналмилалӣ имрӯз ҷиддан тақозо дорад, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтарин ҳадафҳои миллии худ, яъне таъмини истиқлолияту озодӣ, ҳифзи амнияту суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвари хешро дар асоси стратегияи фарогир ва санҷида амалӣ намояд.

Бештари коршиносон манфиатҳои бозингарони асосии минтақаро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода, ба масъалаи хеле муҳим– таҳдидҳо ба амнияти давлатҳои Осиёи Марказӣ рӯ меоранд.

Дар шароити муосир дар сатҳи сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ омилҳо ва падидаҳои зерин бевосита ба амнияти кишварҳои минтақа таҳдиду хатар эҷод мекунанд:

- манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, пеш аз ҳама Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Иттиҳоди Аврупо, Ҳиндустон, Эрон ва ғайра;
- ифротгароии сиёсӣ дар шакли зуҳуроти миллӣ - қавмӣ, динӣ ва ҷиноӣ дар давлатҳои минтақа, мавҷуд будани қувваҳои сиёсӣ ва имконияти истифодаи ин падидаҳои номатлуб барои ноором сохтани вазъияти иҷтимоиву сиёсӣ;
- терроризми байналмилалӣ;
- вазъияти кунунии Афғонистон ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;
- вазъияти иҷтимоиву иқтисодии давлатҳо ва дар сатҳи зарурӣ мавҷуд набудани ҳамкорӣ ва муносибат миёни кишварҳои минтақа;
- муҳоҷирати мардуми қобили меҳнат, асосан ҷавонон ба хориҷа ва набудани имконияти таъсиррасонӣ ба ин падида дар шароити муосир;
- вазъияти номуайяну баҳсҳои истифодаи обу энергетика ва таҳдидҳои экологӣ ба минтақа [2].

Дар доктринаи ҳарбии Федератсияи Русия аз чунин таҳдидҳо ба амнияти кишвар, аз қабили наздик шудани инфрасохтори ҳарбии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд САДШ) ба сарҳади Русия, кӯшишҳои ноором намудани вазъият дар кишварҳои алоҳидаи минтақа ва вайрон намудани суботи сиёсӣ,

паҳншавии терроризми байналмилалӣ, пайдошавии манбаҳои зиддияти миллӣ – динӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳи радикалӣ дар сарҳадҳои Русия ва иттифоқчиёнаш, сепаратизм, экстримизми динӣ ва ғайра ном бурда мешавад[1].

Вазири мудофиаи Федератсияи Русия Сергей Шойгу ҳанӯз баъд аз таъин шуданаш ба ин вазифа аз се таҳдиди асосӣ ба амнияти Русия ёдовар шуд. Таҳдиди аввалиндараҷаро ӯ дар таҳдиди терроризми байналхалқӣ донист ва илова намуд, ки маҳз террористон дар Сурия, Афғонистон, Малӣ ва Ливия меҷанганд. Таҳдиди дуюмро ба амнияти Русия ин Афғонистон баъди соли 2014, яъне баъд аз баромадани қувваҳои СААШ аз ин кишвар ташкил медиҳад. Таҳдиди сеюм бошад, ин наздик шудани қувваҳои ҳарбии СААШ ба сарҳадҳои Федератсияи Русия мебошад [5].

Дар замони муосир самти муҳимтарини ҳамкории Федератсияи Русия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳо дар соҳаи амнияту мудофиа мебошад. Ин гуна ҳамкориҳо воқеан ба ҳар ду тараф судманд мебошад. Бо вуҷуди ин маҳз Тоҷикистон дар мавқеи хос ва ҳассос аз назари амниятӣ қарор гирифтаат. Тоҷикистон марзи ҷанубии фазои ИДМ мебошад ва бо ноҳияҳои шимолии Афғонистон ҳамсарҳад буда, инчунин дар мавқее ҷой гирифтааст, ки сарҳади он дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо Вилояти Бадахшони Афғонистон аз марзи Покистон ҳамагӣ 25-30 километр дур асту халос.

Ҳудудҳои мазкур марзи Тоҷикистон ва бевосита марзҳои ҷанубии ИДМ-ро дар мавқеи бениҳоят ҳассос аз нигоҳи амниятӣ қарор медиҳанд. Бо ҳамин мақсад дар сиёсати минтақавии Федератсияи Русия таъмини амнияти марзҳои ҷанубии ИДМ нақши калидиро мебозад. Бо дарназардошти ин дар Тоҷикистон калонтарин қисми ҳарбии дар хориҷа қарордоштаи Федератсияи Русия, дивизияи 201-ум (201 мотострелковая дивизия) вуҷуд дорад.

Бо мақсади таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар фазои ИДМ дар моддаи 52-и Консепсияи сиёсати хориҷии Русия СААД (ОДКБ) яке аз механизми асосии таъмини амният дар фазои пасошӯравӣ ном бурда шудааст.

Амнияти Осиёи Марказӣ аз хатарҳои беруна ба Федератсияи Русия бениҳоят муҳим аст, зеро ҳар гуна хатари амниятӣ, хусусан хатарҳои идеологияҳои фундаменталистӣ ба Русия метавонад бисёр таъсири манфӣ расонад. Бо дарназардошти ин, ба Русия ҳамкориҳои низомӣ бо кишварҳои СААД чӣ дар чаҳорчӯбаи иттиҳод ва чӣ дар муносибатҳои дуҷониба бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Гарчанде тибқи Консепсияи сиёсати хориҷии Федератсияи Русия, баланд бардоштани нақш ва мавқеи СААД яке аз самтҳои сиёсати хориҷии Русия бошад, дар Ғарб СААД-ро ҳамчун блоки ҳарбии комил, ки масалан ҳамчун рақиби СААШ намебинанд. Муҳаққиқони Ғарбӣ ақидаҳои худро бо чунин далелҳо исбот менамоянд:

- қувваи низомии СААД ба куллӣ аз қудрати низомии Русия вобастааст;
- кишварҳои узви СААД бо ҳам даргирии низомӣ доранд (ишора ба Қирғизистону Тоҷикистон), вале иттиҳод ҳеҷ механизме барои ҳалли масъала надорад;
- дар воқеаҳои соли 2020 дар Қарабоғи кӯҳӣ Арманистон аз СААД ёрии низомӣ дархост намуд, вале иттиҳод бо ишора бар он ки даргириҳо дар ҳудудҳои эътирофшудаи байналмилалии Арманистон сурат нагирифта истодаанд, СААД наметавонад аз қувва истифода барад. Вале дар воқеаҳои ахири соли 2022, ки аз хоки Озарбойҷон ба ҳудудҳои эътирофшудаи байналмилалии Арманистон мушакҳо партоб шуда буданд, боз ҳам СААД дархости Арманистон барои истифодаи қувваро рад намуд.

Новобаста аз СААД, тавре аллакай қайд шуд, Федератсияи Русия бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини амният муносибатҳои дуҷонибаро низ ба роҳ мондааст. Дар доираи чунин ҳамкориҳо низомиёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар Русия ба таълим фаро гирифта мешаванд, аз такмили ихтисос мегузаранд ва муҳимтар аз ҳама ба артиши ин кишварҳо кӯмаки низомӣ дар шакли дастраскунии таҷҳизот ва техникаи ҳарбӣ расонида мешавад.

Аз ин рӯ, ҳамкории мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар самти баланд бардоштани иқтидори ҳарбии кишвари мо, мустаҳкам намудани сарҳади давлатӣ ва муқовимат бо хатарҳои муосир омили муҳимми ташаккули низоми амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мебошад. Хусусиятҳои ин ҳамкориҳоро метавон чунин муайян намуд:

- ин ҳамкорӣ чӣ дар сатҳи дуҷониба ва чӣ бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи ИДМ, СААД ва СҲШ дар баробари таъмини субот, амният ва манфиатҳои миллӣ ба ҳифзи амнияти минтақа ва дастрасӣ ба манфиатҳои умумӣ равона шудааст;
- Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои сарҳади тӯлонӣ бо Афғонистон дар саргаҳи хатарҳои муосир қарор дошта, зимни ҳамкорӣ бо Русия дар самти пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ ҷанбаҳои алоҳидаи низоми амнияти минтақавиро ташаккул ва тақвият мебахшанд;
- ҳамкории кишварҳо дар самти омода кардани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ барои қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, махсусан барои сарҳад омили муҳимми таъмини манфиатҳои ҳар ду кишвар ва минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад;
- баргузории машқҳои муштарак, махсусан дар доираи қувваҳои зудамали СААД далели мустаҳкам гаштани низоми амнияти минтақавӣ ва иқтидори муқовимат бо хатарҳои муосир буда, яке аз фишангҳои асосии инъикоси иқтидори кишварҳо ва саҳми онҳо дар таҳкими низоми амнияти минтақавӣ мебошад;
- ҳамкории кишварҳои ҳамсуд дар доираи созмонҳои зикршуда ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ набуда, вобаста ба ташаннуҷи авзоъ дар Афғонистон, тезу тунд шудани вазъияти сиёсӣ-динӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва муноқишаи сиёсӣ-динии Ҳиндустону Покистон бояд наздиктар гардад, то кишварҳои Осиёи Марказӣ қудрати мудофиавии худро мустаҳкам намуда, дар баробари хавфу хатарҳои навин истодагарӣ кардан тавонанд [4].

Бояд қайд намуд, ки дар замони муосир «Бозии бузурги ҷадид» дар минтақаи Осиёи Марказӣ миёни абарқудратҳои ҷаҳонӣ давом дорад. Русия кӯшиш менамояд, ки манфиатҳои миллии худро дар Осиёи Марказӣ ҳифз карда, барои воридшавии Амрико ва дигар кишварҳои қудратманд роҳ надиҳад. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи дорои иқтидори бузурги ашёи хом, саргаҳи таъмини амнияти сарҳадҳои ҷанубии Русия ва мубориза бо ифротгароӣ, терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аҳамияти хеле муҳим дар сиёсати хориҷии Федератсияи Русияро касб намудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии Русия бо мамлактҳои Осиёи Марказӣ ин ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ аст.

Масъалаи дигари муҳим барои Федератсияи Русия дар минтақа ин масъалаи амният ва ҳамзамон ҳалли проблемаи Афғонистон мебошад. Қазияи Афғонистон барои кишварҳои минтақа ва худи Русия метавонад мушкилоти зиёдро эҷод намояд.

Барои Федератсияи Русия Осиёи Марказӣ сарҳадоти хориҷии дури ҷанубии он ба шумор меравад. Омили амният ниҳоятан зарур аст ва аз тарафи дигар бесуботӣ ва ноамнӣ дар минтақа метавонад ба амнияти худи Русия таъсир расонад, ки он аслан

таъсири манфӣ хоҳад буд. Табиист, ки дар чунин шароит Федератсияи Русия иқдоми муҳим дар самти мубориза бо мушкилоти мазкур дар ҳамдастагӣ бо кишварҳои минтақаро пеша хоҳад намуд.

Барои омӯзиши минбаъдаи мавзӯи мазкур ва ҳалли проблемаҳои ҷойдошта зарур мешуморем, ки:

- мунтаззам конфронсҳо ва мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои ҳамкориҳои Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гузаронида шавад;
- вазоратҳои дахлдори кишварҳои Осиёи Марказиро мебояд, ки ҷиҳати дар амал татбиқ кардани созишномаҳои дар соҳаи бехатарӣ ба тавсибрасида иқдом намоянд;
- байни кишварҳои ҳаммарз бо Афғонистон шартнома ва қарордод оид ба муборизаи якҷоя бо қочоқи маводи мухаддир, гурӯҳҳои террористие, ки дар сарҳад пайдо мешаванд ва таъмини амнияти сарҳади давлатҳо имзо ва амалӣ шавад;
- ниҳодҳои наздимарзӣ дар сурати зарурат бидуни дастури махсус аз марказ, бояд мустақилона тибқи шартномаву қарордодҳои байнидавлатӣ бо ниҳодҳои наздисарҳадии Афғонистон иртиботи мустақим гирифта, дар ҳолатҳои фавқуллода амалиёти мустақилонаи якҷоя гузаронанд;
- дар сурати дар сарҳади Афғонистон, давлати ҳамҷавор ё манфиатдори амнияти минтақа пайдо шудани созмон ва ё гурӯҳҳои террористӣ ҳатман ба ҳукумати давлати Афғонистон ва ҳукумати давлати мавриди таҳдид қарор гирифта ба Созмони Милали Муттаҳид хабар дода, барои ҷилавгирӣ аз амалҳои террористии ин гурӯҳҳо ва аз байн бурдани онҳо чораҳои сиёсиву низомӣ андешида ва амалӣ шаванд;
- дар ҳамкорӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ Русия бояд манфиатҳои миллии давлатҳои минтақаро низ ба эътибор гирад, зеро абарқудратҳои дигар низ барои расидан ба ҳадафҳои худ омодаанд масрафҳои зиёди молӣ ва моддӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, манфиатҳои Федератсияи Русияро дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи амният метавон ба таври зерин муайян сохт:

- масъалаҳои актуалии суботи ҳарбию стратегӣ ва эътирофи «ҳуқуқи махсус»-и Москва ба минтақа ҳамчун минтақаи манфиатҳои миллии Федератсияи Русия;
- ҳамкориҳои ҳарбию сиёсӣ ва ҳарбию техникӣ дар сатҳи дуҷониба;
- нигаронии Москва аз таъсир ё дахолати кишварҳои сеюм ба умури минтақа;
- суботи дохилиминтақавӣ (муносибатҳои байни давлатҳои Осиёи Марказӣ);
- суботи сиёсии дохилии ҷумҳуриҳои алоҳидаи минтақа;
- вобастагии вазъияти Осиёи Марказӣ ба инкишофи вазъияти Афғонистон.

## АДАБИЁТ:

1. Военная доктрина Российской Федерации [Электронный ресурс]. URL: http://news.kremlin.ru/ref_notes/461 (дата обращения: 28.09.2022).

2. Материалы международной научной конференции "Политико-правовые аспекты обеспечения безопасности в Центральной Азии". - Душанбе: Ирфон, 2011. - С. 31.

3. Махфирати Д. Проблемы региональной безопасности во внешней политики Российской Федерации в Центральной Азии //Вестник ТНУ (научный журнал), серия гум. наук. -Душанбе: Сино, 2020. №1. С. 80-85.

4. Нурзода М. Ташаккули низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Русия ва Тоҷикистон (1992-2018). Дисс. барои дарёфти дараҷаи н.и.т. –Душанбе, 2020. 200 с.

5. С.Шойгу назвал три главных угрозы безопасности России. [Электронный ресурс]. URL: www.ng.ru/news/448823.html (дата обращения: 29.09.2022).

6. Салимов Ф.Н., Махфирати Д. Осиёи Марказӣ дар низоми авлавиятҳои сиёсати хориҷии Русия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2020. -№1. С.80-85.

7. Современный словарь по общественным наукам / Под общ. ред. О. Г. Данильяна. –М.: ИНФРА-М, 2013. -314с.

8. Центральная Азия: геополитика, геоэкономика, безопасность. / Редколл.: Р. М. Алимов, Ш. Р. Арифханов и др. — Ташкент: «Шарк», 2002. С.9.

9. Шарипов А.Н. //Осиёи Марказӣ дар низоми геополитикии Русия: марҳилаҳои таърихӣ ва воқеият.-2014, Илм ва фановарӣ (силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ) №2.

## ПРОБЛЕМЫ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО**
старший преподаватель кафедры дипломатии и международных отношений факультета дипломатии и политики Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Саид Носир 33.тел.: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

*В статье анализируется проблема, связанные с безопасностью стран Центральной Азии, современные угрозы и вызовы (международный терроризм, религиозный экстремизм, наркоторговля, неконтролируемая миграция и др.), перспективы внешней политики Российской Федерации в Центральной Азии в области обеспечения региональной безопасности. Рассматривается не разрешенный до сих пор «афганский кризис» применительно к безопасности Центральной Азии, исходящие из Афганистана угрозы, риски и вызовы с упором на их религиозную составляющую. Анализируется проблематрафика и распространения наркотических средств с территории Афганистана по всему миру, значимость ШОС, ОДКБ, СНГ в обеспечении безопасности на территории Центральной Азии, меры направленные на стабилизацию ситуации в регионе. Особое внимание уделено угрозам, вытекаюших из сложившейся современной геополитической системы и миропорядка, рекомендации по практическому выстраиванию системы региональной безопасности. Проблема исламизации Центальной Азии, занимает значимый сегмент исследования. В статье также рассматриваются возможные меры по стабилизации ситуации по этой проблеме и формулируются рекомендации для политики России в указанном регионе. Все эти и другие вопросы рассматриваютсяв контексте внешней политики Российской Федерации в отношении стран Центральной Азии.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, Российская Федерация, внешняя политика, региональная безопасность, ШОС, ОДКБ, СНГ, сотрудничество, вызовы и угрозы, международный терроризм, экстремизм, борьба с наркопреступностью.*

## PROBLEMS OF REGIONAL SECURITY OF CENTRAL ASIA IN THE FOREIGN POLICY OF THE RUSSIAN FEDERATION

**MAKHFIRATI DILOVARSHO**
senior teacher of the Department of Diplomacy and International Relations of the Faculty of Diplomacy and Politics of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir Avenue 33. Phone: +992918803132, e-mail: makhfirat.94@mail.ru

*The article analyzes the security problems of Central Asian countries, modern threats and challenges (international terrorism, religious extremism, drug trafficking, uncontrolled migration, etc.), prospects for the foreign policy of the Russian Federation in Central Asia in the field of regional security. The "Afghan crisis", which has not been resolved so far, is being considered in relation to the security of Central Asia, threats, risks and challenges emanating from Afghanistan, with emphasis on their religious component. The problem of traffic and the spread of narcotic drugs from Afghanistan throughout the world, the importance of the SCO, CSTO, CIS in ensuring security in Central Asia, and measures aimed at stabilizing the situation in the region are analyzed. Particular attention is paid to the threats arising from the prevailing modern geopolitical system and world order, and recommendations on how to build a regional security system in practice. The problem of the Islamization of Central Asia occupies a significant segment of the study. The article also considers possible measures to stabilize the situation on this issue and formulates recommendations for Russian policy in this region. All these and other issues are considered in the context of the foreign policy of the Russian Federation in relation to the countries of Central Asia.*

***Keywords:*** *Central Asia, Russian Federation, foreign policy, regional security, SCO, CSTO, CIS, cooperation, challenges and threats, international terrorism, extremism, the fight against drug crime.*

## НАҚШИ МОҲАНДАС КАРАМЧАНД ГАНДӢ ДАР РУШДИ МАОРИФИ ҲИНДУСТОН (СОЛҲОИ 1900-1930)

**МАҲМАДАМИНОВ МУҲАММАДЛАТИФ**
унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17, 734025 Тел.: 992 98 790 53 33, E-mail: m_saidgamol@list.ru

*Дар мақола муаллиф оид ба нақши Моҳандас Карамчанд Гандӣ дар рушди соҳаи маорифи Ҳиндустон дар аввали асри XX сухан ронда, вазъи маорифи он давра ва нақши онро дар пешрафти мамлакат баҳогузорӣ намудааст. Аввали асри XX ба кӯлли сайёра дигаргуниҳои зиёдро аз лиҳози иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ ба миён оварда буд, дар Ҳиндустон низ ингуна дигаргуниҳо ҳам дар самти сиёсӣ ва ҳам фарҳангӣ ба назар мерасид. Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки таваҷҷуҳи бештарро ба худ ҷалб намуда буд ин рушди соҳаи маориф буд, ки баҳри пешрафти он аз ҷониби сиёсатмадорон ва зиёиён пешниҳодҳои зиёд баён гардида буд. Моҳандас Карамчанд Гандӣ, яке аз ходимони намоёни сиёсии он давра буда, баҳри пешрафти соҳаи маориф ва пурзур намудани низоми таълим дар муассисаҳои таълимӣ андешаҳои зиёдро баён намуда буд. Яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар пешниҳодҳои ӯ аҳамияти актуалиро дошт, ин ташкили муассисаҳои таълимӣ дар ноҳияҳо ва минтақаҳои сераҳолӣ, ба таҳсил фарогирифтани аҳолӣ но вобаста аз табақа, саводнокии аҳолӣ ва дарки масъалаи ҳуввияти миллӣ буд. Дар баробари ин, Гандӣ муносибати омӯзгор бо хонанда ва вазифаҳои асосии онҳоро баён намуда буд. Ҳамаи*

*пешниҳододи ӯ баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар Ҳиндустон дар низоми маорифи он ҷорӣ карда шуд.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҳиндустон, Гандӣ маориф, низом, мустамлика, таҳсил, омӯзгор, муассисаҳои таълимӣ, мубориза зидди хушунат, маълумоти олӣ, миёна, навсозӣ.*

Дар ташаккул ва рушди ҳар як халқу миллат самти маориф нақши муҳимро дорад. Бесабаб нест, ки тамоми пешвоёни ҷаҳон дар самти таълиму тарбия, ки маҳаки асосии соҳаи маорифро ташкил медиҳад, талош намуда, баҳри рушди он корнамоиҳои зиёдро анҷом додаанд. Яке аз чунин шахсиятҳо Моҳандас Карамчанд Гандӣ мебошад. Гандӣ ҳамчун яке аз шахсиятҳои маъруфи замон ва фидоии ватан, баҳри пешрафти соҳаи маориф дар Ҳиндустон нақши муассиро гузоштааст. Аз солҳои аввали фаъолияти хеш ӯ ҳамчун ҳуқуқшинос ба масъалаҳои муҳими замон, дарки мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намудааст, ки бо воситаи баёни масъалаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва динӣ саводнокии аҳолӣ, ки солҳо зери зулми сармоядорон ва мустамликадорони хориҷ қарор доштанд баланд бардоштан мехост.

Моҳандас Карамчанд Гандӣ яке аз воизоне мебошад, ки ба арсаи маориф андешаҳои тоза овардааст. Ӯ маорифро воситаи тавоноe баҳри бозсозии ҷамъият мешуморид.

Вазъи омма чи дар Ҳиндустон ва чи дар Африқо ӯро нигарон намуда буд. Аз яктараф истисмори омма, аз тарафи дигар беҳуқуқии онҳо аҳволи мардумро дучанд вазнин намуда буд. Ҳисси ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ ӯро водор намуд, ки талаботи мавҷудаи он замонро иншо намуда рӯйи чоп биёрад, ки дар он меъёрҳои муқарар намудаи англисҳо ба аҳолии мустамлика, яъне Ҳиндустону Африқо дарҷ гардида буд. Бо ин восита Гандӣ ба хулосае омад, ки аҳолӣ бояд аз ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқи шаҳрвандии хеш бархӯрдор гарданд.

Вай ҳамчун мухолифи истисмор дарк мекард, ки истисморро бидуни боло бурдани таълиму тарбия аз байн бурдан ғайри имкон аст. Аз ин лиҳоз баҳри болоравии ин соҳа ва саводнокии омма камар баст. Гандӣ ба мутолиаи асарҳои олимони втанию хориҷӣ таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, ҳарчи бештар таҷрибаи худро дар асоси андешаҳои муттафакирони ҷаҳон афзун мекард. Соли 1904 М.Гандӣ асари нависандаи англис Ҷон Рёскинро зери унвони “Сатри охирин”(“У последней черты”) мутолеа намуда, баъдан онро бо забони гудҷаратӣ тарҷума намуда, рӯйи чоп овард. [7, с..280] Асари мазкур, яке аз таълифотҳои ибратбахше мебошад, ки ба донишандӯзӣ ва саводнокии аҳолии ҳинду таъсири ҷиддӣ расонидааст. [2, с. 28]

М.К.Гандӣ соли 1904 рӯзномаеро зери унвони “Индиан опинион -indian opining” ташкил намуд, ки он ҳар ҳафта як мароттиба рӯи чоп меомад ва худи ӯ муҳаррири ин рӯзнома буд.[2, с. 28] Рӯзномаи мазкур бо чор забон яъне англисӣ, тамилӣ, гудҷаратӣ ва ҳинду рӯй чоп меомад. Дар он масъалаи ҳиндуёни Африқои Ҷанубӣ, баррасӣ ва муҳокима гардида, ғояҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва диннии Гандӣ рӯйи чоп меомаданд. Барои ташкил ва ба чоп оғоз намудани ин рӯзнома Гандӣ аз ҳисоби худ 2 ҳазор фунт стерлин сарф намуда буд. Дар ин давра ӯ оид ба функсияи сиёсии матбуоти даврӣ андешаҳои худро баён намуда, нақши онро дар самти маориф ва болоравии маънавиёт баланд арзёбӣ намудааст. Яъне мақсади асосии Гандӣ ин ҳам истифода аз матбуоти даврӣ, баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ буд. Дар ин давра чопи мақолаҳои хусусияти тарбиявӣ ва сиёсӣ дошта, дар рӯзномаву маҷаллаҳо хело зиёд рӯйи чоп

меомад, ки он дар самти маориф ва илм нақши муҳимро мебозид. Баъд аз бозгашт ба Ҳиндустон дар соли 1915 назари Гандӣ нисбат ба самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тағийр меёбад. Бахусус, соҳаи маорифро дар зери назорати ҷиддӣ қарор дода, оммаро барои донишандӯзӣ ва гирифтани маълумот даъват менамояд. Дар ин хусус ӯ қайд менамояд, ки "Маориф.. ин натанҳо донистани ҳарфҳост. Ин асбобест, ки метавонад ҳам барои некӣ ва ҳам бадӣ истифода шавад". [с.66]

Тибқи маълумоти муҳаққиқон Й.Л.Сингх ва Р.Нат ташкил ва ташаккули маорифи касбии Ҳиндустон чор марҳиларо дар бар мегирад. Марҳилаи аввал солҳои 1800-1853, марҳилаи дувум солҳои 1854-1900, марҳилаи сеюм солҳои 1901-1919 ва ниҳоят марҳилаи чорум солҳои 1920-1947-ро дар бар мегирад. [6, с. 280] Дар раванди ташаккул ва рушди низоми миллии маорифи касбии Ҳиндустон Маҳатма Гандӣ нақши бузургро гузоштааст. Гандӣ ҳамчун писари бузурги халқи ҳинду, ки барои пеш бурдани мубориза сиёсӣ, ақидаи бидуни зуровариро пеша намуда буд, аҳамияти бузургро дар самти маорифи халқ ва дастрасии омма барои гирифтани маълумоти миёна ва касбӣ диққат медод. Гандӣ боварӣ дошт, ки замоне мешавад, ки ҳато худи бебаҳрашудагон "Ҳариҷане" (фарзандон хурд) метавонанд таҳсил намоянд. [8, с. 189]. Дар рушди соҳаи маориф ва маърифаткунонии аҳолӣ М.Гандӣ роҳеро медид, ки дар ҳалли масъалаи табақавӣ, ба даст даровардани мувофиқати иҷтимоӣ ва болоравии сатҳи донишандӯзӣ аҳамияти муҳимро дошт.

Соли 1926 Гандӣ дар рӯзномаи "Наваҷиван" мақолаеро зери унвони "Маориф чист?" рӯйи чоп овард, ки дар он қайд гардида буд, ки ибораи этимологии англисӣ "education" маънои " канор кардан "-ро дорад, ки ишора ба кӯшиш ва рушди истеъдод мебошад. Яъне, ба ақидаи Гандӣ мақсади асосии таълим ин кӯшиш намудан баҳри ба даст даровардани ҳадафҳои асосӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардум мебошад. Дар хусуси донишандӯзӣ Гандӣ қайд намуда буд, ки "Донише, ки тавассути таҷриба ба даст оварда мешавад, аз донише, ки тавассути китоб ба даст оварда мешавад пурарзиштар аст ва ман ба ин усул итминони комил дорам". [5, с. 38] Дар мақолаи хеш Гандӣ масъалаи ахлоқ, шуур, сатҳи донишандӯзӣ ва ҷалб намудани ҷавонон ба таҳсил дарҷ намуда буд. Ҳанӯз дар замони кору фаъолият намудан дар Африқо, Гандӣ зарурияти зиёд намудани муҳлати таҳсилро дар мактаб ва дигар муассисаҳои таълимӣ пешниҳод намуда буд. Дар ин замина Гандӣ мафҳуми "маърифат тавассути ҳаёт"-ро таҳия намуд, ки он дар рушди соҳаи маориф аҳамияти калонро дошт.

Соли 1932 Ганди ибораи "Ҳариҷанс" (одамони Худо)-ро фикр карда баромад, ки дар асоси он пурзур намудани мубориза бар зидди истисмори мустамликадорон баён гардида буд ва моҳияти асосии ин таълимотро мубориза бидуни хушунат ташкил медод. Дар ин замина Гандӣ баланд бардоштани тафаккури омма, дарки ҳуқуқҳои шахсӣ ва болоравии сатҳи саводнокии аҳолиро низ пешбинӣ намуда буд, ки он ҳам то дараҷае ба рушди соҳа таъсири худро гузошта буд. Баъдан Гандӣ ҳафтаномаеро бо унвони "Ҳариҷан" таълиф намуд ва ниҳоят рӯзи 11-уми феврали соли 1933 шумораи аввалаш он аз чоп баромад, ки арзиши он як анниро ташкил мекард. [4, с. 183].

Барои Маҳатма Гандӣ дар тафакур ва чӣ дар амал мардонагии бузург, ошкорбаёнӣ, майл ба омӯхтани чизҳои нав, хаёлпарастӣ, идеализм ва дар айни замон бо талаботи ҳаёти ҳаррӯза алоқаи мустаҳкам доштан, хос буд. Андешаҳои ӯ оид ба низоми маориф ва ташаккули он натиҷаи таҷрибаи чандинсолаи ӯ буда, фалсафаи

маорифпарварӣ ва дигаргуниҳо дар самти маориф аз фалсафаи зиндагии ӯ бармеояд. Эътиқоди ӯ ба маориф ҳамчун василаи эҳёи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва маънавии Ҳинд бар асоси пиринсипи мубориза бидуни зуроварӣ асос ёфтааст.

Гандӣ муносибати комплексиро дар низоми маориф рушд дода, усулҳои навро кор карда баромадааст, ки баҳри рушди ин соҳа аҳамияти аввалин дараҷаро дошт. Ба пешрафти соҳаи маориф омӯзгор ва қобилияти ӯ аҳамияти муҳимро дорад, бино бар ин, Гандӣ баҳри рушди соҳаи маориф нақши омӯзгор ва ҷоннок намудани раванди таълимро баҳогузорӣ намуда, андешаҳои худро баён намудааст. Ӯ чунин мешуморид, ки кӯдак дорои қобилияти модарзодӣ мебошад, ки дар раванди омӯзиш ошкор мегардад ва бо туфайли он кӯдакон аз ҷиҳати ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва рӯҳӣ инкишоф меёбанд. Маориф беҳтарин хислатҳои инсонро ба вуҷуд оварда метавонад. Он мероси фарҳангиро интиқол дода, наслро ғанӣ мегардонад, ки он тамоми давраи ҳаёти инсонро фаро мегирад. Воқеан, маориф ин худи ҳаёт аст, ки дар он тарбияи ахлоқӣ ва динӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол менамояд. Гандӣ дар асоси қонунҳои динию ахлоқӣ принсипҳои бунёдию ахлоқӣ, мақсад ва мазмуни ҳаёти инсон, муносибати ҷамъият, шахс ва дар ниҳоят маорифро муайян намудааст. Ӯ худ тарафдори дигаргунсозиҳои ҷамъият буда, муътакид буд, ки ягона роҳи дуруст баҳри пешрафти ҷомеа ин таълиму тарбияи одамон, худшиносӣ ва поксозии онҳо мебошад. Аммо ин роҳи дуру дароз ва пурмашаққат аст, вале ягона роҳи асосии дигаргунсозиҳои ҳаёт бо роҳи осоишта мебошад. Дар андешаҳои пешниҳод намудаи Гандӣ дар рушди соҳаи маориф чунин масъалаҳо аҳамияти муҳимро доранд:

1) Инкишофи мутаносиби бадани кӯдак , рӯҳ ва ақл,
2) Дарки арзишҳои инсонӣ;
3) Ташаккули ҳисси меҳнатдӯсти дар кӯдакон;
4) Ташаккули мустақилияти иқтисодӣ ва худмаблағгузорӣ, қобилияти ба дастовардани восита барои ҳастӣ;
5) Ташаккули хислат, ки аз дониши илмӣ ва грамматикӣ афзалтар аст;
6) Ҷорӣ намудани ғояҳои демократӣ;
7) Омода будани шахс барои хизмат дар ҷамъият;
8) Барпо памудани ҷамъияте, ки он дар асоси зидди хушунат ташкил шуда бошад;
9) Инкишоф додани шахсият, интизом, қобилияти эҷодӣ ва истеҳсолӣ.

Ҳадафи пешниҳод гардида аз ҷониби Гандӣ дар самти таълим ба нақшаи анъанавии чаҳор "ҳақиқати наҷиб"-и фалсафаи ҳиндуён, яъне дуруст зиндагӣ намудан, дуруст фикр кардан, рост гуфтан ва кори дуруст кардан мувофиқат менамояд. Танҳо ба ин ҳақиқатҳо дар ҷараёни боло бардоштани худшиносии миллӣ ва сатҳи савобнокӣ расидан мумкин аст. Аммо инсон барои корнамоӣ ва хизмат аз кӯдакӣ, яъне хурдсолӣ омода шавад. Танҳо воситаи зидди хушунат ва аз байн бурдани зӯроварӣ метавонад ба тарбияи дурусти инсон таъсири ҷиддӣ расонад. Ба ақидаи М.К.Гандӣ некӯаҳволии шахс ва миллат ҳамдигарро пурра мекунанд ва мактаб як ҷомеаи хурди демократӣ мебошад, ки дар он арзишҳои демократӣ ба монанди ҷаҳонбинии васеъ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамсоягии нек ба кӯдакон интиқол дода мешаванд.[4, с. 182] Дар ҷомеа мактаб аҳамияти муҳимро мебозад, дар он кӯдак фазилатҳои шафқат, хидмат, муҳаббат, бародарӣ, баробарӣ ва озодиро меомӯзад. Ин хислатҳо тавассути таълим метавонад аз насл ба насл мерос гузарад. Ба андешаи Гандӣ ҳама чизро тарбияи воқеъи номидан мумкин нест, зеро он ба рушди маънавии инсон ва зиндагии ояндаи ҷомеа мусоидат

менамояд. Дар хусуси тарбия, ки яке аз маҳаки асосии низоми маориф ва самти таълим мебошад, Гандӣ чунин ибрози ақида намудааст, ки “Мақсади тарбия бедор намудани руҳи хонанда, ба ҳаёт тадбиқ намудани нерӯҳои маънавии ӯ, тарбияи ҷисм ва ақлу рӯҳи инсон мебошад. Омӯзгори воқеӣ худро бо шогирдон ягона шуморида, тавассути рафтор ва кирдори худ ба шогирдон таъсир расонида тавонад ва бо хонандагон берун аз синф назар ба дарс бештар вақт гузаронад; забони модарии худро ҳамчун воситаи омӯзиш дӯст дорад". Муносибат миёни омӯзгор ва хонандаро баҳо дода, Гандӣ чунин мегӯяд, ки "Омӯзгор сарчашмаҳои дохилии хонандагонро пайдо карда метавонад. Муаллими асил бояд ба дили ҷавон роҳ ёбад бо шодию ғами хонанда шарик бошад. Омӯзгор бояд ба кӯдак дар ҳалли мушкилоте, ки бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, кӯмак расонад ва ҳуқуқи роҳнамоӣ кардани орзӯҳои афзояндаи онҳоро ба даст орад". Ба ақидаи Гандӣ муносибати омӯзгор ба самти таълим ва рушди соҳаи маориф бояд бо ҳисси муҳаббат, эътимод ва эҳтироми ҳамдигар хос бошад. Гандӣ дар китобе бо номи “Ба донишҷӯён” чунин қайд намуда буд, ки “Дар он ҷойе, ки атри тозаи ахимса ба димоғ мерасад, писарону духтарон дар муттаҳидӣ ҳамчун хоҳару бародар зиндагӣ намуданро меомӯзанд. Дар ин фазо донишҷӯён бо риштаи муҳаббат, эҳтироми ҳамдигар ва эътимод пайваст мешаванд. Донишҷӯёне, ки дар чунин муҳит тарбия ёфтаанд, ҳамеша бо истеъдоди хоси худ ва донишу малака аз дигарон фарқ мекунанд” [5, с. 23]. Қобилияти амал намудан ва ба дӯш гирифтани масъаулият як ҷузъи муҳими таълим мебошад. Дар ин хусус Гандӣ қайд менамояд, ки “Низоми таълим яке аз унсурҳои бебаҳои ҳаёти инсонӣ мебошад. Китоб хондан метавонад дониши инсонро сайқал диҳад, аммо бе гирифтани маълумот роҳи дурахшонро ба рӯи мо боз карда наметавонад” [7, с. 102]. Китоби дарси танҳо барои он лозим мешавад, ки дониши хонандагонро сайқал диҳад, дар асоси он зина ба зина аз хонандагон имтиҳон гирифта шавад. Ҳар як нафар дорои шавқу ҳавас, қобилият ва эҳтиёҷоти танҳо ба ӯ хос мебошад. Ба андешаи Гандӣ вазифаи омӯзгор аз он иборат мебошад, ки қобилиятҳои ҳар як шахсро ба вуҷуд оварда, тарзи дуруст истифода намудани онро тариқи истеъдоди доштаи худ амал намояд. Яъне он истеъдодҳоро, ки хонанда пинҳон дорад, барбод надиҳад. Омӯзгор дар навбатӣ худ вазифадор аст, ки рушди қобилияҳоро назорат намуда, онҳоро дастгирӣ намояд. Дар хусуси омӯзгор ва нақши ӯ дар инкишофи соҳаи маориф чунин иброз намудааст, ки “Омӯзгори асил барои толибилмон шахсест, ки роҳи шогирдро равшан менамояд ба онҳо як мешавад, аз якдигар ибрат мегиранд, худро ҳам омӯзгор ва ҳам шогирди шогирдон медонад” [10, с. 87]

Ба андешаи Гандӣ вазифаи омӯзгор ин ба вуҷуд овардани қобилиятҳои ҳар як шахс ва дуруст истифода бурдани қобилияти он мебошад. Дар баробари ин, назорати қобилият рушд ва дастгирӣ намудани он низ ба муаллим вобастагӣ дорад. Нисбат ба ададбиёт ва истифодаи он дар раванди таълим Гандӣ бештар нақши омӯзгорро дар рушди соҳа ва бедор намудани қобилияти хонанда баланд меҳисобад, яъне омӯзгор шахсест, ки роҳи шогирдонашро равшан мегардонад. Худи ӯ мегӯяд, ки омӯзгор бояд таҷрибаи хешро ба шогирдон омӯзонад. Дар тарҷумаи ҳоли худ Гандӣ таҷрибаи омӯзгории худро қисса намуда, менависад, ки “Ман ҳеҷ гоҳ ба китобҳои дарсӣ ниёз надоштам. Ёд надорам, ки аз китобҳои дар ихтиёрам буда бисёр чизҳоро омӯхта бошам. Китобҳои зиёдро ба кӯдакон бор карданро бефоида медонистам ва ҳамеша дарк мекардам, ки китоби дарсӣ барои хонанда устодаш аст. Ман худам он чизеро, ки устодонам ба ман тавассути китоб омӯхтаанд, хеле кам дар ёд дорам, аммо он чизе, ки берун аз китобҳои дарсӣ ба ман таълим доданд, то ҳол дар ёд дорам”. [3, с. 168]

Толибилм нисбат ба хондани адабиёти таълимӣ бештар ба ҳикоя ва ё андешаҳои баён намудаи омӯзгор мавзӯро хубтар аз худ карда метавонад. Гандӣ аз таҷрибаи худ қайд менамояд, ки "Кӯдакон он чизеро, ки аз адабиёт мутолеа намуда буданд, барои фикр баён намудан мушкилӣ мекашиданд ва ончизе, ки ман худам ба онҳо ҳикоя намуда будам ба зудӣ баён мекарданд". [3, с. 168] Пас маълум мешавад, ки дониши омӯзгор барои хонанда ва қобилияти ӯ хело муҳим ва зарур мебошад. Ба андешаи Гандӣ китоби асосии таълимӣ худи устод аст. Ӯ муносибати омӯзгору хонандаро баҳо дода, чунин ибрози ақида менамоянд, ки муаллим бояд муҳити дӯстона ба вуҷуд оварда, донишу таҷрибаро бо ҳамдигар, яъне шогирдон мубодила намояд. Ҳамдигарфаҳмӣ ва фазои хуби дӯстона ба хонандагон таъсири ҷиддӣ мерасонад, яъне ба андешаи Гандӣ омӯзгор барои хонанда намуна аст, ки аз рафтору кирдори ин шахси идеалӣ таҷрибаи худро ғанӣ мекунад ва омӯзгор бояд барои хонанда ва ё донишҷӯён фазои хуб фароҳам оварда тавонад.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки  дар рушди соҳаи маориф ва раванди таълим омӯзгор нақши бағоят калонро дорад. Гандӣ дар ин хусус таъкид намудааст, ки ҳамон шаъну шараф ва диққате, ки дар Ҳиндустон нисбат ба омӯзгор дида мешавад, муаллим сазовр аст. Омӯзгори ин танҳо як касб нест, дар он ангезаҳои олии ахлоқӣ фидокорона анҷом дода мешавад. Дар системаи таълим ҳама чиз ба омӯзгор вобаста аст. Ҳатто системаи номукамали таълимро омӯзгори хубу эъҷодкор беҳтар карда метавонад. Яъне ба андешаи ин шахси бузург дар рушди соҳаи маориф нақши омӯзгор бузург аст, ки он метавонад, низомро баҳри пешрафти ин самт ҷоннок намояд. Гандӣ маҳз дар асоси ана ҳамин принсипҳои масъулияти ҷамъиятӣ сифатҳоеро муайн намуда буд, ки барои ҳар як муаллими асил ҳатмӣ ва зарурӣ мебошад. Сухан пеш аз ҳама дар барои ягонагии эътиқоду ҳаёт ва гуфтору кирдор дар ҳар як амали омӯзгор меравад.

Гандӣ дар самти маориф усулҳои нави таълимро пешниҳод намуда, гузаронидани ислоҳотро пешниҳод намуда буд. Дар ин самт ӯ демократикунонии соҳа ва ҷорӣ намудани усусли давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонро зарур мешуморид. Бо талош ва муборизаиҳои пайвастаи ӯ баҳри рушди соҳаи маориф соли 1930 дар Аҳмадобод Донишгоҳи миллӣ "Гудҷарат видяти" бунёд карда шуд. [1, с. 87] Гандӣ талаб намуда буд, ки дар тамоми муассисаҳои таълимӣ дарс бо забони миллӣ баргузор карда шавад.

Андешаҳои ӯ дар самти маориф ба арзишҳои умумибашарӣ нигаронида шудааст. Ӯ хислати прогрессивии бештари идеяҳоро равшан намуда, аҳамияти онро барои низоми маориф пешакӣ муайян намудааст. Бо мақсади рушди соҳаи маориф ва пешрафти ҷомеа бо роҳи тарбия аз ҷамъият решакан намудани бадиҳои иҷтимоӣ, ки он танҳо бо тарбияи қалбӣ, ақлу рӯҳи инсон имконпазираст, пешниҳод намуда буд.

Гандӣ миёни омма бо ақидаҳои худ, ки самти маорифро бештар дар бар дошт машҳур буд. Дар ин замина ақидаҳои худро зидди сиёсати мустамликавии соҳаи маориф дар солҳои 1900-1930 баён намуда буд. Ӯ чунин мешуморид, ки ба пояи мактаби халқии ҳиндӣ принсипи касбӣ-техникӣ гузошта шавад, яъне раванди маориф тибқи андешаи ӯ бояд дар як муддат  бо ошноӣ намудан ба меҳнат ва дарёфт намудани малакаи  касбу ҳунар ҳаракат намояд. Дар ин замина, самти  нигоҳ доштани иродаи қавӣ, боварии қувваи худ, ки халқи озодгашта метавонад на танҳо низоми маорифро рушд намояд, балки онро дар хизмати манфиатҳои  мамлакат гузошта метавонад. Дар андешаҳои маорифпарваронаи ӯ истифодаи таҷрибаи ғании мутахассисони давлатҳои пешрафта, баръало дида мешавад.

Вазифаи асосии рушди соҳаи маорифи он давраро ӯ ташаккули шаҳрвандӣ мешуморид. Ҳамаи ин андешаҳо дар сиёсати соҳаи маориф, ки он дар Ҳиндустон соли 1947 тасдиқ гардида буд, инъикос ёфтааст.

Дар замони ба даст даровардани истиқлолият дар Ҳиндустон 27 донишгоҳ амал мекард, ки дар он шумораи зиёди донишҷӯён дар риштаҳои гуногун таҳсил мекарданд. Маълумоти олиро намояндагони табақаҳои доро феодалҳо ва элитаҳои соҳаи саноату савдо доштанд. Масалан, дар солҳои 1870-1918 тақрибан 70% ро брахманҳо ташкил медоданд.[9, с. 42] Ба даст даровардани озодӣ имконият дод, ки аҳолӣ навобаста аз ҷинс ва табақа ба таҳсил фаро гирифта шаванд ки дар он нақши Гандӣ бузург буд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки Моҳандас Карамчанд Гандӣ дар баробари самтҳои дигари ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ба соҳаи маориф ва навсозии он дар аввали асри XX таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, баҳри навсозии он ва дар заминаи он баланд бардоштани сатҳи донишандӯзии мардуми ҳинд саҳми бузург гузоштааст. Барои аҳолии мамлакат новобаста аз табақа таҳсил ҳатмӣ ва ройгон гардида буд.

Дар тамоми мамлакат мактабҳои миллӣ ва донишгоҳҳои миллӣ ташкил карда шуданд. Дар тамоми муассисаҳои таълимии Ҳиндустон ба ҷойи забони англисӣ забони ҳиндӣ ворид карда шуда, забони модарӣ ҳамчун воситаи таълим омӯхта мешуд. Ҳанӯз дар замони ҳаракати "итоат накарда" ин меъёрҳо дар системаи маориф ҷорӣ гардида буд. Аммо баъд аз пахш намудани ҳаракат ин марказҳои таълимӣ баста шуда буданд. Баъд аз ин воқеа мубориза баҳри худидоракунӣ боз ҳам шадидтар гардид, ки дар он масъалаи маориф ва ҳаллӣ талабҳои миллӣ аҳамияти муҳимро дошт. Дар асоси барномаи пешниҳод намудаи М.К.Гандӣ гирифтани маълумоти миёна дар саросари мамлакат ҷорӣ карда шуда буд. Дар натиҷаи ҳамаи ин аҳамияти муҳим доштани забони англисӣ дар раванди таълим каме пастар гардид ва забони ҳиндӣ ҳамчун васоити асосии таълимӣ аҳамияти муҳимро пайдо намуд.

Моҳандас Карамчанд Гандӣ дар баёнияи андешаҳо бахшида ба масоили илмиву таълими таваҷҷуҳи зиёде зоҳир намуда, баҳри боло бурдани маданияти халқи ҳинду саҳми назаррас гузоштааст. Андешаҳои ӯ оид ба масоили ҳуқуқу озодӣ баробарӣ зиндагии покиза намудан ва ғайраҳо хело зиёд буда, ба болоравии маънавиёти халқи ҳинду нақши босазое гузоштааст. Гандӣ дар тӯли се даҳсолаи аввали асри XX андешаҳои худро марбут ба соҳаи маориф ва рушди таълим дар Ҳиндустон маъруза намуда, дар навсозии маънавиии ҷомеаи Ҳиндустон саҳми назаррас гузоштааст.

**АДАБИЁТ:**

1.Индия сегодня. М. Инсттут Востоковедения РАН, 2005. С.391.

2.Кедрова С.М. Ганди и индийское национально-освободительное движение (Критический очерк жизни и деятельности М.К.Ганди). М.1965. –С.28-33

3.Махатма Ганди. Моя жизн М.: Наука 1969.С.168

4.Махатма Гандим –Изоброжение мир истину и Ахимса //Бирад Раджрам Яжник. М.2014 -С.183

5.Махатма Ганди. Педагогика ненасилия / пер. с англ., пред. и сост. В. А. Василенко. Кировоград, 2011. URL: http://uchebana5.ru/cont/2355696-p6. html.

6.Mahatma Gandhi. The Problem of Education. Ahmedabad : Navajivan Publishing House, 1962. P. 162.

7.Mahatma Gandhi. To The Students. Ahmedabad : Navajivan Publishing House, 1953. P. 66—74.

8.Singh Y. K., Nath R. History of Indian Education System. New Dehli: APH, 2005. 280p

9.Радченко Л.Р. Политика Британских колониальных властей в Индии в сфере высшего образования. //Известия Самарского научного центра Российской академии наук,т13№3,2011 С.187.ғ188.190

10.Юрлова Е.С.”Неприкасаемчек” в Индии. М.: Наука, 1989. С.42

## РОЛЬ МОХАНДАСА КАРАМЧАНДА ГАНДИ В РАЗВИТИИ ОБРАЗОВАНИЯ В ИНДИИ (1900-1930-е гг.)

**МАХМАДАМИНОВ МУХАММАДЛАТИФ**

соискатель кафедры новой и новейшей истории зарубежных стран исторического факультета, Национальный университет Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: 992 98 790 53 33, E-mail: m_saidgamol@list.ru

*В статье автор излогает роли Мохандаса Карамчанда Ганди в развитие образования в Индии начале XX века. Автор даёт оценку состоянию образования в тот период и его роли в развитии страны. Начало XX века принесло много социальных, экономических и политических изменений на всю планету, причем в Индии такие изменения наблюдались как в политическом, так и в культурном направлениях. Одним из важных вопросов, привлекших наибольшее внимание, стало развитие сферы образования, по продвижению которой было внесено много предложений политиками и представителями интеллигенции. Мохандас Карамчанд Ганди, один из видных политических деятелей того периода, высказывал множество мнений о прогрессе сферы образования и укреплении системы образования в учебных заведениях. Одним из основных вопросов, имевших актуальное значение в его предложениях, была организация учебных заведений в густонаселенных районах и областях, приобщение населения к образованию независимо от кастовой принадлежности, жизнестойкость населения, понимание вопроса национальной идентичности. В то же время Ганди объяснил отношения между учителем и учеником и их основные задачи. Все его предложения были реализованы в системе образования Индии после обретения независимости.*

***Ключевые слова:*** *Индия, Ганди, образование, система, колониализм, учитель, учебные заведения, борьба с насилием, высшее, среднее образование, модернизация.*

## THE ROLE OF MOHANDAS KARAMCHAND GANDHI IN THE DEVELJPMENT OF EDUCATION IN INDIA (1900-1930)

**MAHMADAMINOV MUHAMMADLATIF**

Applicant of the Department of Modern and Contemporary History of Foreign Countries of the Faculty of History, National University of Tajikistan. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue #17. Tel.: 992 98 790 53 33, E-mail: m_saidgamol@list.ru

*In the article, the author outlines the role of Mohandas Karamchand Gandhi in the development of education in India at the beginning of the 20th century. The author assesses the state of education in that period and its role in the development of the country. The beginning of the*

*twentieth century brought many social, economic and political changes to the entire planet, and in India such changes were observed both in political and cultural directions. One of the important issues that attracted the most attention was the development of the education sector, for the promotion of which many proposals were made by politicians and intellectuals. Mohandas Karamchand Gandhi, one of the prominent political figures of that period, expressed many opinions about the progress of the field of education and the strengthening of the education system in educational institutions. One of the main issues that were relevant in his proposals was the organization of educational institutions in densely populated areas and regions, the involvement of the population in education regardless of caste, the resilience of the population, and understanding the issue of national identity. At the same time, Gandhi explained the relationship between teacher and student and their main tasks. All of his suggestions were implemented in India's post-independence education system.*

***Keywords**: India, Gandhi, education, system, colonialism, education, teacher, educational institutions, fight against violence, higher, secondary education, modernization.*

## “НЕРӮИ НАРМ” – И ҲИНДУСТОН ВА ТАТБИҚИ ОН ДАР РАВОБИТ БО ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҲАМИДОВА САРВИНОЗ ФАРРУХОВНА**
ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 98868 32 22. E-mail: sarafarukh11@gmail.com

*Ҳиндустон, ки аз давлатҳои абарқудрат пайравӣ мекунад ва бо истифода аз сиёсати “нерӯи нарм” кӯшиш намуда истодааст ҳамчун давлати абарқудрати минтақавӣ баромад кунад ва стратегияи мустақили башардӯстонаи худро дошта бошад. Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” таҳқиқ гардида, истифодаи он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон дар марҳилаҳои гуногун ва татбиқи он дар равобит бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мариди омӯзиш қарор дода мешавад. Дар ин самт дар муқоиса бо дигар кишварҳо сиёсати “нерӯи нарм”-и Ҷумҳурии Ҳиндустон бартарӣ дорад ва стратегияи Ҳиндустон нисбат ба минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус, Тоҷикистон хушбинона аст. Дар мақола ҳамзамон барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Ҳиндустон, ки дар доираи сиёсати “нерӯи нарм”-и ин кишвар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи “нерӯи нарм” дар равобити Ҷумҳурии Ҳиндустон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиат ва самарабахш мебошад.*

***Калидвожаҳо**: неруи нарм, дипломатияи фарҳангӣ, истифодаи неруи нарм, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, робитаи мутақобила, робитаҳои фарҳангӣ, барномаҳои илмӣ-фарҳангӣ.*

Бо пайдо шудани мафҳумҳои “нерӯи нарм” ва “дипломатияи фарҳангӣ” дар муносибаҳои байни давлатҳо мавқеи фарҳанг боз ҳам устувор гардида, давлатҳо кӯшиш доранд, ки ҳамкориҳои фарҳангию адабиро рушд дода, робитаҳои судмандро миёни халқҳо ва кишварҳо устувор гардонанд. Имрӯзҳо дар сатҳи байналмилалӣ ва

минтақавӣ давлатҳои хурду бузург аз “нерӯи нарм” барои расидан ба манфиатҳои миллӣ ва геополитикии худ ба таври густурда истифода менамоянд.

Бо рушд намудани раванди ҷаҳонишавӣ ва зиёд гардидани таъсири фарҳанг дар муносибатҳои байни давлатҳо, фарҳанг ба қисми таркибии сиёсати байналмилалӣ ва “дипломатияи фарҳангӣ”-и давлатҳо ворид шуда, ҷиҳати таҳкими равобити дӯстона мусоидат менамояд. Дар чаҳорчӯби дипломатияи фарҳангӣ ва “нерӯи нарм” метавон аз санъат, театр, кино, мусиқӣ, рақс, санъати тасвирӣ, намоишҳо, барномаҳои маърифатӣ, илмӣ таҳсилотӣ, адабиёт, таъсиси марказҳо, пахши ахбор ва барномаҳои фарҳангӣ дар хориҷа бо забони худ истифода намуд.

Ҳамзамон барои таҳкими “нерӯи нарм” ва дипломатияи фарҳангӣ метавон аз таъсиси грантҳо, стипендияҳо, табодули академӣ, баргузории тренингу конфренсияҳо барои роҳ ёфтан ба шабакаҳои иттилоотӣ ва ғ. истифода намуд. Бо ин роҳ робитаҳои фарҳангӣ метавонад воситаи судманди дипломатияи мардуми давлатҳо гардад ва дар ташаккули мавқеъ ва имиҷи онҳо дар арсаи байналмилалӣ нақши назаррас бозад.

Ҷумҳурии Ҳиндустон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, ки соли 1947 шинохта шуд, ва дар тӯли 70 соли истиқлолияти худ якчанд маротиба консепсияи сиёсати хориҷаи худро тағъир додааст. Бояд қайд намуд, ки истифодаи “нерӯи нарм” ва дипломатияи фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҳиндустон бо ташкили он ҳамчун ҷумҳурӣ ворид карда шудааст.

Дар маҷмуъ “нерӯи нарм”-и Ҳиндустон се марҳалаи рушдро тай намудааст: Марҳалаи якум, аз соли 1947 оғоз гардид, бо марги нахуствазири Ҳиндустон Ҷаваҳарлал Неру дар соли 1964 анҷом ёфт, ки дар ин давра “нерӯи нарм” дар сиёсати хориҷӣ Ҳиндустон шакл гирифта буд; Марҳалаи дуюм, аз соли 1964 то соли 1998 давом кард, дар ин давра муносибатҳо байни Ҳиндустону Покистон тезутунд гардида, ҷанги дуюми Ҳиндустону Покистон соли 1965 ва ҷанги сеюми Ҳиндустону Покистон соли 1971 ба вуқуъ пайвастанд, ки боиси рӯ овардани Ҳиндустон аз “нерӯи нарм” ба “нерӯи сахт” гардид; Марҳилаи сеюм, аз соли 1998 то имрӯз идомад дорад, ки дар ин давра роҳбарони Ҷумҳурии Ҳиндустон дар сиёсати хориҷиашон "нерӯи оқилона" – ро ворид намуданд, ки ин боиси пурра шакл гирифтани “нерӯи нарм”-и Ҳиндустон ва ташаккули он гардид [8. С. 291].

Дар айни замон Ҳиндустон ҳамчун яке аз давлатҳои пешсафи минтақаи Осиёи Ҷанубӣ дар сиёсати хориҷии худ аз “нерӯи нарм ва дипломатияи фарҳангӣ” ба тарви васеъ истифода мебарад. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани давлатҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Ҳиндустон бо давлатҳои минтақа аз соли 1992 муносибатҳои дипломатиро барқарор намуда, ва дар як муддати кӯтоҳ муносибатҳо дар ҳама соҳаҳо ба роҳ монда шуданд. Дай айни замон Ҷумҳурии Ҳиндустон дар панҷ давлати Осиёи Марказӣ дорои сафоратҳона буда, ки барои рушди муносибатҳои ҳамаҷониба лоиҳаҳои гуногунро пеш мебаранд. Ҳиндустон ва кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ умумиятҳои таърихии зиёд дошта, маҳз ҳамин умумиятҳо ба равнақ ва густариш ёфтани муносибатҳо дар сатҳи нав ва соҳаҳои гуногун мусоидат намуданд.

Ҳамзамон соли 1994 Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Душанбе фаъолияташро оғоз намуд. Сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон барои рушди муносибатҳои ҳамаҷониба байни давлатҳо таъсири хоса дорад. Ҳамасола бо ташаббуси сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон нақша чорабиниҳои гуногун гузаронида мешаванд.

Инчунин дар Тоҷикистон марказҳои илмӣ – фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон низ фаъолият мекунанд.

Аввалин маркази асосии ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон ин кафедраи филологияи Ҳинду Покистон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Кафедраи филологияи Ҳинду Покистон соли 1983 таъсис ёфтааст ва то имрӯз дар ҷумҳурӣ маркази асосии тайёр кардани кадрҳои шарқшиносии маҳаллӣ доир ба забону адабиёти Ҳинду Покистон мебошад. Кафедраи мазкур аз ҷониби сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон пурра дастгири гардида, ҳамасола бо ташаббуси сафоратхона устодони кафедра ба курсҳои бозомӯзиву таҳқиқотӣ ва конференсияҳои илмии Ҳиндустон ҷалб карда мешаванд. Инчунин бо дастгирии сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон устодони кафедра, аз ҷумла, Ҳ. Раҷабов, Ҳ. Қурбонов, С. Ёрова, ва А. Латифов ба курсҳои таҷрибаомӯзӣ ба Ҳиндустон фиристода шудаанд. Ҳамчунин, ҳар сол якчанд нафар донишҷуёни беҳтарини курсҳои болоӣ барои таҷрибаомӯзии забони ҳиндӣ ба муддати 10 моҳ ба донишгоҳҳои олии Ҳиндустон, ва ба Маркази омӯзиши забони ҳинди ба шаҳри Агра фиристода мешаванд.

Тибқи шартномаи дутарафа байни ДМТ ва сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон аз моҳи январи соли 2019 то моҳи июни соли 2021 устоди донишгоҳи шаҳри Алигарҳи Ҷумҳурии Ҳиндустон, доктор Рафиуддин барои гурӯҳҳои ҳиндӣ ва урду ба таври факултативӣ дарс гузаштаст ва бар ивази он аз моҳи сентябри соли 2021 то имрӯз устоди дигари ҳамин донишгоҳ доктор Муштоқ Аҳмад ба шогирдон ба таври факултативӣ дарс гузашта истодааст.

Сарварии кафедраро аз соли 1983 то соли 2006 профессор Ҳабибулло Раҷабов, аз соли 2006 то соли 2008 муаллими калон Мумтоз Усмонов, аз соли 2008 то соли 2012 дотсент Майрамбӣ Нурова ва аз соли 2013 то соли 2018 дотсент Зарина Раҳматуллоева бар уҳда доштанд. Аз соли 2018 то ҳол кафедраи мазкурро дотсент Ҳайдар Қурбонов сарварӣ мекунанд [5]. Мавриди зикр аст, ки кафедраи мазкур аз соли 1993 инҷониб барои тарбияи насли нави олимону мутахассисони ин соҳа саҳми арзанда гузошта, дар пояи он соли 2017 «Маркази омӯзиши Ҳиндустон» ифтитоҳ шудааст, ки устодони кафедраи мазкур дар ҳамин марказ ҳамзамон ба корҳои илмӣ - тадқиқотӣ машғуланд.

Маркази дигари фарҳангии ба номи адиб ва тарҷумони маъруфи ҳинд Раҳул Санкритяян бо ташаббуси Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Сафоратхонаи Ҷумҳурии Ҳиндустон соли 2018 аз тарафи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон ва президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ифтитоҳ гардида аст [12].

Сабаби дар Академияи миллии илмҳои Тоыикистон ифтитоҳ ёфтани гӯшаи мазкур хизматҳои шоистаи Раҳул Санкритяян дар тарғибу ташвиқи таъриху адабиёти тоҷикон дар Ҳиндустон аст. Номбурда замоне, ба Иттиҳоди Шӯравӣ сафари корӣ дошт ва бо таъриху тамаддуни халқҳои Осиёи Марказӣ, махсусан тоҷикон шиносои пайдо намуд ва дар ин росто, бо бузургони илму адаби тоҷик аз наздик ошноӣ пайдо намуда, минбаъд дар муаррифиву шиносондани осори адабиву таърихии хақи тоҷик саҳми назаррас гузоштааст.

Маркази мазкур имрӯз ҳамчун маркази тадқиқотӣ ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни адабиёт, таърих, иқтисод ва сиёсати Ҳиндустон фаъолият мекунад. Кормандони ин марказ Мирсаид Раҳмонов ва Турсунмурод Турсунов ва дигарон дар соҳаи ҳиндшиносӣ тадқиқотҳо анҷом дода ба дастовардҳои илмии нарарас ноил

гардидаанд. Маводҳои илмӣ ва мақолаҳои пешниҳодгардидаи устодон на танҳо дар маҷаллаҳои Ватанӣ балки дар хориҷи кишвар, бахусус Ҳиндустон низ нашр гардидаанд.

Бо дастгирии сафорати Ҳиндустон дар Тоҷикистон дар якҷояги бо Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаии 17-уми апрели соли 2018 аз тарафи кормандони институти номбурда силсилаи лексияҳо доир ба робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва адабӣ баргузор гардидаанд. Ин лексияҳо дар шакли маҷмӯа бо номи "Ҳиндустон ва Тоҷикистон - 25 соли дӯстӣ" бо дастгирии сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон нашр гардидаанд [1].

Дар институти номбурда инчунин бахшида ба 25 – солагии муносибатҳои дипломатии байни Тоҷикистону Ҳиндустон намоиши "Ҳунари рассомии Ҳиндустон ва Тоҷикистон" доир гардидааст, ки дар он мусаввараҳои расомони тоҷик ба намоиш гузошта шудаанд.

Кафедраи филологияи ҳиндӣ дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода низ аз соли 2018 фаъолияти худро ба роҳ мондааст, ки ҳамасола донишҷӯёни зиёде ин Донишгоҳро хатм мекунанд. Устодони ин кафедра дар баробари омӯзондани забону адабиёти ҳиндӣ ба донишҷӯён, боз ба навиштани китобҳои дарсӣ ва тарҷумаи баъзе китобҳои ҳиндӣ машғул мебошанд. Бо дастгирии сафорати Ҳиндустон ва Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Ҳиндустон дар донишкадаҳои омӯзгории шаҳри Панҷакент, Конибодом ва Хоруғ низ гӯшаҳои омӯзишии Ҳиндустон таъсис ёфта, фаъолият мекунанд [4].

Маркази дигари илмӣ-фарҳангии Ҳиндустон ба номи Свами Вивекананда дар назди сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ мондааст, ки дар марказ дарсҳои рақси катҳак (рақси класикии ҳинди 40 нафар), табла барои (30 нафар), йога (зиёда аз 150 нафар), забони ҳиндӣ ва санскрит аз ҷониби устодони ботаҷрибаи ҳиндустонӣ бо таври ройгон гузаронида мешаванд [3]. Даспарварони маркази мазкур дар барномаҳои гуногуни фарҳангӣ, ки аз тарафи сафоратхона гузаронида мешавад иштироки фаъолона доранд. Курсҳои шашмоҳаи омӯзиши забони ҳиндӣ якчанд гуруҳҳоро дар бар мегиранд аз ҷумла гуруҳи русӣ, тоҷикӣ ва гуруҳи пешрафта, ки дар як ҳафта се маротиба забони ҳиндиро меомӯзанд. Аз ҷониби ICCR (Indian Council for Cultural Relations) устодони ҳиндӣ барои омӯзондани забон ва санъати ҳиндӣ ба ин марказ ҷалб мегарданд. Инчунин ҳамасола бо ташаббусу сарпарастии сафоратхонаи Ҳиндустон дар Душанбе "рӯзи йога" ҷашн гирифта мешавад, ки дар он шахсони ба ин намуди варзиш шавқу рағбат дошта иштирок менамоянд. Санаи 21 июни соли 2022 дар марказ 8 – умин рӯзи йога ба ташаббус ва сарпарасти сафоратхона баргузор гардид, ки дар он шаҳрвандони аз 7 то 77 сола иштирок доштанд. Инчунин дар ҷашни мазкур Сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон ҷаноби Вираҷ Сингҳ иштирок ва суханрони намуда ҳамаи иштирокчиёнро бо ин рӯз табрик гуфта қайд намудааст, ки ин намуди варзиш яке варзишҳои хоси мардуми ҳинд буда, ин ҷашнро дар Тоҷикистон ва бо шаҳрвандони ин кишвар ҷашн гирифтан рамзи хуби дӯсти байни халқҳои мо мешаванд [9]. Ин рӯзро дар маркази фарҳангии Панҷакент низ ҷашн мегиранд. Мавриди зикр аст, ки маркази мазкур дар тӯли фаолияти худ ба дастовардҳои зиёд ноил гардидааст ва яке аз фаъолтарин марказ ба ҳисоб меравад, ки ба ташвиқу паҳн намудани фарҳаниги ҳиндӣ дар миёни ҷавонон ва насли навраси мамлакат машғул аст.

Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ (ICCR) як созмони худмухтори Ҳукумати Ҳиндустон аст, ки ба равобити фарҳангии хориҷии Ҳиндустон тавассути табодули фарҳангӣ бо дигар кишварҳо ва халқҳои онҳо машғул аст. Ин шуро санаи 9 – уми апрели соли 1950 аз ҷониби Мавлоно Абул Қалам Озод, аввалин вазири маорифи Ҷумҳурии Ҳиндустони мустақил таъсис ёфтааст. Ҳадафҳои асосии он иштироки фаъолона дар таҳия ва татбиқи сиёсати "нерӯи нарм" ва барномаҳои марбут ба робитаҳои фарҳангии берунии Ҳиндустон, инчунин инкишоф додан ва мустаҳкам намудани муносибатҳои маданӣ ва фарҳангӣ байни Ҳиндустон ва дигар мамлакатҳо, мубодилаи фарҳангиро бо дигар мамлакатҳо ва халқҳо ривоҷ дода, муносибатҳоро бо давлатҳо инкишоф медиҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин созмон аз соли аввали кушодашавии сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон фаъолият менамояд. Ҳамасола тибқи Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ (ICCR) 25-30 нафар илмомӯзони ҷавони тоҷикро барои гирифтани дараҷаҳои бакалавр, магистрӣ ва докторӣ ба Ҳиндустон мефиристад, ки онҳо дар штатҳои мухталифи Ҳиндустон таҳсил намуда, соҳиби унвонҳои илмӣ ва гирандаи стипендияи ICCR мегарданд [6].

Мавриди зикр аст, ки Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ (ICCR) чорабиниҳои фарҳангиро паиҳам аз соли 2006 то инҷониб ташкил намуда истодааст ва гурӯҳҳои санъаткорони тоҷик аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Тоҷикистон интихоб шуда, дар Фестивали байналхалқии Сураҷкунд иштирок менамоянд, ва гурруҳои санъаткорони Ҳиндустон низ дар ҷорабиниҳои фарҳангии Тоҷикистон иштирок намуда, ҳунарнамои мекунанд.

Аввалин маротиба дар соли 2006, ҳаваскорони гурӯҳи "Рухшона" дар ҳайати 60 нафар таҳти барномаи Шурои Ҳиндустон оид ба робитаҳои фарҳангӣ (ICCR) ба Ҳиндустон сафар карданд ва дар фестивали байналхалқӣ иштирок намуданд. Аз Ҳиндустон бошад, гурӯҳҳои санъаткорон дар Фестивали мусиқии "Садои дилҳо", ки бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2005 ташкил шуд, иштирок карданд. Дар моҳи августи соли 2006 гурӯҳи эҷодии мусиқии суфӣ дар Душанбе ва ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон ҳунарнамоӣ карданд. Гурӯҳи санъаткорони "Манипурӣ мартиал" моҳи августи соли 2007 дар Душанбе ва Хуҷанд санъаташонро пешкаши ҳаводорони санъату мусиқӣ намуданд [4].

Санъаткорони рақси "кучипудӣ" ва ҳофизони вокалӣ аз кишвари Ҳиндустон дар ҳайати 10 нафар, 29 марти соли 2009 дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҳунарнамоӣ карданд. Гурӯҳи эҷодии "Қавалӣ" дар ҳайати 8 нафар аз 8-ум то 12-уми октябри соли 2009 дар Тоҷикистон дар Фестивали байналхалқии фалак иштирок карданд ва 10 - ӯми октябри ҳамон сол дар меҳмонхонаи Ҳаят Реҷенсӣ (Душанбе) бо дастгирии Фонди Оғохон як барномаро пешкаши ҳаводорони мусиқӣ намуданд. Ин гурӯҳ инчунин 12 октябр дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияҳои тобеъи марказ баромад кард. Гурӯҳҳои санъаткорони "Бхангра" ва "Гидда" аз Ҳиндустон дар маҷмӯаи консертии Коҳи Борбад 8 сентябри соли 2009 дар ҷашнгирии 18 - умин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон, ки дар он Президенти Ҳиндустон иштирок дошт, барномаи эҷодиро пешкаши тамошобинон гардониданд [2].

Гурӯҳи рақсии "Ҷаҳоноро", ки аз 17 нафар ҳофизону раққосон ва 5 нафар намояндагони ҳунарҳои мардумӣ иборат буданд, аз 1-ум то 15-уми феврали соли 2010 дар фестивали ҳунарии Сураҷкунд дар шаҳри Деҳлӣ, ки аз тарафи Ҳаряна Туризм дар Ҳиндустон ташкил шуда буд иштирок карданд. Ин гурӯҳро собиқ муовини Вазорати

фарҳанги Тоҷикистон Азизӣ Фароғат роҳбарӣ намудааст. Ин аввалин маротиба буд, ки Тоҷикистон ҳамчун "кишвари шарик" дар фестивали Сураҷкунд иштирок кард. Гурӯҳи рақсии “Чаманоро”, иборат аз 24 нафар ва 5 нафар донишҷӯи Маркази фарҳангии Ҳиндустон дар фестивали ҳунарии Сураҷкунд аз 1-ум то 15-феврали соли 2011 дар шаҳри Деҳлӣ иштирок карданд.

Ҳайати гурӯҳи санъаткорон иборат аз 15 нафар, ки аз тарафи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон интихоб шуданд, аз 1-ум то 15 – уми феврали соли 2012 дар фестивали ҳунарии Сураҷкунд иштирок ва ҳунарнамои карданд. Ҳайати гурӯҳи санъаткорон иборат аз 15 нафар, ки аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон интихоб шуданд ва 5 нафарашон аз Маркази фарҳангии Ҳиндустон буданд дар фестивали ҳунарии Сураҷкунд, ки аз тарафи Ҳаряна Туризм аз 1 то 15 феврали соли 2013 ташкил шуда буд, иштирок карданд. Ҳайати гурӯҳи санъаткорон иборат аз 15 нафар, ки аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон интихоб шуданд ва 5 нафарашон аз Маркази фарҳангии Ҳиндустон буданд дар фестивали ҳунарии Сураҷкунд, ки аз тарафи Ҳаряна Туризм аз 14 феврали соли 2014 ташкил шуда буд, иштирок карданд [4].

Дар ҷашнгирии рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумхурии Ҳиндустон “Салом Ҳиндустон" моҳи апрели соли 2016 ҳайати гурӯҳи санъаткорон аз Ҳиндустон иштирок карданд. Ин гурӯҳҳои санъаткорон дар Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар низ ҳунарнамоӣ карданд.

Ҳамкориҳои техникию иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) барномаи дигаре мебошад, ки ҳамасола курсҳои омӯзиширо барои такмили ихтисоси кормандони давлатӣ дар соҳаҳои гуногун ташкил мекунад. Ҳар сол тибқи ин барнома садҳо кормандони вазорату муассисаҳои давлатӣ ба Ҳиндустон мераванд ва доир ба ихтисосашон дар курсҳои махсус таҳсил мекунанд. Инчунин мувофиқи барномаи мазкур барои кормандони давлатӣ курсҳои омӯзишии забони англисӣ ва компютерӣ ташкил дода шудаанд. Барномаи ҳамкориҳои техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) соли 1964 ҳамчун барномаи кӯмаки Ҳукумати Ҳиндустон барои дигар кишварҳо ташкил карда шудааст. Ҳоло барномаи мазкур дар доираи худ доираи васеи фаъолиятҳоро дар бар мегирад, ки омӯзиш дар Ҳиндустонро ба номзадҳо аз кишварҳои шарики ITEC, иҷрои лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои марбут ба лоиҳа ба монанди омӯзиши техникӣ-иқтисодӣ ва хизматрасонии машваратӣ, вобастагии коршиносони Ҳиндустон дар хориҷа дар фаъолиятҳои рушд, гузаронидани турҳои омӯзишии коршиносони кишварҳои шарик ба муассисаҳои муҳим, марказҳои омӯзишӣ ва дигар ҷойҳои ҷолиби Ҳиндустон, тақдим кардани тӯҳфаҳо, тақдими таҷҳизот бо дархости кишварҳои шарики ITEC ва расонидани кӯмак барои рафъи офатҳои табиро дар бар мегирад.

Дар доираи ITEC барномаҳои махсус барои ҳамкори бо созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ таҳрези гардидааст (АСЕАН, MGC, BIMSTEC, АС, ААРДО, ВТО, КАРИКОМ, IOR-ARC), ва 161 давлатҳои Осиё, Африқо, Аврупои Шарқӣ, Амрикои Лотинӣ, Ҳавзаи уккёнуси Ором ва давлатҳои хурди ҷазиравӣ барои ҳамкори бо барномаи ITEC даъват карда шудаанд [13].

Дар масъалаи таҳсил дар Ҳиндустон бошад, тибқи ин барнома, Ҳиндустон имрӯз беш аз 12000 стипендияро баррасӣ мекунад, ки 47 муассисаи таълимиро фаро мегиранд. Тоҷикистон аз соли 1996 шарики ITEC-и Ҳиндустон мебошад. Аз он вақт инҷониб зиёда аз 1400 нафар олимони Тоҷикистон барои иштирок дар барномаи таълимӣ ба Ҳиндустон сафар намудаанд [10]. Санаи 7 – уми октябри соли 2022 58-умин Рӯзи ITEC

бо ширкати беш аз 200 хатмкардаи ин бaронома дар Тоҷикистон таҷлил гардид, ки дар ин чорабини Сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон ҷаноби Вираҷ Сингҳ ширкат варзида бо ҳатмкунандагон ҳамсуҳбат шуд. Хатмкардагони ITEC аз таҷрибаи гирифтаи худ нақл карда, барои рушди малакаҳои гирфтаи худ изҳори сипос карданд [11].

Дар баробари марказҳо ва барномаҳои дар боло зикр гардида дар Тоҷикистон инчунин “Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон - Ҳиндустон” низ фаъолият менамояд, ки роҳбарии онро Ҳабибулло Раҷабов – доктори илмҳои филология, профессори кафедраи филологияи Ҳинду Покистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон сарходими шӯъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти омузиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии Илмҳои ҶТ ба ӯҳда доранд [14].

Маркази мазкур низ дар тӯли фаолияти худ барои татбиқи “нерӯи нарм” – и Ҳиндустон дар Тоҷикистон таъсири назаррас дорад ва боиси бозҳам тақвият додани муносибатҳои фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон, ва наздик намудани мардумони ду кишвар мебошад.

Ҳамзамон ҳамасола бо сарпарастии сафоратхонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон як қатор чорабиниҳо аз қабили: 1. Рӯзи Ҷумҳурӣ (26 январ); 2. Ҳоли / Рӯзи байналхалқии занон (08 март); 3. Иди байналмилалии Наврӯз (21 март); 4. Махавир Ҷаянти (04 апрел); 5. Ид-уль-Фитр; 6. Будда Пурнима (05 май); 7. Ид-уль-Зуха (Бакрид) (29 июн); 8. Мухаррам (29 июл); 9. Рӯзи истиқлолият (15 август); 10. Джанмаштами (вайшнав) (07 сентябр); 11. Милад-ун-Наби или Ид-э-Милад (28 сентябр); 12. Рӯзи мавлуди Маҳатма Ганди (02 октябр); 13. Душера (24 октябр); 14. Рӯзи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (06 ноябр); 15. Дивали (Дипавали) (12 ноябр); 16. Рӯзи мавлуди Гуру Нанака (27 ноябр); 7. Мавлуди Исо (25 декабр) ҷашн гирифта мешаванд.

Бо ташаббуси сафоратхонаи Ҳиндустон дар Душанбе нашри маҷалаи “Оинаи Ҳинд” дар забони тоҷикӣ дар назди сафорати мазкур ба роҳ мондашудааст, ки дар он хабарҳо, мақолаҳо ва маъмулот дар бораи ҷайҳои таърихӣ ва фарҳангии Ҳиндустон, чорабиниҳои дар сафоратхона гузаронидашуда ва дигар матлабҳо ба чоп расонида мешаванд. Маҷалаи мазкур ҳар ду моҳ як маротиба бо теъдоди 500 адад нашр гардида ба марказҳои илмӣ ва донишгоҳҳои дорои кафедраи забони ҳиндӣ ба таври ройгон дасрас гардонида мешавад.

Инчунин ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Ҳиндустон мегузарад, ки дар он ҳайатҳои гурӯҳи санъаткорон аз Ҳиндустон иштирок мекунад. Ин гурӯҳҳои санъаткорон дар Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар ҳунарнамоӣ карда, мардуми тоҷикро бо фарҳангу тамаддуни Ҳиндустон шинос менамоянд. Дар якҷоягӣ, бо рӯзҳои фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ намоиши колоҳои ҳиндӣ низ гузаронида мешавад. Ёдовар мешавем, ки нахустин намоишгоҳи колоҳои Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон моҳи феврали соли 2015 баргузор шуда буд ва боздидкунандагони бисёре дошт. Аз ин рӯ бо таваҷҷуҳ ва зиёд будани талабот ба колоҳои ҳиндӣ дар Тоҷикистон, баргузоркунандагон тасмим гирифтаанд, ки намоишро дар се шаҳр - Душанбе, Хуҷанд ва Бохтар бар покунанд.

Ба муносибати 30 – солагии барқарор созии муносибатҳои дипломати миёни Тоҷикистону Ҳиндустон аз 3 то 6 май дар шаҳри Душанбе Фестивали киноӣ ҳиндӣ бо ташаббуси сафоратҳонаи Ҳиндустон дар Тоҷикистон дар ҳамкори бо “Тоҷикфилм ” ва

ҷаъмияти филмии Сатяҷита Рая гузаронида шуд, ки дар он филмҳои ҳиндии жанрҳои гуногун ва бо тарҷумаи тоҷики ба намоиш гузошта шуд [7].

Фестивали мазкур дар Кинотеатри "Ватан" гузашта дар он намояндагони фарҳангӣ Ҳиндустон ва сафоратхона иштирок доштанд. Дар фестивали мазкур барои дӯстдорони филмҳои ҳинди филмҳои нави Боливуд бо ситораҳои машҳури он аз қабили Амитабх Баччан, Карин Капур Хан, Арҷун Капур, Ҷая Бхадури, Раҷит Капур ва ғ. ба таври ройгон ба намоиш гузошта шудаанд. Мавриди зикр аст, ки мардуми тоҷик ба тамошои филмҳои ҳинди шавқу рағбати хоса доранд. Ва Болливуд механизми тарғиби арзишҳои Ҳиндустонӣ (ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, парастиши оилавӣ, падарпарастӣ, фидокорӣ, муваффақият, зебоии ҷисмонӣ, ҷавонӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ) ва амалигардонии сиёсати фарҳангии он – "нерӯи нарм" гардидааст. Дар айни замон синамо дар баробари йога, таомҳои ҳиндӣ, мусиқӣ дар эҷоди симои ҷолиби Ҳиндустон дар ҷаҳон нақши пешбарро мебозад. Расмҳо аксар вақт арзишҳоро бештар аз калимаҳо ифода мекунанд ва Болливуд бузургтарин тарғибкунанда ва содиркунандаи рамзҳои визуалӣ дар ҷаҳон аст. Болливуд яке аз роҳҳои ташвиқу тарғиби фарҳангӣ Ҳиндустон ва амалигардонии сиёсати "нерӯи нарм" и он дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, "нерӯи нарм" дар сиёсати хориҷии Ҳиндустон мавқеъи хоса дошта, Ҳиндустон барои расидан ба манфиатҳои миллӣ ва геополитикии худ аз он ба таври густурда истифода менамояд. Бо дарназордоши муносибатҳои хуби фарҳангӣ дар гузашта ва замони истиқлолият метавон гуфт, ки нерӯи нарми Ҳиндустон дар Тоҷикисстон ба воститаи рушди муносибатҳои фарҳанги, ва дар замина ба роҳ мондани омӯзиши забони ҳинди ва тарғиби расму оини ҳиндӣ, амалӣ мегардад. Дар паҳн намудани фарҳанг, таммадун ва забони ҳинди дар Тоҷикистон сафоратхона ва марказҳои назди он нақши калиди доранд. Чи тавре, ки дар боло зикр намудем бо ташаббуси сафоратхонаи Ҳиндустон дар назди як қатор муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон марказҳои ҳиндӣ таъсис дода шудаанд, ки дар ин марказҳо ба хоҳишмандон забони ҳиндӣ, дарсҳои рақси катҳак, табла ва йога аз ҷониби устодони ботаҷрибаи ҳиндустонӣ бо таври ройгон дарс дода мешавад. Инчунин барои татбиқи "нерӯи нарм" – и Ҳиндустон дар Тоҷикистон барномаҳои ITEC ва ICCR – низ таъсири назаррас дорад. Махсусан барномаи ITEC, ки ба воситаи он кормандони давлати барои такмили ихтисос ба курсҳои кӯтоҳмуддат ҷалб мегарданд, ки ин бевосита нишонаи "нерӯи нарм" – и Ҳиндустон на танҳо дар Тоҷикистон балки дар 161 давлати дунё аст. Дар оҳир бояд қайд намоем, ки ҳамасола шумораи зиёди ҷавонон ва кормандони соҳаҳои гуногун таваҷҷуҳашон ба забони ҳиндӣ, фарҳанги ҳинд, тамаддуни ҳинд ва идомаи таҳсил дар Ҳиндустон зиёд гардида истодааст.

Истифодаи сиёсати "нерӯи нарм" дар муносибатҳои Ҳиндустону Тоҷикистон дуруст ба роҳ мода шудааст ва дар ин самт тарафҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд, тарафҳоро зарур аст, ки дар сиёсати хориҷии худ бештар аз ин сиёсат истифода баранд ва бо дарназардошти вазъи ҳасосе, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ дида мешавад истифодаи "нерӯи нарм" ба манфиати тарафайн ва самарабахш аст. Давлатҳоро зарур аст, ки дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ аз сиёсати "нерӯи сахт" даст кашида, бештар аз барномаҳои сиёсати "нерӯи нарм" истифода баранд, зеро дар меҳвари сиёсати "нерӯи нарм" ҳамзистии осоишта ва риояи принсипҳои он дар назар аст ва тавассути он дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ метавон аз хушунат ва зуровариҳо ҷилавгирӣ намуд.

**АДАБИЁТ:**

1. Айнишиносӣ дар Ҳиндустон //https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/konfirensiyaho/item/470-ajnishinos-dar-induston (дата обращения: 22.11.2022).

2. Баргузории ҳамоиш оид ба равобити фарҳангӣ байни Тоҷикистон ва Ҳиндустон URL: https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/konfirensiyaho/item/499-barguzorii-amoish-oid-ba-ravobiti-far-ang-bajni-to-ikiston-va-induston (дата обращения: 11.03.2023)

3. Деятельность Культурного центра Свами Вивекананды (SVCC) URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/iccr-activities (дата обращения: 13.03.2023)

4. Душанбиева Нигина. Сотрудничество Индии и Таджикистана в области науки и культуры // Азия и Европы - Душанбе-2021. №3 (7), с. 20-26

5. Кафедраи филология Ҳинд URL: https:// https://zoa.tnu.tj/tj/kafedrai-filologijai-indu-pokiston/ (дата обращения: 13.03.2023)

6. Культурный обмен URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/cultural-exchange/ URL: (дата обращения: 25.12.2022)

7. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон URL: http://www.ktr.tj/?q=node/3 (дата обращения: 22. 02.2023)

8. Наумов А.О. «Мягкая сила» Индии как суверенного государства: история и современность // БРИКС: государственное управление, политика, экономика. Москва, 2018. №70. С. 291-292

9. Посол Его Превосходительство г-н Вирадж Сингх обращается к участникам празднования Дня йоги 21 июня 2022 г. URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/event_detail/?eventid=327 (дата обращения: 22.11.2022)

10. Программа ITEC – движущая сила внешней политики Индии URL: https://avesta.tj/2021/01/26/programma-itec-dvizhushhaya-sila-vneshnej-politiki-indii/ (дата обращения: 15.03.2023)

11. Программы обучения ITEC – URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/itec-training-programmes/ (дата обращения: 22.11.2022)

12. Раҳул Санкритяян – сафири фарҳангӣ тоҷикон дар Ҳиндустон URL: https://osiyoavrupo.tj/index.php/component/k2/item/554-ra-ul-sankrityayan-safiri-far-angi-to-ikon-dar-induston (дата обращения: 11.03.2023)

13. Стипендия ICCR для таджиков – URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/page/iccr-scholarship-for-tajiks/ (дата обращения: 25.12.2022)

14. 58-й День ITEC был отмечен с участием более 200 выпускников в Таджикистане. Посол г-н Вирадж Сингх обратился к собравшимся. Выпускники ITEC поделились опытом и поблагодарили Индию за предоставленную возможность развития навыков. Культурная программа студентов ICCR в Таджикистане последовала URL: https://www.eoidushanbe.gov.in/event_detail/?eventid=361 (дата обращения: 22. 02.2023)

# «МЯГКАЯ СИЛА» - ИНДИИ И ЕЕ ПРИМЕНЕНИЕ В ОТНОШЕНИЯХ С РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН

**ХАМИДОВА САРВИНОЗ ФАРУХОВНА**

ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33.

Тел.: (+992) 98 868 32 22. E-mail: mail: sarafarukh11@gmail.com

*Индия следуя за сверхдержавами и используя политику «мягкой силы», пытается стать региональной державой и иметь собственную независимую гуманитарную стратегию. В данной статье исследуются понятия «мягкая сила» и «культурная дипломатия» и изучается ее использование во внешней политике Республики Индия на разных этапах и ее применение в отношениях с Республикой Таджикистан. В этой сфере по сравнению с другими странами преобладает политика «мягкой силы» Республики Индии, а стратегия Индии в отношении региона Центральной Азии, особенно Таджикистана, носит оптимистичный характер. При этом в статье рассматриваются и анализируются государственные программы Республики Индия, которые реализуются в рамках политики «мягкой силы» этой страны в Республике Таджикистан. Анализы показывают, что использование «мягкой силы» в отношениях между Республикой Индия и Республикой Таджикистан выгодно и эффективно.*

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, культурная дипломатия, использование мягкой силы, Республика Индия, Республика Таджикистан, взаимоотношения, культурные связи, научно-культурные программы.*

## "SOFT POWER" OF INDIA AND ITS APPLICATION IN RELATIONS WITH THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**HAMIDOVA SARVINOZ FARUHOVNA**
ISPAEC NAST. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33.
Tel.: (+992) 98 868 32 22. E-mail: sarafarukh11@gmail.com

*India, which claims to be a superpower, is trying to emerge as a regional superpower using "soft power" policy and have its own independent humanitarian strategy.. This article explores the concepts of "soft power" and "cultural diplomacy" and studies its use in India's foreign policy at different stages and its application in relations with the Republic of Tajikistan. In this sphere, compared to other countries, India's policy of "soft power" predominates, and India's strategy towards the Central Asian region, especially Tajikistan, is optimistic. The article also examines and analyzes the state programs of the Republic of India that are implemented within the framework of its "soft power" policy in the Republic of Tajikistan. Analyses show that the use of "soft power" in relations between the Republic of India and the Republic of Tajikistan is advantageous and effective.*

***Keywords****: soft power, cultural diplomacy, use of soft power, Republic of India, Republic of Tajikistan, relations, cultural ties, scientific-cultural programs.*

***ШАРҚШИНОСӢ***

# ҲАБИБУЛЛОИ КАЛАКОНӢ - ЭҲЁГАРИ АНЪАНАИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН ДАР ХУРОСОНИ ТАЪРИХӢ

**НАЗАРОВ УМЕД**
**унвонҷӯйи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

*Дар мақолаи мазкур суҳбат дар бораи яке аз чеҳраҳои барҷастаи тоҷиктабори Афғонистони имрӯза Ҳабибуллои Калаконӣ меравад. Қайд карда шудааст, ки тоҷикон ва форсизабонони Хуросон аз қадим дар ин сарзамин сукунат дошта, саҳми худро дар таърих ва рушди он гузоштаанд. Ҳарчанд баъзе таърихнигорон аз шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ як шахси «иртиҷоӣ» ва «қафомонда» чеҳрасозӣ карда бошанд ҳам, ҳақиқати таърих саҳми босазои ин ҷавонмардро дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии давлати ҳамсоя исбот намудааст.*

***Калидвожаҳо**: Хуросон, тоҷикон, таърих, Ҳабибуллои Калаконӣ, Ҳақназар Назаров, Нодирхон, шӯриш, ҷавонмардӣ.*

*Пас аз он ки бар тахти шоҳӣ нишаст,*
*Шукуҳи Хуросон биёмад ба даст.*
*Наҷиби Борвар*

Тоҷикон ва форсизабонони Хуросон ҳамчун миллати фарҳангсолор, соҳибихтиёр ва тамаддунофар дар имтидоди таърих ҳамеша саҳми басазои худро дар рушди тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, зербинои ҷомеа, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҳунар гузоштаанд.

Онҳо хайри ҷамъӣ ва салоҳдиди умумимардумиро ба инобат гирифта, ҳама вақт барои ҳифзи тамомияти арзӣ, густариши адолат, нангу номуси мардум ва барқарории давлати марказӣ мубориза бурдаанд. Мурури кӯтоҳе ба таърихи Афғонистони муосир нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷик нуфузи «файзбор ва шарафосор»[34] дар ташаккули маданият ва зеҳнияти ҷомеаи кишвари ҳамсоя доштааст. Шаҳрҳои Ҳирот, Мазори Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Гандаҳор, Куҳандиж, Ҷавзгон, Ғур, Каписо, Парвон ва Ғазнӣ, водиҳои тамаддунофар аз қабили дараи Каён, дараи Панҷшер, дараи Сӯф, дараи Шимолӣ, дараи Соланг, дараи Хинҷону Андароб, дараи Ғур, Чордара, дараи Толаву Барфак, Ҷувайдара, дараи Роғистон, дараи Асмор ва ғайрае, ки ҳамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ қадр афрохтаанд ва дар он ҷо ҳувият ва фарҳанги миллӣ шакл гирифтааст, ба таври дастаҷамъӣ то аввали асри XX-ум макони зисти тоҷикон будааст.

Як назари иҷмолӣ ба ин шаҳрҳо ҳақиқатеро бармало месозад, ки дар Афғонистон кӣ аксарият аст ва кӣ ақаллият? «Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад», ки дар шаҳрҳо аксари мардум зиндагӣ мекунад ва таҷамуи муассисаҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва муҳити созгори илмӣ-фарҳангӣ сокинони деҳотро дар ҳар кишвари дилхоҳ ба шаҳр ҷалб мекунад ва онҳо бо сарозер шудан ба ин марказҳо

[34] . Ибора аз Улуғзода С. «Восеъ», -Душанбе. – Ирфон. -1968. эзоҳи муаллиф.

фарҳанги шаҳрнишиниро имтиҳон мекунанд. Элфингстон, сайёҳ ва низомии англис, вақте ки дар аввали асри XIX ба вилояти Нангарҳор, ки ҳоло хилофи адолати таърихӣ паштуннишин ҳисобида мешавад, меояд, эътироф мекунад, ки аз 11 ноҳияи ин вилоят дар 9-тои он тоҷикон сукунат доранд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажӯҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудааст, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги точиконро эътироф ва пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум – ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги мардуми таҳҷоиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқе дар вилоятҳои Тахор ва Бадахшони Афғонистон сукунат доранд, ки худро «туркони порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

Тоҷикон давлатҳои мустақил ва империяи комилҳуқуқ дар ҳудуди Афғонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз ҷумлаи онҳост. То соли 90-уми асри гузашта, чунин пиндошта мешуд, ки кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка – шоҳи кӯшонӣ навишта шудааст ва шарҳи ҳоли ӯро дарбар мегирад, як инқилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шоҳ Канишка дар катибаи Работак, ки дар чанд километрии пойтахти вилояти Самангон – Айбек ва сарҳади вилояти Бағлон ёфта шудааст, аз шаҷараи авлодии худ сухан кушода, иқрор мешавад, ки аз ирқи ориёӣ мебошад.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт меомаданду мерафтанд, бо мурури замон зери таъсири фарҳанги шахсиятсозии ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз сӯи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро қабилаҳои ҷанубӣ аз шимолу шарқи Ҳинд дар асри 14 ба Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин раванди муҳоҷирати иҷборӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзӯъ берун аст, то ҳоло идома дорад.

Агар ба таърихи ин кишвар бингарем, аён мегардад, ки тасаллути пурраи забони тоҷикии дарӣ нишонаи донoиву ҳушёрӣ, бофарҳангиву пешравӣ дар пешбурди равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардид. Аз ин рӯ, нухбагон ва ашрофзодагони аҳли қабила аз ғановатмандии ин забони оламшумул, ки иқтидори сарбории маънавии ҳазорсоларо дошт ва аз Чин то сарҳади Аврупо тавсеа ёфта буд, дар муҳити хонавода ва долонҳои дарбор истифода мебурданд. Табиист, ки олудагиҳои зеҳнияти қабилавиро бо насими фарҳанги созанда ва дунявимадор аз вуҷудашон зудуда менамуданд. Ҳарчанд дар мақтаи замонӣ ҷангро худ баранда буданд (ҷанги дуюми афғону англис) ба худ саволҳое释 мармуз мегузоштанд, ба соҳибватанӣ будан ва рисолати раҳбарии худ шакку шубҳа мекарданд:

Мекунам девонагӣ то бар сарам ғавғо шавад,
Сикка бар зар мезанам, то соҳибаш пайдо шавад.[35]

[35] Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон. - С.381.

Агар ба қазияҳои на он қадар дури солҳои 2000-ум таваҷҷуҳ намоем, ҳамин тарзи иштибоҳи таърихӣ бо каме тағйирот дар Кобул боз такрор гашт. Раиси ҷумҳури тамомъиёр ва комилҳуқуқи Афғонистонро «Ҷабҳаи муқовимат» соли 2001 напазируфт, бо муомилаи шубҳанок ҳукуматро ба нафаре ҳавола карданд, ки аслан дар байни мардум ва миёни саҳнаи сиёсии кишвар шинохте надошт. Натиҷаи ин муомилот бар зарари манофеи миллӣ буд.

Сайри такомули таърихӣ бар ковиши мақому мартабаи Ҳабибуллои Калаконӣ нишон медиҳад, ки ҳукумати қабиласолори амонӣ дар 16-уми январи соли 1929 (суқут 13 октябри 1929) аз дасти ӯ ва ёрони вафодораш ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Тилисми шикастнопазири истибдоди анқариб дусад соларо ба боди фано рӯ ба рӯ кард.

Таърихнигории афғонӣ, ки бар усули паштунмеҳварӣ то солҳои 90-уми асри гузашта побарҷо буд, аз шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ як шахси «иртиҷоӣ» ва «қафомонда» чеҳрасозӣ кардаанд (хусусан китоби тафриқаандоз ва шовинистии «Сақавии дуввум» Афғони Самсур). Чунончи муаллифи китоби «Афғонистон дар масири таърих» М.Ғубор бо як хашми рӯшод ва орӣ аз ҳақиқати таърихӣ овардааст: *«Ҳабибуллои Калаконӣ машҳур ба «Бачаи Сақав» аз шоҳони муртаҷеъ ва бесавод буд, ки тибқи тавтиаи англисҳо алайҳи шоҳи мутараққӣ ва ватандӯст, ғозӣ Амонуллохон даст ба шӯриш зад ва дар 20 ҷиддии 1307 бо ҳамкории руҳониёни аҷир ва фурӯхташуда ба дурахшонтарин даврони таърихи мо поён дода, ба қудрат расид».*[36]

Ин таърихшиносон, ки имтиёзхӯрони сулолаҳои дурронӣ будаанд, дар мавқеъгирии ғайрилмӣ ва дур аз ҳақиқати худ танҳо бар маҳкумияти бечунучарои Ҳабибулло Калаконӣ ва пешдовариҳои козибона такя кардаанд, ки ба ақидаи коршиносони муосир хилофи тарзу усулҳои мунсифона ва одилонаи таърихнигорӣ мебошад. Ҳатто падари шеъри дарӣ Халилуллои Халилӣ дар маҷмуъ асари хубе, ки тобиши достонӣ дорад бо номи «Айёре аз Хуросон» навиштааст, вале дар баъзе бахшҳо ишораҳои нораво ва пойбанди тасвири калишавии шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ (камбағали бараҳнопойи бесавод, кӯҳпаймои боғбони ангурфурӯш ва ғ.) будааст.

Ривояти дигаре дар зеҳни таърихшиносони ростин нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки аз мактаби олими тавоно Ҳақназар Назаров маншаъ мегирад. Ин тасвир бар пояи адолати таърихӣ ва бозгӯйи ҳақиқат аст. Бар асоси ин фарзия, Ҳабибуллои Калаконӣ сарвари шӯриши деҳқонӣ мебошад ва пӯшиши мазҳабӣ ба фаъолияти ӯ додан аз рӯйи методи муқоисавӣ, вазъи геополитикии он замон ва шароити конкретӣ – таърихӣ раво нест. Сараввал, ӯ пуштивона ва собиқаи динӣ надошт, мадрасаи динӣ хатм накарда буд, ба ҳеч ваҷҳ тафаккури динмеҳвар ва ба доираҳои руҳонияти расмӣ ва ғайрирасмӣ ворид набуд. Як низомии ҷасур, корманди миёнаомори давлатӣ ва давлатмадор буд, ки беадолатиҳои хонҳои борикзайӣ ӯро водор кард, ки силоҳ ба даст бигирад. Дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок меварзид, баръакс дар дастгир кардани дузду роҳзанҳо иштироки фаъол дошт. Аз ҳама муҳим манфиати миллии худро дар қиболи ҳуҷумҳои қабиласолорӣ дарк мекард ва дар ин росто аз ҳунари басиҷ ва муттаҳид кардани мардум бархӯрдор буд. Муаррих Ҳ.Назаров бо такя ба рӯзномаву маводи ғании таърихии он вақт менигорад, ки вақте ки Ҳабибулло Калаконӣ бо деҳқонҳои худ вориди Кобул гашт, мисли қабилаҳои вазириву масъудӣ, ки бо амри Нодирхон дар моҳи октябри соли 1929 амал мекарданд, ҷиноят содир накард.

[36]Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. С-815

Қабилаҳои ҷанубӣ на танҳо хонаву дар ва ҳатто ҳарами худи Нодирхон, балки сафоратхонаҳои хориҷиро талаву тороҷ карданд, сафири Туркияи он вақт ба ивази ришва ҷон ба саломат бурд.

Дар китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» Ҳ.Назаров нусхаи яке аз фармонҳои амири Ҳабибуллои Калаконӣ дар бораи ривоҷи илму адаб ва забономӯзӣ омадааст, ки аз он далолат мекунад, ки ӯ ба рушди маориф бетараф набуд.[37]

Дигар далели росих ва муътамади шахсияти одил, бофарҳанг ва давлатмадор будани подшоҳ Ҳабибуллои Калаконӣ, муносибати ӯ ба масоили занон буд. Маводи мадракии таърихӣ далолат аз он мекунанд, ки дидгоҳи ӯ назари танги мафкураи ифротӣ нисбат ба зан набуд, ҳамсари ӯ Бибӣ Сарварии Сангарӣ, Малика Сангарӣ бинти Муҳаммад Ҳайдар, маликаи Афғонистон дар тамоми сангарҳои набард бо шавҳараш дасту панҷа нарм мекард ва аз ин лиҳоз, тахаллуси «Сангарӣ» гирифта буд.

Сониан, шоири даризабони умедбахш Наҷиби Борвар бар нуктаи дигар таъкид меварзад ва менигорад, ки «расму суннати он рӯзгор чунин буд, ки агар касе ба ростӣ ва дурустӣ сифоти айёрӣ надошт, ӯро айёр лақаб намонданд. Мегӯянд вақте ки қудратро ба даст овард, хоҳарони Амонуллохон дар Арк ба дасти ӯ афтоданд. Дар ҳоле ки Амонуллохон аз ҷониби Қандаҳор дубора дар талоши сарнагунии Калаконӣ буд, ӯ хоҳарон ва хонаводаи Амоннуллоро вориди масоили сиёсӣ накард. Яке аз наздикони Амонуллоро талбид ва навомиси душманашро бо иззат ба онон таслим кард, аз ин рӯ буд, ки айёр лақаб гирифт.

Ба гуфте:

Ба номуси душман нигоҳе накард,<br>Бо қомуси мардӣ гуноҳе накард.

Аммо бубинед Нодирхон (бо лақаби ғаддор) бо Бибӣ Сангарӣ ҳамсари Ҳабибуллои Калаконӣ чӣ кард? Ӯро бо ду духтараш ва писараш Асадулло ба 20 сол зиндони Деҳмазанг маҳкум кард, писарашро дар зиндон масмум намуд. Ба ин иктифо накарда, ӯро ба Балх таъбид намуд. Муаллифи ин сатрҳо соли 2004 дар Мазори Шариф таҳқиқот дар ин маврид бурд ва маълум гашт, ки баъд аз таъбид дар маҳаллаи арабнишини шаҳри Мазори Шариф паноҳ бурд ва бинобар меҳри мардумие ки ҳамсараш ва худаш дошт, то охири умр дар ин ҷо паноҳгоҳи амн ёфт. Худ қазоват кунед, кӣ бо ҷаҳлу таассуб ҳукуматронӣ мекард ва кӣ бо мутакко бар ақли солим ва оянданигарӣ?

Ба ақидаи афғонистоншиноси шинохтаи тоҷик Қосимшо Искандаров қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ муқаддима ва пешшарт дошт, ки зулму ситами зиёд ва қатли оми мардуми шимол, хусусан тоҷику ҳазора дар пай дошт ва ин як навъ вокуниши умумимиллӣ буд дар сатҳи Афғонистони вақт: “Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихин дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону узбекҳоро тасарруф менамуданд.

[37]Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, -Душанбе, - 2003, С.381

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) “Низомномаи ноқилин” қабул шуд, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол уҳдадор шуданд ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз ҷумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ “анклавҳо” ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона ин “анклавҳои” паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари пул, Ҷузҷон, Бағлон ва Қундуз ба пойгоҳҳои аслии толибон ва террористон мубаддал шудаанд.

Ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо баъзе аз раҳбарони паштун, ба хусус Муҳаммад Нодирхон паштунҳоро бо таблиғоти васеъ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоҳро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш  ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшоҳии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили Ҳукумати Ҳабибуллоҳ таҳрик намуданд.[38]

Зимни таҳқиқот як падидаи умумӣ ва маълум ки таҳти фишор такрор ба такрор дар китобҳои таърихнигорони Афғонистон омадааст, бармало гашт – ин маълумоти шарҳиҳолии Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки дар асарҳои “Афғонистон дар масири таърих”, “Афғонистон дар панҷи қарни ахир”, “Афғонистон дар аҳди амония” (Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929)-и Сензил Навид” омадааст. Чунин тасаввур мешавад, ки ҳама ба умқи масъала ворид нагардида, якибораву ҷумлаҳои монандро зери фишори таблиғоти густурда дар китобҳо коридаанд.

Омили дуввум, ки аз пажӯҳиш маълум мегардад, ҳукуматдорони вақти Афғонистон дар лаҳзаҳои бухронӣ истифода аз иқтидори ҷангии қабилаҳои ҷанубиро аз Ҳинди Британиявӣ маҳаки асосӣ ва нуқтаи такягоҳии мубоизаи худ медонистанд. Дар китоби Сензил Навид  3 номаи Амонуллохон ва Нодирхон ба қавмҳои танай, ҷоҷӣ ва бошандагони вилоятҳои  ҷанубӣ зикр шудааст, ки порае аз номаи Амонулло ба қабилаҳои ҷанубиро мехонам: “Ҳамоно мардуми Қандаҳор назди ман омаданд ва гуфтанд,  эҳсоси ватандӯстӣ,ғайрат ва афғонияти онҳо абадан ба эшон иҷоза намедиҳад, ки ба идора касе монанди Бачаи Сақо  ки умрашро ба таҷовуз ба мол ва дороии мардум ба сифати як қотил сипарӣ кардааст,  ва ё касе ки ҳатто афғон (паштун) нест мувофиқат кунанд”.

Тақдири Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Синдбоди Муғ, Темурмалик, Восеъ бо Ҳабибуллои Калаконӣ ба таври аҷиб ба ҳам  гиреҳ мехӯрад, аз саҳифаҳои дурахшони мубориза ва ҷонбозиҳои миллати мо мебошанд. Ҳар яке бар ҳар шаклу воситаи шинохти вазъият барои таъсиси як ҳукумати миллии тоҷикмеҳвар дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва вилоятҳои умумии форсизабонон саъю талоши беандоза карданд. Хосатан аз нигоҳи замонӣ ва шарту шароит шӯриши Восеъ ва Ҳабибулло Калаконӣ решапайвандҳое пайдо кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти густурдаро тақозо мекунад. Ба якчанд-тои онҳо ишора мекунем: 1) Дарки манфиатҳои миллӣ ва дар зери парчами он муттаҳид кардани мардум; 2) Эҳёи шуури миллӣ ба кӯтоҳмуддат дар

[38] Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002. - С.71.

хиттаҳои Бохтари қадим; 3) Таъсис додани давлати мардумӣ бар пояи дарки иқтидори худӣ; 4) Деҳқонҳо ҳамчун қувваи пешоҳанги мубориза, агар вожаи «деҳқон», «деҳгон» мутародифи калимаи «тоҷик» будааст, пас ин бардошти таърихӣ дар рафтори ин ду қаҳрамон унсури ҳамагонӣ доштааст; 5) Ҳаммонанд будани баромади иҷтимоии қаҳрамонҳо; 6) Ҷасорати истисноии миллӣ; 7) Айёрӣ ва ҷавонмардӣ ва ғ. Яке аз омилҳои сар задани қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ боло бурдани молиёт ва андози камаршикан буд, ки дар шӯриши Восеъ ҳам ин омил ба шиддат ба назар мерасад.

Подшоҳи Афғонистон Ҳабибулло Калаконӣ, айёре аз Хуросон, ҷавонмарде, ки футуватро парчами худ дониста ва шинохта буд. Ба гуфти нависандаи тоҷик М.Шукурзода ҷавонмардӣ ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифати аслист:

1.Сахо, яъне саховат дар андешаи айёрон ва ҷавонмардон ба ин маънист, ки инсон аз молу маноли рӯзгор он чӣ ба даст оварад, бояд дар роҳи осоиши халқ сарф кунад.

2. Сафо: ин сулук ҷавонмардро водор ба покизагии ботин менамояд: яъне инсони ворастаро зарур аст, қалби хешро аз ҳирс ва кина тоза ва тамиз нигоҳ дорад, ва дар ин ҷода базлу бахшоиш низ сафои ботин маҳсуб мешавад.

3. Ва ниҳоят: Вафо: тибқи ин ойин айёр бояд барои дӯсти ҳақиқӣ ва ҳатто маҷозӣ ҳатто ҷонфидо бошад, аз худ бигзарад ва дар масири дӯстӣ аз марг наяндешад, ба фармуди орифе порсигӯй:

Дар дӯстӣ мулоҳизаи маргу зист нест,
Душман беҳ аз касе, ки намирад барои дӯст.

Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва тамаддунофар ба қавли Ҳофизи бузург чун *«булбул ба шохи сарв ба гулбонги паҳлавӣ, мехонд дӯш дарси мақомоти маънавӣ»* рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусалат нагардад.

Ба ғановатмандии нодири фарҳангӣ ва забонӣ ҳам иқрор буданд ва дар имтидоди таърих ба забони ҳол нухбагони паштутабор ҳам, ки дағдағаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд. Чунончи Маҳмуди Тарзӣ, андешапардози миллатгароии афғонӣ бар он аст, ки: «зотан мардуми афғон чун умуман ба кори аскарӣ ва футуҳоти билоду ҳарбу зарб гирифтор буданд, ба корҳои мирзоӣ ва таҳрироти ҳукуматӣ вақт ва фурсат надоштанд ва ҳатто ин корҳоро ор мешумориданд. Китобҳои таҳсили иму адабиёт ҳама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд. Забони афғонӣ (хонда шавад пашту – Н.У.) ба дараҷаи кифоят аз ин чизҳо саросар маҳрум монда буд»[39]. Амирони шинохтаи пашту на танҳо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи ҳунари шоирӣ доштанд ва девон ҳам таълиф кардаанд.

Муаллифи мақолаи «Зеҳнияти хатарзои толибонӣ ва муомилаи шубҳаноки абарқудратҳо» муътақид аст, ки *«нигоҳи толибон ба зиндагӣ нигоҳи қафомондаи асримиёнагист, онҳо талош мекунанд, дар қолаби шариати ғуррои вопасгаро дар қарни иттилоотии 21 пешдоварӣ намоянд, ҳама масъалаҳои дар тӯли 1400 сол пеш ба вуҷудомадаро саҳлу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест, ки мардумро гӯлу гумроҳ мекунад. Дар барномаи толибон вуҷуди зан ҳамчун мавҷуди нолозим матраҳ гаштааст.*

[39] Афғонистони имрӯз, -Душанбе, 2018. - С.185.

*Ба мудирияти ин ҷангандаҳои толиби ҳирсу молу ҷон менигаред, аслан мардум дар он ҷое надорад»*.

Шоир Муҳиби Бориш дар баҳси он ки сарзамини Афғонистонро набояд танҳо як қавм, яъне паштунҳо ҳукуматдорӣ кунанд, чунин хитоб карда:

Қабила чӣ бошад, ки шоҳӣ кунад,
Ба қудрат чу ояд, табоҳӣ кунад...[40]

Ҳабибуллои Калаконӣ ба шинохти комили худшиносии миллӣ расида буд, ки шоир Н.Борвар ба он ишора дорад:

Пас аз ҳафт қарну пас аз солҳо,
Шикастанд занҷиру ишғолҳо.

Тоҷикони Афғонистон фурсати барои ҳадафҳои дигарон мубориза бурданро надоранд. Роҳи асосӣ ва меҳварии онҳо дар ояндаи наздик басиҷ сохтани тамоми мардум бар зидди таҳдиду хатарҳои тамаддунӣ мебошад. Муттаҳид шудан дар атрофи раҳбарони асил, ки дар байни аҳолӣ обрӯву эътибор доранд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тарҳрезии барномаи дарозмуддат барои эҳёи нуфузу мақоми шоистаи тоҷикон метавонад роҳи ҳалли қазияи Афғонистон ва сарнавишти ояндаи минтақаро рақам бизанад.

Таърих амалан такрор намешавад, вале чи тавре ки олими рус Ключевский В.О. гуфтааст: «Таърих мураббӣ нест, маҳкумкунанда аст, он тарбия намекунад, ҷазо медиҳад» (История не учитель, а надзирательница, она не воспитывает, а только наказывает).[41]

Ҳамин тариқ, бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ ва қудрати худӣ рушду нумуъ хоҳад кард. Тамаддуни шуҳратёри тоҷик ва форсизабонон тавъам бо тафаккури миллӣ мавқеи хос дорад, яксубин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои созу барги давлати ояндаи пасотолибӣ ва тарбияи инсони ормонӣ дар Хуросони таърихӣ ва Афғонистон кунунӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар фарҷоми таҳлилномаи имрӯза ба натиҷае мерасем, ки фарҳанги тоҷик ҷузъи тафаккури мардуми Афғонистон гаштааст, ки нишонаҳои он дар аъмоли завқӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ҳунар, умури давлатдорӣ ва ҳувиятӣ дида мешавад. Касе ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби минатюраи рассомони Ҳирот, аз ҷумла Камолиддин Беҳзод эҷод шудааст, ки бори дигар гуфтаҳои моро дар ин робита тасдиқ менамояд.

Аз ин рӯ, бояд бознигарии илмии омӯзиши шахсият ва мақоми Ҳабибуллои Калаконӣ дар таърихи минтақа роҳандозӣ карда шавад;

Шароити шикасти асорати 180 солаи зеҳнияти қабилавӣ аз ҷониби ӯ олимона бар усули ҳақиқати таърихӣ пайгирӣ карда шавад;

Барчаспҳои норавои «бачаи Сақо» ва дигар лақабҳои дар матбуот ва пажӯҳишҳои илмӣ ба Ҳабибуллои Калаконӣ додаанд, ҳазф гардад;

---

[40] Раҳмон Ҳ. Соярӯшанҳои сарнавишти тоҷикони Афғонистон. «Минбари халк». №13 (1410).

[41] Ключевский В.О. Афоризмы. //Электронный ресурс: https://eksmo.ru. Дата обращения 19.05.23.

Китобҳои «Сақавии дуввум» ва амсоли он ҳамчун хилофи асолати илмӣ ва тафриқаандозӣ маҳкум карда шаванд;

Китоби Латиф Каримӣ «Яғмои мангалии дуюм» ба хатти кириллӣ баргардон карда шавад;

Бар низоми мардумсолорӣ, айёрӣ ва ҷавонмардӣ дар пешбурди ҳукуматдорӣ ҳамчун унсури қудрати худии Ҳабибуллои Калаконӣ бо такя бар пойгоҳи қавии илмӣ-пажӯҳишии мактаби афғонистоншиносии тоҷик ва бар усули бетарафии муарриху таърихнигорӣ таъкид карда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Афғонистони имрӯз, -Душанбе, 2018.
2. Ёддоштҳои Халилуллоҳ Халилӣ (зери назари д.и.т., профессор Искандаров Қ.). -Душанбе, 2020.
3. Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих. -Кобул, 2002.
4. Ғубор М. Ҷуғрофиёи таърихии Афғонистон. – Кобул, 2005.
5. Имом Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дувуми қарни XIX ва қарни XX. Душанбе , 2003.
6. Каримӣ Л. Яғмои мангалии дуввум. -Кобул. - 2001.
7. Назаров Ҳ. Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон, -Душанбе, - 2003.
8. Назаров Х. Народные и просветительско-антифеодальные движения в Афганистане (конец XIX и начала XX веков): автореферат диссертации доктора ист. наук. – Москва – 1957.
9. Назаров Х. Очерк по истории Кухистана во второй половине XIX и начало XX вв: дис…канд.ист.наук – Сталинабад. –1957.
10. Раҳмон Ҳ. Соярӯшанҳои сарнавишти тоҷикони Афғонистон. //Ҳафтаномаи «Минбари халқ». -Душанбе, №13 (1410). Санаи нашр: 05.04.23.
11. Халилӣ Х. Айёре аз Хуросон (бо муқаддимаи Восифи Бохтарӣ). -Кобул, 2014.
12. Искандаров Қ., Давлатов Р., Абдуллоев Р. Афғонистони имрӯз: омилҳои дохилӣ ва хориҷии ҷангу сулҳ. – Душанбе. - 2018.
13. Искандаров Қ. Тоҷикони Афғонистон дар раванди рақобатҳои қавмию сиёсии кишвар // Паёми ДМТ. – 2017. - № 3 (6).
14. Искандаров Қ. Ба қудрат расидани «Толибон» ва сарнавишти тоҷикони Афғонистон. //ҳафтаномаи «Ҷумҳурият №79(24690) аз 17.04.23.
15. Искандаров К. Ҳоло толибон дуо мекунанд, то амрикоиҳо ба Афғонистон баргарданд. //www.millat.tj//. //Электронный ресурс// К.Искандаров. В настоящее время талибы мечтают, чтобы американцы вернулись в Афганистан. //www.millat.tj//. (дата публикации 17.12.2021г.).
16. Навид С. Афғонистон дар аҳди амония (Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳавуллоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон 1919-1929). – Кобул, -2009.
17. Қодиров Д.С. Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон. //Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих. -Душанбе. - 2020.
18. Самсур А. Сақовии дувум. Мутарҷим Халилулло Вадод Бориш. Кобул, 1999.
19. Назаров У.Қ. Таҳқиқоти саҳроии муаллиф дар ш.Ҷабул-ус-Сироҷ, м. Панҷшер, Калакон, Чоряккор, Упёни Шариф, Кобул, Мазори Шариф, Тахор, Кундуз

ва Файзободи Афғонистон вобаста ба дарёфти маълумоти илмӣ дар бораи ҳаёти Ҳ.Калаконӣ ва дигар шахсиятҳои таърихӣ дар солҳои 2003-2008 ва 2016-2019.

## ХАБИБУЛЛО КАЛАКАНИ – ВОЗРОДИТЕЛЬ ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКСКОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ В ИСТОРИЧЕСКОМ ХОРАСАНЕ

**НАЗАРОВ УМЕД**
соискатель Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ

*В данной статье рассказывается об одном из видных деятелей таджикского происхождения начале 20 века в современном Афганистане Хабибулле Калакони. Отмечено, что таджики и персоязычные жители Хорасана издревле проживали на этой земле и внесли свой вклад в ее историю и развитие. Хотя некоторые историки изображают Хабибуллу Калакони как «бунтующего» и «отсталого» человека, правда истории доказала ценный вклад этой личности в политическую и общественную жизнь соседнего государства.*

***Ключевые слова**: Хорасан, таджики, история, Хабибулла Калакони, Хакназар Назаров, Надир-хан, восстание, личность.*

## HABIBULLAH KALAKONI - THE REVIVER OF THE TRADITION OF TAJIK STATEHOOD IN HISTORICAL KHORASAN

**NAZAROV UMED**
**Competitor of the Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries NAST**

*This article tells about one of the prominent figures of Tajik origin in the early 20th century in modern Afghanistan, Habibullah Kalakoni. It is noted that Tajiks and Persian-speaking inhabitants of Khorasan have lived on this land since ancient times and have contributed to its history and development. Although some historians depict Habibullah Kalakoni as a "rebellious" and "backward" person, the truth of history has proved the valuable contribution of this person to the political and social life of the neighboring state.*

***Keywords**: Khorasan, Tajiks, history, Habibullah Kalakoni, Haknazar Nazarov, Nadir Khan, uprising, personality.*

## ТАСВИРИ ВОЖАҲОИ ҲАРБӢ ДАР ОСОРИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС

**БОЙЗОДА Ҷ. Ҷ.**
дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятии Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия. email: 935082145@mail.ru

**ГАДОЗОДА М. Д.**
н.и.ф., муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода. Тел: 93 446 10 45. email: gadozodam19@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои истифодаи вожаҳои ҳарбӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нақши ҳарбиён ва силоҳу лашкардориро дар адабиёти классикии ниёгони мо сар то по дучор шудан мумкин аст, зеро дар ин давраҳои таърихӣ воқеаҳои зиёди лашкаркашӣ сар задаанд, ки таъсири он дар ҳар давраи таърихӣ аз рӯйи осори мутафаккирон баръало мушоҳида мешавад.*

*Оид ба инкишоф ва иқтидори баланди санъати ҳарбии Мовароуннаҳру Хуросон асарҳои зиёди таърихию бадеӣ таълиф гардидаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳои ҳарбӣ дар асари «Гуштоспнома” ва бахусус дар аҳди Сомониён дар “Шоҳнома” ва “Қобуснома” ва ғайра инъикос ёфтаанд.*

***Калидвожа:*** *тасвир, ҳарбиён, осор, мутафаккир, тоҷику форс, таърих, силоҳ, лашкар.*

Забони тоҷикӣ бо осори гаронбаҳои худ аз замони бостон то ба имрӯз таваҷҷуҳи олимону ховаршиносони дохилию хориҷиро чунон ҷалб намудааст, ки идае аз онҳо умри пурбаракати худро бо таҳқиқи асарҳои илмию бадеии бо ин забон таълифшуда, фидо намудаанд. Ҳамон тавре ки муҳаққиқ Сулаймон Анварӣ дар рисолаи “Вожаҳои низомӣ дар “Шоҳнома” баён намудааст: “Бинобар далоил ва сарчашмаҳои муътамад пояи забони порсӣ дар асри IX-X устувор гардид ва ин давра дар таърихи тамаддуни мардуми Иронзамин бо номи замони ташаккул ва ҳам рушду нумӯи порсӣ (порсии дарӣ) шинохта шуд” [1, с.3]. Ҳамин аст, ки ховаршиносони машҳур, чун С. Айнӣ, Б. Ғафуров, Е. Э. Бертельс, А. Н. Болдырев, М. Н. Османов, Э. Браун, Н. Маъсумӣ, Саъид Нафисӣ ва дигарон дар таълифоти хеш ин ақидаро таъйид намудаанд.

Нақши ҳарбиён ва силоҳу лашкардориро дар адабиёти классикии мо сар то по дучор шудан мумкин аст, зеро дар ин давраҳои таърихӣ воқеаҳои зиёди лашкаркашӣ сар задаанд, ки таъсири он дар ҳар давраи таърихӣ аз рӯйи осори мутафаккирон баръало мушоҳида мешавад. Аз рӯйи нигоштаҳои шарқшиносони рус Литвинский Б. А. ва Пьянков И.В. ин ҷарраён барои мардуми Осиёи Миёна санъати воло ва пешрафта баён шудааст. [4, с.78].

Оиди инкишоф ва иқтидори баланди санъати ҳарбии Мовароуннаҳру Хуросон асарҳои зиёди таърихию бадеӣ таълиф гардидаанд. Мафҳумҳои ҳарбӣ дар асари «Гуштоспнома”, бахусус дар аҳди Сомониён дар “Шоҳнома” ва “Қобуснома” инъикос ёфтаанд. Оид ба инкишоф ва нақши ҳарбиён, инчунин оид ба иқтидори ҳарбии замони Сосониён тадқиқотчии рус Иностранцев К. А. кори илмӣ низ анҷом додааст.

Муаррих Беленицкий А.М. дар осори тадқиқотии худ, аввалин бор дар бораи яроқҳои оташфишони сарзамини Мовароуннаҳр ба монанди қушханҷар, туфанг, раъд, дег, зарба ёдоварӣ кардааст [2, с.120]. Муборакшоҳ – муаррихи форсзабон ва донандаи илми ҳарбӣ, номи аслиаш Фахриддин Муборакшоҳи Марвазӣ буд, ки аз тарафи модариаш ба хонадони Ғазнавиён рафта мерасад. Ба қалами ӯ асари гаронбаҳои «Адабу ҳарб ва шуҷоат» тааллуқ дорад, ки дар асри XII таълиф гардидааст. Аз ин рисола се нусхаи дастхатти аслии он дар китобхонаи ш. Рашпури Ҳиндустон ва ду нусхаи дастхатти он дар шаҳри Лондон маҳфуз шудааст. Шарқшинос ва адабиётшиноси англис Элмонд Клифорд Босворд дар асараш “Таърихи Ғазнавиён”, дар бораи ин асар равшанӣ андохта, қайд мекунад, ки асари мазкур оид ба санъати ҳарбии тоҷикон ганҷи бебаҳо мебошад [5, с.220].

Ҳамчунон, ки худи муаллиф дар сарсухани асар менависад, ӯ то андозае дар бораи воқеаҳои таърихӣ, адли шоҳон ва тарзи идораи давлатдории онон, санъати ҳарбӣ

ва ҷобаҷогузории сипоҳиён, интихоби майдони ҷанг ва тарзу намудҳои ҷанг маълумот додааст. [5, с.120].

Панҷ боби аввал ба таърихи шоҳигарии Каюмарс то Ширӯяю Ҳушанг бахшида шудааст. Боби шашум дар бораи сафирон ва муносибатҳои хориҷии давлат, боби ҳафтум дар бораи маслиҳатҳо оиди ходимони ҷанг ва интихоби вазирон, боби ҳаштум дар бораи бартарии асп ва истифодаи он дар корҳои ҳарбӣ, бобҳои нуҳум ва даҳум дар бораи наслҳои асп ва омӯзиши он, тарбия ва табобати он, боби ёздаҳум дар бораи яроқ ва тарзи истифодаи он, боби дувоздаҳум дар бораи лашкару силоҳ, боби сенздаҳум дар бораи роҳҳо ва ташкили лашкаргоҳҳо (лагерҳо), боби чаҳордаҳум дар бораи роҳҳои муҳофизати ақибгоҳ, боби понздаҳум дар бораи гузаронидани ҳуҷумҳои шабона (шабехун), боби шонздаҳум дар бораи муҳофизат ва қоидаҳои ҷанги зеризаминӣ, боби ҳабдаҳум дар бораи интихоби майдони ҷанг, боби ҳаждаҳум дар бораи саркашии ҷанговарон, боби нуздаҳум дар бораи ҷойгиршавии ҷангиёни каторӣ, боби бистум дар бораи бурдани ҷанг ва бодиккатии сарлашкарон, бобҳои бисту якум то бисту сеюм дар бораи санъати ҳарбӣ ва қоидаҳои ҷанг, боби бисту чаҳорум дар бораи қушунҳое, ки дар вилоятҳо ҷамъ карда мешаванд, боби бисту панҷум дар бораи ҷиҳод ба муқобили кофирон, боби бисту шашум дар бораи ҷамъоварии хироҷ аз кофирон, боби бисту ҳафтум дар бораи дидбонгоҳ ва ҳушёрӣ, боби бисту ҳаштум дар бораи нуфузи лашкар, боби бисту нуҳум дар бораи муваффақият ва рӯзи ғалаба дар муҳориба, бобҳои сиюм ва сиву якум дар бораи ҳавасмандӣ ва ҷазодиҳии ҷанговарон, боби сию дуюм дар бораи тарбияи ҷанговарон, боби сию сеюм дар бораи даъват ба қаҳрамонӣ ва мубориза ба муқобили тарсӯйи, боби сию чаҳорум дар бораи дастурҳо барои шоҳон ва сарлашкарон сухан меравад. Боби сию панҷуми асар дар барои номҳои рамзии аспон бахшида шудааст, ки дар идомаи он, аз аспҳои шахсони таърихӣ ҳам зикр шудаанд. Ба монандӣ: ҳанги Хусрав, шабдизи Парвиз, рахши Рустам, саноби Яздигурд, зарди Баҳром, гулгуни Исфандиёр, сиёҳи Ҷамшед, саманди Кайхусрав, бурёи Бежан, аблаҕи Анушервон ва ғайра. Дар асар низ боби алоҳида дар бораи саворагон дар мисоли «аспсаворӣ» бахшида шудааст [5,120]. Ҷолибии асар дар он аст, ки онро донандаи илми ҳарбии замони худ иншо карда, дар бораи корҳои ҳарбии асри XIII, халқҳои ориёӣ, ҳамзамон, ҳикояҳои таърихию қаҳрамонии шоҳон ва ҳарбиён ҳикоят мекунад.

Дар асар низ мақолаҳо ва ёддоштҳо ба шакли дастурнома барои ҷанговарон оварда шудааст, ба монандӣ: «Ҷанг – ин фиреб ва муғамбирист, агар шумо махсусияти ин гуфтаро ба инобат гирифтед, ҳама вакт ғолиб меоед», «Дар ҷанг санъат беш аз қувва аст», «Ҷосусӣ – ин муҳофизати лашкар аст», «Душмани худро бузург шумор», «Камбағалии лашкар – нофаҳмист» [5,134]. “Адабу ҳарб ва шуҷоат”-и Муборакшоҳ сарчашмаест, ки хеле аҳамияти калони тарбиявӣ дошта, инсонро ба ватандӯстиву хештаншиносӣ даъват мекунад. Ӯ қайд менамояд, ки ҷанговар ватани худро бояд дӯст дорад, дар назди дигарон гузаштаи онро сиёҳ накунад, ҳар як хатогӣ ва комёбии гузаштаи онро донад, фаҳмад ва бахшад. Лашкар ва ҷанговарон бояд бузургӣ, зебоӣ ва шуҳрати гузаштагону ниёгони худро эҳтиром намояд. Ҳамеша, дар ҳама ҷо ба Савганди худ содиқ бошад ва ватани худро сидқан дӯст дорад.

Агар мухтасар карда гӯем, асари мазкур яке аз асарҳои муҳимми асримиёнагӣ ба шумор меравад, ки дар он доир ба таърихи сиёсӣ ва ҳарбии давлати тоҷикон ва вожаю ибораҳои ҳарбиён бисёр моҳирона ва мақсаднок тасвир гардиданд, ки то ба имрӯз мавқеи худро аз даст надодааст.

Дар замони Сомониён таъмини гвардияи подшоҳӣ ва ташкили ҳамаи корҳои ҳарбӣ бар уҳдаи девони «Соҳиб-уш-ушрот» вогузор шуда буд. [3, с.235]. Ҳамзамон, дар назди девони мазкур конселярияи махсус, ки дар асар бо номи «девони арз» баён шудааст, ба хазинаи қушун ва ҷараёни пардохти маоши низомиён вобаста буд, ки дар як сол чор маротиба ба интизом, сарулибоси ҷангӣ ва таъмини озуқавории лашкар роҳбарӣ мекард. Масалан, буҷаи умумии ҳукумати Сомониён, агар дар давоми сол барои волии (вилоят)-и Хуросон тақрибан 45 миллион дирамро ташкил мекард, аз ин маблағ 20 миллион дирам барои таъмини мансабдорону амалдорони давлатӣ ва нигаҳдории қувваҳои мусаллаҳ хароҷот мешуд. Лашкари Сомониён ба ду намуд: тарбияи кадрии доимӣ ва қушуни халқии муваққатӣ ҷудо мешуд. Ба андешаи Истахрӣ ва Ибни Ҳаввал мамлакат ба волиҳо ҷудо карда шуда, ҳар яки онҳо шумораи муайяни лашкари халқиро пешкаш мекарданд. Лашкари халқӣ аз деҳқонони озод ва намояндагони табақаҳои доро ва осудаҳол таркиб меёфт. Онҳо дар ҳолати хабари ҳарбӣ бо аспҳо ва ҷиҳози ҷангӣ ҳозир мешуданд. Сарҳадҳои давлатро дастаҳои мусаллаҳи ҳокимони маҳаллӣ, пеш аз ҳама ғозиён муҳофизат мекарданд. Гвардияи дарборро асосан ғуломони ҷавони туркӣ ташкил медоданд. Сипоҳсолори он Алптегин – 2700 нафар ҷанговарон дошт.

Мутафаккир ва шоири барҷастаи тоҷик ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ низ дар асари безаволи худ “Шоҳнома” аз ҳаёту воқеаҳои таърихию дастовардҳои миллати тамаддунофари тоҷикон қисса мекунад, ки бисёр моҳирона ба риштаи назм даровварда шудааст.

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
К- аз боду борон наёбад газанд.

Ин достони овозадори рамзӣ, ки дар саҳифаҳояш таърихномаи ин кӯҳанзамин бо ранги ҷолиб таҷаллӣ ёфтаанд, номи Фирдавсиро ба ҳайси як шоири меҳанпараст, инсондӯст ва муборизаи роҳи озодӣ нишон дода, бо далериву ҷасурӣ аз кори аҷдодони хеш тухми суханро ороста кард.

Бояд зикр намуд, ки «Шоҳнома» - ро дар сарчашмаҳои таърихиву адабӣ вобаста ба мавзуи асосии он «Ҷангнома» номидаанд ва ин қиёс ба он хотир хоҳад буд, ки он саропо ифодагари далериву ҷасурии мардуми тавонманди тоҷикон буда, аз эшон даъват шудааст, ки ба рағми бегонагон, яъне душманон дар мавқеи мубориза қарор дошта бошанд. Тасвири набард дар корзори Фирдавсӣ, чунон моҳирона суханварӣ шудаанд, ки ин ҳунари шоир гувоҳӣ аз огаҳии ӯ перомуни масъалаҳои низомист.

Сюжети асосии «Шоҳнома» аз оғоз то анҷом фарогири ҳарфи сулҳу оштӣ, ҳарбу зарб буда ва дар паҳлӯи он аз равиши ҷангу мубориза ва чорасозии паҳлавонони майдон ҷиҳати барканор сохтани душман низ дарак медиҳад.

Ба андешаи донишманди лаҳистонӣ Т. Ковальский ва донишманди эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ «Шоҳнома» асарест, ки ифодагари мафҳумҳои амалиёти низомӣ, номгӯи қаҳрамониҳои ҷанговарон, ҳайати фармондеҳон, дараҷа (рутба) – ҳои низомӣ ва ифодагари майдони набард мебошад. Луғатшиноси Шӯравӣ Сороколетов Ф.П. бошад, ба ин маънӣ афзудааст: «Танҳо мазмун ва ғояи асар зарурати истеъмоли луғати ҳарбиро ошкор хоҳад кард».

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки «Шоҳнома» ба он андоза фарогири мафҳумҳои рамзӣ мебошад, ки он дар таърихи адабиёти ориёӣ беҳтарин таҷассумкунандаи ҳунари низомии мардум мебошад.

Вожаҳои низомие, ки дар асар садо медиҳанд хеле соддаю дилчасп мебошанд, ба мислӣ: лашкару сипоҳ, саворони найзагузар, саворони диждор, шоҳ, шоҳи ҷаҳон, шоҳи итӣ, шоҳони гурд, шоҳи озодмард, шоҳаншоҳ, шаҳриёр, сарлашкар, сарҷанг, меҳвар, номвар (рутбаи ҳарбӣ), мубад, мубади мубадон, паҳлавон, гурд, ял, камонвар, найзадор, гурҷдор, камонкаш, шамшеркаш, тир, найза, камон, шамшер, хокзор, алмос, кайҳон, сипор, ҷавшан, кулоҳ, киштӣ, заврақ, маллоҳ, дидбон, камин, дилогоҳ, марзбон, шайхур, ҷарас, ҷанг, табира, табл, борбат ва ғайра.

Басе ранҷ бурдам, бад-ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам, бад-ин порсӣ.

Инчунин, аз шоҳбайтҳои асари безаволи «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ бармеояд, ки ҳаёти афсонавӣ ва таърихии халқҳои эронинажодро тасвир намуда, воқеаҳоро ба ҳаёти замони худ наздик ва алоқаманд кунонидааст.

Замони Фирдавсӣ даврае буд, ки мавҷудияти давлати Сомониёнро ҳуҷумҳои душманони хориҷӣ ва муборизаҳои байнихудии дохилӣ дар зери хатар мегузоштанд. Дар чунин шароит ғояҳои ҳимояи Ватан, садоқат ба он, муттаҳидшавӣ, қаҳрамонӣ ва далерӣ, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд, аҳамияти калони ватанпарварӣ доштанд.

Асарҳое, ки мо дар мақола аз онҳо ном гирифтем дар таърихи адабиёти мо шумораашон хело зиёд аст ва ҷавҳари асосии онҳо сартопо дар баргирандаи андешаҳои солим, устувор сохтани ҷомеи инсонӣ, эҳёи оини нигон, зинда намудани ҳуввияти миллӣ, дустдоштани Ватан-модар, масъулияшинос будан дар назди халқу миллати хеш ва ҳатто даъват намудани ҳамаи халқиятҳо ба дӯстию бародарӣ мебошанд, ки ин шоҳасарҳо ба хазинаи тиллоии таърихи мо дохил мешаванд, ки онҳо дар навбати дигар, заминаи асосии масъалаҳои инкишофи санъати рамз, шеваи мусаллаҳсозии сипоҳиён, аркони муҳофизати лашкару сипоҳи давлатии армонии шоир маънидод мешавад. Ҳамзамон, монандии артишу сипоҳи тавонманди Тоҷикистони соҳибистиқлоли имрӯзаро дар он бинем.

**АДАБИЁТ**:


1. Анварӣ С. Вожаҳои низомӣ дар “Шоҳнома”.- Душанбе: Маориф, 1994.-117 с.
2. Беленицкий А.М. О появлении и распространении огнестрельного оружия в Средней Азии и Иране в 14-16 веках,- Изв.Тадж. ФАН СССР, 1949, №5.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. Ҷилди якум.- Душанбе. 1998. - С. 455.
4. Литвинский Б. А., Пьянков И.В. Военное дело у народов Средней Азии 6-4вв. до н.э.—ВДИ,1966, №3. – 78 с.
5. Мубаракшах Шариф Мухаммад Мансур. Адаб-ал-харб ва ш-шуджаат (Правила ведение войны и мужество). Пер. с классического таджикского(персидского) языка, передисловие и примечания Дж.Наджмудиновой и С.Ш. Шохуморова. - Душанбе, 1997.-300с.
6. Элмонд Клифорд Босворд Ғазнавиёти мутаахир. Тарҷумаи Абдулваҳоби Фаноӣ. – Кобул,1367ҳ. (1947м.). - 501с.


## ОПИСАНИЕ ВОЕННЫХ СЛОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ТАДЖИКСКИХ И ПЕРСИДСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ

**БОЙЗОДА Дж. Дж.**

доцент кафедры общественных дисциплин Академии МВД Республики Таджикистан, полковник милиции. email: 935082145@mail.ru

**ГАДОЗОДА М. Д.**
к.ф.н., старший преподаватель кафедры теории и истории литературы ГМУИЯ С. Улугзаде
Тел: 93 446 10 45. email: gadozodam19@mail.ru

*В статье рассматривается анализ военных слов в произведениях таджикских и персидских мыслителей. Роль воинов и оружия можно найти в произведениях нашей классической литературе, потому что в разных исторических стадиях было много военных событий, влияние которых можно отчетливо увидеть в трудах мыслителей в каждом историческом периоде.*

*О развитии и высоком потенциале военного искусства Восточного Хорасана написано немало историко-художественных произведений. В частности, военные концепции отражены в произведении «Гуштоспнаме» и особенно в период саманидском завете именно в «Шахнаме» и «Кабуснаме».*

***Ключевые слова:*** *образ, воины, артефакты, мыслитель, таджикско-персидский, история, вооружение, войско*

## DESCRIPTION OF MILITARY WORDS IN THE WORKS OF TAJIK AND PERSIAN THINKERS

**BOYSODA J.J.**
Associate Professor of the Department of Social disciplines of the Academy of the Ministry of internal Affairs of the Republic of Tajikistan, police colonel. E-mail: 935082145@mail.ru

**GADOZODA M.D.**
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer of the Department of Theory and History of Literature of the International University of foreign languages of Tajikistan named after S. Ulugzada. Tel: 93 446 10 45. E-mail: gadozodam19@mail.ru

*The article deals with the use of military words in the works of Tajik and Persian thinkers. The role of warriors and weapons can be found in our classical literature, because during these historical periods there were many military events, the influence of which can be clearly seen in the writings of thinkers in each historical period.*

*Many historical and artistic works have been written about the development and high potential of the military art of Eastern Khorasan. In particular, military concepts are reflected in the work of "Gushtospnoma" and especially in the Somoni testament in "Shohnoma" and "Qabusnoma", etc.*

***Keywords****: image, warriors, artifacts, thinker, Tajik-Persian, history, weapons, army*

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# МОДЕЛИ МУОСИРИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ЧИН

**ҲАБИБОВ АБДУРАҲМОН ҲАКИМБОЕВИЧ**
номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Имрӯз дар бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба таҷрибаи дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии мардумии Чин (ҶМЧ) бештар диққат медиҳанд. Бисёре аз муҳаққиқон ва сиёсатмадорон пешниҳод карданд, ки паҳлуҳои муфидро аз таҷрибаи Чин гирифта, бештар ба хусусияти иҷтимоииислоҳоти Чин дар муқоиса бо дигар кишварҳо ишора карданд. Дар таҷрибаи Чин пеш аз ҳама тадриҷан дигаргунсозӣ фарқ карда шуд. Ғайр аз ин, тараққиёти иқтисодиёти ҶМЧ дар давоми даҳсолаҳои охир далели имконият ва зарурияти нигоҳ доштани ҳамаи он дастовардҳое гардид, ки дар давраи сохтмони сотсиалистӣ ҷамъ карда шуда буд. Вай худро ҳамчун таҷассуми идеяҳои Сиёсати нави иқтисодӣ (НЭП), ки дар Иттифоқи Шуравӣ баён карда шуда буданд, дар бораи «сотсиализми бозорӣ» ва «роҳи сеюм» ба амал татбиқ гардонид. Дар ин замина модели чинӣ яке аз навъҳои «иқтисоди бозории иҷтимоӣ» гардид.*

***Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии мардумии Чин, рушд, соҳаи иҷтимоӣ, модел, иқтисодиёт, ислоҳот, хусусият.*

Стратегияи иқтисодӣ ва сиёсии Чин як модели истинод барои муттаҳиди намудҳои гуногуни идоракунӣ мебошад, ки номувофиқ ҳисобида мешуданд. «Низоми институтҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҶМЧ бо назардошти таҷрибаи таърихии миллатҳо барпо карда шудааст, афзалиятҳои низомҳои сотсиалистӣ ва капиталистиро ба ҳам пайваста, бартарии худро нисбат ба низоми америкоии капитализми олигархӣ ба таври боварибахш нишон медиҳад» [1].

Чини муосир аллакай пешвои технологӣ дар ҷаҳон аст. «Инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо ташаккули сохторҳои нави иқтисодӣ ва технологии ҷаҳонӣ алоқаманд аст, ки намунаи он ҶМЧ мебошад» [2]. Синологҳои варзидаи рус омилҳои асосии муваффақияти Чинро ба “нигоҳ доштани қудрат дар дасти Ҳизби коммунистии Чин (ҲКЧ) ва ватандӯстии мардуми он” марбут медонанд. Гумон меравад, ки муваффақияти ислоҳот аз ҷониби ҳукумат таъмин карда шуд, ки «он чизеро, ки Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) тавсия дода буд», иҷро накард, балки назорати корхонаҳои саноатиро нигоҳ дошт» [3, с. 14].

Марҳиланокии дигаргунсозиҳои бозорӣ «роҳи хитой»-ро аз таҷрибаи ислоҳоти низоми иқтисодӣ дар ҳамаи дигар мамлакатҳои сотсиалистӣ фарқ мекунад. Ғайридавлатикунонӣ дар ҶМЧ хеле суст давом дорад ва бахши хусусӣ на аз ҳисоби тағйир ёфтани шакли моликияти корхонаҳои кӯҳна, балки дар натиҷаи ба вуҷуд овардани корхонаҳои нави хусусӣ ташаккул ёфтааст. Банақшагирии марказӣ низ тадриҷан аз саҳна нест мешавад. Нақшаҳои панҷсола мақсади худро нигоҳ медоранд, вале на ҳамчун директива, балки ҳамчун параметрҳои нишондиҳанда. Чунин ба назар мерасад, ки чунин тағйирот, пеш аз ҳама, бо хусусияти низоми сиёсӣ пешакӣ муайян карда шудааст. Аввалан, ҳукуматдорон маҷбуранд, ки ақаллан як қисми унсурҳои

сотсиализмро дар иқтисодиёт нигоҳ доранд, ки онҳо ҳамчун зиреҳи берунӣ муҳиманд. Сониян, дар сурати набудани мухолифат, ба ғайр аз вариантҳои пешниҳодкардаи ҲКЧ ягон варианти алтернативии тараққиёт ба назар гирифта намешавад ва ҳатто ба миён намеояд. Дар баробари ин, бояд ба он иқрор шуд, ки то ин дам ҶМЧ ҳамеша пайдарҳамӣ ва бебозгашти дигаргуниҳоро ба назар гирифта буд — ҳанӯз ягон ҳодисаи ҳаракати «қафогардӣ» ба амал наомадааст.

Мисоли боварибахш таърихи «кашфиёт»-и муносибатҳои иқтисодии берунии ҶМЧ шуда метавонад [4, с. 106-109]. Раванди озодгардонии савдои берунӣ дар Хитой, чунон ки маълум аст, соли 1978 бо оғози ислоҳоти иқтисодӣ сар шуда буд ва агар пурра барҳам додани монополияи давлатиро дар савдои берунӣ ва муомилоти пул дар назар дошта бошем, тақрибан 15 сол тӯл кашид. Баъзе унсурҳои низоми пештара, масалан, монополияи давлатии савдои ғалла то вақтҳои охир нигоҳ дошта мешуданд. Аммо худи қадамҳои аввалин дар ин роҳ, бешубҳа, хеле қатъӣ буданд. Дар соли 1979 ғайримарказкунонии идораи савдои берунӣ сар шуд: ғайр аз Вазорати савдои берунӣ ба вазоратҳои соҳавӣ ва ҳукуматҳои музофотҳо ҳам ҳуқуқи ташкили ташкилоти савдои берунӣ дода шуд. Дар натиҷа шумораи ин ташкилотҳо 100 баробар (!) афзуд — аз 12 воҳиди соли 1978 дар соли 1984 ба 1200 расид. Соли 1979 инчунин қонун дар бораи корхонаҳои муштарак қабул карда шуда, соли 1980 аввалин минтақаҳои махсуси иқтисодӣ пайдо шуданд. Дар соли 1984 қадами муҳими навбатии институткунонии низоми нав гузошта шуд, яъне маҷмуи қонунҳои ислоҳот қабул гардид, ки ҳуқуқҳои воҳидҳои иқтисодиро дар соҳаи иқтисоди берунӣ хеле васеъ намуданд. Ба корхонаҳои алоҳидаи калон иҷозат дода шуд, ки муомилоти савдои беруниро аз номи худашон пеш баранд, ташкилоти савдои берунӣ тадриҷан ба ҳисоби хоҷагӣ («низоми худтаъминкунӣ») гузаронда шуданд, дар низоми нақшакашӣ бо мақсади паст кардани шиддат тағйироти ҷиддӣ ба амал омад — шумораи нишондиҳандаҳои маъмурӣ хеле кам шуд, ба корхонаҳо иҷозат дода шуд, ки як қисми даромадро нигоҳ доранд. Соли 1985 низомномаи нави гумрукӣ қабул шуд ва тарофаҳо тадриҷан ба танзимгари асосии чараёни воридот табдил ёфтанд.

Ба ҳамин тариқ, дар Чин раванди «дур шудан» аз протексионизми шӯравӣ ва ташаккули ниҳодҳои иқтисодиёти кушод (нисбатан) солҳои зиёд кашол ёфт. Муваффақиятҳои мамлакат дар бозорҳои ҷаҳонӣ далели боварибахш ба тарафдории ин раванд барои гузаронидани ислоҳот, аз ҷумла дар соҳаи ташкил ва барқарорсозии робитаҳои берунии иқтисодӣ гардид. Бо вуҷуди ин, ин таҷриба дар Аврупо ва фазои пасошӯравӣ аслан мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифт. Фақат Ветнам, ки монанди Чин Ҳизби коммунистӣ мавқеи худро ҳамчун «қувваи роҳбару роҳнамо» нигоҳ доштааст, ҳамин гуна роҳро пеш гирифт.

Дар ҶМЧ ислоҳот дар бахши иқтисодии берунӣ, чунон ки маълум аст, назар ба тамоми ҷаҳони сотсиалистӣ даҳ сол пештар сар шуд. Он вақт ин кишварҳо ҳанӯз афзалиятҳои ҳамгироии иқтисодии сотсиалистӣ — мустақилиятро аз тағйироти конъюнктураи ҷаҳонӣ, низоми нақшакашӣ ва шарикиро ба муқобили унсурҳои бозор ва рақобат нишон медоданд. Аз солҳои 60-ум инҷониб Чин аз неъматҳои тақсимоти байналхалқии сотсиалистии меҳнат, дар миқёси муқоиса бо дигар мамлакатҳои сотсиалистӣ камтар истифода мебурд. Дар муомилоти савдои берунии он ҳиссаи мамлакатҳои индустриалӣ марҳила ба марҳила меафзояд: дар соли 1980 аллакай 73 фоиз ва соли 1986 — 80 фоизро ташкил дод. Эҳтимол, маҳз муқовимати доимӣ бо

воқеияти шадиди бозорҳои ҷаҳонӣ, зарурати беҳтар ба назар гирифтани хароҷоти муқоисавӣ ҳангоми муайян кардани самаранокии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ оғози пештари тағйиротро дар Чин муайян кардааст. Дар фазои пасошӯравӣ, инчунин дар кишварҳои Аврупои Шарқӣ, дигар захираи вақт бароиислоҳоти низоми пешин ва муҳимтар аз ҳама, заминаҳои сиёсӣ барои нигоҳ доштани он ҳатто дар шакли тағйирёфта вуҷуд надошт. Дар он вазъият ба ин мамлакатҳо ба ғайр аз тағйирёбии якбораи тартиботи иҷтимоию иқтисодӣ бо тамоми оқибатҳои ногузир ягон варианти дигари дигаргунсозӣ қариб набуд.

Муваффақиятҳои Чин дар мубориза ба муқобили қашшоқӣ хеле назаррас аст. Аз он вақте ки дар иқтисодиёт прагматизми бозор ҳукмрон буд, мамлакат ба таври ҳақиқатан «ҷаҳиши бузург» — аз «коммунизми ҷангӣ» ба дараҷаи мамлакати муътадил тараққикардаи Осиё гузашт. Дар Съезди XIX ҲКЧ мақсади тараққиёти дарозмуддат муайян карда шуда буд: дар давраи якум (солҳои 2020—2035) сохтмони «ҷамъияти синфи миёна» ва дар марҳалаи дуюм (солҳои 2035-2050) пурра онро ба «ҷомеаи сарватмандии умумӣ» табдил додан [5]. Шароити ноил шудан ба ин мақсадро бо назардошти чунин як ҷузъи муҳими сиёсати иҷтимоӣ, монанди таъминоти нафақа пайдо кардан мумкин аст.

Бартарии рақобатпазирии Чин дар бозорҳои ҷаҳонӣ нисбат ба рақибонаш хароҷоти камтари музди меҳнат буд ва боқӣ мемонад. Маҳз ҳамин афзалият истеҳсоли маҳсулоти оммавиро арзон мекунад. Аммо ин, аз ҷумла, чунин маъно дорад, ки ширкатҳои чинӣ ба афзоиши ин гуна хароҷот ва ба қисми зиёди коргарон имтиёзҳои назарраси иҷтимоӣ додан манфиатдор нестанд.

Аз оғози ислоҳот то нимаи солҳои 1990-ум, дар даврае, ки кишвар суръати рекордии афзоиши ММД-ро нишон дод, бахши хусусии Чин умуман пардохти нафақаро анҷом надодааст. Мувофиқи он ба коргарони корхонаҳои хусусӣ нафақа дода нашуд. Соли 1997 бо қарори Шурои давлатӣ низоми нави нафақа қабул гардид: корманд 8 фоизи музди корро ба фонди нафақа пардохт мекунад ва корфармо фоизи муайяни (одатан 20 %) музди умумии тамоми коргарони худро месупорад.

Дар бораи андозаи нафақаҳо дар ҶМЧ имрӯз бо итминон хулоса баровардан душвор аст. Дар баъзе мақолаҳо оид ба низоми иҷтимоии Чин ҳарчанд бидуни истинод ба сарчашмаҳо нишон дода мешавад, ки нафақаи миёна дар кишвар 2400 юан (333 доллара США) ва дар баъзе минтақаҳо ва шаҳрҳои калон қариб ду баробар - 4100 юан (570 долларов США) зиёд аст [6]. Дар баробари ин маоши миёна ба 1323 (!) доллар расид. Манобеъи дигар гузориш медиҳанд, ки аз 231 миллион шаҳрвандони аз 60 боло танҳо 153 миллион нафарашон нафақа мегиранд. Ин ба тақсимоти мушаххаси аҳолии Чин, аз рӯи бақайдгирӣ ба аҳолии шаҳрҳо ва деҳқонон вобаста аст. Сокинони деҳот ба таври қонунӣ дар шаҳрҳо кор карда, мувофиқи он шартномаи меҳнатӣ баста наметавонанд. Маошашонро дар лифофа мегиранд. Дар ин корхонаҳо муҳосиботи ғайрирасмиро пеш мебаранд ва коргарон имконияти гирифтани суғуртаи иҷтимоиро надоранд. Дар баробари ин нишон дода мешавад, ки камаш 40 фоизи аҳолии ин кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунад. Сокинони деҳот, ки то соли 2000 умуман нафақа намегирифтанд, ҳоло, агар онҳо шартномаи меҳнатӣ дошта бошанд, нисбат ба шаҳрвандон то 10 фоизи даромади миёнаи моҳонаи вилоят (шаҳрҳо то 20%) мегиранд [7]. Тафовут дар таъминоти иҷтимоӣ ва музди меҳнат, аз ҷумла, бешубҳа дар сатҳи

муайян нигоҳ доштани захираҳои қувваи кории арзон, ки барои таъмини рақобатпазирии ҷаҳонии корхонаҳои Чин заруранд, мусоидат мекунад.

Музди миёнаи дар боло зикршуда дар Чин на камтар аз андозаи нафақаи миёна шубҳаҳоро ба вуҷуд меорад. Аз афташ, бояд ба назар гирифт, ки нишондиҳандаҳои миёнаи сатҳи даромади аҳолии ҶМЧ барои додани тасаввуроти боэътимод дар бораи сатҳи воқеии зиндагии аксарияти мардуми аҳолӣ кофӣ нест. Дар баробари ин дар тарғибот барои нишон додани муваффақияти «модели состиализми чинӣ» «нишондодҳои миёна» фаъолона истифода мешаванд.

Ҳарчанд «модели чинӣ» бебаҳс асолати худро дошта бошад ҳам, он дар асоси дигар моделҳои маъмули иҷтимой-иқтисодӣ поя задааст. Чӣ хеле ки ширкатҳои чинӣ дар мубориза барои мавқеъҳои бозорӣ аз технологияҳои коркардшудаи дигар кишварҳо фаъолона истифода мебурданд, модели чинӣ низ ба истифодаи унсурҳои гуногун асос ёфтааст. Ин як модели догматикӣ набуда, балки модели гибридӣ ва муҳимтар аз ҳама, прагматикӣ мебошад. Дар он паҳлуҳои гуногунро пайдо намудан мумкин аст. Аз як тараф, ин унсурҳои банақшагирии маъмурӣ, нигоҳ доштани моликияти сотсиалистӣ ба воситаҳои истеҳсолот, дар баъзе ҳолатҳо унсурҳои меҳнати маҷбурӣ, рӯзи кории номунтазам ва музди ночизи меҳнат мебошанд. Аммо, аз тарафи дигар, хусусиятҳои муайян мавҷуданд, ки имкон медиҳанд, ки "модели чинӣ" ҳамчун як навъи махсус тасниф карда шавад ва он хусусиятҳое, ки ба дастовардҳои назарраси иқтисодӣ оварда мерасонанд, муайян карда шаванд [4].

Барои муайян кардани модели чинӣ, фаҳмидани муносибати он бо модели иқтисоди бозории иҷтимоӣ муҳим аст. Охирин, чунон ки маълум аст, дар Олмони баъдиҷангӣ аз ҷиҳати назариявӣ кор карда баромада, дар амал ҷорӣ карда шуда буд. Формулаи «иқтисоди бозории иҷтимоӣ»-ро метавон бо мазмуни гуногун пур кард [8, с. 16], аммо барои муайян кардани худи ин модел, андешаи олимони олмонӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Ҳамин тариқ, Ралф Вробел, профессори Донишгоҳи илмҳои амалии Звикау, мутахассиси моделҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бар ин назар аст, ки Чин на танҳо мавқеи Ғарбро дар бозорҳо танг мекунад, балки модели амалкардааш ғояҳои бозори либералии ғарбиро аз байн мебарад. Ба гуфтаи профессор, ҶМЧ «кишвари сотсиалистӣ ва дар ҳоли рушд» буд ва боқӣ мемонад [9] ва дар таснифи моделҳои пешниҳодкардаи ӯ ба Чин ҷои алоҳида дода шудааст. Дар мавриди иқтисоди бозории иҷтимоӣ бошад, ин модел, ба гуфтаи коршиносони олмонӣ, то ҳол рақобатпазир ва ҷолиб аст. Ҳамин тариқ, аз панҷ кишвари пешсаф аз рӯи рақобатпазирӣ се кишвараш (Олмон, Шветсия, Нидерландия) иқтисоди бозоргонии ҳамоҳангшуда доранд, ки асоси модели иқтисоди бозории иҷтимоӣ мебошад.

Дар хусуси сиёсати иқтисодӣ бошад, дар амал ҶМЧ аз ба ном сотсиализми воқеӣ, ки онро бо ҳамроҳии ИҶШС дигар мамлакатҳои сотсиалистӣ ба амал гузарониданд, торафт дур шуда истодааст. Давраи НЭП-и шӯравӣ низ аз ҷиҳати миқёс ва аз ҳама муҳимаш аз ҷиҳати пайдарҳамии равандҳои ислоҳоти дар Чин баамалоянда тира мешавад. Чунон ки маълум аст, ҳатто назариячиёни он НЭП-ро ҳамчун «чораҳои муваққатӣ» пешниҳод карда буданд, ки дар давоми он муҳимтарин соҳаҳо ва корхонаҳо бояд дар ихтиёри давлати сотсиалистӣ монад. Дар Чин давлат ҳарчанд зина ба зина бошад ҳам, вале ногузир мавқеи худро дар иқтисодиёт аз даст медиҳад.

Дар солҳои 80-ум давлат дар иқтисодиёти ҶМЧ бартарӣ дошт — қариб 4/5 ҳиссаи маҳсулоти саноатро ташкил медод. Ҳоло бахши давлатӣ на бештар аз 40 фоизро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, коҳиши ҳиссаи бахши давлатӣ на аз ҳисоби кам шудани дастгирии он (корхонаҳои давлатӣ бо вуҷуди рақобатпазирии сусташон ҳанӯз ҳам осонтар қарз мегиранд), балки аз ҳисоби афзоиши шумораи ширкатҳои хусусӣ ва вусъат додани истеҳсолоти хусусӣ мебошад. Танҳо дар солҳои охир, вақте ки суръати рушди Чин коҳиш ёфт, ҳиссаи корхонаҳои давлатӣ каме афзоиш ёфт [10]. Ба ҳамин тариқ, модели чинӣ, ки аз рӯи динамикаи дар боло овардашуда баҳо дода мешавад, дар навбати аввал, торафт аз модели сотсиалистӣ дур шуда истодааст. Сонияи, нигоҳ доштани бахши давлатиро гарави муваффақиятҳои иқтисодӣ ва омили рушди иқтисодиёти ҶМЧ шуда наметавонад.

Баъзе муҳаққиқони хориҷа ба конфутсийпарастӣ дар фарҳанг ва анъанаҳо ҳамчун омиле ишора мекунанд, ки хусусияти тараққиёти ҶМЧ, аз ҷумла дар марҳалаи ҳозираро муайян мекунанд. «Эҳтимол, маҳз иерархияи модели идоракунии чинӣ, ки ба «мӯъҷизаи иқтисодии» Чин саҳм гузоштааст, ба ин мусоидан намуд, зеро интизоми қувваи корӣ, омодагии чиниҳо ба ҳалимона тоб овардан ба душвориҳо ва риояи фармонҳо омилҳое шуданд, ки суботи сиёсӣ ва интизоми истеҳсолии баланди иқтисодиро таъмин карданд» [11]. Чунин баҳо додан ба «саҳми» конфутсийпарастӣ дар муваффақияти модели чинӣ басо боварибахш менамояд. Аммо муваффақиятҳои Чини ҳозираро танҳо бо таъсири ин омил шарҳ додан хато мебошад. Конфутсийпарастӣ, пеш аз ҳама, риояи маҷмуи қоидаю анъанаҳои муқаррааргардидаро пешбинӣ мекунад. Ба ин маънӣ ин таълимот консервативӣ буда, ба ҷустуҷӯ ва истифода бурдани манбаъҳои асосан дохилии тараққиёт нигаронида шудааст. Иқтисодиёти муосири Чин бешубҳа архетип нест. Дар ин ҷо сухан бештар дар бораи модели иҷтимоию иқтисодӣ меравад, ки дар муқоиса бо низоми қаблӣ, ки дар он унсурҳои конфутсийизм низ ҳузур доштанд, бештар шиддатнок ва кушодатар мебошад. Аз рӯи як қатор нишонаҳо, сабаби асосии рушди бомуваффақияти Чин дар даҳсолаҳои охир ҳанӯз ҳам рад кардани ҳуруфот ва истифодаи прагматикии "ҳама чиз" - аз намунаҳои маҳсулот ва технологияҳои саноатӣ то стратегия ва усулҳои сиёсати иқтисодӣ мебошад.

Дар асоси сабабҳои номбурдаи муваффақияти Чин, мо метавонем хулосаҳои зерин барорем. Якум, модели чинӣ он қадар беназир нест, ки дар назари аввал ба назар мерасад ва таҷрибаи Чин метавонад ва бояд аз ҷониби кишварҳои дигар дар марҳилаи рушди пешрафта истифода шавад. Сонияи, ин моделро метавон як навъ модели Осиёи Шарқӣ арзёбӣ кард, ки муваффақияти ба истилоҳ "бабрҳо" ё "аждаҳо" - Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Ҳонконг ва Сингапурро пешакӣ муайян кардааст.

Ин кишварҳо, дар навбати худ, таҷрибаи пешқадами рушди Ҷопонро, ки аввалин шуда ин роҳро кушод, роҳнамоӣ мекарданд [12, с. 74-86]. Ба ғайр аз таҷрибаи истифодаи технологияҳои ғарбӣ ва таҷрибаи Япония, ки махсусан дар марҳилаи ибтидоӣ васеъ истифода мешавад, Чини муосир бо онҳо як қатор «хусусиятхои хос»-и умумиро дорад.

1. Ҳам Чин ва ҳам "бабрҳо" дар марҳилаи аввали рушди худ ба бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки Чин бо аҳолии сершумораш метавонад бештар ба бозори дохилӣ такя кунад, аммо ин дар сурати аз даст додани мавқеъҳо дар бозорҳои байналмилалӣ зарари онро фақат қисман ҷуброн мекунад. Қобилияти харидории бозори дохилӣ нисбат ба қобилияти харидории бозори Иттиҳоди

Аврупо ду баробар кам аст, ва бартарӣ дар бозорҳои хориҷӣ барои Чин монанди Кореяи Ҷанубӣ аҳамияти муҳим дорад. Тахмин кардан мумкин аст, ки Чин барои нигоҳ доштани мавқеи худ дар бозорҳои байналмилалӣ тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад. Баромадҳо дар бораи имкони таҷдиди самти сиёсати иқтисодӣ ба бозори дохилӣ эҳтимоли бештари рақибони геополитикиро гумроҳ кардан ва ҳадафҳои воқеиро рӯйпӯш кардан мебошанд.

2. Чин ва "бабрҳо" ба воридоти фановарӣ бархӯрди хеле мутавозин доранд. Роҳбарияти ин кишварҳо ба ҷараёни беназорати сармоягузории мустақими хориҷӣ шубҳа доштанд. Масалан, Чин дар ҳақиқат танҳо барои ворид шудан ба минтақаҳои махсус "дарҳоро боз кард". Ин «даркушоӣ» пеш аз ҳама ба чиниҳои «бурунмарзӣ» дахл кард.

3. ҶМЧ ва «бабрҳо» зери таъсири тарзи зиндагӣ ва тафаккури Осиёи Шарқӣ («Конфутсийпарастӣ») ҳаёту фаъолият мебаранд. Бо вуҷуди ин, он дар сатҳҳои равонӣ ва иҷтимоӣ равшантар аст. Муносибат ба кор ҳамчун вазифаи ҳатмӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ таъсир мерасонад. Кормандони ҳамаи ин кишварҳо бо меҳнатдӯстии бебаҳо, садоқат ба кор, ки шояд барои минтақаҳои дигари ҷаҳон хос нест, инчунин омодагӣ ба кор кардан аз муздашон зиёдтар фарқ мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки дар Чин ин омил то ҳол захираи истифода дорад.

4. Дар ҳамаи ин кишварҳо марҳилаи аввали рушд ба омилҳои экстенсивӣ: воридоти калони сармоя, сафарбаркунии аҳолии деҳот ва афзоиши квотаи пасандозҳо асос ёфтааст. Ва агар, масалан, дар Кореяи Ҷанубӣ, ин гуна омилҳо тамом шуда бошанд ё ба тамомшавӣ наздик бошанд, пас Чин бояд бо мушкилоти гузариш ба рушди интенсивӣ рӯ ба рӯ шавад.

5. Дар Чин, чун дар як вақт дар Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ, тамоюли қавӣ ба рушди иқтисодӣ асосан ба кӯшиши миллат барои расидан ба кишварҳои пешрафта асос ёфтааст. Аммо, чунон ки таҷрибаи Ҷопон ва Кореяи Ҷанубӣ нишон медиҳад, ҳангоми ба ҳадаф наздик шудан ин кӯшиш заиф мешавад.

Чунин ба назар мерасад, ки шабоҳати номбаршуда дар хусусиятҳои рушд рӯякӣ нестанд ва Чини муосир аз ҷиҳати хусусияти «умумии» худ ба гуруҳи зикршудаи мамлакатҳо торафт наздик шуда истодааст. Агар назар ба тафовут шабоҳатҳо бештар бошанд, пас мантиқан чунин тахмин кардан мумкин аст, ки динамикаи рушди Чин метавонад динамикаи шабеҳи Кореяи Ҷанубӣ ё Тайванро такрор кунад. Ҳамин тавр, дар солҳои 70-80- уми асри гузашта суръати афзоиши ММД-и ин ду мамлакат аз Япония хеле зиёд буд. Аз ҷиҳати ММД ба ҳар сари аҳолӣ ин мамлакатҳо (аз як тараф Ҷумҳурии Корея ва Тайван, аз тарафи дигар, Япония) бо суръати тез наздик мешуданд. Аммо ҳоло метавон гуфт, ки ҳардуи ин кишварҳо дар ин нишондиҳанда ба Ҷопон расида натавонистанд: истеҳсоли ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар Корея 1,1 ва Тайван 1,2 маротиба камтар аз Ҷопон аст [13]. Мувофиқи он тахмин кардан мумкин аст, ки тақрибан ҳамин тафовут Чинро аз Кореяи Ҷанубӣ ва Тайван таҷрибан дар давоми ду даҳсола ҷудо мекунад (ҳозир дар ҶМЧ ба ҳар сар аҳолӣ назар ба Кореяи Ҷанубӣ 2,8 баробар ва назар ба Тайван 2,6 баробар кам маҳсулот мебарорад).

Далелҳои дар боло овардашуда ба мо имкон медиҳанд, ки чунин хулоса барем, ки «модели чинӣ»-ро аз ҷиҳати хусусиятҳои худ «сотсиалистӣ» ҳисоб кардан мумкин нест. Зиёда аз он, ин омехтаи моделҳои ба ҳам зидди иқтисодӣ, яъне натиҷаи ба ҳам наздик шудани принсипҳои сотсиалистӣ ва капиталистӣ нест. Дар асоси намуди рушди

иҷтимоию иқтисодӣ ҶМЧ бояд ҳамчун модели Осиёи Шарқӣ бо тамоми хулосаҳои дахлдор оид ба дурнамо ва маҳдудиятҳои он муайян карда шавад.

## АДАБИЁТ:

1. Глазьев С. Как России использовать китайское экономическое чудо. Доклад Изборскому клубу. 19.08.2015. glazev.ru/articles/6-jekonomika/54804-kak-rossii-ispol-zovatkita-skoe-jekonomicheskoe-chudo.

2. Глазьев С. 12 шагов для экономического развития России. www.gazeta.ru/business/2017/03/27/10595417.shtml.

3. Интервью руководителя Центра изучения Юго-Восточной Азии, Австралии и Океании Института востоковедения РАН Дмитрия Мосякова. «Чайна за семью печатями» // Аргументы и факты. 2019. № 5.

4. Цедилин Л.И. Протекционизм в российской экономической политике: институциональный исторический опыт. М.: ИЭ РАН, 2013.

5. XIX съезд КПК. ru.wikipedia.org/wiki/XIX_съезд_КПК.

6. https://www.perevod-kit.ru/blog/kakie-pensii-v-kitae#:~:text.

7. Пенсии не для всех, или Как поддерживают население в Китае. www.rline.tv/svobodnyj-korrespondent/socialnaya-zashchita-v-kitae/.

8. Социальное рыночное хозяйство. Основоположники и классики. М.: Весь мир, 2017.

9. Wrobel R.M. China – erwachender Drache. www.professor-wrobel.de/home/china/.

10. Госсектор Китая остается главной угрозой экономики. www.vestifinance.ru/articles/88742.

11. Конфуцианство в современном Китае. elib.bsu.by/bitstream/123456789/39179/1/Конфуцианство%20в%20современном%20Китае.pdf.

12. Паша В. Догоняющие экономики Японии и Южной Кореи и роль промышленной политики /Пер. с немецкого // Politekonom. 1996. № 4.

13. https://take-profit.org/statistics/countries/.

# СОВРЕМЕННАЯ МОДЕЛЬ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ КИТАЯ

**ХАБИБОВ АБДУРАХМОН ХАКИМБОЕВИЧ**

кандидат экономических наук, ученый секретарь ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Сегодня многие страны, в том числе и Таджикистан, больше внимания уделяют опыту социально-экономических преобразований в Китайской Народной Республике (КНР). Многие исследователи и политики предлагали извлечь полезные аспекты из опыта Китая, указывая больше на социальный характер реформ Китая по сравнению с другими странами. В китайском опыте прежде всего выделялась постепенная трансформация. Кроме того, развитие экономики Китайской Народной Республики в последние десятилетия доказало возможность и необходимость сохранения всех тех достижений, которые были накоплены в период социалистического строительства. Он реализовал себя*

*как воплощение идей новой экономической политики (НЭП), высказанных в Советском Союзе, о «рыночном социализме» и «третьем пути». В этом контексте китайская модель стала одним из типов «социальной рыночной экономики».*

***Ключевые слова***: *Китайская Народная Республика, развитие, социальная сфера, модель, экономика, реформы, характеристики.*

## MODERN MODEL OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF CHINA

**HABIBOV ABDURAHMON HAKIMBOEVICH**
candidate of economic sciences, scientific secretary of the ISPAEC NAST. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Today, many countries, including Tajikistan, pay more attention to the experience of socio-economic transformations in the People's Republic of China (PRC). Many researchers and politicians have proposed to draw useful aspects from China's experience, pointing more to the social nature of China's reforms compared to other countries. In the Chinese experience, gradual transformation stood out above all. In addition, the development of the economy of the People's Republic of China in recent decades has proved the possibility and necessity of preserving all the achievements that were accumulated during the period of socialist construction. He realized himself as the embodiment of the ideas of the New Economic Policy, expressed in the Soviet Union, about "market socialism" and the "third way". In this context, the Chinese model has become one of the types of "social market economy".*

***Keywords***: *People's Republic of China, development, social sphere, model, economy, reforms, characteristics.*

## ОМИЛҲОИ РУШДИ МИНТАҚАИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
ИОМДОА АМИТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе, х. Рудаки 33. Тел.: (+992) 935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**СОҲИБИ БАҲРУЛЛО**
ИОМДОА АМИТ. 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистан, ш. Душанбе, х. Рудаки 33. Тел.: (+992) 917820202. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз минтақаҳои рушдкардаи ҷаҳон ба шумор меравад. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз нигоҳи афзоиши иқтисодӣ ба яке аз марказҳои пешрафта мубаддал гардидааст ва ин кишварҳо тавонистаанд дар баробари комёбиҳои иқтисодӣ, ҳамчунин ба дастовардҳои бузурги илмиву технологӣ ноил гарданд. Дар мақола омилҳои асосии рушди ин минтақа - демографӣ, илмӣ–фановарӣ, ҷуғрофӣ-ҳудудӣ ва сиёсӣ таҳқиқ карда шудаанд. Дар мақолаи мазкур муаллифон вазъи демографӣ, илмӣ–фановарӣ, ҷуғрофӣ-ҳудудӣ ва сиёсии кишварҳои минтақаро баррасӣ намуда, муайян намудаанд, ки ин нишондодҳо боиси рушди босуръати минтақа гардидаанд ва дар як муддати кӯтоҳ кишварҳои минтақа аз кишварҳои дар ҳоли рушд ба кишварҳои пешрафта табдил гаштаанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши омилҳои асосии рушд ва таҷрибаи гузарондаи давлатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу*

*Шарқӣ, барои давлатҳои дар ҳоли рушд қарор дошта бисёр ҳам муҳим аст ва бо назардошти ин таҳқиқоти мазкур саривақтӣ ва зарур дониста мешавад.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, омилҳои рушд, демография, рушди илм ва фановарӣ, ҷуғрофияи ҳудудӣ ва сиёсӣ, сиёсати созанда.*

Ҳудудҳои қитъавӣ ва ҷазиравии байни Ҳиндустон, Чин ва Австралияро минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ОҶШ) меноманд. Инчунин нимҷазираи Ҳиндухитой, галаҷазираҳои Малай ва қисми осиёгии ҳавзаи қёнуси Оромро ҳамчун минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мешиносанд. Дар мафҳуми имрӯзаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ёздаҳ давлати мустақил Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Мянма, Таиланд, Малайзия, Сингапур, Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ ва Филипин шинохта мешаванд. Давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба ду гурӯҳ - қитъавӣ ва ҷазиравӣ ҷудо карда мешаванд ва 4,500,000 километри мураббаъ масоҳат доранд. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо Чини Ҷанубӣ, Ҳиндустони Шарқӣ, Гвинеяи Ғарбӣ ва Австралияи Шимолӣ ҳамсарҳад аст ва дастрасии комил ба роҳҳои баҳрии ҷаҳониро дорад. Дар ин минтақа зиёда аз 100 халқияту миллат ва зиёда аз 650 млн. одамон сукунат доранд, ки он 8,62 %-и аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

ОҶШ аз нигоҳи афзоиши иқтисодӣ ба яке аз марказҳои пешрафтатарини ҷаҳон мубаддал гардидааст ва ин кишварҳо тавонистаанд дар баробари комёбиҳои иқтисодӣ, ҳамчунин ба дастовардҳои бузурги илмиву технологӣ ноил гарданд. Дар ин самт давлатҳои Малайзия, Сингапур, Филиппин ва Индонезия пешсаф мебошанд, ки дар доираҳои тиҷоратии ҷаҳон ҳамчун як блоки тиҷоратӣ шинохта шудаанду, тарзу усули пешрафти иқтисодии худро доранд ва аз таваҷҷуҳи таҳлилгарони сиёсиву иқтисодӣ ва минтақавию ҷаҳонӣ дур намондаанд.

ОҶШ маркази иқтисодиву тиҷоратии ҷаҳон ба ҳисоб рафта, нуфузи геополитикии он тадриҷан меафзояд. Аҳамияти иқтисодиву тиҷоратии ОҶШ пеш аз ҳама дар он зоҳир меёбад, ки ба роҳҳои баҳрии тиҷоратӣ дастрасӣ дорад ва минтақа бевосита ба уқёнуси Ором роҳ дошта, мавқеи геостратегии муҳимро ишғол намудааст. Бо дар назардошти ин омил ОҶШ маҳалли сармоягузории ширкатҳои фаромиллӣ ва сармоягузориҳои мустақими давлатҳои хориҷӣ гардидааст.

Дар ин раванд аз рӯи 4 омили бунёдӣ, таҳлили минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо таваҷҷуҳ ба кишварҳои пешрафтаи он пешниҳод мешавад.

1. Омили демографӣ

Бояд қайд намуд, ки яке аз омили асосии рушди кишварҳои ОҶШ омили демографӣ мебошад. Зеро аҳолии ин кишварҳо истеъмолкунадагони асоси ба ҳисоб мераванд. Тибқи ҳисоботи охирини WORLD ECONOMIC AND FINANCIAL SURVEYS шумораи аҳолии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ 667 393 019 (2021) нафарро ташкил медиҳад, ки ин тақрибан ба 8,62 %-и аҳолии ҷаҳон баробар аст. Зичии аҳолӣ дар ин минтақа дар соли 2022 ба 145,9 нафар дар як километри мураббаъ баробар буда, тақрибан 47%-и аҳолии кишварҳои ин минтақа шаҳрнишин мебошанд [1]. Гарчанде, ки нишондиҳанда аз рӯи стандартҳои ҷаҳонӣ дар ин минтақа паст аст, аммо суръати он дар солҳои охир ба таври қобили мулоҳиза афзоиш ёфта истодааст ва шаҳрнишинӣ дар се кишвар - Малайзия, Таиланд ва Индонезия дар сатҳи мусоид рушд дорад (Сингапур дохил карда нашудааст, зеро шумораи аҳолии шаҳрнишини он аз сабаби шаҳр-давлат ба ҳисоб рафтанаш 100% ҳисобида мешавад). Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои дигари минтақа фоизи аҳолии шаҳрнишин камтар аст (ниг. ба ҷадвали 1;2). Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, аҳолии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар соли 2050 ба беш аз 790 миллион нафар мерасад ва синни миёна аз 38 сола поён хоҳад

буд. Аз нигоҳи дигар, таваллуд ба сари ҳар зан дар ин кишварҳо коҳиш ёфта, аз 2,33 кӯдак дар соли 2020 ба 1,94 кӯдак дар соли 2050 хоҳад расид. Нишондиҳандаҳои демографии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз гузориши Созмони Милали Муттаҳид дар ҷадвали 1 овардашудааст шудааст, чунин аст (ниг. ба ҷадвали 1) [2; 17].

Ҷадвали 1: Пешгӯии нишондиҳандаҳои демографӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то соли 2050

| Сол | Аҳолӣ (ҳазор нафар) | Қисме аз аҳолии ҷаҳон | Сину соли миёна | Зичии аҳолӣ ($км^2$) | Фоизи аҳолии шаҳр | Шумораи муҳоҷирон | Сатҳи таваллуд |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2020 | 667,627 | 8.60 % | 30.2 | 153.8 | 50.56 % | Тамоюли афзоиши манфии 1,128,000 манфӣ то соли 2025 ва дар ниҳоят иқдори доимӣ 1,131,000 то соли 2050. | Раванди камшавии давомдор аз 2,25 дар як сол 2020 ба 1,94 дар як сол 2050 |
| 2030 | 724,847 | 8.52 % | 33.1 | 167 | 55.80 % | | |
| 2040 | 766,623 | 8.37% | 35.5 | 176.6 | 60.25 % | | |
| 2050 | 792,139 | 8.14 % | 37.6 | 182.5 | 64.47 % | | |

Бо баррасии муфассали нишондиҳандаҳо оид ба нуфузи аҳолии кишварҳои ОҶШ, Индонезия дар байни кишварҳои минтақа бо зиёда аз 273 миллион аҳолӣ дар ҷойи аввал аст. Таҳлили пирамидаи аҳолии ин кишвар нишон медиҳад, ки он дар ҳоли рушд қарор дошта, нишондиҳандаи таваллуд ва марг низ баланд аст. Бо дарназардошти сатҳи баланди таваллуд (18,45 аз 1000 нафар) ва синни миёна тақрибан 30,2 сол пешгӯӣ мешавад, ки Индонезия дар 50 соли оянда яке аз кишварҳои нисбатан ҷавон хоҳад буд [15]. Аз нигоҳи дигар, Сингапур яке аз кишварҳое аст, ки бо буҳрони пиршавии аҳолӣ рӯ ба рӯ аст, аммо сарват ва технологияи пешрафта дар ин кишвар дарозумриро афзоиш додааст. Ҳамчунин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз тамоюли коҳиши суръати афзоиш ва таъсири манфии он дар соли 2050, афзоиши аҳолии ин кишвар аз ҳисоби нишондиҳандаи таваллуд идома хоҳад ёфт [3; 16]. Дар ҷадвали 2 нишондиҳандаҳои демографӣ ва иқтисодии кишварҳои ин минтақа оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 2) [4].

Ҷадвали 2: Нишондиҳандаҳои демографии кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар соли 2020

| Давлат | Масоҳат ($км^2$) | Аҳолӣ | Зиччии аҳолӣ (дар 1 $км^2$) | ММД бо $ (2020) | ММД ба сари аҳолӣ бо $ (2020) | Рушди инсонӣ | Пойтахт |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бруней | 5,765 | 437,479 | 74 | 12,455,000,000 | $85,011 | 0.845 | Бандар-Сери-Бегаван |
| Камбоҷа | 181,035 | 16,718,965 | 90 | 26,730,000,000 | $5,044 | 0.581 | Пномпен |
| Тимори Шарқӣ | 14,874 | 1,267,974 | 85 | 2,938,000,000 | $5,321 | 0.626 | Дили |
| Индонезия | 1,904,569 | 267,670,543 | 141 | 1,111,713,000,000 | $14,841 | 0.707 | Ҷакарта |
| Лаос | 236,800 | 7,061,507 | 30 | 19,127,000,000 | $8,684 | 0.604 | Вентян |
| Малайзия | 329,847 | 31,528,033 | 96 | 365,303,000,000 | $34,567 | 0.804 | Куала-Лумпур |
| Мянма | 676,578 | 53,708,320 | 79 | 65,994,000,000 | $7,220 | 0.578 | Нейпидо |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Филиппин | 300,000 | 106,651,394 | 356 | 356,814,000,000 | $10,094 | 0.712 | Манила |
| Сингапур | 719.2 | 5,757,499 | 8005 | 362,818,000,000 | $105,689 | 0.935 | Сингапур |
| Таиланд | 513,120 | 69,428,453 | 135 | 529,177,000,000 | $21,361 | 0.765 | Бангкок |
| Ветнам | 331,210 | 95,545,962 | 288 | 261,637,000,000 | $8,677 | 0.693 | Ханой |

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои демографии кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бар меояд, ки рушди давлатҳои минтақа аз он вобастагии калон доранд.

2. Омили рушди илм ва фановарӣ

Вазъи илм ва фановарӣ дар мамлакатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ хеле гуногун аст. Суръати пажӯҳиш, коркард, навоварӣ ва бақайдгирии патенту шаҳодатномаҳои байналмилалӣ дар ин кишварҳо аз сатҳи рушди иқтисодии онҳо вобаста аст. Бахши давлатии илм ва фановарӣ бозингари асосӣ дар таҳқиқот ва рушди илму техника дар се кишвар, Сингапур, Малайзия ва Филиппин буда, аз сохтори (модели) бахши илм ва фановарии кишварҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (Organisation for Economic Cooperation and Development, OECD) пайравӣ мекунанд. Инчунин, дар Сингапур ва Малайзия рушди дастовардҳои илму техника аз ҳисоби зиёд намудани ҳиссаи хароҷот дар соҳаи таҳқиқот ва коркард, аз нав ташкилдиҳӣ ва ворид намудани тағйирот дар идоракунии ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ба даст оварда шудааст, вале мутаассифона, дар дигар кишварҳои ин минтақа инислоҳот то ҳол ба таъхир афтодааст [5].

Дар ин минтақа Сингапур бо тафовути бузург аз дигар кишварҳо дар бахши илм ва технология пешсаф аст ва аз ҷиҳати рақобатпазирӣ дар ҷаҳон мавқеъи назаррасро ишғол мекунад. Сингапур бо беҳтарин системаи таҳсилоти олӣ ва таълим дар ҷаҳон ба макони қабули технология, такмили ихтисос ва навовариҳои илмӣ-техникӣ табдил ёфтааст. Айни замон Сингапур чорумин маркази иқтисодӣ ва сеюмин маркази коркарди нафт дар ҷаҳон аст ва дар бахшҳои электроника, фармасевтика (дорусозӣ) ва астрономия фаъолияти густурда дорад [6]. Ин кишвар дар роҳи дурнамоиояндаи худ то соли 2065, ба сӯи табдил ёфтан ба аввалин "кишвари интеллектуалӣ" дар ҷаҳон ҳаракат мекунад ва яке аз ҳадафҳои он истеҳсоли мошини ниҳоии интеллектуалӣ мебошад. Дар соҳаи маориф, ин кишвар низ ба дастовардҳои нав ноил гардида, ба таҳсилоти гуногунҷанба сармоягузорӣ мекунад [7] ва аз дигар кишварҳои минтақа дида, ба соҳаи илму фанноварӣ диққати махсус ва баҳои баланд медиҳад. Сингапур дар робита ба ҳаҷми содироти технологияҳои пешрафта, ҳаҷми хароҷоти тадқиқот ва коркард, омори бақайдгирии моликияти зеҳнӣ ва шумораи тадқиқотчиён аз Малайзия ва Индонезия пешрафтатар аст ва дар даҳсолаҳои охир дар сатҳи ҷаҳонӣ қарор дорад [25]. Дар кишварҳои дар боло зикршуда намудҳои гуногуни минтақаҳои озод, барои паркҳои техналоги ташкил карда шудаанд, ки дар натиҷаи фаъолияти онҳо ба дастовардоҳои баданди илмӣ-фановарӣ ноил гардидаанд ва ин таҷрибаи беназир аст.

3. Омили ҷуғрофӣ-ҳудудӣ

Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аз лиҳози захираҳои зеризаминӣ, маҳсулоти хоҷагии ҷангал ва маҳсулоти кишоварзӣ хело бой аст. Гулӯгоҳҳо, роҳҳои обӣ ва дастрасӣ ба захираҳои обӣ дар ин минтақаи ҳосилхез шароити хеле мусоидро фароҳам овардаанд. Ҳарчанд дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баландтарин фоизи заминҳои кишоварзӣ ба Таиланд (43%) ва ҳиссаи баландтарини кишоварзӣ бо фоизи ММД дар соли 2020 ба Камбоҷа ва Мянма таалluқ дорад, вале дар натиҷаи фаъолият намудани вулқонҳо кӯҳҳои оташафкан ба вуҷуд омада, боиси ноустувор шудани вазъияти хоҷагии кишлоқи баъзе аз минтақаҳо гардидааст. Кишвари Индонезия дорои заминҳои ҳосилхез буда, бо тавлиди бештари ғалла ва дар соли 2020 бахши

кишоварзии он беш аз 145 миллиард доллар ба буҷаи давлат ворид намудааст, ки зиёда аз 15%-и ММД Индонезияро ташкил медиҳад [9].

Нафт, гази табиӣ, қалъагӣ, никел, чӯб, боксит, мис, ангишт, тилло ва нуқра аз сарватҳои табиии Индонезия маҳсуб шуда, дар феҳристи кишварҳои содиркунандаи никел, мис, алюминий, ангишт ва нафт қарор дорад. Малайзия инчунин тавонистааст яке аз кишварҳои содироткунандаи нафти хом ва гази табиии бошад [10]. Зимнан, кишвари кӯчаки Сингапур аз лиҳози манобеъи табиӣ ва захираҳои кишоварзӣ дар ин замина бо дигар давлатҳои минтақа дар як сатҳ қарор нагирифтааст ва ба далели илму навоварӣ дар ин самт иқтисоди дигар дорад. Ҳамчунин, ин минтақа, ки аз ҷазираҳо иборат аст ва ба хати экватор наздик будани он макони сайёҳӣ эълон гардидааст. Бо дарназардошти дорои табиати зебо, маконњои муқаддас, љойњои тамошобоби беназир будани ОҶШ имкони рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва ҷалби ҳарчи бештари меҳмонони хориҷиро ба ин минтақа дорад. Бо рушди сайёҳӣ, Таиланд, Малайзия, Индонезия ва Сингапур тавонистаанд шӯҳрати байналмилалӣ пайдо кунанд ва иқтисоди худро боло баранд.

Инкишофи сайёҳӣ дар бисёр кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, бунёди ҷойҳои нави корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва пеш бурдани фаъолияти тиҷоратӣ нақши муҳим дорад.

4. Омили сиёсӣ

Дар фаҳмиши сиёсии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҷойгиршавии ҳудудҳои ёздаҳ давлати мустақил, ки ба ду гурӯҳи давлатҳо: қитъавӣ ва ҷазиравӣ ҷудо карда мешаванд, фаҳмида мешавад. Ба гурӯҳи давлатҳои қитъавӣ - Ветнам, Камбоҷа, Лаос, Мянма, Таиланд, Малайзия ва ба гурӯҳи давлатҳои ҷазиравӣ – Сингапур, Индонезия, Бруней, Тимори Шарқӣ ва Филипин шомил мебошанд. Қисмати ҷанубии нимҷазираи Малака ва қисмати шимолии ҷазираи Калимантанро (Борнео) Малайзия ишғол намудааст.

Ин минтақаро Чини Ҷанубӣ, Ҳиндустони Шарқӣ, Гвинеяи Ғарбӣ ва Австралияи Шимолӣ иҳота кардаанд ва ба фазои кушоди баҳриву хушкӣ дастрасии хуб доранд. Наздик будан бо кишварҳои Чин ва Амрико боиси эҷоди имконоти вижаи тиҷоратӣ барои онҳо шудааст ва тамоми минтақа аз фазилати бархе аз кишварҳо, ки аз шарикони тиҷории ин минтақа маҳсуб мешаванд, баҳра бурдаанд.

Солҳои охир дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ як услуби нави ҷуғрофиёи сиёсӣ ташаккул ёфтааст, ки дар натиҷаи рақобати Чин ва Иёлоти Муттаҳида ба вуҷуд омадааст. Тибқи гузориши Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат дар соли 2016, беш аз нисфи ҳаҷми содирот ва воридоти ҷаҳонӣ дар се минтақаи асосӣ сурат гирифтааст, ки ба онҳо Иттиҳодияи Аврупо, Ассотсиатсияи тиҷоратии озоди Амрикои Шимолӣ (NAFTA) ва Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (ASEAN) шомиланд [11]. Аз ин омор метавон хулоса кард, ки кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳамчун як ниҳоди мустақил бо истифода аз захираҳои худ тавонистаанд дар байни абарқудратҳои тиҷоратии ҷаҳон нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Бо баррасии макростратегияҳо дар бахши тиҷорати Сингапур, мо дарёфтем, ки ин кишвар пас аз як муддати кӯтоҳи воридот барои саноати ба содирот нигаронидашуда, ки аз сармоягузории ширкатҳои фаромиллӣ вобаста буд, озод гардад. Пас аз як даҳсолаи фаъолияти ширкатҳои саноатӣ (асосан саноати васлкунии қисмҳои электронӣ) ва навсозии сохтори саноати кишвар, ширкатҳои фаромиллӣ ба фаъолиятҳои дорои арзиши иловашуда равона карда шуданд ва саноати Сингапурро махсус гардонида, ба сохтори бозори ҷаҳонӣ муттаҳид гардиданд [12]. Албатта, Сингапур танҳо аз як шаҳр ва якчанд ҷазираҳои мустақил иборат аст, ки он як кишвари хурди муҳими иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо аҳолии зиёда аз 650 миллионаи худ, чаҳорумин шарики тиҷоратии Иёлоти Муттаҳидаи Амрикост. Барои дар ин минтака нигоҳ доштани мувозинат дар солҳои наздик имконоти муфид ё душвориҳои ҷиддӣ барои сиёсати берунаи ИМА хоҳад шуд. Манзур ин аст, ки Амрико бо дарназардошти манофеъи Хитой ва ҳар як мамлакати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то чӣ андоза муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ дар минтақа хоҳад дошт. Баҳри Чини Ҷанубӣ як ҷузъи пойгоҳҳои стратегии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва уқёнуси Ором маҳсуб мешавад ва дар таъмини амният дар минтақа нақши муҳим дорад. Сиёсати ИМА дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва уқёнуси Ором бар тавозуни қудрати фаъолони минтақавӣ тавассути эҷод, таҳким ва тавсияи ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятӣ дар минтақа асос ёфтааст. Ин равиш, яъне кӯшиши эҷоди як меъмории сиёсӣ, иқтисодӣ-амниятӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба назар мерасад ва дар солҳои оянда тамоюлу шиддати худро афзоиш хоҳад дод.

Солҳои охир равобити Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Чин дар ОҶШ дар бахшҳое чун сиёсати хориҷӣ ва тиҷорат муташанниҷ гардидааст. Дар давоми солҳои гузашта ҳукумати Амрико бо кӯшиши вусъат додани муносибатҳо бо мамлакатҳои ин минтақа, аз ҷумла бо Бирма, Ветнам ва Филиппин ва муқаррар намудани иттифоқҳои стратегӣ бо баъзе давлатҳои ин минтақа, аз ҷумла Индонезия, як тартиботи нави амниятиро ташкил додааст, ки он аз ҷиҳати тиҷоратӣ ва иктисодӣ фоидаи калон меорад. Тартиби нав, ки ба манфиатҳо ва ҳадафҳои муштарак асос ёфтааст, ба рушди ҳамкориҳои дар бахшҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва амниятии кишварҳои мавриди ҳадаф ва муқовимат бо чолишҳои дар минтақа ҷой дошта мусоидат мекунад. Қисми ҳадафҳои ин тартиботи нав тағйир додани рафтор ё нигоҳ доштани Чин дар минтақа, назорат бар бозори тиҷорат ва иқтисодиёти рушдёбандаи минтақа ва дар ниҳоят таҳкими мавқеи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар соҳаи нақлиёти баҳрии Осиёи Ҷанубу Шарқӣ мебошад.

Низоъҳо ва тафовутҳои тавонмандӣ байни фаъолон дар минтақаҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ аз як тараф ва рақобат байни фаъолони фароминтақавӣ аз ҷониби дигар дурнамои ояндаи муносибатҳои Чину Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро мушкил кардааст. Ҳатто шиддат гирифтани вазъ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Уқёнуси Ором, рақобат ва нобаробарии манфиатҳои бозингарон дар минтақаи зикршуда, боиси печида шудани тамоюлҳои ояндаи сиёсӣ-амниятӣ гаштааст [13]. Дар ин сурат рафтори кишварҳои пешрафтаи минтақа бештар ба устувории сиёсати тиҷоратӣ ва пулии Амрико вобаста хоҳад буд. Зеро ҳар кадоме аз онҳо нишон доданд, ки бо ваҳдати бесобиқаи худ низоми тиҷорати ҷаҳониро ба нафъи Чин ва ё кишварҳои дигари осиёӣ тағйир диҳанд ва онро метавон дар занҷираи таъминоти ҷаҳонӣ як меъёри нав арзёбӣ кард.

Хулоса, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо пешрафти худ ба маркази тиҷорати ҷаҳонӣ мубаддал гаштааст. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо далели рушди босуръати иқтисодӣ ба истеҳсолкунандаи минтақавӣ ва маркази илму фановарӣ табдил ёфтааст. Васеъ ва амиқтар кардани иқтидорҳо дар соҳаи илм, технология ва инноватсия ба як қатор кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ имкон дод, ки аз он истифода намуда, иқтисодиёти худро баланд бардоранд ва фоидаи калон ба даст оранд. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ҳарчи бештар ба бозорҳои ҷаҳонӣ ворид мешаванд ва ба сохтори тиҷоратии минтақа ва ҳатто ба ҷаҳон таъсир расонида, бартарии худро дар соҳаҳои муайяни саноат мустаҳкам кардаанд. (Ҷиҳати муайян намудани ҳаҷми ММД кишварҳои минтақа ба ҷадвали 2 нигаред).

Тибқи дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳон, то соли 2050 шоҳиди тағйироти ҷиддие дар ҳайати қудратҳои олии иқтисодии ҷаҳон хоҳем шуд ва иқтисодиёти кишварҳои дар ҳоли рушд, ба мисли Индонезия, ки дар минтақа нақши муҳим дорад, дар қатори 10 қудрати

ҷаҳонии иқтисодӣ ҷой хоҳад гирифт. Муқоисаи ММД-и номиналии кишварҳо ва пешгӯии онҳо нишон медиҳад, ки то соли 2050 иқтисоди Индонезия дар ҷаҳон пас аз Чин, Амрико ва Ҳиндустон дар ҷои чорум қарор мегирад ва ин масъала шакли нави тақсими сарватро дар ҷаҳон нишон медиҳад [14; 18].

Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо назардошти тамоюлҳои нав ва шароити эҷодшуда, дар ҷустуҷӯи саноатикунонӣ (индустриализатсия) ва ба даст овардани сарвати бештар ҳастанд, ки майли онҳоро барои ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ равона кардааст. Аз ин рӯ, бо идомаи ҳамкориҳо ва мавҷуд будани шароити мусоид дар минтақа, беҳтарин кишвари намуна дар баробари Чин барои онҳо ИМА аст. Дар ояндаи наздик, агар монеае эҷод нагардад, ҳаҷми содироти ин кишварҳо ба ИМА афзоиш меёбад ва кишварҳое чун Малайзия ва Индонезия низ дар мисоли Чин дар мавриди содирот чунин вазъро қабул хоҳанд кард.

Воқеан, стратегияи Амрико нисбат ба кишварҳои ин минтақа бо назардошти нерӯи корӣ, аҳолӣ, содироти арзон ва боислоҳи сиёсати худ дар давраи муайян дар оянда вазъиятро беҳтар мегардонад ва ба мавқеъи Чин дар минтақа монанд мешавад. Барои мувозинати неруи фаъолони минтақавӣ дар ояндаи наздик ба ин минтақа таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Ин омил водор месозад, ки дар ояндаи дур кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ муносибатҳои дуҷонибаи худро бо ИМА нигоҳ хоҳанд дошт. Ба далели ҳаҷми бузурги содиротӣ минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ барои Иёлоти Муттаҳида як обанбори хубе барои нигоҳ доштани доллар аст ва дар сурати эҳтимоли сар задани буҳрони иқтисодӣ метавон дар оянда қаноатмандии комили кишварҳои минтақаро ба даст оварад. Тибқи омори Вазорати молияи Амрико дар соли 2017, кишварҳои Ҳонконг, Тайван, Сингапур, Филиппин ва Таиланд пас аз Чин ба феҳристи кишварҳои қарздиҳанда шомил шудаанд ва набудани муомилоти молӣ ҳаҷми қарзи онҳоро ба доллар афзоиш додааст.

## АДАБИЁТ

1. World economic and financial surveys // Report for Selected Countries and Subjects: October 2021 / https://www.imf.org/en/Publications/WEO/weo-database/2021/October/weo-report?c=516,522,536,544,548, 518,566,576, 578,537,582, &s=NGDP_RPCH,NGDPD,PPPGDP,NGDPDPC,PPPPC, PPPSH,&sy=2021&ey=2026&ssm=0&scsm=1&scc=0&ssd=1&ssc=0&sic=0&sort=country&ds=.&br=1

2. Jones, Gavin. the population of southeast Asia. Asian research institute. Singapore: National University of Singapore, 2013. pp. 3-15.

3. Revision of World Population Prospects. Population Division of the Department of Economic and Social Affairs of the United Nations. 2015. https://esa.un.org/unpd/wup.

4. Юго-Восточная Азия , Население https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%AE%D0%B3%D0%BE-%D0%92%D0%BE%D1%81%D1%82%D0%BE%D1%87%D0%BD%D0%B0%D1%8F_%D0%90%D0%B7%D0%B8%D1%8F

5. The OECD and Southeast Asia. Innovation in Southeast Asia. https://www.oecd.org/southeast-asia/regional-programme/#d.en.433115

6. EBD. Future of manufacturing of Singapore. Singapore: EBD, 2014.

7. Chiat, Lee Chew. Singapore in 2065. Singapore: Deloitte & Touche LLP, 2015.

8. World Bank. Data World Bank. World Bank. 2016. http://www.worldbank.org

9. Иван Кушнир Сельское хозяйство Индонезии // https://be5.biz/makroekonomika/agriculture/id.html

10. Статистика внешней торговли Малайзии https://trendeconomy.ru/data/trade_my/2709

11. WTO. World Trade Statistical Review. Geneva: World Trade Organization, 2016.

12. Lall, Sanjaya. Learning from the Asian Tigers. s.l.: Palgrave Macmillan UK, 1996.

13 Юго-Восточная Азия как зона столкновения интересов Китая и США // доклады риси // Проблемы национальной стратегии № 4 (49) 2018. С. 3-40.

14. Economist Intelligence Unit. Long-term macroeconomic forecasts, Key trends to 2050. s.l.: The Economist, 2015.

15. Central Intelligence Agency. Indonesia. The World Factbook // https://www.cia.gov/library/publications/the-world-factbook/geos/id.html

16. PWC. The World in 2050, Will the shift in global economic power continue? s.l.: Pricewaterhouse Coopers (PWC), February 2015.

17. United Nations, Department of Economic and Social Affairs, Population Division (2019). World Population Prospects 2019, Online Edition. POP/DB/WPP/Rev.2019/POP/F01-1.

18. OECD. Looking to 2060: Long-term global growth prospects. s.l.: OECD, 2012.

# ФАКТОРЫ РАЗВИТИЯ РЕГИОНА ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ

**КУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБИ**

Институт изучения проблем государств Азии и Европы. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Тел.: (+992) 935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**СОХИБИ БАХРУЛЛО**

Институт изучения проблем стран Азии и Европы. 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Тел.: (+992) 917820202. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*Регион Юго-Восточной Азии является одним из развитых регионов мира. Юго-Восточная Азия стала одним из самых передовых центров с точки зрения экономического роста, и этим странам удалось добиться больших научно-технических достижений наряду с экономическими успехами. В статье исследуются основные факторы развития этого региона - демографический, научно-технический, географическо-территориальный и политический. В данной статье авторы рассмотрели демографическое, научно-техническое, географо-территориальное и политическое положение стран региона и определили, что эти события привели к бурному развитию региона, и за короткий промежуток времени страны региона превратились из развивающихся стран в страны-кредиторы. В связи с этим изучение опыта развития региона Юго-Восточной Азии очень важно для развивающихся стран.*

***Ключевые слова:*** *Юго-Восточная Азия, факторы развития, демография, развитие науки и техники, территориально-политическая география, конструктивная политика.*

## FACTORS OF DEVELOPMENT OF THE REGION OF SOUTH-EAST ASIA

**KUDRATZODA KOMRON ABDUNABI**
Institute for the Study of the Problems of the States of Asia and Europe. 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel(+992)935282862. E-mail: komron.kudratov@mail.ru

**SOHIBI BAHRULO**
Institute for the Study of the Problems of the States of Asia and Europe. 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33, Tel.: (+992)917820202. E-mail: sohibbahrulo@gmail.com

*The Southeast Asia region is one of the developed regions of the world. Southeast Asia has become one of the most advanced centers in terms of economic growth, and these countries have managed to achieve great scientific and technological achievements along with economic success. The article examines the main factors in the development of this region - demographic, scientific and technical, geographical-territorial and political. In this article, the authors examined the demographic, scientific, technical, geographic-territorial and political situation of the countries of the region and determined that these events led to the rapid development of the region, and in a short period of time the countries of the region turned from developing countries into creditor countries. In this regard, studying the experience of the development of the Southeast Asian region is very important for developing countries.*

***Keywords:*** *Southeast Asia, development factors, demography, development of science and technology, territorial and political geography, constructive policy.*

## МУҲИТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР БУНЁДИ ЯК ДАВЛАТИ ҚУДРАТМАНД

**БАРОТОВ ЛУТФУЛЛО**
Ходими калони илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

*Дар мақолаи мазкур нақшу аҳамияти муҳити сармоягузорӣ дар рушду пешрафти иқтисодӣ баррасӣ мешавад. Муаллиф бахши хусусиро ҳамчун сутуни аслии иқтисод нишон дода, аҳамияти як муҳити сармоягузории мувофиқро барои фаъолияти он муҳим арзёбӣ мекунад. Бахши хусусӣ дар шароити қитисоди бозаргонӣ қавитарин манбаи пайдо шудани ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ ва манбаи устувори даромади буҷаи давлат мебошад. Ин аст, ки ҳар як ҳукумат барои дастгирии ин бахш талошҳо мекунад ва бо ҷорӣ кардани ислоҳоти муайян барои он шароити мусоид фароҳам меоварад. Чунки муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ нақши мустақим дорад. Аз ин ҷост, ки сохтани муҳити сармоягузории мувофиқ яке аз ҳадафҳои аслии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад.*

***Калидвожаҳо****: сармоя, бахши хусусӣ, рушди иқтисод, муҳити сармоягузорӣ, давлатсозӣ, иқтисоди бозаргонӣ, бозори ҷаҳонӣ.*

Рушди иқтисоди миллӣ ва дар заминаи он таъмини қисмати даромади буҷаи давлатӣ ва зиндагии шоиста барои аҳолӣ, ҳадафи асосии ҳар давлат бояд бошад. Новобаста аз низомӣ давлатдорӣ ҳукуматҳо мехоҳанд, ки иқтисоди қавӣ дошта бошанд ва бо такя бар он дар ҷаҳон ҷойгоҳи арзандаи худро ба даст биёранд. Илова бар ин, бо такя ба иқтисоди қавӣ метавон артиши қавӣ, мақомоти амниятии қудратманд, аҳолии босаводу тансиҳат ва ҳифзи муҳити зисти дурусту коромад дошт, ки онҳо дар маҷмуъ, сулҳу оромӣ ва хушбахтии шаҳрвандонро таъмин карда метавонанд.

Маълум аст, ки дар давлатҳои дорои низоми иқтисоди бозаргонӣ бахши хусусӣ мавқеи асосӣ дорад. Коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ эътироф мекунанд, ки "дар се даҳсолаи охир бахши хусусӣ дар хатти аввали таҳаввулоти иқтисодӣ дар саросари ҷаҳон будааст" [1]. "Бахши хусусӣ ба таври фазояндае ба унвони як муҳаррик барои оғоз ва ҳифзи рушди устувори баландсуръат нақш мебозад" [4, с.26]. Ин бахш даромади буҷаи давлатро таъмин карда, ҷойҳои кории фаровон таъсис дода метавонад. Сатҳи пасти бекорӣ ва даромади устувори буҷаи давлатӣ натиҷаи кори самараноки бахши хусусӣ буда метавонад, агар муҳити сармоягузории мувофиқ дар кишвар барои рушду равнақи бахши хусусӣ вуҷуд дошта бошад. Барои ба вуҷуд овардани чунин муҳити мувофиқ бояд шароитеро фароҳам овард, ки дар он ҳам соҳибкорони дохилӣ тавонанд фаъолият кунанд ва ҳам ширкатҳои байналмилалӣ қисме аз занҷираи истеҳсолии худро дошта бошанд. "Тавоноии онҳо барои рушд, эҷоди шуғл ва коҳиши камбизоатӣ ҷиддан ба муҳити сармоягузории хубу мувофиқ бастагӣ дорад, ки ба он сиёсатгузорӣ, қонунгузорӣ ва ниҳодҳое, ки ба фаъолияти бозорҳо, арзиши интиқолҳо ва рискҳои вобаста ба кушодан, фаъолият ва пушидани як касбу кор таъсиргузор ҳастанд, дохил мешаванд" [2, с. XI]. Ин муҳитро давлату ҳукумат месозад ва назорат менамояд.

Дар баробари корофаринӣ ва боло бурдани даромад, бахши хусусӣ дар навоварии технологӣ ва татбиқи технологияҳои мавҷуда низ нақши ҳалкунанда дорад. Мусаллам аст, ки рақобати озод омили асосии навоварӣ ва татбиқи сариватии технологияҳои навин мебошад. Дар шароити рақобати озод, ки иқтисоди бозаргонӣ ба вуҷуд меорад, танҳо ширкатҳо ва соҳибкороне метавонанд пойдор бошанд, ки сари вақт аз технологияҳои навин истифода мекунанд ва навовариҳои муайян дар соҳаи худ эҷод мекунанд. Аммо ин корофаринӣ, фоидаоварӣ ва навовариҳои технологӣ аз ҷониби бахши хусусӣ ба муҳити дурусту ҳисобӣ, ҷиҳати фаъолияти самараноки худ, ниёз дорад. "Суръат ва моҳияти рушди бахши хусусӣ дар як кишвар таҳти таъсири омилҳои бисёре мебошад, ки суботи сиёсиву макроиқтисодӣ, фарҳангу суннатҳо, инфрасохтори моддӣ, дастрас будани сармоя ва сармояи зеҳнӣ аз ҷумлаи онҳо ҳастанд. Ҳамчунин омилҳои сиёсӣ, ниҳодӣ ва танзимиву назоратӣ нақши муҳим доранд. Онҳо якҷоя дар бештар маврид ҳамчун "муҳити сармоягузорӣ" гурӯҳбандӣ мешаванд" [3].

Николас Стерн иқтисодшинос аз Бонки Ҷаҳонӣ муҳити сармоягузориро ҳамчун "муҳити сиёсӣ, ниҳодӣ ва рафторие муайян мекунад, ки ҳам дар ҳоли ҳозир ва ҳам дар оянда ба даромаднокӣ ва хатарҳои вобаста ба сармоягузорӣ таъсиргузор мебошанд." [2, с. 9]. Дар ҳисоботи бонки мазкур аз соли 2005 ин муҳитро ба таври зайл муайян кардаанд: "маҷмуи омилҳои хоси маконие, ки ба ширкатҳо фурсат ва ангезаи сармоягузоии босамар, эҷоди шуғл ва тавсеаёбиро медиҳад" [2, с. 9]. Барои ҷалби маблағҳои сармоягузорон муҳити сармоягузорие, ки дар он сиёсатгузорӣ, ниҳодҳо ва муҳити фарҳангии созгор мавҷуд аст, на танҳо имрӯз бояд вуҷуд дошта бошад, балки интизориҳо аз оянда низ бояд неку мусбат бошанд. Дар чунин муҳит сармоягузор

ҳавасманд шуда, сармоягузорӣ ва дар натиҷа корофаринӣ карда, ба ҷомеа манфиат меорад ва худ рушду тавсеа хоҳад кард.

Маълум аст, ки вазифаи як давлат, пеш аз ҳама, таъмини амният ва рифоҳи мардум аст. Дар иҷрои ин вазифаи худ ҳар як давлат метавонад аз бахши хусусӣ истифода кунад. Махсусан, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамкории зичи бахши хусусӣ бо давлат лозим мебошад. Ҷусторҳо дар бораи рушди иқтисодии кишварҳои муваффақи Осиёи Шарқӣ (Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ ва Чин) нишон доданд, ки онҳо рушду шукуфоии иқтисодиро дар мадди авввал гузошта, дар инкишофи иқтисод мушкилоти иҷтимоии худро бартараф сохтанд. Яъне бахши хусусӣ тавонист дар муҳити мувофиқи сармоягузорӣ рушд кунад ва ҷойҳои кории муносиб барои шаҳрвандон эҷод карда, ба буҷаи ин давлатҳо даромади зиёд ворид созад. Сипас, бо қудрати иқтисодиву молиявии ба дастомада, ин давлатҳо тавонистанд бештари мушкилоти иҷтимоиву амниятии худро бартараф созанд. Ҳар як давлати дигар ҳам дар ҷаҳони муосир маҷбур аст, ки муҳити сармоягузории худро бо талаботи муайян мувофиқ созад ва бо роҳи рушди бахши хусусӣ дигар соҳаҳои хоҷагии халқро таъмин намуда, дар маҷмуъ ҷомеаи худро ба сафи кишварҳои пешрафта ворид созад. Ба назари коршиносон, “мусаллам аст, ки сармоягузории хусусии густарда, ки калиди рушди фарогир ва эҷоди шуғл мебошад, танҳо замоне рух медиҳад, ки муҳити мусоиде барои касбу кор вуҷуд дошта бошад. Агар ширкатҳои хусусӣ бинанд, ки амнияти сармояи онҳо таъмин нест, талаботҳои қонун сангин ва пешгӯинашавандаанд, ё зерсохторҳо заиф ҳастанд, онҳо сармоягузорӣ нахоҳанд кард. Як муҳити касбу кории хуб ба самаранокии ширкатҳо таъсир мерасонад, ки он асоси беҳбудшавии устувори сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Бисёре аз пажуҳишҳо дар сатҳи ширкатҳо ниҳон медиҳанд, ки самаранокии умумӣ дар кишварҳое ё минтақаҳои дохили кишварҳое баландтар аст, ки муҳити муносибтаре барои касбу кор дар онҳо сохта шудааст” [2, с. XIII].

“Аз он ҷое, ки бештари корҳои вобаста ба муҳити сармоягузорӣ ба тасвиби қонунҳо, муқаррарот ва ҳамоҳангӣ миёни вазоратхонаҳо ва агентиҳои гуногун мартуб мебошад, як ҳукумати масъулиятшиносу қавӣ калиди муваффақиятҳост” [2, с. XXIV]. Ҳукумати масъулиятшинос муҳитро барои ҳамаи соҳибкорон баробар месозад. Танҳо шароити баробар барои ҳама субъектҳои сиёсӣ метавонад иқтисодро дар ҷаҳони имрӯз рақобатпазир гардонад. То замоне, ки истеҳсолкунандаи дохилӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳ пайдо намекунад, як кишвар наметавонад рушди устувор дошта бошад. Махсусан, кишварҳои хурду миёнае ба монанди Тоҷикистон барои рушди иқтисодии босуръат ба бозори ҷаҳонӣ вобаста ҳастанд. Вақте рақобати озод дар дохил таъмин карда мешавад, ба таври табиӣ ширкатҳои миллӣ рушд карда, қавӣ мешаванд ва омодаи рақобатҳои бузургтар мегарданд. Имтиёз додан ба ширкатҳои алоҳида ин муҳитро вайрон сохта, боиси заифии кулли иқтисоди миллӣ мешавад. Даст задани давлатмардон ба соҳибкорӣ, бевосита ё бавосита, муҳити сармоягузориро носолим сохта, дар интиҳо чунин амал на созандагӣ, балки сӯзандагӣ хоҳад буд. Ин ҳама хилофи ҳадафи сохтани муҳити сармогузории дуруст аст, чунки “монеаҳо дар як бозори дуруст амалкунандаву пӯё метавонанд ба манфиати гурӯҳҳои муайяни интихобшуда бошанд ва бар зарари рақобаткунандагони дигар, тозаворидшудаҳо ва истеъмолкунандагон” [2, с. 2].

Сифати давлатдорӣ ва қобилияти идоракунии раҳбарияти як кишвар ба ислоҳоти бунёдӣ ҷиҳати сохтани муҳити сармоягузории муносиб вобаста аст. Агар элитаи сиёсӣ-

давлатӣ бо дарки дурусти принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ тавонад, ки муҳити сармоягузориро бо талаботи ҷаҳони муосир созгор созад, бештари мушкилоти ҷомеа тадриҷан ҳалли худро меёбанд. Чунки рақобати солим соҳибкоронро ба навовариву ҳалокорӣ водор месозад ва коргарон ҳам маҷбур мешаванд донишу малакаи худро тақвият дода, самаранокии меҳнаташонро боло баранд. Дар чунин шароит миллат метавонад маҳсулоти баландсифатро истеҳсол карда, бозори ҷаҳониро тасхир намояд. Дар натиҷа даромади аҳолӣ зиёд шуда, мардум иқтидор пайдо мекунанд, ки мушкилоти худро кам ё пурра бартараф созанд ва давлат низ бо зиёд шудани даромати буҷет имкони ҳалли мушкилоти иҷтимоиро пайдо хоҳад кард.

Масъалаи дигаре, ки дар минтақаи мо аҳамияти зиёд дорад, сулҳу оромӣ мебошад. Мавҷудияти шуғли арзанда ва имкони сармоягузории озод дар ҳалли масъала кумак расонида метавонад. "Ислоҳот дар соҳаҳои марбут ба муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ низ аҳамияти ҳаётӣ дорад. Ислоҳоти ниҳодҳои давлатӣ, ки муҳити соҳибкориро назорат мекунанд, бояд шаффофият, садоқат, профессионализмро таъмин карда, хизматрасонии давлатиро беҳбуд бахшанд, ки ҳамагӣ дар машруияти ҳукуматҳо ва таъмини сулҳу субот нақши калидӣ доранд" [4, с.19]. Метавон гуфт, ки сохтани як муҳити дурусти сармоягузорӣ, яке аз қисмҳои асосии низоми давлатсозӣ мебошад. Ин аст, ки тибқи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ,  "дар сатҳи кишварҳо, тақрибан ҳама ҳамкорони Бонки Ҷаҳонӣ, беҳбудсозии муҳити сармоягузориро ҳамчун ҳадафи асосии худ муқаррар кардаанд. Маҳдудиятҳои асосӣ дар ин ҷода аз набуди рақобати солим, монеаҳо барои ташкилкунӣ ва фаъолияти корхона, хароҷоту бохтҳои фаъолияти сохибкорӣ ва гаронии бори назорату тафтишот иборат мебошанд " [2, с.47].

Бар асоси таҳқиқу пажуҳишҳо, давлатҳое, ки муҳити сармоягузории дуруст сохта наметавонад ё элитаи сиёсии онҳо даст ба соҳибкорӣ зада, ҳадафмандона муҳитро хароб месозад, ҳаргиз муваффақ намешаванд. Корхонаҳои чунин афрод муҳити монополӣ месозанд, ки пеши роҳи навовариву мутобиқшавиро мегиранд. Маҳсули ислеҳсолкардаи онҳо наметавонад дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳ пайдо намояд. Дар чунин шароит фасоду ришвахорӣ зиёд мегардад, ки дар бисёр ҳолат он шакли фишороварии ваҳшиёнаро мегирад (4 с. 21) ва хоҳиши сармоягузориву навовариро дар ҷомеа коҳиш медиҳад. Чунин ҳокимият ба душмани соҳибкори озоду навовар мубаддал мегардад ва таъсири манфии он ба истеъмолкунанда низ хоҳад расид. Натиҷаи он "монеаҳои давлатӣ ба соҳибкорон, адами эътимод ба идораҳои давлатӣ, самаранокии пойин ва нархҳои гарон барои истеъмолкунандагон" (4 с. 21) мешавад.

Аз тарафи дигар, камсамарии меҳнат ва гаронии нархҳо ҳар кишвареро ақибмондаву қашшоқ мегардонад. Ҳеҷ як давлатмарди худшиносу баномусе намехоҳад, ки кишвараш чунин ақибмондаву қашшоқ бошад. Тавре ки дар ҷусторҳои қаблӣ ишора шуда буд, нақши ҳувийяти миллӣ дар рушду пешрафти иқтисодӣ хеле баланд аст. Ин аст, ки давлатмардони худшиносу меҳанпараст ҳамеша дар пайи ислоҳоту навоварӣ мебошанд ва кӯшиш мекунанд, ки давлати қурдратманд сохта, аҳолиро бо зиндагии шоиста таъмин намоянд. Сохтани муҳити сармоягузории мувофиқ яке аз ҳадафҳои аслии давлатдории миллист. Чунки  "ислоҳот дар муҳити сармоягузорӣ дар давлатсозӣ нақши мустақим дорад, зеро он фаъолияти ниҳодҳоро танзим намуда, идораи давлатии дурустро ба миён меоварад" [4, с.29].

Маълум мешавад, ки сохтани як муҳити сармоягузории дурусту ҳисобӣ барои ҳар як кишвар зарур буда, яке аз масъалаҳои меҳварӣ мебошад. Дар ин замина, Варрик

Смис ва Мери Ҳолвард-Дример низ таъкид мекунанд, ки “далелҳои рӯзафзун нақши бунёдии муҳити сармоягузории беҳбудёфтаро дар ангезабахшии рушду тавсеа ва коҳиши мизони фақр нишон медиҳанд. Ин буд, ки Чин тавонист 400 миллион шаҳрванди худро аз фақри мутлақ раҳо кунад, Ҳинд суръати рушди иқтисодии худро ду баробар зиёд кард ва Уганда ҳашт баробар рушди бештар нисбат ба дигар кишварҳои Африқоӣ дошт” [5].

Коҳиш додани хатарҳо бо роҳи таъмин кардани ҳокимияти қонун ва додгоҳи мустақил, кам кардани хароҷотҳои истеҳсолӣ тариқи содаву электронӣ кардани хизматрасониҳои давлативу низоми андозбандӣ ва таъмин кардани рақобати озод, ки дар раванди сохтани як муҳити сармоягузории мувофиқ ба миён меоянд, асоси муваффақияти як кишвар дар ҳама соҳаҳо буда метавонад. Албатта, гурӯҳҳои муайяни таъсиргузор аз набуди як чунин муҳит манфиат мегиранд ва ҳамеша муқобилият нишон медиҳанд. Ин масъала дар китоби Д. Осимоғлу ва Ҷ. Робинсон “Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд” бо мисолҳои зиёд баррасӣ шудааст, ки мо дар ҷусторҳои пешин оварда будем. Вале барои расидан ба рушду пешрафти назаррас сохтани чунин муҳит ҳатмӣ аст. Ҳатто баъзе корхонаҳо низ, ки мавқеи монополӣ доранд, намехоҳанд, ки рақобати озод таъмин карда шавад. Чунин “ширкатҳо мехоҳанд рақобати камтаре дар бозор вуҷуд дошта бошад, вале монеаҳо барои рақобати озод, ки барои як ширкат манфиатовар аст, имкониятҳоро барои дигар ширкатҳо маҳдудтар месозад. Фишорҳои рақобатӣ ширкатҳоро ба навоварӣ ва болобарии самаранокии меҳнат ва сатҳу сифати маҳсулот водор мекунанд, ки ин дар натиҷа даромади онҳоро зиёд мешавад ва ин даромадро онҳо бо кормандони худ ва истеъмолкунандагон қисмат карда метавонанд” [5]. Қисмат кардан бо кормандон маълум аст, ба истеъмолкунандагон бошад манфиат тавассути сифати беҳтари маҳсулот ва нархи арзонтари он мерасад. Дар натиҷа ҳама манфиат мебардоранд.

Дарки дурусти аҳамияти як муҳити сармоягузории мувофиқ аз ҷониби давлатмардон, қадами нахустин дар ҷодаи ба даст овардани он мебошад. Ин ҳолат талаботро ба омӯзиши ин масъала ба миён меорад ва фармоиши давлатӣ бо маблағҳои лозима пайдо мешавад. Дар доираи чунин фармоиш метавон вазъияти имрӯзаро муайян ва воқеиятро мушаххас кард. Роҳу усулҳои ворид кардани ислоҳот дар низоми давлатдориро, бо мақсади беҳбуд бахшидани муҳити сармоягузорӣ, аз адабиёти илмӣ ва таҷрибаи кишварҳои дигар ба осонӣ метавон пайдо кард ва истифода бурд. Яъне дар қисмати назариявии он мушкили ҳалношаванда вуҷуд надорад. Танҳо producingиродаи сиёсии давлатмардон лозим аст, ки бо дарки амиқи аҳамияти чунин ислоҳот, вориди амал шаванд ва давлату миллати худро қудратманд сохта, бо такя ба ин қудрату тавоноӣ фақрро решакан карда, аҳолиро ба як зиндагии шоиста таъмин намоянд. Аҳамияти муҳити сармоягузории дурусту мувофиқро дар роҳи расидан ба ин аҳдофи нек кам дидан аз рӯйи ақлу мантиқ нест. Аз сӯйи дигар, вақти он расидааст, ки сари низоми мувофиқи сармоягузорӣ ва иқтидор-потенсиали иқтисоди миллӣ ҷиддӣ тамаркуз кунем ва ислоҳоти фарогири иқтисодиро дар авлавияти умури давлатӣ қарор бидиҳем.

**АДАБИЁТ:**

1. World Bank Group, Investment Climate, https://www.worldbank.org/en/topic/investment-climate

2. World Bank Group, Investment Climate Reforms An Independent Evaluation of World Bank Group Support to Reforms of Business Regulations
https://documents1.worldbank.org/curated/en/989551468334811535/Investment-climate-reform-An-independent-evaluation-of-World-Bank-Group-support-to-reforms-of-business-regulations.pdf
3. World Bank Group, The Investment Climate International Finance Corporation (World Bank Group) July 2016
https://www.un.org/esa/ffd/wp-content/uploads/2016/01/The-Investment-Climate_IFC-World-Bank-Group_IATF-Issue-Brief.pdf
4. Investment Climate Department, International Finance Corporation, A Rough guide to investment Climate Reform in Conflict-Affected Countries,
https://www.enterprise-development.org/wp-content/uploads/Rough-Guide-to-Investment-Climate-Reform-in-Conflict-Affected-Countries.pdf
5. Warrick Smith and Mary Hallward-Driemeier, Understanding the Investment Climate, Finance & Development March 2005, p. 40,
https://www.imf.org/external/pubs/ft/fandd/2005/03/pdf/smith.pdf

## ИНВЕСТИЦИОННЫЙ КЛИМАТ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В ПОСТРОЕНИИ СИЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

**БАРОТОВ ЛУТФУЛЛО**
Старший научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ
Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, тел. 918780555, email: mehr1981@ mail.ru

*В данной статье рассматривается роль и значение инвестиционного климата в экономическом развитии и прогрессе. Автор показывает частный сектор как основную опору экономики и считает важным создание подходящего инвестиционного климата для его функционирования. Частный сектор в условиях рыночной экономики является важным источником занятости и стабильным источником доходов государственного бюджета. Поэтому каждое правительство прилагает усилия для поддержки этого сектора и путем определенных реформ создает для него благоприятные условия. Потому что инвестиционный климат играет непосредственную роль в формировании государства. Поэтому создание подходящего инвестиционного климата является одной из основных целей каждого государства.*

***Ключевые слова:*** *капитал, частный сектор, экономическое развитие, инвестиционный климат, государствостроение, рыночная экономика, мировой рынок.*

## INVESTMENT CLIMATE AND ITS IMPORTANCE IN BUILDING A STRONG STATE

**BAROTOV LUTFULLO**
Senior Research Fellow, Institute of Studying of the Problems of Asian and European Countries, NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki avenue 33, tel. 918780555, e-mail: mehr1981@mail.ru

*This article discusses the role and importance of the investment climate in economic development and progress. The author shows the private sector as the main pillar of the economy and considers it important to create a suitable investment climate for its functioning. The private*

*sector in a market economy is an important source of employment and a stable source of state budget revenues. Therefore, each government makes efforts to support this sector and through certain reforms creates favorable conditions for it. The investment climate plays a direct role in the formation of the state. Therefore, the creation of a suitable investment climate is one of the main goals of each state.*

***Keywords****: capital, private sector, economic development, investment climate, state-building, market economy, world market.*

***ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ***

## ИСЛОМ ВА ТЕРРОРИЗМ

Ислом мисли дигар динҳои ҷаҳонӣ кӯшиш мекунад, ки ҷаҳони сулҳу адолатро ба даст орад. Аммо ҳамон гуна, ки дини насронӣ, яҳудӣ, ҳиндуизм, синтоизм ва дигар динҳо аз ҷониби радикалҳо барои сафед кардани амалҳои хушунатомез ва зишт истифода мешуданд, Ислом низ ҳамин тавр истифода мешавад. Алалхусус эътиқодҳои монотеистӣ чанд порчаҳои Навиштаҷоти Муқаддасро пешниҳод мекунанд, ки аз заминаи қадимӣ ва мушаххаси таърихӣ гирифта шудаанд, ки ба амалҳои даҳшатнок ба номи Худо бар зидди душманони имони ҳақиқӣ даъват мекунанд.

Имрӯз аз ҷониби як қисми ночизи аҳолии мусалмон аз дини ислом даъват карда мешавад, то амалҳои ҷанги партизанӣ, куштор, одамрабоӣ, бомбаборонкунӣ ва ғорати ҳавопайморо, ки одатан бар зидди ҳокимони худ ё золимони хориҷӣ, ҳарчанд муайян карда шаванд, анҷом диҳанд. Баъзан ин корро ҳатто ба номи фоида анҷом медиҳанд, мисли гурӯҳи партизании «Абу Сайёф» дар Филиппин, ки хориҷиёнро барои таблиғ ва пул медуздиданд. Баъзан амалҳои хушунатомез аз ҷониби гурӯҳҳое анҷом дода мешаванд, ки худи номашон Исломро мехонад, аз қабили Ҳизбуллоҳ (Ҳизби Худо), Ҷундаллоҳ (Сарбозони Худо), Муҷоҳидин (Мубоpизон барои ҷиҳод), Ҷиҳоди Исломӣ ва Гурӯҳи Мусаллаҳи Исломии Алҷазоир (ГИА). Гурӯҳҳои дигар номҳоеро истифода мебаранд, ки мустақиман аз мафҳумҳои Қуръонӣ гирифта шудаанд, аз қабили ат-Такфир вал Ҳиҷра (Лаънат ва Фиррор) ва Сепаҳи Саҳоба (Легиони Саҳобаҳои Паёмбар). Ҳамин тариқ, як гурӯҳи мутаносиб хурди радикалҳо дар ахбор ва дар таваҷҷуҳи сиёсатмадорон бартарӣ дошта ва барои ҷаҳони ғайримусулмонӣ тасвири зӯроваронаи Исломро таҳмил мекунанд.

“ТЕРРОРИСТОН” Ё “МУБОРИЗОНИ ОЗОДИХОҲ?”

Ин саволи содда эътирофи васеъро дарбар мегирад, ки истифодаи истилоҳи "терроризм" субъективӣ ва сиёсӣ шудааст. Он инчунин дорои хусусияти шадиди сиёсии терроризм ва гуногунии манфиатҳои сиёсие мебошад, ки аз он таъсир мерасонад. "Терроризм" метавонад ба амалҳои ҷунбишҳои миллии озодихоҳӣ ба мисли чеченҳо дар мубоpизаи 250-солаи онҳо барои истиқлолият аз Маскав ё барои ҷунбиши наздики психотикӣ, ба мисли Аум Шинрикё дар Ҷопон ё Баадер Майнхофф дар Олмон ва ё гурӯҳҳои ҷиноӣ, ки дар мубориза бо терроризм машғуланд, истифода шавад. терроризм барои фоида ба мисли гурӯҳи Абу Сайёф дар Филиппин ё дигар ҷунбишҳои чап ва ростгароӣ, дунявӣ ё динӣ. Гурӯҳҳои гуногуни зӯроварӣ ҳадафҳои гуногун доранд: президентҳо, полис, маъмурони амниятӣ, мансабдорони давлатӣ, рақибони сиёсӣ, “хоинҳо”, тоҷирон, гурӯҳҳои этникии хориҷӣ, давлатҳои хориҷӣ, ифлоскунандаҳо, исқоти ҳамл, сайёҳон, занони беҳиҷоб, шахсони бегуноҳ. Фарқи байни ҷанги партизанӣ ва терроризм қисман дар назари бинанда аст, вақте ки мансабдорон кушта мешаванд, на шаҳрвандони бегуноҳ.

Ҳукуматҳо ба бозии таъриф бо маънои калимаи "терроризм" дохил шуданро дӯст намедоранд, зеро он онҳоро аз имкони истифодаи интихобӣ ва субъективии истилоҳи "терроризм" ба манофеъи худ маҳрум мекунад. Штатҳои Муттаҳида дар роҳи ба кор бурдани стандартҳои дугона ба проблемаҳои махсус дучор мешаванд: якум аз сабаби рафтори Америка нисбат ба меъёрҳои ахлоқи ва дуюм иштироки Америка дар доираи васеи муносибатҳои байналхалқӣ нисбат ба дигар давлатҳо. Аз ин рӯ, истифодаи интихобии Вашингтон аз истилоҳи "терроризм" нисбат ба дигар иёлотҳо равшантар аст.

Дар ҳоле ки ҳама амалҳои зӯроварӣ дар ҷомеаи башарӣ таассуфоваранд, сохтори ҳуқуқи ғарбӣ ва байналмилалӣ дар тӯли садсолаҳо барои эҷод кардани фарқиятҳои нозук, вале муҳими ҳуқуқӣ дар байни онҳо, аз қабили куштори дараҷаи якум, дуюм ва сеюм, куштор, одамкушӣ, мудофиа, ҷанги партизанӣ, муқовимати мусаллаҳона, ҷанги эълоншуда ва эълоннашуда ва ҳатто «ҷанги одилона». Аз ин рӯ, таърифҳои муфид бояд аз истилоҳи "терроризм" ҳамчун тамғаи фарогири ҳама гуна амали зӯроварӣ, ки новобаста аз вазъият ба касе маъқул нест, канорагирӣ кунанд. Қариб хамаи ҳаракатхои миллӣ-озодихоҳии таърих ба ин ё он шакли терроризм машғул буданд. Зӯроварии сиёсӣ сиккаи сиёсат дар саросари ҷаҳон аст, ки маҳкумияти пӯшидаро аз ҷиҳати ахлоқӣ тасаллӣ медиҳад, аммо аз ҷиҳати сиёсӣ аҳамият надорад.

Бо вуҷуди ин, бешубҳа, терроризм вуҷуд дорад ва онро набояд бо мӯи қонунӣ, фалсафӣ ва риторикӣ ҷудо кард ва набояд ҳама вокунишҳоро ба далели мушкилоти таърифӣ фалаҷ кард. Бо вуҷуди ин, бисёре аз гурӯҳҳои муттаҳам ба терроризм ва тарафдорони онҳо талаб мекунанд, ки таърифҳо муқаррар карда шаванд. Дархостҳои онҳо қонунӣ буда, на танҳо ба парешонӣ нигаронида шудаанд. То он даме, ки мо дар бораи он чизе, ки мо дар бораи он сухан меронем, нафаҳмем ва мувофиқат кунем, бо балои терроризм на одилона ва на самаранок мубориза бурдан мумкин нест.

Аз ҷумлаи таърифҳои дақиқтарин ва муассиртарин, ки тақрибан ҳама ба он мувофиқанд, “ҳадафи қасдан ба шаҳрвандон, аз ҷумла занон ва кӯдакон ба ҳадафҳои сиёсӣ” аст. Худи Қуръон чунин амалро ба таври возеҳ маҳкум мекунад.

Луғати байналмилалии Вебстер таърифи алтернативӣ пешниҳод мекунад: “истифодаи усулҳои террории идоракунӣ ё муқовимат ба ҳукумат” Ин таъриф ба таври муҳим гуноҳи эҳтимолии давлатро дар амали террористӣ эътироф мекунад ва аз дилеммаи қонунияти анъанавии аз ҷониби системаи байнидавлатӣ ба «монополиякунонии воситахои маҷбуркунӣ» комилан тааллуқ доштани давлат. Ин таърифи охирин асосан дар Ғарб дар шароити идоракунии намояндагӣ, масъулиятнок ва ризоиятӣ тарҳрезӣ шудааст, ки дар он ҷо истифодаи зӯрӣ бар зидди давлат ба таври возеҳ исён бар зидди тартиботи ризоӣ мебошад. Аммо дар аксари кишварҳои ҷаҳон, режимҳо на ҷавобгаранд ва на ба ризоият, ва саволҳо дар бораи қонунӣ будани истифодаи бесарусомонӣ аз ҷониби режимҳое, ки бо ҳар қимат қудратро нигоҳ доранд, саволҳо ба миён меоранд. Гап дар сари он аст, ки то кунун шумораи бештари қурбониёни “терроризм”– зӯроварии ғайриқонунӣ мебошанд, ки давлат татбиқ мекунад.

Сиёсат ва услуби давлат ва фарҳанги умумии сиёсии кишвар низ ба пайдоиши терроризм таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ҳаракатҳои исломӣ бештар ба хушунат майл доранд, вақте ки худи давлат алайҳи шаҳрвандони худ зӯроварии назаррасе мекунад, ба мисли Миср, Алҷазоир, Тунис, Узбекистон ва Арабистони Саудӣ, ба монанди чанде аз онҳо. Кишварҳои амиқи саркӯбкунанда ба монанди Ироқ метавонанд бомуваффақият монополияи виртуалиро дар истифодаи зӯроварӣ тавассути қувваи бераҳмона ва безарар нигоҳ доранд, дар ҳоле ки ҷомеаҳои озод боз ҳам бештар вокуниши давлатро маҳдуд мекунанд. Зӯроварӣ аз ҷониби давлат нисбати шаҳрвандони худ сарчашмаи асосии муҳити зӯроварӣ мебошад. Гузашта аз ин, дар давлатҳое, ки ба ҳеҷ як шакли ҷиддии баёни сиёсӣ иҷозат дода намешавад ва тағйири тартиботи сиёсӣ ғайриимкон ба назар мерасад, дар як шаҳрванди миёна ҳисси нотавонӣ ва нотавонӣ пайдо мешавад, ки дар ниҳояти кор ба хушунат - чӣ дар дохили кишвар ва чӣ бар зидди як золими хориҷӣ ташвиқ мекунад.

Мушкилот барои мусалмонон печида мешавад, вақте ки истилоҳи “ҷиҳод” дар сиёсати исломӣ истифода мешавад ё аз ҷониби террористон пазируфта мешавад. Маънои

асосии ҷиҳод “кушиш кардан” аст. Дар Ислом «ҷиҳоди бузург» ин муборизаи фард барои пирӯзӣ ба ғаризаҳои пасти худ аст; "ҷиҳоди камтар" истифодаи зӯрӣ барои дифоъ аз хонавода ё ҷомеа аз ҳамлаи ғайримусулмонон аст. Аммо ҷанговарони мусалмон дар гузашта ин истилохро дар маъракаҳои густурдаи низомии худ истифода мекарданд, ҳатто агар дар истилоҳи динӣ комилан дуруст набошад. Онҳо ҳатто дар мубориза бар зидди мусулмонони дигар, ба мисли Саддом Ҳусейн бар зидди Ироқи шиъаён аз он истифода кардаанд. Ниҳоят, истилоҳи “ҷиҳод” ба таври тасодуфӣ ё ба таври гуфтугӯӣ ба маънои як маъракаи бузург истифода мешавад, ки ба истифодаи истилоҳи “сафари салибӣ” дар Ғарб шабоҳат дорад – дар ибтидо истилоҳи динии насронӣ аз калимаи круз ё салиби муқаддас – ва барои чунин ташаббусхо ба монанди « сафари салиб бар зидди маводи мухаддир».

Дар истилоҳи динӣ, Қуръон ҳамлаҳоро ба шаҳрвандони осоишта маҳкум мекунад. Олими ҳуқуқи исломӣ ва профессори Мактаби Ҳуқуқи Донишгоҳи Калифорниа Холид Абу Эл Фадл қайд мекунад, ки: «шумораи мусулмонон вуҷуд доранд, ки терроризмро дар баъзе сатҳҳо асоснок мекунанд. Аммо бояд гуфт, ки ҳадди ақалл ин эътиқод бо шариати Ислом мухолиф аст. Анъанаи ҳуқуқшиносии исломӣ, ки ба анъанаи раввинии яҳудӣ шабеҳ аст, душмании бепоёнро нисбат ба терроризм ҳамчун воситаи муқовимати сиёсӣ нишон додааст.

Гуруҳҳои террористии муосири мусулмонӣ нисбат ба анъанаҳои исломӣ бештар дар идеологияҳои миллии озодихоҳии қарнҳои 19 ва 20 реша мегиранд. Ҳарчанд ин гурӯҳҳои террористӣ барои рафтори худ асосҳои гуногуни динӣ қабул мекунанд, идеология, рамзҳо, забон ва сохтори ташкилии онҳо таъсири муборизаи зидди мустамликадории мамлакатхои тараккиёбанда аст. . . .

Ин як амри собитшудаи Қуръон аст, ки беадолатии дигарон зулми худашро сафед намекунад.”

Ин таҳлил низ умумиятҳои муборизаи васеътари зидди мустамликадоронро нишон медиҳад, ки дар он ҷаҳони мусалмон фақат як унсури он аст.

РЕШАҲОИ МАФКУРАИ ЗИДДИҒАРБӢ ДАР ИДЕОЛОГИЯИ ИСЛОМГАРОӢ

Чаро решаҳои амиқи зидди Ғарб дар афкори зиёди исломгароӣ вуҷуд доранд? Мо медонем, ки бештари кинаҳои таърихии зидди Ғарб дар ҷомеаи мусулмонӣ бар зидди низоъ ва рақобати садсолаҳо, масъалаҳои мустамликадорӣ, империализм, неоимпериализм, қудрат ва гегемонизми Ғарб ва ҷаҳонишавии Ғарб бартарӣ доранд. Ин масъалаҳо умуман бо масъалаҳои динӣ ё фалсафӣ рабте надоранд. Дар ин ҷо исломгароӣ ҳамчун як василаи бисёре аз масоил амал мекунад, ки мустақиман бо ҳадафи таъсиси давлати исломӣ ва ҳатто бо таблиғи Ислом алоқаманд нестанд. Ба ибораи дигар, дар аксари худи фарҳанги мусулмонӣ як такони зидди Ғарбӣ, ки таърихан асос ёфтааст, вуҷуд дорад, ки эҳтимол вуҷуд дорад, ҳатто агар Ховари Миёна исломӣ набуда, балки фарҳанги минтақавии “Шарқи Миёна” мебуд. Агар Шарқи Наздик ҳатто масеҳӣ мебуд, манбаъҳои норозигии минтақавӣ то ҳол вуҷуд доштанд ва як навъ номе пайдо мекарданд, ки бо онҳо худро баён кунанд. Воқеан, ба мо лозим аст, ки танҳо ба шиддати амиқи таърихӣ назар кунем понздаҳсад сол байни ҷаҳони масеҳии ғарбӣ ва шарқӣ, ки то ҳол беҳтар нашудааст - ба нуқтаи назари Юнонӣ дар бораи Рум нигаред - барои фаҳмидани он ки чаро тафовутҳои минтақавӣ метавонанд сарчашмаи низоъ бошанд, ки баъдтар ба тафовутҳои асосан мазҳабӣ мафкуравӣ мешаванд ё аз ҷониби онҳо шадидтар мешаванд. Тамоми таърихи шарк, гарб ва минтақаҳои Африқои Шимолии Империяи Рум як солномаи минтақаҳое мебошад, ки шаклҳои гетеродокси (баъдтар “бидъат” эълон карда шуд) масеҳиятро қисман ҳамчун воситаи баёни душмании минтақавӣ ба марказ қабул мекунанд. Агар тамоми Шарқи Наздик Масеҳӣ мебуд, на мусулмононӣ, шиддатҳо комилан якхела

намебуданд, аммо эҳтимолан хеле шабеҳи ташаннуҷҳои марбут ба таърих, нафт, қудрат, ҳамла ва геополитика мебуд.

Гап дар сари он аст, ки бархӯрди манфиатҳои минтақавӣ метавонад пеш аз бархӯрди идеологӣ бошад. Бархӯрди минтақавӣ асос ва байрақи идеологии худро ба вуҷуд меорад. Дар фарҳанги Ховари Миёна имрӯз ғаризаҳои зидди Ғарб дар дараҷаҳои гуногун вуҷуд доранд. Онҳое, ки ин масъаларо сахт эҳсос мекунанд, як василаи идеологиро меҷӯянд, ки он зидди Ғарбро ба таври муфид тавсиф, тавзеҳ, баён ва асоснок кунад. Дар тӯли муддати тӯлонӣ бисёре аз ин идеологҳо ба миллатгароии Араб ҳамчун воситаи пурқуввати мухолифат имзо гузоштанд. Дигарон ҳамчун як мошини шабеҳ ба Коммунизм имзо гузоштанд. Ҳардуи ин идеологияҳои секуларӣ ноком шуданд, зеро онҳо натавонистанд мушкилоти зиёдеро, ки ҷаҳони Арабро печонидаанд, ҳал кунанд. Воқеан, бисёре аз миллатгароёни Араб, ки аз нотавонӣ ва нокомии миллатгароии араб дилсард шуда буданд, ба паноҳгоҳи нави идеологии Исломизм омаданд. Ҳодисаҳои зиёде аз собиқ коммунистоне, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон Исломгаро ҳастанд, вуҷуд доранд. Ин комилан тааҷҷубовар нест: онҳо ҷустуҷӯи воситаҳоеро идома медиҳанд, ки шикоятҳои зидди Ғарбро аз ҷиҳати моддӣ ё минтақавӣ асосёфтаи онҳоро шарҳ медиҳанд, қадр мекунанд. Ин аст, ки чаро Исломгароӣ амалан бо миллатгароӣ иртиботи зиёде дорад. Асоси тавзеҳи ҳар як идеология метавонад то ин ё он дараҷа фарқ кунад. Байни коммунизм ва исломизм қутбҳои асосии атеизм ва имон мавҷуд аст. Аммо дар акси ҳол, фаъолони сиёсиро ҳамон як ҷустуҷӯ барои адолати иҷтимоӣ, ислоҳот, тағирот, хашм аз фасод дар байни синфҳои ҳукмрон, хашм аз нотавонӣ, ҳукмронии хориҷӣ ва Ғарб бармеангезанд.

Аммо агар бигӯем, ки ҳама исломгароён крипто коммунист ё миллатгаро ҳастанд, соддалавҳона мебуд. Эҳтимол бештари одамон ба исломгароӣ аз ангезаҳои амиқи динӣ низ меоянд, аммо ба ҳар ҳол онҳо тафаккури фаъолеро намояндагӣ мекунанд, ки дар пайи тағирот дар вазъи мавқеъ талош мекунанд. Ин метавонад қавитарин тафовут байни исломгароӣ ва эътиқоди мусалмони маъмулӣ бошад. Исломгароён дар пайи тағйироти далерона ҳастанд, дар ҳоле ки суннатгароён аз мубориза ё бархӯрд худдорӣ мекунанд. Ва онҳо метавонанд аз рӯи воситаҳои тағирот низ фарқ кунанд.

Дар байни худи исломгароён мо дидгоҳҳои гуногуни тағйиротро мебинем, зеро онҳо аз дидгоҳҳои гуногун, шиддатнокии эътиқод ва психологияи сиёсӣ бармеоянд. Баъзеҳо ба рӯъёҳои осоиштаи ҳамоҳангии иҷтимоӣ ва эҳёи ҷаҳони беҳтар нигаронида шудаанд. Дигарон аз шароити мавчуда ба газаб меоянд. Дигарон мехоҳанд, ки арзишҳои амиқи маънавии Исломро беҳтар аз вазъи ғамангези идоракунӣ ва ҷомеа дар минтақа огоҳ кунанд. Дигарон мехоҳанд ҷаҳони мусулмониро қавӣ бубинанд.

Аз ин рӯ, фарқият гузоштан ва аввал психологияи сиёсат ва баъд психологияи терроризмро фаҳмидан муҳим аст. Психологияи сиёсат ба саволҳои мураккаби пайдоиши худи эътиқоди сиёсӣ дахл дорад: оё фалсафаи сиёсии шахсии мо танҳо маҳсули баррасии оқилона аст? Ё ақл ба импулсҳои дил пайравӣ карда, барои асоснок кардани он чизе, ки эҳсосоти мо пеш аз ҳама эҳсос мекунад, кӯмак мекунад? Чӣ як касро либерал, дигареро консерватив ва дигареро радикал мекунад? Шахсоне, ки аз шароити аслан якхела ва маълумоти якхела ба вучуд меоянд, мунтазам аз руи хатти идеологӣ чудо мешаванд. Чӣ ба қозиҳои Суди Олии ИМА водор мекунад, ки дар масъалаҳое, ки ҳамаашон бениҳоят огоҳанд ва ҳама ба як далелҳо дучор мешаванд, мунтазам тақсим кунанд? Мафкураи шахсӣ гуногун мебошад.

Дар ниҳоят, чӣ маҷбур мекунад, ки мард ё зан террорист шавад? Импулсҳои гуногуни мураккаб ба амал меоянд - бо асосҳои моддӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва психологӣ, ки ҳама ба

рафтори инфиродии инсон таъсир мерасонанд. Маҳз тафовут дар психологияи шахсӣ аст, ки як мухолифи исқоти ҳамлро ба навиштани мақолаҳо, дигареро ба намоиш додан ва сеюмиро ба як клиника бомбаборон кунад. Баъзе фаъолони ҷамъиятӣ бо як сабаб намоишхо ташкил мекунанд; дигарон ҳаракат ташкил мекунанд, ба сӯи полис санг мепартоянд, ба полис тир меандозанд ё ҳатто шӯъбаи полис ё корпоратсияро бомбаборон мекунанд. Баъзе фаластиниён ба муқовимати ғайрифаъол, баъзеи дигар ба маъракаи оммавии иттилоотӣ, бархӯрди мусаллаҳона, барои бурдани мубориза ба мардуми осоиштаи Исроил даъват хоҳанд кард. Инҳо на афзалиятҳои сахти сиёсӣ, балки майлҳои амиқи шахсӣ мебошанд, ки минбаъд аз вазъият ва муҳит таъсир мекунанд. Муборизаи осоишта метавонад ба зӯроварӣ табдил ёбад, агар ба таври кофӣ таҳрик диҳад. Ва баъзеҳо дар дили худ зӯроварии торикро аз рӯйдодҳои ибтидоии ташаккули равонии шахсӣ доранд. Мо инчунин бояд дар психологияи шахсии худ фарқиятҳоеро қайд кунем, ки вазнинии ҷазоро, ки мо барои куштор тарафдорӣ мекунем, муайян кунем: баъзеҳо ҷазои қатлро сахт қабул мекунанд, дар ҳоле ки дигарон ҳукми қатлро нафратовар медонанд. Дар масъалаҳои иҷтимоӣ чӣ сахтгирро водор мекунад? Воқеият, ки дар маҷмӯъ шароити сахт ба вокунишҳои сахт тамоюли ба вуҷуд овардан як қисми ин муодилаи равонӣ мебошад.

Ҳатто як бастаи импулсҳои равонӣ, ки террористи ниҳонӣ ташаккул медиҳад, то ҳол ба ҳамон террорист интихоби воситаҳои гуногуни ифротгароӣ барои баёни онҳо - диндории мутаассиб, миллатгароии шадиди сакуларӣ, анархизми қотилона ва ахлоқӣ, фашизми хашмгин ва ё коммунизми ғаразнокро пешниҳод мекунад. Ҳамин тариқ, бархе аз мусалмонон аз рӯи инстинкт бештар хашмгинтар, изтиробовартар ва аз шиддати ихтилофҳо миёни Ғарб ва ҷаҳони Ислом бештар аз дигарон мутаассир мешаванд. Онҳо барои баёни ин нигарониҳо мошинҳои мувофиқ меҷӯянд. Таркиби психологии шахсии онҳо муайян хоҳад кард, ки оё онҳо ба шамшер даст мезананд, тавассути як низоми сиёсӣ кор мекунанд ё худро ба таблиғи ғояҳо ва арзишҳо барои тағир додани дили инсон мебахшанд. Ҷомеъа ва фарҳанги исломӣ дар ин замина аз дигарҳо фарқе надорад. Одамоне, ки дар шароити сахт зиндагӣ мекунанд, ба таври мунтазам назар ба ҷомеаҳои бароҳат дараҷаи баландтари шахсони зӯроварӣ ба вуҷуд меоянд. Воқеият ин аст, ки Шарқи Наздик ҷои сахтест. Шахсе, ки аллакай ба радикализм аз ҷиҳати равонӣ майл дорад, бо бисёр сабабҳо ё сабабҳои ҳаррӯза рӯ ба рӯ мешавад, ки касро ба амали радикалӣ бармеангезанд. Дар ҷаҳони мусулмонии имрӯза ин Исломи ифротӣ аст, ки барои вокуниш ба идоракунии золимонаи давлатӣ ва дарки он, ки сиёсатҳои ИМА ба манфиатҳои мусалмонон зарар мерасонад ва мусулмононро таҳқир мекунад, вокуништарин василаи амалро пешниҳод мекунад. Ҳамин тариқ, террористро ба таври ошкоро на танҳо "идеологияи исломӣ" идора мекунад.

Тавре Эқбол Аҳмад солҳои пеш аз 11 сентябр мушоҳида карда буд, зуҳури терроризми ҷиддӣ имрӯз технологияест, ки имкон медиҳад, ки афроде, ки қобилияти сафар, муошират ва ҳамоҳангӣ бо афроди ҳамфикрро доранд, хисороти азим расонанд. Аксарияти терроризми муосир глобализатсия норозигии равонӣ мебошад. Паст кардани он ҳамон ҷавобҳоро дар бар мегирад, ки ҳамеша барои коҳиш додани ҳама гуна шикоят ва норозигии иҷтимоӣ пешниҳод карда мешуданд: кам кардани ҳиссаи аҳолӣ ба изҳори зӯроварӣ. Муҳимтар аз ҳама, он коҳиш додани фазои дастгирӣ ва таърифро дар бар мегирад, ки он чанд рӯҳияи бепарвоеро, ки мошини терроризмро қабул мекунанд, ҳамроҳӣ мекунанд. Теъдоди ками одамон имрӯз дар Амрико як амали террористиро ба номи ҳама чиз, ҳатто пинҳонӣ истиқбол хоҳанд кард. Шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии мо ба қадри кофӣ хуб ва умуманислоҳшаванда аст, ки терроризмро ҳамчун воситаи ба даст овардани ҳама чиз истисно кунад. Дар Шарқи Наздик барои эътиқод ё умеде, ки тартиботи мавҷудаи сиёсӣ

бисёр чизро ислоҳ мекунанд, заминаҳои кам вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, терроризм барои қабул ва ё ҳатто таърифи оммавӣ заминаҳои кофии мусоид пайдо мекунад, ҳатто агар аксарияти кулли аҳолӣ худаш фаъолона иштирок накунанд.

Аммо фаҳмидани терроризм ин нест кардани он нест. Терроризм воқеан як вабоест, ки ба аксари кишварҳои ҷаҳон таъсир мерасонад ва эҳтимол аст, ки асбоби нотавон дар муқобили қудратмандон бошад. На Штатхои Муттахида ва на ягон мамлакат дар баробари ин душворӣ беамал буда наметавонанд. Бин Ладинҳо ва Ал-Қоидаҳои ҷаҳон бояд пайгирӣ ва безарар кунад. Ҳамкории байналмилалӣ бояд ҳаракат ва тарҳрезии террористонро то ҳадди имкон мушкил гардонад. Мубориза давом мекунад. Аммо маҳдудиятҳои мубориза на танҳо аз рӯи қобилиятҳои ҳарбӣ ё иктишофӣ, балки бо омодагии ҷаҳон ва аҳолии он ба ҳамкорӣ муқаррар карда мешаванд. Ва дараҷаи ин ҳамкорӣ қисман аз рӯи одилона даркшудани даъвои ИМА ва адолати тартиботи байналмилалӣ (аз ҷониби ИМА бартариятдошта) дар назари аксарияти боқимондаи ҷаҳон муайян карда мешавад. Америкоиҳо метавонанд барои 11 сентябр адолати худро ҷустуҷӯ кунанд ва дар ин кор худро комилан одил ҳис кунанд - дуруст аст, аммо ин маънои онро надорад, ки он ҳатман адолатро барои дигарон ифода мекунад. Дар баъзе нуқтаҳо мо дар байни маъракаҳои идомаи якҷонибаи Амрико ва аксуламали муқовимати ҷаҳон ба муомила мерасем, зеро он манфиатҳои ИМА-ро дар тавозуни манфиатҳо ва ҳамдардии худ вазн мекунад.

Ва аз муҳимтарин унсурҳои Ҷанг алайҳи терроризм, унсурҳои "аксарияти хомӯшӣ" дар ҷаҳони мусулмонӣ мебошанд. Аксарияти хомӯшӣ воқеан он аксарияти бузургест, ки ҳеҷ гоҳ ба мубориза҄ҳои замон амиқ намеояд. Аъзоёни он камбу-дихо ва ё хашму газаби тартиботи сиёсӣ, ичтимоӣ ва иктисодии худро нағз медонанд. Онҳо кафкӯбӣ мекунанд ва (шояд хомӯшона) онҳоеро, ки барои тағир додани ин хашмҳо иқдомоти радикалӣ ё ҳатто хушунатомез меандешанд, дастгирӣ мекунанд. Онҳо ифротгароии шахсонеро, ки амалҳои зӯроварона ва ҳатто ба таври ҳайратангез бадахлоқона мекунанд, дарк мекунанд, аммо ангезаҳои онҳоро дарк мекунанд, ҳарчанд ба василаи онҳоро розӣ набошанд. Ин аксарияти хомӯш аст. Он дар байни диктатураи репрессивӣ дар дохили кишвар, сиёсати дахолати Ғарб тавассути Ҷанги зидди терроризм дар хориҷа ва хушунати азими вокуниши Бин Ладин даргир аст. Бо интихоби кам ва қобилияти маҳдуди тағир додани тартиботи мавҷуда, ин натиҷаест, ки пассивияти ғамгин ва кафкӯбӣ барои Робин Гуди кунунӣ аст. Ғарб тақозо мекунад, ки аксарияти мусалмонон бар зидди ифротгароӣ садо баланд кунанд, аммо бояд нахуст ин фарогирии шикоятҳои мавҷударо баррасӣ кунанд ва барои рафъи он талош кунанд. Дар акси ҳол, зарба задан ба ҷинояткорони давраи ҷорӣ дар оянда танҳо ба насли бештари ҷинояткорон оварда мерасонад.

**Тарҷума аз забони англисӣ ва таҳияи Шамсиддин Каримов ва Озод Садуллоев**

(иқтибос аз китоби Граҳам Е.Фуллер "Ояндаи Исломи Сиёсӣ")

# «ПАНЧАТАНТРА» – ГАНҶИНАИ ПАНДУ АНДАРЗИ ҲИНДӢ ВА ТАРҶУМАИ ФОРСИИ ОН – «ПАНЧАКЯНА»

**ҒАФФОРӢ ЗАМИРА АБДУЛЛОЗОДА**
доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии Институти улуми ҷомеашиносии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (Тоҷикистон, ш.Хуҷанд). E-mail: zamira_g6767@mail.ru

*Аз осори ахлоқии Ҳинди Бостон то кунун ҳеч асаре монанди «Панчатантра» иштиҳоре азим ва маҳбубияти ҷаҳонӣ пайдо накардааст.*

*Ҳикоёти ҷаззобу рангини он равшан менамояд, ки муҳимтарин фазилатҳои инсонӣ дар асар бо ҳар роҳу шева ситоиш шудаанд, ки онҳо барои як халқият ва як мардум маҳдуд набуда, арзишҳои ахлоқии умумибашариро тарғиб намудаанд. Тавассути ҳикоятҳои дилангези ин шоҳасар фармонравоёни замон ба хислатҳои наҷиби инсонӣ ташвиқ шудаанд, ки бо соҳиб будан ба ин фазилатҳо подшоҳи ҳар кишваре ба таъмин намудани пойдории мамлакат ва пешрафту ободии давлат муваффақ хоҳад шуд.*

*Ин буд, ки «Панчатантра» аз санскрит ба паҳлавӣ, аз паҳлавӣ ба арабӣ, аз арабӣ ба сурёнӣ ва беш аз 200 дафъа ба зиёда аз 60 забони дунё тарҷума шуда, ба нодиртарин падидаи адабиёти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст.*

*Яке аз тарҷумаҳои форсии «Панчатантра» китоби «Панчакяна» аст, ки ба қалами яке аз адибони форсизабони қарни XVII Ҳиндустон – Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ тааллуқ дорад. Арзиши муҳимми «Панчакяна» дар он зоҳир мегардад, ки тарҷумаи он аз асли китоби «Панчатантра», ки дар китобхонаи салтанатии Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар-подшоҳ мавҷуд буд, аз санскрит калима ба калима бо ҳифзи комили муҳтавои матни аслӣ ба форсии содаву равон, ба забоне, ки мавриди истифодаи умуми хонандагон мебошад, сурат гирифтааст.*

*Дар мақола арзиши адабии “Панчакяна” ва ҷойгоҳи ин асар дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст.*

***Калидвожаҳо**: “Панчатантра”, Ҳинди Бостон, санскрит, адабиёти форсизабони Ҳиндустон, тарҷумаи форсӣ аз санскрит, асри 17, Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ.*

Аз осори ахлоқии Ҳинди Бостон то кунун ҳеч асаре монанди «Панчатантра» («Панҷ китоб») иштиҳоре азим ва маҳбубияти ҷаҳонӣ пайдо накардааст. Ин асар маҷмӯаи дилангезтарин ҳикоятҳои ҳиндӣ ба забони санскрит (яке аз забонҳои асосии Ҳинди Бостон) аст, ки ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тавассути тарҷума ворид гардида ва бо номи «Калила ва Димна» маъруф шудааст.

«Панчатантра» дар аҳди қадим барои ҳукмронони замон чун дастур дар тарзи идораи давлат нигошта шудааст. Ҳадафи аслии эҷоди он таълими роҷазодаҳо ба тадбирҳои кишвардорӣ ва «он чи мулукро бояд ва хирадмандонро ба кор ояд» (5, 8) ба шумор мерафт, аммо дар баробари ин, асари мазкур яке аз муҳимтарин осори мутааллиқ ба ахлоқи амалӣ ва иҷтимоӣ дар адабиёти ҳиндувон аст, ки арзиши бузурги адабӣ-эстетикӣ, ахлоқӣ ва тарбиявиро доро мебошад ва маҳз ба далели арзиши муҳимми ахлоқӣ ва таълимӣ доштанаш дар саросари олам шуҳрату маҳбубият ва ҷойгоҳе вижаеро касб намуд.

Замони нигориши «Панчатантра» ва исми муаллифи он дақиқ маълум нест. Баъзе донишмандон бар ин ақидаанд, ки ин китоб тавассути бараҳмане, ки Вишну Шарман ном дошта, дар ҳудуди қарни III дар Кашмир умр ба сар мебурд, гирдоварӣ шудааст (3, 19; 7, 21).

Дар муқаддимаи китоби «Панчатантра» низ ҳамин санад зикр шудааст, ки муаллифи ин асар Вишну Шарман-ном бараҳмани донишмандест.

Дар мушаххас намудани санаи дақиқи нигориши «Панчатантра» муҳаққиқон то имрӯз иттифоқи раъй надоранд.

Ба қавли Деххудо, Вишну Шарман, ки «Панчатантра»-ро иншо намудааст, дар қарни V зиндагӣ ба сар бурдааст (2, 5750), аммо ӯ қоил аст, ки «асли китоб бисёр қадим аст ва шояд ба асре, ки эътиқод ба таносух зуҳур карда, марбут бошад» (2, 5750). Бархе муҳаққиқони Ғарб, мисли Ҷ. Ҳертел, М. Винтернит ва Т. Норс нигориши ин ганҷинаи бузурги асри нахустини маорифи башариро ҳудуди аввали қарни IV донистаанд (1, 192). Донишманди эронӣ Ҳасан Ризоии Боғбедӣ муътақид бар он аст, ки «Панчатантра» қадимтар аз қарнҳои III-V м. таълиф шудааст (1, 192).

Агар ин нуктаро ба назар гирем, ки дар «Бриҳаткатҳа» («Ҳикояти бузург»)-и Гунадҳя (қарни I ё II м.) аз ривоятҳои «Панчатантра» истифода шудааст, пас, решаи аслии ин асар қабл аз асри I милодӣ вуҷуд доштааст, аммо ин китоб дар сурати нахустини хеш то замони мо нарасидааст.

Бунёдгоҳи аслии «Панчатантра» сарзамини Ҳинд мебошад. Ҳарчанд донишманди олмонӣ – А. Вебер ва Т. Бенфей аз сабаби шабоҳате, ки байни ҳикоятҳои Эзоп (асри VI то м.) ва достонҳои “Панчатантра” мавҷуд будааст, саъй бар он намудаанд, ки нуфузи ҳикоятҳои юнониро нисбат ба афсонаҳои ҳиндӣ ба субут расонанд (ниг.: 7, 24) ва ё Ҷ. Ҳертел маншаи будоӣ доштани ин достонҳоро таъкид намуд (ниг.: 3, 23), муҳаққиқоне чун Инду Шекҳар, Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб ва диг. бо далелҳои раднопазир ба субут расониданд, ки «Панчатантра» аз адаби Ҳинди Бостон гирифта шудааст ва вуҷуди баъзе афсонаҳои машобеҳ дар осори чинию юнонӣ наметавонад юнонӣ ва ё будоӣ будани маншаи ин афсонаҳоро ба исбот бирасонад. Аз ҷумла, Инду Шекҳар нуфузи эҳтимолии достонҳои юнониро ба «Панчатантра» «бидуни поя ва асос» дониста (8, 24), таъкид бар он намудааст, ки бино бар ақидаи гурӯҳи дигари донишмандон, фикри ҳиндӣ дорои ҳассосияти хоссе мебошад ва бино бар ин, иқтибосу тақлидро намепазирад. Донишманди Ҳинд таъкид менамояд, ки «Ҳинд худ махзане буд ғанӣ аз афсона ва ниёзе ба иқтибос аз афсонаҳои юнонӣ надошт. Худи Машриқзамин ганҷинаи ин афсонаҳо будааст» (8, 24-25).

Баръакс, ба қавли Инду Шекҳар, ду достони Эзоп, яъне «Хар дар пӯсти паланг» ва «Хари беқалбугӯш» собит мекунад, ки ин ду достон аз Ҳинд гирифта шудаанд (8, 25).

Мо ҷонибдори андешаи мавсуф ҳастем, ки аз нигоҳи ӯ «аз мавзӯи достонҳои «Панчатантра» ва сохтмони он истинбот мегардад, ки ин достонҳо комилан зоидаи фикру нубуғ ва фалсафаи ҳиндӣ мебошанд» (8, 25).

Аз таҳқиқу баррасии хусусиятҳои муайяни осори қадими ҳиндӣ маълум мешавад, ки муҳимтарин вижагии қиссаҳои санскрит дорои мавзӯи пандуахлоқӣ будани онҳост. Дар «Панчатантра» низ, ки онро муҳаққиқон маншаи аслии қисса ва афсонаҳо дар дунё донистаанд, тамоми аркону одоб ва фазилатҳои олии ахлоқӣ, равишҳои матлуби тарбияи маънавӣ бо шеваҳои ба худ хос ва истифодаи тамсилу ривоёт шарҳу тафсир шудаанд.

Саросари ҳикоятҳое, ки дар «Панчатантра» барои тақвияти андешаҳои ахлоқӣ оварда шудаанд, ба тарбияи маънавии инсон нигаронида шуда, зарари шарр ва манфиати хайрро дар ҳаёти ҷомеа собит мекунанд ва зуд ба дили хонанда роҳ меёбанд. Тавассути ҳикоятҳои дилангези ин шоҳасар фармонравоёни замон ба хислатҳои наҷиби инсонӣ монанди адолатпешагию додгустарӣ, саховатмандию раиятпарварӣ, ҳилму шафқат, азму сабот, ҷидду ҷаҳд, сидқу вафо, некандешӣ, дурандешӣ, афв, шукр, сабр ва ғ. ташвиқ шудаанд, ки бо соҳиб будан ба ин фазилатҳо подшоҳи ҳар кишваре ба таъмин намудани пойдории мамлакат ва пешрафту ободии давлат муваффақ хоҳад шуд.

Муаллиф дар саросари ҳикоятҳои ин асар ақлу хирадро ҳамчун воситаи асосии ба даст овардани саодати ҷовидон, нерӯи аслии расидан ба мақсад ва тавфиқу пирӯзиҳо ҳамду сано мехонад ва ба дониш гаравидану ба некӣ кӯшидани инсонро ҳамчун мояи сарбаландӣ ташвиқ менамояд. Ҳикоёти ҷаззобу рангини “Панчатантра”, ки муҳимтарин фазилатҳои ҳасанаи инсониро бо ҳар роҳу шева тарғиб намудаанд, равшан менамояд, ки онҳо маҳдуд барои як халқият ва як мардум набуда, арзишҳои ахлоқии умумибашариро талқин намудаанд. Ин аст, ки «Панчатантра» маҳбубияти ҷаҳонӣ ёфт, ба ҳадде ки ба қавли Инду Шекҳар «то кунун ҳеч асари ҳиндӣ-эронӣ монанди ин достонҳо чунин иштиҳоре азим касб накардааст» (8, алиф).

«Панчатантра» аз санскрит ба паҳлавӣ, аз паҳлавӣ ба арабӣ, аз арабӣ ба сурёнӣ ва беш аз 200 дафъа ба зиёда аз 60 забони дунё тарҷума шуда, ба нодиртарин падидаи адабиёти ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст. Ин асар борҳо ба забони форсӣ низ тарҷума шудааст. Аз ҷумла, «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ (129 байт аз он бо эҳтимоми Саид Нафисӣ ба табъ расидааст (ниг.: 4, 856-869), «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ»-и Абулмаолӣ Насруллоҳ (1144), «Достонҳои Бедпой», ки мансуб ба қалами Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Бухорӣ (1146-1150) мебошад, аз рӯи таҳрири арабии адиби эронинажоди араб, мутарҷими донишманд – Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ (721-759), ки «Калила ва Димна»-ро аввалин бор аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард (758), ба форсӣ ба қалам омаданд. Дар асрҳои баъдӣ адибон борҳо «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ»-ро ба риштаи назму наср кашиданд. Аз ҷумла, Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ (тақр. 1420-1505) «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ Насруллоҳро ба шеваи хеш иншо намуда, онро ба эҳтироми Низомуддин Аҳмади Суҳайлӣ, ки вазири Султон Ҳусайни Бойқаро (1468-1506) буд, «Анвори Суҳайлӣ» унвон ниҳод. Баҳоуддин Аҳмад ибни Маҳмуди Тӯсӣ мутахаллис ба «Қонеъӣ» (ваф. баъди 1273) низ «Калила ва Димна»-и Баҳромшоҳӣ»-ро ба номи Иззуддини Кайковус ба риштаи назм даровард (1259). «Иёри дониш»-и Шайх Абулфазли Алломӣ (1551-1602) як навъ ривояти нисбатан мухтасару ислоҳшудаи «Анвори Суҳайлӣ»-и Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ (ваф. 1504-1505) ва ду боби аввали «Калила ва Димна»-и Абулмаолӣ Насруллоҳ («Боби ибтидои «Калила ва Димна» ва боби «Барзуяи табиб») мебошад. Муаллифе ношинос «Иёри дониш»-ро хулоса ва бознависӣ карда, ба он «Нигори дониш» унвон гузошт (1752). Ҳамин тариқ, дар асрҳои мухталиф борҳо таҳриру тарҷума шудани “Калила ва Димна” боиси ба вуҷуд омадани ривоятҳои нави он гардид ва ин нукта гувоҳ бар он аст, ки, воқеан, асари мазкур дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шуҳрати тамом касб намуда, заминаҳоеро дар эҷоди осори мустақили манзум ва мансур дар асоси матни худи он ба вуҷуд овард, ки он то ба рӯзгори мо идома ёфт. Аммо шоёни таъкид аст, ки ҳеч яке аз ин асарҳо аз матни аслии “Панчатантра” мустақиман тарҷума нашудаанд, балки дар асоси «Калила ва Димна»-и арабии Ибни Муқаффаъ ва тарҷумаҳои форсии он ба қалам

омадаанд. Дар ҳоле ки худи Ибни Муқаффаъ низ ин китобро на аз асли китоб аз забони санскрит, балки аз тарҷумаи паҳлавии (форсии миёна) он, ки дар миёнаи қарни VI, дар замони фармонравоии Хусрави Анӯшервон (531-579) ба василаи Барзуя-ном пизишки эронӣ ба арабӣ тарҷума шудааст, баргардон намудааст. Барзуя низ, ба қавли муҳаққиқон, ба матни аслии «Панчатантра» тағйирот ворид намуд. Ӯ номи ду шағол – Каратака ва Даманакаро, ки дар фасли аввали «Панчатантра» қаҳрамонони аслии достон ба шумор меравaнд, ба унвони номи асари хеш баргузид ва онро ба паҳлавӣ «Калилак ва Димнак» номид, ки минбаъд ҳамчун «Калила ва Димна» машҳур гашт.

Дар муқояса бо тарҷумаҳои форсии мазкур арзиши муҳимми “Панчакяна”, ки яке аз тарҷумаҳои форсии «Панчатантра» буда, ба қалами яке аз адибони форсисарои қарни XVII Ҳиндустон – Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ тааллуқ дорад, дар он зоҳир мегардад, ки тарҷумаи он аз асли китоби «Панчатантра», ки дар китобхонаи салтанатии Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар-подшоҳ мавҷуд буд, аз забони санскрит калима ба калима бо ҳифзи комили муҳтавои матни аслӣ ба форсии содаву равон, ба забоне, ки мавриди истифодаи умуми хонандагон мебошад, сурат гирифтааст. Бино бар ин, тасарруфоту тағйироте, ки дар тарҷумаҳои дигари форсии “Панчатантра” мавҷуданд, дар “Панчакяна” ҷой надоранд. Ба қавли Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ тарҷумаҳои форсии «Панчатантра», ки дар он замон мавҷуд буданд, мақбули табъи Ҷалолуддин Муҳаммади Акбар-подшоҳ қарор нагарифт, чун дар онҳо ё тартиби достонҳои матни санскрит иваз шуда буд ва ё муаллифон ба матн тасарруфот карда буданд ва дар натиҷа сурати аслии он тағйир ёфта буд ва ё луғоту истилоҳоти забони арабӣ дар онҳо ниҳоят зиёд мавриди истеъмол қарор гирифта буданд ва ғ. Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ бо амри Акбар ба тарҷумаи «Панчатантра» даст заданашро чунин тавзеҳ бахшидааст: «Ва чун ҳамон нусхаи асли ҳиндуӣ ҳангоми арзи китобхонаи олӣ ба назари кимиёасари ҳазрати халифаи илоҳӣ (Акбар-подшоҳ – Ғ.З.) даромад ва қабл аз он бисёре аз кутуби ҳиндиро донишварони муътакифи ин даргоҳ ҳасбуламр ба форсӣ тарҷума намуда буданд, ба хотири қудсимаосир чунон қарор ёфт, ки чун ин китоб чандин карат аз забоне ба забоне рафта ва аз баёне ба баёни дигар омада ва албатта, тағйиру табдил дар он роҳ ёфта ва камию зиёдатӣ пазируфта...» (5, 5). Аз ин лиҳоз, Акбар ҳукм намуд, ки «ҳар чӣ аз хушку тар дар он китоб бошад, ба ҳамон тартиб рақам намояд, то қадри тафовути асли сухан ва тартиби он ва зиёдатию нуқсон зоҳир гардад» (5, 5-6).

Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ аз аҳолии Лоҳур буда, қаблан низ бо амри Акбар тарҷумаи чанд китоби санскритро ба форсӣ анҷом дода буд. Аз ҷумла, бо супориши Акбар тарҷумаи форсии «Катҳасаритасагара» – «Баҳр-ул-асмор»-и Мулло Аҳмади Кашмириро бо номи «Дарёи асмор» аз нав таҳрир намуд. Ҳамчунин, ӯ бо дастури Ҷаҳонгир-подшоҳ «Китоб-ул-милал»-и Муҳаммади Шаҳристониро таҳти унвони «Тавзеҳ-ул-милал» ба форсӣ тарҷума кард (6, 2364; 3, 33-34).

Тара Чанд ва Саййид Амирҳасани Обидӣ хидмати Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосиро дар он тақрир намудаанд, ки ӯ мусаввадаи «Панчатантра»-ро ба форсии содаву равон, лафз ба лафз, бе такаллуф дар иборатпардозӣ, тарҷума намуд ва дар баробари он «рӯҳи матни санскритро дар худ нигоҳ дошт» (7, бисту ду).

Муҳаққиқони мазкур сабки нигориши «Панчакяна»-ро чунин ба қалам овардаанд: «Тарҷумаи форсии «Панчакяна» нишон медиҳад, ки Мустафо Холиқдод Аббосӣ на танҳо аз ҳайси нигоранда, балки аз ҳайси мутарҷим қудрате комил дар

истеъмоли забони содаву ширин дошт. Мустафо Холиқдод Аббосӣ аз ду ҳайс шоистаи тамҷид аст. Яке он ки саъй кардааст, то он ҷо ки мумкин бошад, аз асл инҳироф накунад ва таҳтуллафз тарҷума кунад ва дигар он ки китоби худро бар тарзе навиштааст, ки умуми мардум метавонанд онро ба осонӣ бифаҳманд. Хулоса, сабки ӯ саҳли мумтанеъ аст» (7, сию ду).

Аз муқаддимаи форсии «Панчакяна» равшан мешавад, ки муаллиф мехост нусхаи аввали мусаввадаи «Панчакяна»-ро ба Акбар-подшоҳ тақдим намояд, то ин ки аз рӯи назар ва пешниҳоди шаҳаншоҳ ислоҳоте дар он ворид намояд. Аммо дар бораи ин ки ӯ «Панчакяна»-ро ба Акбар тақдим кард ё не, маълумоте мавҷуд нест, ҳамчунин, дар нусхаи хаттии он таърих ва исми маҳалли хатми он зикр нашудааст.

Мустафо Холиқдод Ҳошимии Аббосӣ дар муқаддимаи “Панчакяна” навиштааст: «Бар хиёбонпаймоёни ганҷёб пӯшида нахоҳад буд, ки ин китоби ҳиндуихитобро, ки онро «Панчакяна», яъне, «Панҷ достон» ва «Каратака Даманака» низ гӯянд, ҳамон китобест, ки Нӯшервони Одил Барзуяи табибро, ки ҳакиме буд бағоят фарзона ва дар донишу фиросат ва маҳорати забони форсӣ ва ҳиндуӣ ягона, баъд аз тақдими лавозими мулотафат* ва мароҳим* ба ҷиҳати нақли маонии он китоб ба диёри Ҳинд номзад карда, ба рӯзе саъд ва соате масъуд рухсат намуд” (5, 3).

Ягона нусхаи хаттии «Панчакяна», ки то имрӯз боқӣ мондааст, дар Музейи миллии Деҳлӣ нигаҳдорӣ мешавад (шумораи 26/1005; варақ: 272, сантиметр 20x11). Номи котиб сабт нашудааст. Нусхаи мазкур соли 1973 аз ҷониби донишмандони ҳиндустонӣ – Тара Чанд ва Саййид Амирҳасани Обидӣ таҳия ва нашр шудааст (Алигарҳ: Донишгоҳи исломии Алигарҳ, 1973).

«Панчакяна» ба тариқи наср ба қалам омада, бо порчаҳои манзуми мазмуни пандуахлоқӣ дошта ороста шудааст. Он аз 5 боб иборат аст:

1. Боби нахуст «Митра бҳеда» («Бадал сохтани дӯстӣ ба душманӣ» ва ё «Нифоқи дӯстон») унвон дорад ва шарҳи сиёсати «Тафриқа бияндоз ва ҳукумат кун»-ро фаро мегирад. Шахсиятҳои аслии ин фасл ду Шағол бо номҳои Каратака ва Даманака ҳастанд, ки яке аз онҳо бо бадкинию суханчинӣ робитаи дӯстии миёни Пингалака-ном Шер ва Гове бо номи Самҷивакаро ба душманӣ мубаддал месозад. Ин фасл муҳимтарин фасли асар аст. Аҳаммияти ин қисмат ба ҳаддест, ки дар тарҷумаҳои бозмонда аз таҳрири паҳлавӣ (тарҷумаҳои сурёнӣ ва арабӣ) китоби «Панчатантра»-ро ба номи ду Шағоли мазкур дар ин фасл «Калила ва Димна» номидаанд;

2. Фасли дувум «Митра санпрапати» («Ба даст овардани дӯстон» ва ё «Ҷамъ овардани дӯстон» ва ё «Ойини дӯстӣ») унвон дорад. Дар ин боб таъкид шудааст, ки инсон бояд дар интихоби ёру дӯст ба иштибоҳ роҳ надиҳад ва дӯстонашро пас аз баррасии дақиқ баргузинад. Шахсиятҳои аслии ин фасл Зоғу Муш ва Оҳуву Боха ҳастанд;

3. Қисмати севум «Каколукия» («Ҷанги Зоғу Бум») номгузорӣ шуда, мақсуд аз он баёни зиёнҳоест, ки дар натиҷаи дӯстӣ бо душманони зотӣ дар пай дорад. Дар ин қисмат одоби сулҳу ҷанг ва амсоли он мазкур аст. Қаҳрамонҳои аслии ин фасл Бум ва Зоғ ҳастанд;

4. Фасли чаҳорум «Лабдҳапранаша» («Ёфтаи худро аз даст додан») унвон дорад ва мақсуд аз он баёни ин маънист, ки чӣ гуна инсон метавонад аз нодонии хеш он чиро ки ба каф овардааст, аз даст бидиҳад, яъне, баёни зиёнкорӣ ва аз даст додани он чӣ мақсуд будааст. Шахсиятҳои аслии ин фасл Маймун ва Наҳанг ҳастанд;

5. Фасли панҷум мавсум ба «Апарикшитакарита» («Кори носанҷида» ё «Кардани кор бетааммул ва зиёнзадагии он») буда, мақсуд аз он баёни зиёнҳоест, ки дар натиҷаи бетаваҷҷуҳӣ ба суханони дигарон ба бор меояд, яъне, амали бетааммул ва зиёнзадагии он. Шахсиятҳои аслии ин фасл савдогар ва ҳаҷҷом ҳастанд.

«Панчакяна» бо насри омехта ба назм таълиф шудааст. Лозим ба зикр аст, ки яке аз вижагиҳои асосии қиссаҳои «Панчатантра» ҷанбаи тамсилӣ доштани онҳост. Дар «Панчатантра» инсон бо ҳайвон ва гиёҳу ҷамодот робитаи қавӣ дорад. Ҳикояҳо аксар аз забони ҳайвонот нақл шудаанд, андешаҳо ва мақсадҳо асосан аз забони ду шағол ва ҳайвоноту ҷонварҳои дигар, ки нақши инсонро иҷро мекунанд ва рафтору кирдори инсонӣ ба онон нисбат дода шуда, таҷрибаҳои инсон дар амалу гуфтори онҳо ҷилвагар мешавад, баён шудаанд. Дар ин достонҳо ҳайвоноту парандагон ва ҳатто наботот аз нерӯи ақлонӣ ва қувваи такаллум баҳраманд ҳастанд, дар такомули маънавии худ талош мекунанд, чун инсон гуфтугӯ мекунанд ва гоҳ-гоҳе саргарми баҳсҳои ахлоқӣ мегарданд. Ба мавҷудоти табиат ба забони таънаву латифа дар бораи нақсҳо ва айбҳои башар сухан меронанд ва ҳатто риёкории табақаи бараҳман ва заъфи нафси дарбориён ва бевафоии занҳоро низ интиқод мекунанд, гоҳ хулқу атвори одамиро содир менамоянд, роҳи парҳезкориро пеш мегиранд, гоҳ ашъори муқаддаси ҳиндувонро месароянду маросими мазҳабиро адо мекунанд ва гоҳ дар бораи худоён андеша меронанд, ба омӯзиши мусиқӣ машғуланд, дӯш ба дӯши инсонҳо пеш мераванд ва онҳоро дар масоили зиндагӣ ёрӣ мекунанд ва гоҳ-гоҳ хӯйи ҳайвонии хешро ба намоиш мегузоранд ва ғ. Инсон аз забони ҳайвонот сухан мегӯяд, бо онҳо суҳбат мекунад, аз онҳо ёрӣ мехоҳад, бо онҳо риштаи дӯстӣ барқарор мекунад ва аз аъмолу суханони онҳо ибрат мегирад, яъне дар асар риштаи диданашаванда байни инсон ва ҳайвоноту ҷамодот кашида шудааст. Дар қолаби ин қиссаҳо инсон тааҷҷуб намекунад, ки чаро мору дарахту санг ба забони ӯ сухан мегӯянд ва дӯстии ӯро мепазиранд ва ба зиндагӣ дар канори ӯ унс мегиранд. Дар ин қиссаҳо инсон ба шакли ҳайвон ва гиёҳ меояд ва ҳайвону гиёҳ ба шакли инсон, мисли ин ки ҳеч тафовуте дар миёни онҳо нест ва ҳама аз як гавҳар ва як сарчашмаанд.

Ба қавли муҳаққиқон, мушаххас маълум нест, ки бунёдгузори ин сабки ибтикории адабиёти тамсилӣ кӣ будааст? Аммо бештари ин достонҳо аз мардум гирифта шуда ва баъдҳо бино ба эҳтиёҷи замон ба шаклҳои мухталиф даромадаанд. Гӯё фарқи байни достон ва афсона гузошта нашудааст, зеро ки анвоъ ва ақсоми онҳо дар маҷмӯаи як фасл омадааст (8, 4).

«Панчатантра» дар шакли «қисса андар қисса» («достон андар достон») таълиф шудааст. Ин шеваро нависандагони Ҳинди Бостон барои қиссанависӣ баргузидаанд. Дар ин навъи асарҳо баёни як силсила ҳикоёт дар қолаби як ҳикояти поя буд, ки онро «ҳикояти бунёдӣ» ё «ҳикояти васила» низ меноманд ва ҳикояти поя чаҳорчӯби асар ба шумор меравад. Онҳое, ки қаҳрамони ин достонҳо ҳастанд, қиссаро андар қисса меёваранд, то ин ки гуфтаҳои худро таҷассум намоянд ва гоҳе низ як миқдор достони фаръӣ ба таври маснуъ ба баҳонае замимаи достони аслӣ мешавад. Масалан, агар дар боби аввали «Панчакяна» достони «Гов ва Шер» ҳикояти аслӣ бошад, дигар ҳикоёте, ки онҳоро яке аз шахсиятҳои ҳикояти аслӣ баён мекунад, ҳикоятҳои фаръӣ мебошанд. Достони «Гов ва Шер» бо ҳикояти «Маймун ва мех» оғоз мешавад. Сипас баъзе ҳикояҳои фаръӣ, ҳамчун «Маймун ва мех», «Ҳикояти Шағол ва Дуҳул», «Ҳикояти дантали хизоначӣ ва фарроши роҷа» ва ғ. ба таври алоҳида оварда шудаанд. Аммо дар

дохили баъзе ҳикоятҳои фаръӣ ҳикояти фаръии дигаре низ вуҷуд дорад. Масалан, дар дохили ҳикояти «Некрой ва Бадрой», ки ҳикояти фаръист, ҳикояи фаръии дигар – «Бакалаву Росу ва Мору Панҷпоя» оварда шудааст.

Дар дохили ҳар ҳикоят барои тақвият бахшидани ҳар нукта шлокаҳо – абёти ахлоқии манзум низ зикр шудаанд. Достонҳо маҳз ба василаи ашъори таълимӣ ба ҳамдигар пайваст шудаанд ва пандҳои манзум дар баробари таъмини ҷаззобияти сабки асар андешаҳои ахлоқии муаллифро ба субут мерасонанд. Дар "Панчакяна" аз эҷодиёти суханварони маъруфи форсӣ-тоҷикӣ ҳамчун Саъдии Шерозӣ (5, 21, 54, 286) , Амир Хусрави Деҳлавӣ (5, 75), Абдурраҳмони Ҷомӣ (5, 104-105) намунаҳо зикр шудаанд.

Нақл ё муколама дар бештари қиссаҳо ҷои асосиро гирифта, мафҳум, масоил ва мазмунҳои ахлоқӣ аз забони ин қаҳрамонон тавзеҳ шудаанд.

Ба назар мерасад, ки ҳамин шеваи иншои осори ахлоқӣ, ки баъдан дар насри ахлоқии форсӣ-тоҷикӣ низ ривоҷи тамом ёфт ва намунаи барҷастаи он «Гулистон»-и Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Ҷомӣ мебошанд, то ҷое ба ин шеваи таълифи осори насри ахлоқии Ҳинди Бостон пайванд доранд.

Нуктаи дигаре, ки дар бораи мавзӯи достонҳои «Панчатантра» бояд таъкид намуд, сиёсӣ будани ин достонҳост. Ба ин масъала дар муқаддимаи китоб низ эътироф шудааст, ки ҳадаф аз нигориши ин асар таълими сиёсат ба шоҳзодагон будааст. Дар ин достонҳо одоби дарбор аз забони ҳайвонот ба тасвир кашида мешавад ва ҳар достони аслӣ ё фаръӣ метавонад баёнгари масоиле бошад, ки дар сарнавишти мамлакат муассир будааст.

Аз баҳсу баррасии мавзӯӣ ва таҳлили ҷанбаҳои ахлоқии ҳикоёти "Панчакяна" бармеояд, ки муаллиф тавассути нақли ҳикояҳо дар навбати аввал мехоҳад хирадмандӣ, хоксорӣ, дӯстӣ, ҳилм, вафодорӣ, адолатхоҳӣ, росткорӣ ва дигар хислатҳои неки инсониро тарғиб намуда, ба ин восита нахуст аркони ахлоқии ҳокимонро, ки сабаби пойдории мамлакати ӯ хоҳад буд, баён намояд. Хулосаи ақидаҳои ахлоқии муаллифи асар дар нисбати бақои давлатдорӣ ва низоми фармонравоён ин аст, ки бояд ҳар як давлатманд ба хислатҳои неку писандидаи инсонӣ пайравӣ кунад. Ба назар мерасад, ки зуҳури осоре мустақил дар заминаи муқаррар намудани ахлоқи шоҳону ҳокимон дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ки ба як шеваи муҳимми насри ахлоқӣ мубаддал гардид, сарчашмае дар ин осор ва чунин ҳикоёт дорад, зеро дар мавзӯи баррасӣ ва таъини аркони ахлоқи ҳокимон монандиҳое ба мушоҳида мерасанд. Масалан, дар достони «Шер ва Гов», ки ҳикояти аслии китоб буда, дар бораи дӯстии Шер ва Гов нақл мешавад, ин матлабҳо бештар равшан мегарданд.

Ҳикоят бо он оғоз мешавад, ки дар вилояти Дакан шаҳре буд бағоят обод бо номи Маҳиларопя ва Вардҳаманака ном тоҷире давлатманд дар он шаҳр зиндагӣ мекард. Ӯ фарзандони худро насиҳат мекунад, ки дар касби илму ҳунар бештар саъю кӯшиш намоянд.

Писари бузурги он бозаргон ба сафар раҳсипор мешавад, то ин ки сарвати худро бияфзояд. Ду Гови нерӯманд, ки Нандака ва Санҷивака ном доштанд, аробаи ӯро мекашиданд. Дар роҳ Санҷивака, ки аз ранҷи кашидани ароба қуввате надошт, ногаҳон пояш дар гиле, ки аз обшор ҷамъ шуда буд, дармонда мешиканад. Бозаргон мусофирати худро се рӯз ба таъхир мегузорад, аммо Санҷивака дар ин муддат аз гил берун наёмад ва натавонист ҳаракаташро идома бахшад. Он гоҳ тоҷир нигаҳбононро дастур медиҳад, ки дар ҳоли зинда мондани Санҷивака ӯро ҳамроҳ бо худашон баранд

ва агар вай ҳалок шавад, маросими бозпасинро анҷом диҳанд. Рӯзи дигар нигаҳбонон аз ваҳшати ҷангал рӯ ба гурез мениҳанд ва пеши сарвари худ дурӯғ мегӯянд, ки Санҷивака ба ҳалокат расиду онҳо маросими бозпасинро анҷом дода, ҷасадашро дар оташ сӯхтаанд.

Ҳангоме ки бозаргон ин воқеаро шунид, ба онҳо офарин гуфт, маросими сӯгворӣ ба ҷой овард ва сипас роҳи худро идома бахшид.

Дар ин вақт Гов, ки зинда монда буд, ба марғзоре расид, ки дар соҳили дарёи Ямуна қарор дошт. Гов он ҷо қувват пайдо намуда, аз мастии нишот бо овози баланд наъра мезанад. Дар ҳамон наздикӣ Пингалака-ном Шер дар ҷангале, ки бо қудрати бозуи худ ба даст оварда буд, ба шодмонӣ подшоҳӣ мекард. Шер ба нерӯи зотии худ мағрур буду ҳама ҷонварон ӯро «шоҳаншоҳ» хитоб мекарданд. Шер, ки бонги тарснокро то он мавқеъ ҳаргиз нашунида буд, ҳаросу ҳайбат ба дили ӯ роҳ ёфт ва бе нӯшидани об дар сояи дарахте бо дарбориён ором гирифт ва ҳеч гуна тарсе аз он садо бар худ зоҳир накард.

Дар тамоми боғҳову хонақоҳҳо ва ҷангалҳо ва дар миёни ҳама ҷамодот намояндае аз ҷониби Шер вуҷуд дошт ва ҷосусони Шер дар тамоми нуқот пароканда шуда буданд.

Ду шағол – Каратака ва Даманака, ки ҳар ду писарони вазир буданд, аз наъраи Гов ба ҳарос омадани Шерро пай мебаранд. Даманака аз тарсу ваҳшати султон барои наздик шудан ба ӯ суд ҷуста, Шерро дилдорӣ мекунад ва назди ӯ мақоме дармеёбад, то маъмур бар он мешавад, ки Говро ба назди вай оварад. Шер ба Гов унс пайдо мекунад ва байни онҳо робитаи дӯстӣ барқарор мешавад. Даманакаи дасисакор ба дӯстии онҳо, ки рӯз ба рӯз мустаҳкам мешуд, ҳасад бурда, дар муносибати онҳо рахна ба вуҷуд меоварад. Дар натиҷа Гов бо амри Шер кушта мешавад.

Шер пас аз куштани Гов ангушти надомат мегазад. Модари Шер пас аз сарзаниши фарзанд ба далели шитобкорияш ба ӯ насиҳат мекунад, ки барои бегуноҳ рехта шудани хуни Гов интиқомашро ситонад. Шер маҳкамае ташкил медиҳад ва Даманака бо вуҷуди чарбзабониҳояш бо шаҳодати ду шоҳид: Паланг ва дарандаи дигаре, ки бо Даманака дар ҳабс буд, маҳкуму ҳалок мешавад (5, 13-142).

Дар ибтидои ин достон тавсия бар он шудааст, ки кори худро бар уҳдаи дигарон вогузоштан хатост, зеро ҳеч кас ба андозаи худаш ба корҳои марбут ба худи ӯ дилаш намесӯзад. Ҳамчунин, достони мазкур паём аз он мерасонад, ки инсонҳои қудратманд низ баъзан аз содатарин амалҳо ба ҳарос меафтанд, вале паёми аслии достон дар он ниҳуфтааст, ки муносибати наздик барқарор кардан бо афроди қудратманд боиси он мегардад, ки онон маркази таваҷҷуҳ қарор мегиранд ва боиси таҳрики бухлу ҳасади бадхоҳон мешаванд ва ин ҳасад бо фитнаангезӣ анҷом меёбад, ки оқибат робитаи дӯстӣ байни онҳо гусаста мешавад. Аз ин лиҳоз, дар асар парҳез аз муошират бо шахси қудратманду табақаи ҳоким тавсия шудааст, зеро дӯстию маваддат бо чунин ашхос хатарро дар пай дорад. Оқибати нофарҷоми афроди суханчин, оқибати нодонию ҷаҳолат, сазои нохушоянди туҳмати нораво ва бадном кардани бегуноҳон фирефта шудан дар ҳилаву дасисаи маккорон аст, зеро бухлу ҳасад ва бадхоҳӣ на фақат ба атрофиён зарар мерасонад, балки чунин афрод бо амали худ ба худашон низ ҷавр карда, ҳаёташонро бар бод медиҳанд.

Дар ҳикояи «Шер ва Гов» бадхоҳон на танҳо ба дӯстии Гову Шер ҳасад бурда, муносибати Шерро ба ӯ дигаргун менамоянд ва дар натиҷаи туҳмати хушк Гов кушта мешавад, балки худи Шағол низ ба ҳалокат мерасад.

Дар ин ҳикоя мазомини мутааддиде матраҳ шудааст, ки метавон барҷастатарини онҳоро зарару нокомии рафтори шитобкорона ва бетаааммулӣ дар тасмимгириҳо, дар натиҷаи хашму ғазаб амрҳои шитобкоронаи ҳокимон ва гуноҳеро бе далел ҷазо додани онҳо, таваҷҷуҳ надоштан ба оқибати амал донист, ки пушаймонии бесудро аз амрҳои шитобкорона ба дунбол меоварад. Барҷастатарин мазмуне, ки дар ин ҳикоят матраҳ шудааст, талқини ҳилму сабри шоҳон дар муқобили макру ҳасади дарбориён аст, ки дар сурати таҳаммул намудани фармонравоён дар қазовати ҷазодиҳӣ ҳилаҳо ноком мемонанд.

Яъне, бар муқобили ҳилаву найранге, ки шоҳро ба куштор таҳрик мекунад, сабру хештандорӣ ва ҳилми шоҳ ҳамчун яке аз фазоили ахлоқии барҷаста ситоиш шуда, бахшиши гуноҳи зердастон таъкид мешавад.

Нависанда тавсия медиҳад, ки ҳокимони замон вақти ҳал намудани тақдири ояндаи зердастони худ набояд зиракию ҳушёриро аз даст диҳанд ва танҳо ба шунидаҳояшон иктифо намуда, дар болои хашму ғазабашон тасмим гиранд, балки адлу дод ва раҳму шафқатро фаромӯш накунанд, афвпеша бошанд, ба ҷавру ситам роҳ надиҳанд, зеро ки баръакси шавқату меҳрубонӣ хашм сабаби сар задани ҳар гуна нокомиҳо ва костагии обрӯи инсон мегардад.

Ин достон баёнгари он аст, ки дар миёни сифоти писандида сабру ҳилм дар ҷойгоҳи бартар ва арзишманд қарор доранд, ки аз муҳимтарин самароти ин хислатҳо барои пешбурди масоили зиндагӣ ва хирадмандии онҳо ин аст, ки сабаби оромиши хотир гарданд. Албатта, ин достон дар ахлоқи подшоҳон баҳс ба миён овардааст ва аз миёни се сифат – саховат, шуҷоат ва ҳилм севумин сифат дар қолаби ин ҳикоят бартар ва волотар муаррифӣ шудааст.

Муаллиф дар ин гуна мавридҳо зарурати панду мавъизагӯиро, ки хосси афроди мушфиқу дилсӯз ва хайрхоҳ аст, таъкид менамояд, ки фарди хирадманд дар вақти зарурӣ панду насиҳат гуфтанро бояд дареғ надорад ва ҷиҳати тарбияи мардум афкори судманди хешро баён намояд. Агар гаравидани касеро ба роҳи бад ҳис кунад, бояд тавассути насиҳату андарзҳои накӯ ӯро аз роҳи ғалат ба роҳи рост баргардонад.

Аз нигоҳи нависанда, чун рафтору амали воизон ба сухан гуфтан рабт дорад, бояд онҳо, пеш аз ҳама, даст бар ин амали нек бизананд ва бо некхоҳӣ мардум, хоссатан, шоҳонро ба анҷоми рафтори хушу писандида даъват намоянд.

Ба назари нависанда, каси некхоҳ он аст, ки дӯсташро аз кори бад ва саранҷоми он боздорад: «Некандеш ҳарчанд дар салоҳдиди дӯстон озор кашад, ӯро нашояд, ки даст аз насиҳат ва манъ намудани ӯ аз хаёлу кори номуносиб боздорад, ки роҳи ростон ин аст ва ғайри ин тариқи гумроҳон» (5, 81).

Ин нукта аз он далолат мекунад, ки дар ин асари арзишманди ахлоқӣ оқибатнигарӣ ва дурандешӣ хосси шахси хирадманд, хосса ҳокимони давр дониста шуда, зарурати он ба фармонравоёну доноёну некандешон талқин шудааст, зеро бадтарин хислат барои фармонравоён дурандеш набудани онҳост, чун оҷизтарини мулук он аст, ки аз оқибати корҳо ғовил бошад ва баръакс, оқибатбинию дурандешӣ боис бар он мегардад, ки инсон аз балову офатҳо эмин бимонад.

Дар асар макру дасисаҳо, ки дар натиҷа баъзеҳо туъмаи найрангбозиҳои дигарон мешаванд, эътимоди нобихрадона ва кӯтаҳфикрии афрод дар муқобили фиребкорон, мавқеъи дарборҳои асри нависанда ва дахолати атрофиёни шоҳ дар умури давлат, пушаймонии беҳосили шоҳ аз тасмимоти шитобкорона, ки ба таъсир аз онон

гирифтааст, танқид шудааст. Ҳеҷ гоҳ хиёнат бе посух намемонад ва чоҳе, ки барои дигаре канда бошӣ, рӯзе домангири худат хоҳад шуд.

## АДАБИЁТ:

1. Боғбедӣ, Ҳасан Ризоӣ. «Панчатантра» дар адабиёти санскрит ва адабиёти форсӣ // Қанди порсӣ. – 1997. – №12. – С. 191-213.

2. Деҳхудо. Панчатантра. – Луғатнома / Зери назари доктур Муҳаммад Муин ва доктор Саййидҷаъфари Шаҳидӣ. – Дар 16 ҷилд. – Ҷ.4. – Теҳрон: Муассисаи интишороти чопи Теҳрон, 1998. – С. 5750.

3. Маҳҷуб, Муҳаммадҷаъфар. Дар бораи «Калила ва Димна». Таърихча, тарҷумаҳо ва ду боби тарҷуманашуда аз «Калила ва Димна». – Теҳрон, 1336. – 336 с.

4. Нафисӣ, Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ. Бо кӯшиши ва таҳияи Ҷаъфари Ранҷбар. – Душанбе, 2008. – 934 с.

5. Панчакяна / Тарҷумаи Мустафо Холиқдоди Аббосӣ. Ба кӯшиши доктор Тара Чанд ва Саййид Амирҳасани Обидӣ. – Алигарҳ: Донишгоҳи исломии Алигарҳ, 1973. – 356 с.

6. Расулӣ. Мустафо ибни Холиқдод Аббосии Ҳошимӣ. – Донишномаи адаби форсӣ дар Шибҳи Қора / Ба сарпарастии Ҳасани Анӯша. – Ҷ. 4, бахши 3. – Техрон: Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1380. – С. 2364.

7. Чанд, Тара ва Обидӣ, Саййид Амирҳасан. Муқаддима. – Панчакяна / Тарҷумаи Мустафо Холиқдоди Аббосӣ. Ба кӯшиши доктор Тара Чанд ва Саййид Амирҳасани Обидӣ. – Алигарҳ: Донишгоҳи исломии Алигарҳ, 1973. – Саҳ. нӯҳ-чиҳилу шаш.

8. Шекҳар, Инду. Панчатантра. Муқаддима. – Панчатантра: Тарҷума аз санскрит ба форсӣ. – Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чоп, 1961, 234 с. – С. 1-25.

9. Шекҳар, Инду. Пешгуфтор. – Панчатантра / Аз санскрит ба форсӣ тарҷумаи Инду Шекҳар. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чоп, 1961, 234 с. – С. алиф-дол.

## «ПАНЧАТАНТРА" – ПАМЯТНИК САНСКРИТСКОЙ ДИДАКТИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ И ЕГО ПЕРСИДСКИЙ ПЕРЕВОД – "ПАНЧАКЯНА"

**ГАФФОРИ ЗАМИРА АБДУЛЛОЗОДА**
доктор филологических наук, главный научный специалист НИИ гуманитарных наук Худжандского госуниверситета им. академика Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)

*Ни одно из дидактических произведений древней Индии не приобрело такую популярность и всемирную славу, как «Панчатантра» («Пятикнижие»). Этот выдающийся литературный памятник (III век нашей эры) возник в Индии для наставления царских сыновей – наследников пристола житейской мудрости и дипломатии, поучения их как справедливо править государством, привить в них благородные человеческие качества, обладая которыми правитель любого государства сможет обеспечить мир и процветание в своей стране.*

*«Панчатантра» написана по принципу обрамленной повести и состоит из сборника рассказов дидактического содержания, в которых основными героями являются животные.*

*«Панчатантра» впервые была переведена с санскрита на пехлеви (средневековый иранский язык), с пехлеви на арабский, с арабского на сирийский и более 200 раз на более чем 60 языков мира, став редчайшим явлением мировой литературы.*

*«Панчатантра» имеет множество переложений на персидский язык, однако ни один из переводов на фарси не был осуществлен непосредственно с санскрита, оригинала «Панчатантры». Персидские обработки были осуществлены на основе «Калилы и Димны» Ибн Мукаффы и других персидских переводов «Калилы и Димны».*

*Одним из персидских переводов «Панчатантры» является «Панчакяна», осуществленный персоязычным писателем Индии XVII века – Мустафой Халикдодом Хашими Аббаси. Важная ценность «Панчакяны» содержится в том, что его перевод был осуществлен по приказу Джаляпуддина Мухаммада Акбара непосредственно с санскрита на фарси на основе рукописи «Панчатантры», находившейся в царской библиотеке. Акбар считал, что во всех предшествующих переводах «Панчатантры» либо был изменен порядок повествования, либо переводчики подвергли среднеперсидскую версию книги значительной обработке, изменив первоначальное содержание книги, а потому приказал осуществить новый перевод «Панчатантры» с санскрита на фарси слово в слово, с полным сохранением его содержания.*

*В статье подвергнуто анализу значение "Панчакяны" в мировой литературе, отчасти в персидско-таджикской литературе.*

***Ключевые слова:*** *"Панчатантра", Древняя Индия, санскрит, персоязычная литература Индии, персидский первод с санскрита, XVII век, Мустафа Халикдад Хашими Аббаси.*

## "PANCHATANTRA" BEING MONUMENT OF SANSKRIT DIDACTIC LITERATURE AND ITS PERSIAN TRANSLATION – "PANCHAKYAN"

**GHAFFORI ZAMIRA ABDULLOZODA**
Doctor of philology, professor, Chief Scientific Specialist, Research Institute of Arts under SEI "KhSU named after academician B.Gafurov" (Tajikistan Khujand)

*None of the didactic productions of ancient India gained such popularity and worldwide fame as "Panchatantra" ("Pyatiknizhiye"). The relevant well-known literary monument (referring to III century AD) arose in India aimed at the initiation of the royal sons - heirs to the throne of worldly wisdom and diplomacy and to educate them how to fairly rule the state; to impart them noble human-being qualities, possessing which the ruler of any state will be able to ensure peace and prosperity in to his/her country.*

*The former in question is written on the principle of a trapped story and consists of a collection of didactic stories in which the main characters are animals.*

*"Panchatantra" was translated from Sanskrit into Pahlavi (a medieval Iranian language), from Pahlavi into Arabic, from Arabic into Syriac for the first time, and more than 200 times into more than 60 languages being as a rare phenomenon in world literature, upon the whole.*

*"Panchatantra" has many translations into Persian, however none of the translations into Farsi were carried out directly from Sanskrit and the original "Panchatantra". Persian*

*alterations were carried out based on "Kalila and Dimna" by Ibn Muqaffa and other its Persian translations.*

*One of the Persian translations of "Panchatantra" is considered to be "Panchakyan" carried out by the Persian-speaking writer of India who lived in the 17th century - Mustafa Khaliqdod Hashimi Abbasi. The important value of the former in question lies in the fact that its translation was carried out by order of Jalaluddin Muhammad Akbar directly from Sanskrit into Farsi based on the manuscript of "Panchatantra", which was in the royal library. Akbar believed that in all previous translations of "Panchatantra" either the order of the narration was changed, or the translators subjected the Middle Persian version of the book to significant processing, changing the original content of the book, therefore he ordered a new translation of "Panchatantra" from Sanskrit into Farsi word by word, with comprehensive preservation of its contents.*

*The article conducts an analysis the importance of "Panchakyan" in world literature and in Persian-Tajik literature partially.*

***Keywords:*** *"Panchatantra", Ancient India, Sanskrit, Indian literature written in Persian, Persian translation from Sanskrit, the 17th century, Mustafa Khalikdad Hashimi Abbasi.*

## БУҲРОНИ САҲРОИ ҒАРБӢ, ҶАНГИ ФАРОМӮШШУДА ДАР АФРИҚО




Саҳрои Ғарбӣ (Western Sahara), як давлати арабӣ дар минтақаи баҳсбарангезе мебошад, ки аз соҳили шимолу ғарби Африқо миёни Марокаш, Алҷазоир, Мавритания

ва укёнуси Атлантик ҷойгир аст. Ин минтақаро Мағриби Бузург низ меноманд ва дар гузашта пас аз ишғоли Испания, муддате ҳамчун Саҳрои Испания шинохта мешуд. Зеро ин минтақа дар ибтидои асри 16-и милодӣ аз ҷониби Испания ишғол карда шуд, сипас аз соли 1860 то соли 1976 мелодӣ Испания онро дубора ишғол карда, таҳти назорат ин худ гирифт. Аммо вақте ки Испания онро дар соли 1976 тарк кард, аз он вақт инҷониб миёни Ҷабҳаи мардумии озодии Саҳрои Кабир (Полисарио), ки Саҳрои Ғарбиро давлати мустақили худ мешуморад, ба Марокаш ҳамроҳ намудани онро қабул надорад ва ҳукумати Марокаш, ки онро як қисми қаламрави кишвари худ мешуморад, низоъ ва ҷанг ба амал омад [4], ки кишварҳои гуногун бо ҳадафҳои гуногун ва нигоҳ доштани равобит дарояндаи ин кишвар мустақим ва ғайри мустақим ба тарафҳо кумак менамоянд.

Ҷабҳаи Полисарио 27 феврали соли 1976 Ҷумҳурии Демократии Саҳрои Арабро, ҳамчун давлати худ эълон намуд ва 6-уми марти соли 1976 аввалин ҳукумати Саҳроиро бо сардории Муҳаммад ал-Амин Аҳмад, барои ташкил ва анҷом додани сохторҳои ташкилию маъмурӣ, кушиш намуд. Ҳоло Ҷумҳурии Демократии Саҳрои Араб бо 38 мамлакати ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ дорад, ки аксарияти онҳоро кишварҳои Африқо ташкил медиҳанд. Ин минтақа инчунин аз узвияти комили Иттиҳоди Африқо бархурдор аст. Аммо Ҷабҳаи Полисарио узви Созмони Милали Муттаҳид ва Лигаи кишварҳои Араб нест[6].

Бояд қайд намуд, ки бо вуҷуд доштани умқи решаҳои нажодӣ, забонӣ ва фарҳангии минтақа, умқи доманадори табиъӣ низ ин кишварро бо дигар ҳамсояҳои африқоии худ мепайвандад. Зеро заминҳои Саҳрои Ғарбӣ аз захираҳои ояндадори нафт, газ ва ангишти фаровон ғанӣ мебошанд, ки аз солҳои 60-уми асри гузашта бисёре аз ширкатҳои хориҷиро водор кард, ки дар чанд минтақаҳо ҷустуҷӯ, истихроҷ ва кашфиёт анҷом диҳанд. Аммо шароити ноустувор дар минтақа ин ширкатҳоро водор кард, ки натиҷаҳои иктишофии худро нигоҳ дошта, интизори имкониятҳои фароҳам овардани амният ва устувории минтақаро барои сармоягузорӣ шуда, то кори худро дубора шуруъ намоянд [3]. Шояд далели эҳтимолии нафтии он ҳузури ширкатҳои бузурги байналмилалии нафтӣ, аз қабили “Enterprise Oil”, “Esso” ва дигарон ба фаъолияти худ дар қисмати шимолии ҳавзаи ал-Уюн ат-Тарфоя омодаи фаъолият мебошанд. Ба ҳамин монанд, ширкати “Kerr-McGee” -и амрикоӣ дар ғарби Раъс Буҷдур, дар масоҳати 110,400 километри мураббаъ таҳқиқоти иктишофӣ анҷом дод. Ва ширкати “Total Final Elf” -и фаронсавӣ дар минтақаи ад-Дохила дар майдони 114,556 километри мураббаъ иктишоф ва таҳқиқоти геологӣ ва геофизикӣ анҷом додаанд [3]. Инчунин Саҳрои Ғарбӣ яке аз бойтарин соҳилҳои моҳидорӣ мебошад, ки зиёда аз 200 намуди моҳиҳои гуногун, 71 намуди моллюскҳо ва 14 намуди сефалоподҳо, ба ғайр аз малаххо, майгуҳо ва харчангҳои баҳрӣ, инчунин навъҳои нодири моҳӣ дохил мешаванд, ки ин обҳоро ба манбаи сарватҳои муҳими баҳрӣ табдил медиҳад [3]. Маълумотҳо нишон медиҳад, ки дар заминҳои Саҳрои Ғарбӣ захираҳои ояндадори табиӣ низ мавҷуданд, ки барҷастатарини онҳо конҳои оҳан, канданиҳо ва маъданҳои фоиданок, маъданҳои мис, сангҳои қиматбаҳо ва сангҳои ороишӣ ва конҳои муҳими намаки сангӣ, ки дар минтақаҳои гуногун пароканда мебошанд [3].

Қариб ним аср пеш аз хуруҷи Испания, низоъу ҷанг дар Саҳрои Ғарбӣ шуруъ шуда, то ҳол идома дорад. Аммо баъди кушишҳои Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Африқо, кӯшишҳои дигар кишварҳо ҷиҳати дубора баргардонидани оромӣ

дар минтақа, ҳамагонро мунтазири сулҳу осоиштагии доимӣ гардонидааст. Аммо мақолаи дар зер омада, ки пайвандҳои фишурдаи низоъи минтақа ва роҳҳои осоиштагиро доро мебошад, зери унвони «Буҳрони Саҳрои Ғарбӣ, ҷанги фаромӯшшуда дар Африқо», доктор Аҳмад Улуврo пешкаши хонандагон менамоем, ки мегӯяд:

Гоҳ-гоҳ матбуот дар бораи Буҳрони Саҳрои Ғарбӣ аз афзоиши дараҷаи шиддати низоъ, задухурдҳо ва гузаронидани гуфтушунидҳо, махсусан гуфтушунидҳое, ки ба наздикӣ дар Ню Йорк баргузор шуданд, хабарҳо нашр мекунад.

Ин буҳрони фаромӯшшуда, ки беш аз сӣ сол то имрӯз вуҷуд дошт ва идома дорад, кам касоне ҳастанд, ки дар бораи ин низоъ медонанд ва ё дар ёд доранд. Ба монанди, ин буҳрон чист? Сабабҳои он чист? Тарафҳо дар ин мунокиша киҳоянд? Ин саҳро дар куҷост? Сокинони он киҳоянд ва борои чӣ низоъ идома дорад? Дар зер мо кӯшиш хоҳем кард, ки ба ин саволҳо посух гӯем ва дурнамои ҳалли худро дар равобити кунунии байналмилалӣ ва тағйир додани тавозуни қудрати маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ омӯзем.

**Захираҳо**

Заминҳои Саҳрои Ғарбӣ дорои сарвати бузурги фосфатҳо, пӯлод, сарвати калон ва ояндадори нафт дар соҳили он, ки дар баробари уқёнуси Атлантик мебошад, илова бар сарвати бузурги моҳиро дорост.

**Саҳрои Ғарбӣ дар куҷо ҷойгир аст?**

Саҳрои Ғарбӣ дар шимолу ғарби Африқо, дар ҷануби Марокаш ҷойгир буда, масоҳати 266000 км$^2$ буда, дар шимолу шарқ бо Алҷазоир, дар шарқ ва ҷануб бо Мавритания ва дар ғарб бо уқёнуси Атлантик ҳамсарҳад аст. Аз ин рӯ, Саҳрои Ғарбӣ дорои мавқеи муҳими стратегӣ мебошад.

Аҳолии Саҳрои Ғарбӣ тибқи омори соли 2008 м, 393000 нафарро ташкил медод, ки нисфи онҳо дар пойтахт ал-Уйюн - бузургтарин шаҳри минтақа зиндагӣ мекунанд. Ин сокинон як гурӯҳи қабилаҳоро ташкил медиҳанд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- Авлоди Тидрарин, ҷадди онҳо "Аҳмад ибни  Ғанбур", аз Марокаш ба Саҳро муҳоҷират кардааст.
- ар-Ракибот «қабилаи амозиғӣ (барбарӣ)»: онҳо ба Идрисиҳо дар шимоли Марокаш тааллуқ доранд.
- Шайх Моъул-айнайн: онҳо низ ба Идрисиҳо тааллуқ доранд.
- Текна: ба он Оят Лиҳасан, Оят Мусо ва Алӣ, Ёқут, Якут ва Оят Авсӣ дохил мешаванд.
- Авлоди Далим: Оят Умрон, пасон ал-Арусийин, ки онҳо ба ал-Адорисаҳо низ тааллуқ доранд.

Ин қабилаҳо фаъолият ва нақшҳоро миёни худ тақсим мекунанд. Онҳо қабилаҳои ҳунарманде (косибӣ) мебошанд, ки ба моҳидорӣ, тиҷорат ва ғайра машғуланд. Инчунин, қабилаҳое ҳастанд, ки ба ҷанг омодагӣ мегиранд. Баъзеи онҳо ба корҳои динӣ ва барпо намудани «гӯшаҳои динӣ» низ машғуланд.

Аслу решаи сокинони Саҳрои Ғарбӣ аз асли арабӣ ва амозиғӣ буда, бо забони арабӣ (лаҳҷаи ал-ҳасония), ки омехтаи арабӣ ва амозиғӣ аст, ҳарф мезананд ва тибқи таълимоти мазҳаби фиқҳи Имом Молик аз дини Ислом амал мекунанд.

**Таърихи минтақа**

Бархе муаррихон бар ин боваранд, ки финиқиён садҳо сол пеш аз таърихи милодӣ ба ин минтақа омадаанд ва барои худ дар соҳили ғарбии Африқо ҷойгоҳҳо сохтаанд, ки ба уқёнуси Атлантик менигарад. Минбаъд финиқиён бо сокинони ин

минтақаҳо, хусусан сокинони Саҳро ва кӯҳҳои Барбар, тамос гирифтаанд. Албатта миёни онҳо издивоҷ карданд ва муносибатҳои тиҷоратӣ барқарор намуданд. Аз ин рӯ, баъзе муаррихон бар ин назаранд, ки дар миёни мардуми ин минтақа асли финиқӣ низ вуҷуд дорад, аммо ин назар то имрӯз аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ нашудааст. Инчунин, ҳуҷуми Рим ба Африқои Шимолӣ дар асрҳои II ва III (милодӣ), боиси халалдор шудани сохтори мардумнигории (демографӣ) Саҳрои Ғарбӣ, номутаносибиро ба вуҷуд овард. Зеро аз Саҳроҳои Либия ва минтақаҳои шимоли Африқо қабилаҳои барбари "Синҳоҷа" ва "Заннотия" ба ин кишвар оварда шуда ва дар саҳроҳои Марокаш маскан гирифтанд.

Дар ибтидои асри VIII мелодӣ бо расидани фатҳи исломӣ, муҳоҷирати арабҳо аз нимҷазираи Араб ба сарзамини Саҳрои Ғарбӣ расида, дини ислом дар байни аҳолӣ паҳн гардид. Дар ибтидои асри XI давлати «ал-Муробития» таъсис ёфта, муассиси он пайрави мазҳаби фиқҳи моликӣ буд. Таълимоти мазҳаби моликӣ дар байни аҳолӣ паҳн мешуд. Мусалмонон барои таъсиси як низоми мутараққии иҷтимоӣ кушиш менамуданд. Онҳо инчунин ҳаёти иқтисодӣ, махсусан тиҷорату савдои тиллоро аз кишвари Малӣ, ки дар он вақт бо номи Судон маъруф буд, эҳё карданд. Муҳоҷирати арабҳо ба ин минтақа дар байни асрҳои XI-XV идома ёфта, онҳо тавассути назорат ва нуфузи худ ба минтақаҳои "ас-Соқия ал-Ҳамроъ" ва "Води аз-Заҳаб" ва қисми зиёди қаламрави Мавритания ворид шуданд ва онро бо хусусияти хоси арабӣ ва исломии худ нақш бастаанд.

**Саҳрои Ғарбӣ дар замони муосир**

Саҳрои Ғарбӣ дар соли 1884 милодӣ зери тасарруфи Испания афтод ва дар соли 1934 ба як вилояти Испания табдил гардид. Аммо бо афзоиши эҳсоси миллӣ ва ватандӯстӣ дар миёни мардуми "Саҳровиён", пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва бо коҳиш ёфтани мавҷи мустамликадорӣ ва авҷ гирифтани ҳаракатҳои истиқлолиятхоҳӣ дар ҷаҳон, бахусус дар Африқо (Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Миср, Судон ва ғайра) талаботи рафтани испаниҳо аз ин минтақа оғоз ёфт. Мардуми Саҳрои Ғарбӣ дар солҳои 50, 60 ва 70-уми асри бистум ба муқобили испаниҳо ҷанги партизанӣ мебурданд. Пас аз он, ин муқовимат бо созмоне муттаҳид карда шуд, ки дар ҷаҳон бо номи "Ҷабҳаи Полисарио - Polisario Front" маъруф гардидааст, ки калимаи "Полисарио" ихтисоршуда аз забони испанӣ буда, чунин маъно дорад: «Ҷабҳаи халқии озодкунии минтақаи Соқия ал-Ҳамроъ ва Водии Заҳаб (водии тиллоӣ)», (Popular Front for the Liberation of Saguia el - Hamra and Rio de Oro), Соқия ал-Ҳамроъ ва Водии Заҳаб номи ду минтақаи шимоли Саҳрои Ғарбӣ мебошанд.

Дар зери фишори ҷанги партизание, ки ин ташкилот ба муқобили қушунҳои Испания мебурд, бо афзудани фишори мардуми испанӣ, инчунин ҷомеаи байналмилалӣ, талаби хуруҷи Испанияро аз Саҳрои Ғарбӣ менамуданд. Пас дар соли 1975 Испания тасмим гирифт, ки аз ин минтақа хориҷ шавад. Пас бо баромадани Испания ин минтақаро ба минтақаи мушкил ва низоъ миёни кишварҳои минтақа аз як тараф ва "Ҷабҳаи Полисарио" аз тарафи дигар табдил дод. Пас ин амал чӣ гуна сурат гирифта аст?

**Мушкилоти Саҳрои Ғарбӣ ва низоъҳои он:**

Пеш аз хуруҷи Испания дар соли 1975, масъалаи Саҳрои Ғарбӣ ба Додгоҳи байналмилалии адлия пешниҳод карда шуд.  Дар он вақт вазъият чунин нишон дода шуда буд:

Кишвари Марокаш даъво дошт, ки Саҳрои Ғарбӣ аз замонҳои қадим сарзамини Марокаш аст. Ҳамчунин далелҳоро пешниҳод намуд, ки дар он Саҳрои Ғарбӣ ва Мавритания заминҳои Марокаш мебошанд ва дар дохили “Мағриби Бузург” маъруфанд. Инчунин Мавритания даъво кард, ки Саҳрои Ғарбӣ қаламрави Мавритания буда, мехоҳад онро дубора баргардонида гирад.

Тарафи дигари мушкилӣ ва низоъ созмон ё “Ҷабҳаи Полисарио” мебошад. Зеро ин созмон ҳамчунин аз мардуми Саҳроие, ки дар ин минтақа зиндагӣ мекунанд, намояндагӣ мекунад. Ин созмон то ҳол ба муқобили қушунҳои истилогари Испания амалиёти ҷангии «оташафкан» бурда истодааст. Ин созмон, истиқлолияти комили ин минтақа ва эълон кардани давлати худро аз дигар атрофиён мустақил талаб мекунад. Дар ин асно, кишвари Алҷазоир ин созмонро дастгирӣ карда, тамоми эҳтиёҷоташро таъмин мекунад.

Аммо Испания бошад, майл дошт, ки ба ин минтақа мухторият дода, давлати Саҳроӣ таъсис диҳад, то ба Испания вобаста бошад. Пас додгоҳи байналмилалӣ даъвоҳои тарафҳоро рад карда, қароре баровард, ки дар он Саҳрои Ғарбӣ ба мардуми он тааллуқ дорад ва онҳо ҳуқуқи худмуайянкунии масири худро доранд.

**Шартномаи Мадрид**

Дар 14-уми ноябри соли 1975 созишнома миёни Марокаш, Мавритания ва Испания баста шуда буд. Дар асоси ин созишнома Саҳрои Ғарбӣ чунин тақсим карда шуд. Марокаш ба ҳисоби миёна аз се ду ҳисса, Мавритания сеяки онро тақсим карда гирифтанд ва ба Испания 35% ҳуқуқи маблағгузорӣ ба конҳои фосфат ва озодона моҳидорӣ дар обҳои сарзамини Саҳро дода шуд. Созмони Полисарио ин созишномаро рад карда ва амалиёти низомии худро бар зидди нерӯҳои Испания идома дод. Созмони Полисарио, ки аз тарафи Алҷазоир дастгирӣ карда мешуд, дар моҳи феврали соли 1976 барои барпо намудани давлати мустақили худ кушиш мекард, онро бо номи Ҷумҳурии Демократии Саҳрои Араб (SADR-Sahrawi Arab Democratic Republic) эълон кард. Ва ин ҳукумат дар берун аз Саҳрои Ғарбӣ таъин шуд. Ва шаҳри Тиндуфф (Tindoff) дар охири ҷанубу ғарбии Алҷазоир макони аслии ҳукумати Полисарио муқаррар гардида, даҳҳо ҳазор паноҳандагон ва ҷангҷӯёни саҳроӣ дар он ҷо ҷой гирифтанд. Шаҳри Тиндуфф тақрибан 50 км аз марзҳои Марокаш ва Саҳрои Ғарбӣ ҷойгир аст (аҳолии он имрӯз тақрибан 100 000 нафарро ташкил медиҳад).

Дар миёни нерӯҳои ҷабҳаи Полисарио аз як тараф ва нерӯҳои Марокаш ва Мавритания аз тарафи дигар задухӯрд ба амал омад. Лекин Мавритания ба сабаби афзудани фишорҳои дохилӣ ва тағйирёбии ҳукумат дучор шуда буд, аз минтақаҳое, ки соли 1979 ишғол карда буд, баромад. Ба шарте, ки ин минтақаро ба нерӯҳои Полисарио супорад. Вале нерӯҳои Марокаш ба шакли ногаҳонӣ, ин минтақаи додашударо ишғол кард, ки ҳамаро дар тааҷҷуб гузошт. Бо ин иқдом, тамоми Саҳро дар зери назорати тоҷи Марокаш гардид.

Дар байни нерӯҳои Марокаш ва нерӯҳои Полисарио, ки аз тарафи Алҷазоир дастгирӣ карда мешуд, ҷанг давом кард. Кишвари Алҷазоир дар ин ҷанг бевосита дахолат кард, зеро кор то ҷое расид, ки артиши он бо артиши Марокаш задухӯрд карда, аз ҳарду тараф куштаю захмӣ гузошт. Пас аз фишорҳои байналмилалӣ ва арабҳо кишвари Алҷазоир дахолати мустақими худро қатъ кард, аммо созмони Полисариоро дар ҷанг бар зидди Марокаш дар тӯли солҳои 1980 ва то ибтидои солҳои 1990 асри гузашта идома дод. Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1991 дар ин низоъ дахолат

карда, ба тирпарронӣ хотима дода намояндаи худро дар зери лоиҳаи маъруф бо номи “Минурсо- Ҳайати вакилони Созмони Милали Муттаҳид барои ташкили раъйпурсӣ дар Сахараи Ғарбӣ”, (Minurso - Mission des Nations Unies pour l'organisation d'un Référendum au Sahara Occidental) фиристод, ки маънои намояндаи Созмони Милали Муттаҳид барои ташкили раъйпурсӣ дар Саҳрои Ғарбиро дошт.

Ҳадафи фирситодани намояндаи Созмони Милали Муттаҳид барои назорати оташбас ва гузарондани раъйпурсӣ оид ба тақдири Саҳрои Кабир буд; яъне ҳамроҳ шудан ба Марокаш, ё ба даст овардани истиқлолият муайян карда шуд. Ин амалкард маънои ҳуқуқи худмуайянкунии мардуми Саҳроиро дорад, ки барои гузаронидани ин раъйпурсӣ соли 1992 муқаррар шуда буд. Аммо баҳси муҳим дар он аст, ки ки ҳаққи овоздиҳӣ дар ин раъйпурсиро дорад. Ин масъала ихтилоф миёни Ғарб ва созмони Полисарио гардидааст, ки то ҳол ба як масъалаи дуру дароз ва таҳқиқнашванда гардидааст. Зеро Созмони Полисарио чунин мешуморад, ки кишвари Марокаш даҳҳо ҳазор нафар сокинони Марокашро ба Саҳрои Ғарбӣ кучонидааст, ба хотири азхудкунии аксарияти аҳолии саҳроӣ, ки истиқлолияти комилро талаб мекунанд, ҳангоми овоздиҳӣ ба нафъи худ тағйир диҳад. Инро ба манфиати гурӯҳе, ки ба Марокаш ҳамроҳ карда шудани минтақаро талаб мекунад ё ба ӯ дар беҳтарин ҳолат дар ихтиёри Марокаш худмухторӣ дода шавад, чунон ки баъдтар Марокаш пешниҳод карда буд. Азбаски ду тараф ба як ҳал нарасиданд, ин буҳрон бо вуҷуди миёнҷигариҳои мухталифи байналмилалӣ аз он замон то имрӯз идома дорад.

**Вазъияти ҳуқуқии Саҳрои Ғарбӣ ва мавқеи тарафҳо**

Вақте ки Испания нияти баромадани худро аз Саҳрои Ғарбӣ эълон кард. Ин амалкард дар ростои қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои мустамликадорӣ ва ҳуқуқи худмуайянкунии халқҳо оварда шуд. Пас парвандаи Саҳрои Ғарбӣ ҳамчун як шакли баҳси ҳуқуқӣ ба Додгоҳи байналмилалии адлия пешниҳод карда шуд. Додгоҳ ин парвандаро қонунӣ баррасӣ карда, дархостҳои тарафҳои ширкаткунандаро баррасӣ карданд. Аз ҷумла, қабули даъво бо далелҳо ва асноди ҳуқуқии тарафҳо барои соҳибии Саҳро, ки дар ихтиёр доранд, пешниҳод карда исбот кунанд. Аммо баъд аз баҳсу баррасӣ ва муҳокимаҳо, Додгоҳи байналмилалии адлия ҳукми худро баровард, ки ҳеҷ яке аз даъвогарон далели кофӣ дар бораи ҳуқуқи моликияти Саҳроро надоранд. Ва чунин мешуморанд, ки Саҳрои Ғарбӣ ба мардуми он тааллуқ дорад, ки дар он зиндагӣ мекунанд ва ҳуқуқ доранд худро идора кунанд ва сарнавишти худро худашон ҳал кунанд. Ин ҳукмро Марокаш, Мавритания ва Испания рад карданд. Дар ҳоле ки созмони Полисарио ин ҳукмро тарафдорӣ ва дастгирӣ мекард. Бинобар ин тарафҳои манфиатдор, ғайр аз созмони Полисарио, ба бастани «созишномаи Мадрид» шитоб карданд.

**Мавқеи кишварҳо оид ба буҳрони Саҳрои Ғарбӣ**

Буҳрони Саҳрои Ғарбӣ дар як минтақаи ҷазбкунанда ва гирдоварандаи бисёр кишварҳо буд. Ин буҳрон дар байни кишварҳо низ миёнаравҳои зиёдро ба худ ҷалб намуд. Дар баъзе вақтҳо дастгирии мустақими ин кишварҳоро ҳам дида мешуд. Махсусан дар давраи ҷанги сард, байни ду нерӯи бузурги Шарқ ва Ғарб ба авҷи худ расида буд. Аммо пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва оташбаси соли 1991, ин буҳрон рӯ ба ҳалли мушкилот бо истифода аз усулҳои сиёсӣ майл менамуд. Бо вуҷуди дахолати Созмони Милали Муттаҳид, баъзе кишварҳои Аврупоӣ, ИМА, Иттиҳодияи Давлатҳои Африка ва Лигаи (Ҷомеъаи) давлатҳои араб, ин буҳрон то ҳол ба соҳили

оромӣ ва роҳи ҳалли миёнае, ки ҳама ҷонибҳоро қонеъ гардонад, нарасидааст. Аммо мавқеи тарафҳоро оид ба ҳалли он метавон фишурда дар поён тавзеҳ намуд:

**Марокаш:**

Кишвари Марокаш дар минтақа қудрат ва нуфузи назаррас дорад. Ва амалан дасташро ба қисми калонтарини Саҳрои Ғарбӣ гузошта, барои ба худ ҳамроҳ кардани он мекушад. Марокаш аз ҳама гуна раъйпурсӣ оид ба сарнавишти Саҳрои Ғарбӣ, ки ба шартҳои Марокаш тобеъ набошад, метарсад. Зеро соҳибихтиёрии Саҳрои Ғарбӣ боиси аз даст додани минтақаи ғании фосфатҳо ва боигарии моҳӣ мегардад.

**Ҷабҳаи Полисарио:**

Мухолифати асосии Ҷабҳаи Полисарио бо Марокаш ҳанӯз ҳам дар ҳаққи соҳибихтиёрии Саҳрои Ғарбӣ мебошад. Сарфи назар аз сукути бисёре аз низомҳои чапгаро дар ҷаҳон, пуштибонии зиёдеро аз даст дод. Бо вуҷуди дастгирии кучаки Алҷазоир, ба сабаби саргардонии Алҷазоир бо мушкилоти дохилии худ, ҳанӯз ҳам Ҷабҳаи Полисарио ба эҳсосот ва хоҳиши мардуми Саҳрои Ғарбӣ барои расидан ба истиқлолият такя мекунад.

**Алҷазоир:**

Кишвари Алҷазоир аз рӯзи ташкил ёфтани Ҷабҳаи Полисарио тарафдори асосӣ ва анъанавии ин созмон буд. Ин созмонро бо пул, силоҳ ва ҳатто низомиён дар мунокиша бо Марокаш таъмин мекард. Аммо, вазъияти Алҷазоир дар давраҳои охир, ба сабаби тағйир ёфтани таносуби қувваҳои байналхалқӣ ба ин муносибатҳо таъсир расонд. Ҳоло Алҷазоир аз он метарсад, ки шояд Полисарио баҳои тағйиротеро мепардозад, ки дар натиҷаи тағйирёбии боди сиёсати берунии Алҷазоир ва оқибати он ба мавқеи Алҷазоир ба тарафдории Ҷабҳаи Полисарио дар гуфтушуниди давомдошта оид ба масъалаи тақдири соҳибихтиёрии Саҳрои Ғарбӣ ба миён меояд.

**Фаронса:**

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки Фаронса, яке аз мустамликадорони собиқи кишварҳои марбут ба масъалаи Саҳро алоқаманд аст, майли зоҳиронаи худро ба манфиати Марокаш пинҳон намедорад. Балки майли худро то ба дараҷае ошкор мекунад, ки Алҷазоирро ба хашму ғазаб наоварда ва онро беэътиноӣ намекунад. Фаронса тарафдори давом додани низоъ дар Саҳрои Ғарбӣ аст, то ки тарафе, ба андозаи Марокаш пурқувват нашавад бо вуҷуди аҳамият доштани Алҷазоир. Ба ҳамин тариқ, аз рост ба чап тағйир ёфтани сиёсати Фаронса ё баръакс ба дудилагӣ дар мавқеи Фаронса таъсир мерасонад.

**Испания:**

Инчунин вазъияти Испания ҳамчун мустамликадори собиқи Саҳрои Ғарбӣ шуморида мешавад. Равобити тираи ин кишвар бо Марокаш дар натиҷаи ду далели кофӣ мебошад, ки нисбат ба таваҷҷуҳи вазъи Саҳро нигаронида шудааст. Испания намехоҳад, ки Марокаш аз ин масъала тавассути шомил шудан ё халос шудан, берун шавад. Зеро ин боиси он мегардад, ки Марокаш ба шаҳрҳои Сибта ва Мелиляи Марокаш, ки Испания ҳардуро ҳануз ишғол мекунад, даъво кунад.

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико:**

ИМА мавқеияти худро аз ҷойгоҳи байналмилалӣ ва ҳимояти ҷаҳонии худ дар минтақаҳои даргиру низоъ мегирад. ИМА то имрӯз соҳибихтиёрии Марокашро болои Саҳрои Кабир ба расмият нашинохтааст. Гарчанде, ки ИМА ба сиёсати Марокаш ва подшоҳи Марокаш майл дорад. Аз ин рӯ, барои ҳалли мушкилот (Лоиҳаи Бейкер)-ро

ҳамчун ташаббус нишон дод ва гуфтушунидро дар Ню Йорк байни тарафҳои низоъ ва мунокиша барои расидан ба ҳалли масъала ва созиш ташвиқ намуд.

**Музокироти “Манҳассет- Manhasset” ва ҳалли интизорӣ:**

Гуфтушуниди «Манҳассет» дар Нью-Йорк миёни Марокаш аз як тараф ва Ҷабҳаи Полисарио аз тарафи дигар, аввалин гуфтушуниди бевосита байни ду тарафи даргир мебошад. Гуфтушуниди онҳо дар натиҷаи қатъномаи Шурои Амнияти СММ (№ 1754 аз 30 апрели 2007), ду тарафро даъват мекард, ки ба гуфтушуниди мустақим, софдилона ва бидуни шартҳои пешакӣ ворид шаванд. Дар ин қатънома ҳамчунин ҳайати нерӯҳои Созмони Милали Муттаҳид зери лоиҳаи Минурсо (MINURSO) дар Саҳрои Ғарбӣ то 31 октябри соли 2007 тамдид карда шуд.

Дар давоми соли 2007 ду тараф ба ғайр аз намояндагони Алҷазоир ва Мавритания ду даври мулоқоти худро гузаронданд, ки ягон натиҷае ба назар нарасид. Ҳамин тавр, дар ду даври дигари вохӯрӣ дар соли 2008 ягон тағйироте дар мавқеъи тарафҳо ҳосил нашуд. Аз ин рӯ, ин парванда то ҳол идома дорад ва низоъҳо ба ҳалле нарасидааст, ки ҳама ҷонибҳоро қонеъ гардонад. Илова бар ин, ҳайати нирӯҳои Созмони Милали Муттаҳид, ки ваколати худро то моҳи апрели соли 2009 ба умеди баргузории раъйпурсӣ тамдид кард, ҳоло ҳам мунтазири он аст, ки ба натиҷае расида, ё тамдиди дигаре, ки мумкин аст илова карда шавад... Ё ин ки агар яке аз тарафҳои даргир эҳсос кунад, ки натиҷаи гуфтушунид ё фишорҳо ба манфиатҳо ва ормонҳои онҳо мувофиқат намекунад, вазъ боз дубора таркиш мекунад. Ҳамчунин, бархе аз кишварҳои абарқудрат, агар бубинанд, ки ба манофеи онҳо дар минтақа таҳдид мекунанд, метавонанд ба ин кор даст зананд. Ин дар ҳолате нигаронкунанда аст, ки агар миёни созмони "Полисарио" ва баъзе кишварҳое иттифоқҳо ташкил карда шаванд, ки ба амнияти стратегии ИМА ё Иттиҳоди Аврупо таҳдид мекунанд, бахусус кишварҳое, аз қабили Чин, Русия, Эрон ва Кореяи Шимолӣ ё як кишвари Амрикои Лотинӣ, ки бо сиёсати Ғарб майл надоранд, созишнома анҷом шавад, нигарониҳо зиёд мешавад [2].

Бояд ишора намуд, ки масъалаи гуфтушнид ба охир нарасид, пас аз соли 1991 ду тараф бо миёнҷии Созмони Милали Муттаҳид ба нақшаи ҳалли масъалаи Саҳрои Ғарбӣ, бо илова ба оташбаси таҳти назорати СММ, розӣ шуданд [1]. Аммо Созмони Милали Муттаҳид аз ин бунбаст баромада натавонист, зеро Марокаш нақшаи худмухториро дар соли 2007 ҳамчун ҷойгузини нақшаи қаблӣ ошкор кард, ки ба ҳимояти Фаронсаву Амрико бархӯрдор буд. Нақша аз он иборат буд, ки бо ҳадафи ҳалли низоъ, ваколатҳои идорӣ ба Саҳрои Ғарбӣ дода шавад ва дар зери соҳибихтиёрии Марокаш боқӣ монад. Ҷабҳаи Полисарио ин пешниҳодро ба хотири он рад кард, ки аҳолии Саҳроро аз ҳуқуқи худмуайянкунииояндаашон маҳрум мекунанд. Минбаъд дар солҳои баъдӣ чанд даври гуфтушуниди мустақими байни ду тараф бе пешрафт анҷом ёфт. Аз ҷумла, дар моҳи ноябри соли 2020 миёни Марокаш ва Ҷабҳаи Полисарио, ки истиқлолияти минтақаи баҳсбарангези Саҳрои Ғарбиро даъво дорад, боз задухӯрд сар зад. Қудратҳои беруна дар ихтилоф ба ин масъала тақсим шудаанд ё дахолат кардан намехостанд. Дар ҳоле ки Созмони Милали Муттаҳид танҳо дар моҳи октябри соли 2021 тавонист мақоми фиристодаи худ дар минтақаро, ки муддати тӯлонӣ холӣ буд, дубора пур кунад [1]. Зеро танишҳо инчунин таҳдиди убур ба минтақаҳои боқимондаи Африқои Шимолӣ ва дигар ҷойҳо паҳн шуданро дорад. Яке аз паёмадҳои низоъи Саҳрои Ғарбӣ, ки ихтилофҳои дипломатии байни Марокаш ва Алҷазоир, Германия ва Испания ба он шаҳодат медиҳад [1].

Намояндаи ҷадиди СММ бояд ба эҳёи эътимоду боварӣ ва дубора оғоз намудани музокирот тамаркуз кард. Аз дигар фаъолони беруна талаб намуд, ки бояд ин раванди музокиротро бо истифодаи ҳавасмандкунӣ ва ҷаримаҳои молиявӣ дастгирӣ намоянд [1]. Ва таъкид намуд, ки ба ҷиддияти ҷанҷоли Саҳрои Ғарбӣ баҳои кам додан хато мебошад. Муносибатҳои дипломатии байни Марокаш ва шариконии аврупоии он, нушуъи ҷанги сард байни Марокаш ва Алҷазоир ва хатари авҷ гирифтани низоъҳо байни Полисарио ва Марокаш равшан нишон медиҳанд, ки фаъолони беруна набояд оқибатҳои мунокишаро нодида гиранд [1]. Фаъолони беруна барои эҷоди як стратегияи ҳамоҳанг ва ҳалли ин вазъият талош кардаанд. Кӯшишҳои такрории Созмони Милали Муттаҳид пас аз моҳи майи соли 2019 барои таъини фиристодаи нави худ, дар баробари эътирозҳои Марокаш ва Полисарио яксон буданд.

Аз ин лиҳоз, Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид дар санаи 27.10.2022 хостори "аз саргирии музокира" дар бораи мунокишаи Саҳрои Ғарбӣ дар чаҳорчӯби талошҳо барои расидан ба як роҳи ҳалли "пойдор ва қобили қабул" шуд ва мухлати намояндагии СММ дар минтақаро барои як сол тамдид кард [5]. Дар қатъномаи СММ даъвати «аз нав сар кардани гуфтушунид дар зери сарпарастии Котиби Генералӣ, бе шарти пешакӣ ва софдилона» пешбинӣ карда шудааст. Бо мақсади ба даст овардани ҳалли одилона, пойдор ва қабули сиёсии ҳамдигар дар доираи «худмуайянкунии мардуми Саҳрои Ғарбӣ» мебошад. Ин қатъномаи рӯзи панҷшанбе қабулшуда ҳамчунин ба "ҳамкории комил" бо намояндагии СММ (MINURSO), ки ваколаташ то 31 октябри соли 2023 барои як сол тамдид шудааст, даъват намудааст [5].

Бояд зикр намуд, ки айни замон саъю талошҳои кишварҳои ҷаҳон бо мақсади аз байн бурдани  низоъ дар Саҳрои Ғарбӣ, баргардонидани субот дар минтақа ва барқарории ҳаёти осоиштаи мардуми ин кишвар идома дорад.

**Одинаев Абдуҳалим**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

## САРЧАШМАҲО:

1. Аз сари нав гирифтани гуфтушунид оид ба Саҳрои Ғарбӣ. Гузориши Шарқи Наздик № 227, аз 14.10.2021. Гузориши гурӯҳи байналмилалии буҳроншиносӣ. Тарҷума аз англисӣ. (https://www.crisisgroup.org) إعادة إطلاق المفاوضات بشأن الصحراء الغربية
